Рӯзи 20 июни соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Гавҳар Аюбхон мулоқот ва доир ба дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон, ҳамзамон вазъи сиёсии минтақа гуфтушунид намуданд [19, с. 36]. Қабл аз ҳама, масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷониба муҳокима гардида, Эмомалӣ Раҳмон иброз намуданд, ки ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон вусъат меёбад ва ба эътидол овардани вазъи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба вазъияти минтақа, бахусус воқеаҳои Афғонистон вобаста мебошад.

Дар рушди ҳамкориҳои дуҷониба миёни ду кишвар сафари аввалини расмии Президенти Ҷумҳурии Покистон Парвиз Мушарраф ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 2 июни соли 2002 заминаҳои амиқи қарордодию ҳуқуқӣ гузошт [19, с. 310]. Дар ҷараёни мулоқоти сарони ду кишвар масъалаҳои мубрами мавриди таваҷҷуҳи тарафайн муҳокима гардида, мусоҳибон ба мавзуи ҳамкории дуҷониба ва проблемаҳои Афғонистон ва минтақаи Осиёи Ҷанубӣ диққати махсус доданд.

Зарурати пурзӯр намудани фаъолияти Комиссияи байниҳукуматии муштаракро оид ба ҳамкории дуҷониба таъкид ва баъдан Эъломияи муштараки Тоҷикистону Покистонро имзо карданд.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Покистон дар таърихи 12 майи соли 2004 идомаи мантиқии муколамаи роҳбарони олимақоми ҳарду кишвар ва таҳкими робитаҳои дипломатӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, техникӣ ва илмию фарҳангӣ буд [27]. Муҳимтарин масъалаҳои дорои хусусият ва аҳаммияти минтақавию байналмилалӣ дар мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон П. Мушарраф баррасӣ шуд. Муколамаи муназзами сиёсӣ, бахусус дар сатҳи олӣ василаи муҳимми густариш ва таҳкими минбаъдаи муносибатҳои Тоҷикистону Покистон буд. Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистонро чун кишвари сулҳпарвар ва ҷонибдори ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳои олам гуфта, вазифаи сиёсати хориҷии онро дар фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ, барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, мувофиқ будани ин сиёсат ба принсипу меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, аз тариқи амалияи бисёрсамта ва гуногунҷабҳа иҷрои содиқонаи уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, тариқи ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва баробарҳуқуқ маънидод намуданд. Аз нуқтаи назари Сардори давлат, бо назардошти афзалиятҳои миллии Тоҷикистон таҳкими муносибатҳо, қабл аз ҳама бо кишварҳои минтақа, дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи намоёнро ишғол кардааст ва робитаҳо ба марҳилаи нав расидааст.

13 майи соли 2004, дар мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдуд Касури масъалаҳои ҳамкориҳои дуҷониба ва муҳимми минтақавию глобалӣ, равобити сиёсӣ ва мавқеи Вазоратҳои корҳои хориҷии ду кишвар баррасӣ шуд [10]. Саҳми вазоратҳои корҳои хориҷӣ дар густариши муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, техникӣ, илмӣ ва фарҳангӣ таъкид шуда, дар танзими фаъолият дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, бахусус СММ, СКИ, СҲИ ва идораҳои сиёсӣ ҳамкории густурда доштани онҳо қайд гардид. Ҳамзамон, мусоҳибон таъсиси сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистонро амали неку саривақтӣ арзёбӣ намуданд. Мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Покистон Мир Зафаруллохон Ҷамолӣ рӯзи 13 майи соли 2004 аз рушди равобити ҳасанаи дуҷониба ва кӯшишҳои муштарак барои ривоҷу равнақи густурдаи он шаҳодати яқин буд [27]. Бо қаноатмандӣ изҳори назар шуд, ки Тоҷикистон ва Покистон заминаи васеи ҳуқуқӣ доранд. Дар мулоқот манфиатдор ва ҷонибдори таъмини сулҳу суботи пойдор, фазои эътимоду боварӣ, ҳамкории васеъ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ будани Тоҷикистон ва Покистон баён гардид. Барои амалишавии мақсад ва ниятҳои пешгузошташуда монеа ва хатар эҷод кардани гурӯҳҳои террористӣ ва қочоқи маводи мухаддир қайд гардида, мусоҳибон мубориза дастаҷамъонаи ҷомеаи ҷаҳонро дар ин самт амали зарурӣ шумориданд.

Дар доираи рушди равобити ҳасанаи Тоҷикистон ва Покистон дар таърихи 29 июли соли 2009 Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон О.А. Зардорӣ ба Тоҷикистон ташриф овард [18]. Сарони ду давлат масъалаҳои рушди робитаҳои гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Покистонро баррасӣ намуда, равобити сиёсӣ ва мубориза якҷоя ба муқобили терроризму экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро аз самтҳои афзалиятноки равобити ду кишвар донистанд. Баъди анҷоми гуфтушунид як катор санадҳо ва созишномаҳои равобити дуҷониба ба имзо расид, ки эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон оид ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба, барномаи ҳамкории вазоратҳои корҳои хориҷии Тоҷикистону Покистон аз зумраи онҳо буд.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон аз 7 то 10 марти соли 2011 ҷиҳати рушди ҳамкориҳои гуногунҷанба заминаи нав фароҳам овард [5]. Дар вохӯрии роҳбарони ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва О.А. Зардорӣ масъалаҳои рушд ва тавсеаи муносибатҳои Тоҷикистону Покистон матраҳ шуда, сатҳи равобити ду кишвар, бахусус дар самти

амнияти минатқавӣ ва ҷаҳонӣ мусбат арзёбӣ гардид. Дар ин раванд гуфтушуниди сатҳи олии сарони ду давлат муҳимтарин омил дар рушди ҳамкориҳо дониста шуд. Ибрози андеша шуд, ки Тоҷикистон ва Покистон бояд чун кишварҳои муҳимми минтақа дар рушди муносибатҳои боарзиши минтақавӣ мақом ва ҷойгоҳи махсус дошта бошанд. Пас аз мулоқот барои саҳми босазо дар густаришу таҳкими ҳамкориҳои ду кишвар ва ҳамзамон тавсеаи равобити минтақавӣ Эмомалӣ Раҳмон аз тарафи О.А. Зардорӣ сазовори мукофоти олии давлатӣ - Нишони Покистон шуданд. Ҳамзамон, Осиф Алӣ Зардорӣ аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон бо мукофоти олии давлатӣ - ордени Исмоили Сомонӣ дараҷаи 1 сарфароз гардонида шуд. Дар анҷоми мулоқот як қатор санадҳои нави робитаҳои дуҷониба имзо шуданд. Яке аз ин санадҳо эъломияи муштарак оид ба ҳамкории фарогир миёни ду кишвар буд, ки аз тарафи Эмомалӣ Раҳмон ва Ю.Р. Гелонӣ ба имзо расид.

Ба рушди ҳамкориҳои гуногунсоҳаи афзалиятноки ду кишвар бори дигар Эмомалӣ Раҳмон ва Ю.Р. Гелонӣ таваҷҷуҳ ва ҳавасмандӣ зоҳир намуданд ва дар меҳвари суҳбат бештар масъалаи амнияти минтақавӣ қарор гирифт [26]. Дар мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Сенати Ҷумҳурии Исломии Покистон Фаррух Ҳомид Ноиқ низ масъалаҳои тавсеаву рушди асосҳои ҳуқуқиву қарордодии ҳамкориҳо ва густариши ҳамкориҳои байнипарламентии ду кишварро матраҳ гардид. Бештар ба мавзуъҳои равобити минтақавӣ, пеш аз ҳама, бартараф кардани душвориҳои Афғонистон ва ҷоннок кардани мавқеи транзитии кишварҳои минтақа таваҷҷуҳ зоҳир шуд.

1 сентябри соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон О.А. Зардорӣ, ки бо мақсади ширкат дар ҷаласаи сарони кишварҳои Чоргонаи Душанбе - Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Русия ба Тоҷикистон омада буд, вохӯрӣ доир намуданд [11]. Дар мулоқот масъалаҳои равобити гуногунҷанбаи миёни Тоҷикистону Покистон матраҳ гардида, аз инкишофи муътадил ва босуръати равобити ду кишвар қаноатмандӣ баён шуд. Ҳамзамон, ба густариши равобити бомаром ва судбахши байни сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистону Покистон барои мубориаи дастаҷамъона бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷинояткории ташаккулёфтаи трансмиллӣ мароқ зоҳир шуд. Аз 24 то 27 марти соли 2012 ҳайати бонуфузи Ҷумҳурии Исломии Покистон бо сарварии Президент О.А. Зардорӣ ба Тоҷикистон ташриф овард [5]. Вазъи имрӯза ва ояндаи робитаҳои пурсамару гуногунҷанбаи Тоҷикистон ва Покистон дар вохӯрии сарони ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва О.А. Зардорӣ ва пасон бо ширкати доираи васеи тарафҳо муҳокима карда шуд [3]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз вохӯриҳои то ба имрӯз миёни ду кишвар доиршуда ва сатҳу сифати онҳо васф карда, густариши ҳамкориҳои сиёсӣ ва амниятии ду кишварро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои ниҳоӣ, чи барои Тоҷикистону Покистон ва чи барои минтақа дорои аҳаммияти умда маънидод намуданд ва ҷоннок намудани мубориаи дастаҷамъона муқобили ифротгароӣ ва терроризм муфид арзёбӣ гардид.

17 июни соли 2014 Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М.Н. Шариф ба Тоҷикистон ташриф овард [23]. Ин сафар аз табодули доимии байни ду давлат дарак медод ва идомаи мантиқии муколамаи сиёсии роҳбарияти олии ду кишвар буд. Муҳокимаи масъалаҳо вобаста ба густариши ҳамкориҳои миёни ду кишвар дар вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М.Н. Шариф ибтидо гирифт. Тарафҳо ба рушди гуногунҷанбаи ҳамкориҳои манфиатбор таваҷҷуҳ намуда, доир ба вазъи имрӯза ва ояндаи Афғонистон ва хатарҳои глобалӣ мубодилаи афкор намуданд ва омодагии худро ба тавсеаи баҳамоии минтақавию байналмилалӣ ва идома додани ҳамкориҳои дақиқи худро дар самти мусоидат ба амну субот ва бозсозии иқтисодии Афғонистон иброз доштанд. Роҳбарони ду давлат доир ба истифодаи форумҳои чоргона барои тавсеаи кӯшишҳо дар ҳимоят аз сулҳ, амнияту суботи минтақавӣ масъулияти худро изҳор намуданд. Эмомалӣ Раҳмон ва М. Н. Шариф мубориаи дастаҷамъонаро муқобили терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва

кочоқи аслиҳа шарти муҳимми таъмини субот, амният ва пешрафти минтақа донистанд. Тарафҳо терроризму ифротгароиро маҳкум намуда, омодагии худро бобати таҳкими робитаҳои муштарак дар мубориза бо терроризм, ҳам дар сатҳи ду кишвар ва ҳам дар доираи низоми СММ, СКИ, СҲИ, СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иброз доштанд.

9 июни соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М. Н. Шариф дар шаҳри Душанбе вохӯрии муфид анҷом дода, масъалаҳои таҳкимбахши равобити дӯстӣ ва ҳамкории Тоҷикистон ва Покистонро баррасӣ намуданд [25]. Эмомалӣ Раҳмон рушди равобити ҳасана ва гуногунҷанба бо Покистонро яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон маънидод намуданд ва мавқеи геостратегӣ ва нуфузи Покистонро дар минтақаи Осиёи Ҷанубӣ муҳим арзёбӣ карданд. Дар вохӯрӣ ҳамзамон оид ба вазъи сиёсии минтақа ва ҷаҳон, баҳамоии ду кишвар дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва хатарҳои дигари замони муосир гуфтушунид доир шуд. Дар ҷараёни изҳороти матбуотӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М. Н. Шариф аз натиҷаи гуфтушуниду мулоқот ва ояндаи дурахшони ҳамкориҳои ду кишвар қаноатмандӣ изҳор намуда, онро пурмуҳтаво ва самаранок хонданд [6]. Ҳангоми гуфтушунид, дар робита ба вазъи муосири минтақа ва ҷаҳон муносибатҳои зич ва ҳамкориҳои ҳамгироёнаи Тоҷикистон ва Покистон дар мубориза бар зидди қувваҳои терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии минтақавӣ, мубодилаи ғайриқонунии маводи мухаддир ва хатару таҳдидҳо ба амнияти милливу минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Эмомалӣ Раҳмон иқдомҳои Покистон дар самти мубориза ба зуҳуроти хатарзои замонро дастгирӣ намуда, баҳои баланд доданд.

Сарони ду кишвар аз густариши ҳамкориҳои муфиди Тоҷикистон ва Покистон қаноатмандӣ ва дорои иқтидори бузург будани ду кишварро дар ҳама соҳаҳо, аз ҷумла дар самти дифоъ ва амният баён намуданд. Барои пешниҳоди тавсияҳои комилу мушаххас ба Комиссияи муштараки сатҳи вазирон ваколат доданд. Навоз Шариф пешниҳод кард, ки маҷлиси панҷуми Комиссияи муштараки сатҳи вазирон дар таърихи 7-8 октябри соли 2015 дар шаҳри Исломобод гузаронида шавад.

12 ноябри соли 2015 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Сарвазири Покистон М.Н. Шариф ва Президенти Покистон Мамнун Ҳусейн дар шаҳри Исломобод дар хусуси ҳамкориҳо машварат намуданд [16]. Баррасии масъалаҳои вобаста ба инкишофи минбаъдаи равобити дӯстӣ ва ҳамкории ду кишвар зимни мулоқоти расмӣ бо ширкати намояндаҳои ду кишвар сурат гирифт. М. Н. Шариф чунин қайд намуд: «Метавонед Покистонро хонаи дуюми худ шуморед, ҳамон гуна ки мо Тоҷикистонро хонаи дуюми худ медонем.Ташрифи Шумо имкони дигаре барои таҳким ва густариши бештари робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ аст» [28]. Дар идома Н. Шариф қайд намуд, ки Покистон метавонад барои роҳёбии Тоҷикистон ба бандарҳои баҳрии ҷануб чун дарвоза хизмат кунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳаммияти ҳамкориҳои ду кишварро дар рушди равобити гуногунпаҳлу ва тавсеаи ҳамкориҳои мутақобила донист ва таҳкими муносибатҳо бо Ҷумҳурии Исломии Покистонро яке аз самтҳои муҳимми равобити хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод ва мавқеи геостратегиву нуфузи Покистонро дар Осиёи Ҷанубӣ ва ҷаҳони ислом муҳим арзёбӣ намуданд [24].

Дар рафти мулоқот доир ба инкишофи равобити сиёсӣ, амниятӣ, ҳарбӣ, илмиву техникӣ ва фарҳангӣ суҳбати муфид ҷараён гирифт. Ибрози назар шуд, ки дар тули 23 соли барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ 40 ҳуҷҷати муҳимми дутарафа дар самтҳои ҳаётан муҳим ба имзо расидааст, ки аксарияти онҳо самараи нек ба бор овардаанд. Масъалаи терроризм ва ифротгароӣ дар ҷараёни суҳбат хатари ҷиддии амнияти тарафҳо унвон шуда, баҳамоӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти нангин ва дар робита ба ин матлаб талошу омодагии ду кишвар ба тавсеаи раванди амният ва субот дар Афғонистон, бахусус бо татбиқ намудани лоиҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ зарур шуморида шуд.

Дар Қароргоҳи Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон дар таърихи 12 ноябри соли 2015 мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Покистон М. Ҳусайн сурат гирифта, масъалаи тавсеаи равобити дӯстӣ ва ҳамкорӣ муҳокима шуд [1]. Дар вохӯрӣ Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон М. Ҳусайн инкишофи робитаҳо бо Тоҷикистонро муҳим донист ва иброз намуд, ки Покистон барои Тоҷикистон дарҳои кушода дорад ва барои ҳамкории муфид ва самаровари сатҳи олӣ, ки ҷавобгӯйи манфиатҳои ду тараф бошад омода аст ва ҳамеша кӯшиш менамояд.

Дар ин сафар ҳашт санади ҷадиди ҳамкорӣ ба имзо расид ва шумори ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои Тоҷикистон ва Покистон ба 50 адад расид. Сафари давлатии Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон дар густаришу тавсеаи ҳамкориҳои шарикӣ ва равобити анъанавии халқҳои ду кишвар нақши созанда гузошт. 11 майи соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М. Н. Шариф дар Қасри Миллат мулоқот ва ҷараёни ҳамкориҳои сиёсӣ ва амниятӣ миёни Тоҷикистону Покистон ва дурнамои онро баррасӣ намуданд. Тарафҳо оид ба рушди робитаҳо ва ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, мубориза барои амнияти минтақа ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳим гуфтушуниди судманд анҷом доданд.

Дар таърихи 5 июли соли 2017, дар мулоқоти Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон М.Н. Шариф ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, дар шаҳри Душанбе аз раванди таҳаввулу тавсеаи алоқаҳои сиёсии ду кишвар дар давоми бисту панҷ соли барқароршавии равобити дипломатӣ қаноатмандӣ изҳор шуд [22]. Боварӣ ҳосил шуд, ки натиҷаи мулоқоту музокироти миёни Тоҷикистон ва Покистон дар ҳама соҳаҳои муҳимми ҳаёт барои таҳкими минбаъдаи алоқаҳои ду кишвар заминаи боэътимод мегардад. Ҳамзамон, ба вазъи Афғонистон ва хатарҳои глобалӣ таваҷҷуҳ намуда, вусъат бахшидани мубориза бо ин падидаҳои номатлуб, аз қабили терроризму ифротгароии байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳо, ки ба амну суботи минтақавию ҷаҳонӣ хатар доранд, зарур дониста шуд. Ишора гардид, ки баэътидолоии вазъияти Афғонистон ва пойдор гардидани сулҳу субот дар он барои ду кишвар муҳим буда, ба раванди барқарории сулҳу амният ҳамкориву ҳамоҳангии дуҷониба зарур мебошад. Дар самти мубориза бо хатарҳои глобалӣ ҳамоҳанг кардани фаъолияти хадамоти махсус ва дигар сохторҳои дахлдори ду кишвар муҳим дониста шуд.

Пас аз анҷоми мулоқот дар баробари дигар ҳуҷҷатҳои муҳимми ҳамкорӣ изҳороти муштараки «Роҳ ба шарикии стратегӣ барои ҳамбастагии минтақавӣ» байни Тоҷикистон ва Покистон ба имзо расид.

18 июни соли 2018 Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн ҷиҳати иштирок дар Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овард [21]. Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи робитаҳои сиёсӣ, муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунарсаи кишварҳо изҳори қаноатмандӣ карда, ҷойгоҳи хосси Покистонро дар низоми сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун шарики муътамад махсус таъкид намуд. Ҳар ду ҷониб ҳамкории фарогиру созандаи тарафҳо дар соҳаҳои сиёсиву низомӣ, иқтисодиву тиҷоратӣ ва гуманитариву фарҳангии ҷавобгӯйи манфиатҳои милливу дарозмуддати ду кишварро баррасӣ карда, омодагии худро баҳри густариши ҳамгироии минтақавӣ ва таҳкими сулҳу субот дар минтақаи фарохи Осиёи Марказию Ҷанубӣ изҳор доштанд [13].

Сарони давлатҳо аз сатҳи ҳамкории ду кишвар дар соҳаи амниятӣ, ки сатҳи сифатан навро касб кардааст, изҳори қаноатмандӣ намуда, масъалаҳои мубориза алайҳи таҳдидҳои глобалӣ - терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, дигар шаклҳои ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, инчунин истиқрори сулҳу субот дар Афғонистон ва дигар масъалаҳоро муҳокима намуданд. 31 марти соли 2021 дар ҳошияи 9-умин Конфронси "Қалби Осиё-Раванди Истамбул" Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии

Покистон Маҳмуд Қурейшӣ мулқот намуда, масоили рушду густариши ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷорату иқтисод, илму маориф, фарҳанг, амният ва натиҷаҳои конфронси Душанбегии "Қалби Осиё-Раванди Истамбул" мавриди баррасӣ қарор доданд [9]. Дар заминаи ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд рӯзи 2 июни соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Покистон сафар карданд. Зимни музокироти расмӣ масъалаи ҳамкориҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, амният ва дигар самтҳои робитаҳои барои ду кишвар судманд баррасӣ шуд.16 сентябри соли 2021 Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон бо сафари расмӣ ва ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Шанхай ба Тоҷикистон ташриф овард [17]. Дар мулоқоти Имрон Хон ва Эмомалӣ Раҳмон маҷмуи масоили ҳамкории Тоҷикистону Покистон, мавзуъҳои робитаҳои дуҷониба, минтақавӣ ва байналмилалӣ баррасӣ карда шуд. Дар робита ба вазъи мураккаби Афғонистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон аз роҳандозии ҳама гуна тарҳҳо, ки барои эҳёи субот, ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини амният дар Афғонистон зарур аст, истиқбол мекунад.

14 декабри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Покистон сафар карданд [20]. Мулоқоту музокироти сатҳи баланди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон бо иштироки ҳайатҳои васеи расмӣ идома ёфт. Дар оғози музокирот эътимоди сиёсии дуҷониба заминаи устувори муносибатҳои шарикӣ ва асоси рушди тамоми маҷмуи ҳамкориҳои Тоҷикистону Покистон маънидод гардид. Аз шиддат гирифтани низоъҳои мусаллаҳона дар минтақаҳои гуногуни олам, афзоиши хатарҳои терроризму экстремизми байналмилалӣ, қочоқи силоҳ, маводди мухаддир, киберҷиноятҳо ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, мушкилоти экологӣ, хусусан тағйирёбии иқлиму афзоиши офатҳои табиӣ ва зуҳуроти бемориҳои басо хатарноки сироятӣ дар минтақа ва ҷаҳон изҳори нигаронӣ намуда, ҷонибҳо зарурати таҳкими ҳамкориро дар ҷодаи муқовимат ба хатару таҳдидҳои муосир таъкид намуданд [14]. Зарурати таҳкиму густариши ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризму ифротгароӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, савдои одамон ва қочоқи маводи мухаддир таъкид гардид. Тарафҳо аз таҳдидҳои нав ва зуҳурёбанда, бинобар афзоиши ҳамлаҳои террористӣ бар асари бегонаситезӣ, табъизи нажодӣ, ифротгароӣ ва дигар шаклҳои таҳаммулнопазирӣ ба хотири дин ё эътиқод изҳори нигаронӣ карданд [7]. Дар робита ба Афғонистон, ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки Афғонистони осоиштаю босубот, ҳампайвасту рӯ ба тараққӣ заминаи рушду шукуфоии минтақавӣ мебошад ва дар Афғонистон таъсиси ҳукумати ҳамашумулро муҳим арзёбӣ карданд.

15 декабри соли 2022 дар шаҳри Исломобод Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Сенати Ҷумҳурии Исломии Покистон Содиқ Санҷаронӣ масъалаи ҳамкории байнипарлумонии Тоҷикистону Покистонро матраҳ карданд [12]. Ҳамчунин, доир ба мушкилоти хатарбори минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла таҳдиди терроризму экстремизм ба амнияту суботи давлатҳо, шиддат ёфтани низоъҳо, бархӯрдҳои иттилоотӣ ва киберҷиноятҳо, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои фалокатбори он, инчунин афзоиши бемориҳои сироятӣ ва зарурати таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварҳо дар чунин шароит табодули афкор сурат гирифт.

**Дар маҷмуъ, муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон** ва Ҷумҳурии Покистон - кишваре, ки бо он пайвандҳо ва арзишҳои зиёди муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ дорем, аз афзалиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Заминаҳои инкишофи муносибатҳои дуҷониба ва густариши он ба манфиати халқҳои ҳарду кишвар буда, барои таъмини бехатарӣ дар минтақа ва ҷаҳон, рушди иқтисод ва болоравии сатҳи зиндагии халқҳои ду кишвар кумаки назаррасе хоҳад кард. Бояд таъкид дошт, ки Тоҷикистону Покистонро умумиятҳои амиқи таърихию фарҳангӣ ва имконоти фарохи ҳамкории гуногунҷанба ба ҳам мепайванданд.

Солҳои охир Покистон ба яке аз шарикони наздики Тоҷикистон табдил ёфта, дар ҳама соҳаҳо ҳамкориҳоро густариш медиҳад. Вобаста ба авзои кунунии минтақа

ва ҷаҳон ҳамгироии босамари сохторҳои амниятию қудратии ду кишвар дар пешгирӣ аз хатарҳои ҷаҳони муосир ва мубориза муштарак бо терроризму ифротгароӣ зарурият дорад. Аз натиҷаи омӯзиши масъалаи мавриди таваҷҷуҳ ва ҳамкориҳои сиёсии миёни Тоҷикистон ва Покистон ба он метавон хулоса кард, ки нақш ва мавқеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар тақвият ва тавсеаи робитаҳо бо Покистон ва танзими вазъи сиёсии минтақа қавӣ ва назаррасу густурда аст.

**Муқарриз: Розиқов Фарҳод – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Вохӯрӣ бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусайн //Садои мардум. - 2015. -13 ноябр. - №153-154 (3454-3455).
2. Галимов Р. Интересы Пакистана в регионе Центральной Азии: динамика сотрудничества [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/interesy-pakistana-v-regione-tsentralnoy-azii-dinamika-sotrudnichestva (санаи истифодабарӣ: 10.04.2023).
3. Гузориш аз ҷараёни мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳои Афғонистон, Эрон ва Покистон //Садои мардум. -2012. -27 март. -№ 34 (2861).
4. Дипломатия Таджикистана (к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан). Душанбе, 1994. 28 с. - С.22.
5. Зубайдов З. Эҳёи дӯстии куҳан / З. Зубайдов //Садои мардум. - 2012. - 8 июн. - № 70 - 71 (2897-2898).
6. Изҳороти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон пас аз мулоқоту музокирот бо Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф //Садои мардум. - 2015. - 12 июн. - №80-81 (3381-3382).
7. Изҳороти муштарак аз натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29770 (санаи истифодабарӣ: 13.04.2023).
8. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://mfa.tj/?l=tj&art=1072 (санаи истифодабарӣ: 8.04.2023).
9. Мулоқот бо вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Маҳдум Шоҳ Маҳмуд Қурейшӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/25396 (санаи истифодабарӣ: 15.04.2023).
10. Мулоқот бо Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Миян Хуршед Маҳдуд Касури [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ 12.04.2018).
11. Мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj. (санаи истифодабарӣ: 2.04.2018).
12. Мулоқот бо Раиси Сенати Ҷумҳурии Исломии Покистон Содиқ Санҷаронӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29783 (санаи истифодабарӣ: 10.04.2023).
13. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Покистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/26544 (санаи истифодабарӣ: 12.04.2023).
14. Мулоқоту музокироти сатҳи олии Тоҷикистону Покистон бо иштироки ҳайатҳои васеи ду ҷониб [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29767 (санаи истифодабарӣ: 11.04.2023).
15. Нодирхон Ш. «Коридор». Даҳлези Вахон-дарвозаи иқтисоди Тоҷикистону Покистон //Имрӯз News. -2017. -17 март.-№38 (1401).-С.3.
16. Оғози сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон //Садои мардум. - 2015. - 13 ноябр. - №153-154(3454-3455).
17. Оғози сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/26543 (санаи истифодабарӣ: 13.04.2023).
18. Президенти Покистон Осиф Алии Зардорӣ дар Тоҷикистон // Ҷумҳурият. -2009. -30 июл. -№ 95 (21602).
19. Саидов З.С. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков / З.С. Саидов. - Душанбе, 2011.-С.36.
20. Сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Исломии Покистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29764 (санаи истифодабарӣ: 10.04.2023).
21. Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Мамнун Ҳусейн дар Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/17798 (санаи истифодабарӣ: 14.04.2023).
22. Сафари расмии сарвазири Покистон ба Тоҷикистон //Садои мардум. - 2017. 7 июл. - №80 (3717).
23. Сафари расмии Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Муҳаммад Навоз Шариф ба Тоҷикистон //Садои мардум. - 2014. - 19 июн. - №65 (3211).
24. Соли 2015 - соли идомаи тадбирҳо барои рушди устувор //Садои мардум. - 2016. - 03 март. - №29 (3509).
25. Тоҷикистону Покистон ҳамкории босамар доранд //Садои мардум. - 2015. - 12 июн. - №80-81 (3381-3382).
26. Тоҷикистону Покистон: тавсеаи ҳамкориҳо //Минбари халқ. - 2011. - 10 март. - № 10 (782).
27. Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Покистон густариш меёбад //Ҷумҳурият. -2004. -15 май. -№52 (20 818).

28. Ҷараён ва натиҷаҳои мулоқоту музокироти сатҳи олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон //Садои мардум. - 2015. - 13 нояб. - №153-154 (3454-3455).
29. Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмон – поягузори Сулҳ ва Ваҳдати миллӣ (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996,1999) / А.Шарипов, С. Фаттоев. - Душанбе, 2006.-С.95.

## ТАВСЕАИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ВА ПОКИСТОН (1992-2022)

Дар мақола барқароршавии муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ва тавсеаи он дар тули 30 сол, аз барқароршавии муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар то соли 2022, бахусус сафарҳои мутақобилаи сарони ду кишвар ва баррасии масоили сиёсӣ ва амнияту суботи минтақаву ҷаҳон аз нигоҳи онҳо дарҷ гардидааст. Воқеан, Покистон аз зумраи он кишварҳое буд, ки аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон онро ба расмият шинохт ва муносиботи дипломатӣ барқарор кард. Дар тули 30 соли муносибатҳои дипломатӣ ҳуҷҷатҳои зиёду муҳим дар самтҳои ҳаётан муҳим ба имзо расидаанд, ки аксари онҳо самараи нек ба бор овардаанд. Масъалаи терроризм ва ифротгароӣ ва хатари ҷиддии он ба амнияти кишварҳо, баҳамоӣ дар мубориза бо ин зуҳуроти нангин ва дар робита ба ин матлаб талошу омодагии Тоҷикистон ва Покистон ба тавсеаи раванди амният ва субот дар Афғонистон, бахусус бо татбиқ намудани лоиҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ доиман дар вохӯриву мулоқотҳои сарони ду кишвар мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муносибатҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Покистон - кишваре, ки бо он пайвандҳо ва арзишҳои зиёди муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ дорем, аз афзалиятҳои муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қайди ин нуқта муҳим аст, ки Тоҷикистону Покистонро умумиятҳои амиқи таърихию фарҳангӣ ва имконоти фарохи ҳамкории гуногунҷанба ба ҳам мепайванданд ва итминон аст, ки дар оянда низ ин баҳамоиҳо дар таъмини аминияту суботи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши муассир мебозад.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, сиёсӣ, амният, терроризм ва ифротгароӣ, муносибат, ҳамкорӣ.

## РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ ТАДЖИКИСТАНОМ И ПАКИСТАНОМ (1992-2022 гг.)

В статье описываются восстановление политических отношений между Республикой Таджикистан и Исламской Республикой Пакистан и их расширение за 30 лет, с момента восстановления дипломатических отношений между двумя странами до 2022 года, особенности взаимных визитов глав двух стран и обсуждение политических вопросов безопасности и стабильности региона и мира.Фактически Пакистан был одной из стран, признавших Таджикистан и установивших дипломатические отношения с первых дней независимости. За 30 лет дипломатических отношений подписано много важных двусторонних документов в жизненно важных сферах, большинство из которых принесли хорошие результаты. Вопрос о терроризме и экстремизме и его серьезной угрозе безопасности стран, сотрудничестве в борьбе с этими позорными явлениями и в связи с этим усилия и готовность Таджикистана и Пакистана к расширению процесса обеспечения безопасности и стабильности в Афганистане , особенно с реализацией экономических и социальных проектов, постоянно обсуждаются на встречах и совещаниях глав двух стран.Политические отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Пакистан – страной, с которой нас связывают многие исторические и культурные связи и ценности, – является одним из важных приоритетов внешней политики Республики Таджикистан. Важно отметить, что Таджикистан и Пакистан связывают глубокая историко-культурная общность и широкие возможности для многопланового сотрудничества, и несомненно, что в будущем это сотрудничество сыграет эффективную роль в обеспечении региональной и глобальной безопасности и стабильности.

**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, Исламская Республика Пакистан, политика, безопасность, терроризм и экстремизм, отношения, сотрудничество.

## DEVELOPMENT OF POLITICAL RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND PAKISTAN (p. 1992-2022)

The article describes the restoration of political relations between the Republic of Tajikistan and the Islamic Republic of Pakistan and their expansion over a period of 30 years, since the restoration of diplomatic relations between the two countries until 2022, the features of mutual visits of the heads of the two countries and the discussion of political issues and the security and stability of the region and the world from their point of view.In fact, Pakistan was one of the countries that recognized Tajikistan and established diplomatic relations from the first days of independence. Over 30 years of diplomatic relations, many important bilateral documents have been signed in vital areas, most of which have brought good results. The issue of terrorism and extremism and its serious threat to the security of countries, cooperation in the fight against these shameful phenomena and in this regard, the efforts and readiness of Tajikistan and Pakistan to expand the process of ensuring security and stability in Afghanistan, especially with the implementation of economic and social projects, are constantly discussed at meetings and meetings of the heads of the two countries. Political relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Pakistan - a country with which we are connected by many historical and cultural ties and values - is one of the important priorities of the foreign policy of the Republic of Tajikistan. It is important to note that Tajikistan and

Pakistan are connected by a deep historical and cultural commonality and broad opportunities for multifaceted cooperation, and there is no doubt that in the future these negotiations will play an effective role in ensuring regional and global security and stability.

**Key words:** Republic of Tajikistan, Islamic Republic of Pakistan, politics, security, terrorism and extremism, relations, cooperation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, дотсент, кафедраи таърихи нав ва навини мамлакатҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**
***Сафаров Усмон Шаҳобиддинович*** – Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,33. Телефон **+992 93 406 70 77** Email: **safarov_usmon19@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Турсунов Турсунмурод Худоймуродович*** - Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, доцент, кафедра новой и новейшей истории зарубежных стран. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки,17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**
***Сафаров Усмон Шахобиддинович*** – Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, Телефон **+992 93 406 70 77** Email: **safarov_usmon19@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Tursunov Tursunmurod Khudoymurodovich*** - Tajik National University, Doctor of Historical Sciences, Associate Professor, Department of New and Contemporary History of Foreign Countries. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **tursunov-murod@mail.ru**
***Safarov Usmon Shakhobiddinovich*** – Institute for the Study of Problems of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, Phone **+992 93 406 70 77** E-mail: **safarov_usmon19@mail.ru**

ТДУ: 930.13 (575.3)

# ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ


***Ғайратшоҳ Азаматзода***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Сиёсати давлатии ҷавонон ҷузъи муҳимми сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, яке аз мавзуоти асосӣ ва меҳварӣ дар илми таърихнигории муосир ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии худ ҷавононро неруи пешбаранда ва боэътимоди кишвар шинохта, иштироки онҳоро дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятю сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангӣ амри зарурӣ медонад [1]. Вобаста ба иштироки ҷавонон дар амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсӣ аз ҷониби муҳаққиқону коршиносон як қатор корҳои илмӣ анҷом ёфтааст. Аз ҷумла, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар аз ҷониби олимони шинохтаи тоҷик Зикриёев Ф.Б., Набиев В. М., Буриев Н. Ҳасанов Ш., Икромов Ғ, Миралиев Қ. Шамолов А.С. Б. Ашуров, Ф Ҳодибоев, А. Ҳусайнов ва дигарон рисолаҳои номзадию докторӣ дифоъ гардидааст. Дар баробари ин дар рӯзномаву маҷалаҳои илмӣ-оммавӣ муҳаққиону рӯзноманигорон ва коршиносон пайваста мақолаҳо нашр намудаанд.

Мусаллам аст, ки баъд аз соҳибистиқлол шудан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нав, бунёди ҷомеаи демократӣ, эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, ривоҷи муносибатҳои нави иқтисодию сиёсӣ гузашт. Ин раванд масъулияти бузургеро бар души ҷавонони мамлакат бор намуд. Ҳар як ҷавонро вазифадор намуд, ки пеш аз ҳама истиқлолияти давлатиро ҳифз намуда, дар бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд саҳм гузорад [2].

Мутаассифона, хусуматҳои мазҳабию маҳаллӣ, талоши қудратхоҳон ҷумҳурии навтаъсисро ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашид. Сиёсати давлатии ҷавонон дар кишвар ва тарбияи воқеии онҳо ҳолати номуайяниро касб намуд. Бархе аз ҷавонон бо тавсияву тарбияи афроди ҷиноятпеша роҳгумзада гардида, даст ба сӯйи ҷиноят бурданд. Қатлу куштор, ғорати бойгарии мардум пешаи онҳо шуда, аз ҳеҷгуна амали нангин чашм намепӯшиданд. Сохти конситутсионии мамлакатро дидаю дониста поймол намуда, дар гаравгон гирифтани кормандони давлатию ҷамъиятӣ фаъолона иштирок мекарданд [3]. Ин ҳолатро муҳаққиқону донишмандон дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ва дар асарҳои алоҳида таҳқиқ намуда, хеле муфассал баён сохтаанд. Муаллифи матлаб соли 2017 дар мавзуи «Освещение вклада молодёжи Таджикистана в общественно-политическую, экономическую и культурную жизнь в средствах массовой информации (1991-2016 гг.)» рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, боби якуми онро зери унвони “Участие молодежи Таджикистана в реализации политической реформы и ее освещение в СМИ” ба масъалаи мазкур бахшидааст [4].

Муаллифи диссертатсия дар ин қисмат дар асоси итиллои манбаъҳо қайд менамояд, ки 31 августи соли 1992 як гурӯҳ ҷавонони мусаллаҳ аз бесалоҳияти мақомотҳои қудратӣ истифода бурда, тахти роҳбарии Ғафор Худойдодов Қасри Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғасб карданд. Аъзоёни Ҳукумат ва кормандони масъули дасгоҳи президенти мамлакактро гаравгон гирифтанд.

Дар идомаи андешаронии худ муҳаққиқ аз накш ва мақоми ниҳодҳои қудратӣ ва расонаҳои хабарӣ ёдрас гардида, баён месозад, ки дар он давраҳо мақомоти марбут ва ё неруи пурқуввате мавҷуд набуд, ки ҷавононро аз ин амалҳои нангин ҷилавгирӣ намояд. Бархе аз васоити ахбори оммаи кишвар дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ вазифаи худро нодида гирифта, ба ҷойи ҳаллу фасли мушкилотҳои дар байни ҷавонон ҷойдошта, онҳоро боз ҳам шиддатноктар мекарданд. Аз соли 1992 то соли 1997 рӯзномаву маҷаллаҳои давлатӣ бинобар мушкилоти молиявӣ кам нашр мешуданд масалан, рӯзномаҳои давлатии “Ҷумҳурият” ва “Садои мардум” қариб дар ду се ҳафта як бор бо теъдоди ниҳоят кам нашр мегардид ва ба гӯшаю канори ҷумҳурӣ намерасиданд. Дар баробари ин, на ҳама имкони тамошои

телвизионро дошт. Ягона васоити ахбори умуме, ки дар барномаҳои худ оид ба масъалаи мазкур каму беш маълумот медод ин Радиои Тоҷикистон буд. Мутаассифона, барномаҳои Радиои Тоҷикистон низ хусусияти яктарафаро гирифта буданд. Ба ҷойи даъвати ҷавонон ба сулҳу субот онҳоро бо ҳар гуна суханони иғвоангез ба оташи ҷанг мекашиданд. Ҳатто гуфторҳои адабӣ-фарҳангӣ он замона баъзан ҷанбаҳои сиёсӣ пайдо мекарданд. Чунончӣ, барномаи адабии "Чашмандоз" ки вазифааш дар ҳамон давра пахши барномаҳои адабӣ-фарҳангӣ буд, рӯ ба барномаҳои сиёсӣ овард. Ҳамзамон, баъзе рӯзномаҳои ғайри давлатӣ ба монанди "Сухан", "Чароғи рӯз" "Адолат" ва ғайраҳо маводҳоеро рӯи чоп меоварданд, ки онҳо ҳам ҷавононро бо гирдоби ҷанг даъват менамуданд.

Ин нукта дар монография Н. С. Буриев "Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар саҳифаи 30 хеле хуб тасвир ёфтааст. Муаллифи монография дарҷ намудааст, ки таҳлили ҳолати иҷтимоиву сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки он дар фосилаи солҳои 1992-1997 гирифтори занги шаҳрвандӣ ва мухолифатҳои сиёсӣ буд. Ҷавонон иштирокчии асосии ин даргириҳо буданд [5].

Дар ҳамин китоби мазкур муаллиф дар саҳифаи 40-41 аз таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба сиёсати давлатии ҷавонон ёдовар гардида, қайд менамояд, ки дар замони мавҷудият Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷуҳи ҳукумат ба ҷавонон хеле зиёд буд. Аммо пас аз барҳам хӯрдани он ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ сиёсати давлатии ҷавонон дар як ҳолати ногувор қарор гирифт. Хушбахтона бо талошу заҳматҳои Ҳукумати мамлакат сиёсати давлатии ҷавонон ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Ҳукумати мамлакат дар як марҳилаи начандон тулонии таърих як қатор санадҳои ҳуқуқӣ доир ба амалигардии сиёсати давлатии ҷавонон қабул намуд.

Иҷлосияи таърихии 16-уми Шурои Олии Тоҷикистон моҳи ноябр-декабри соли 1992 ба беҳокимиятӣ дар ҷумҳурӣ хотима гузошт. Хатари парокандагии Тоҷикистон чун давлати мустақил аз байн рафт. Ҷавононро ҳамчун неруи созанда ба майдон овард. Таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон қавитар гардид [6]. Чуноне ки рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" инъикос намудааст феврали соли 1993 Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҷавонон вохӯрӣ намуд. Иштирокчиёни вохӯрии намояндагони ҷавони Тоҷикистон бо роҳбарияти ҷумҳурӣ "Муроҷиатнома ба ҷавонони Тоҷикистон"-ро қабул карданд, ки дар он чунин гуфта шудааст: "Давлат бояд боварӣ дошта бошад, ки шаҳрвандони ҷавонаш онро дасгирӣ менамоянд. Бинобар ин, мо ба давом додани фаъолияти тамоми ташкилотҳои Иттифоқи Ҷавонони Тоҷкистон, иштироки фаъолонаи онҳо дар иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" даъват менамоем. Ҳамаи корро бояд анҷом дод, ки мо ҳамчун қувваи муташаккилонаи муттаҳид амал намоем, ки барои он ҷудо кардани одамон аз рӯйи аломатҳои динӣ ё дигар тааллуқияти иҷтимоӣ, миллатгароӣ ва маҳалчигӣ бегона бошад, то ин ки ҷавонон ба эҷодкорӣ, накукорӣ ва сулҳ, муттаҳид намудани миллат ва мустаҳкам кардани дӯстии байни халқҳои Тоҷикистон машғул шаванд" [7].

Соли 1994 ба таърих ҳамчун соли таҳкими таҳкурсии давлати ҷавони соҳибистиқлол дохил шуд. Новобаста аз душвориҳои мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ, идомаёбии муқовимати ҳарбии оппозитсия, Тоҷикистон самти гузаронидани ислоҳотҳои қатъии сиёсӣ ва иқтисодӣ, демократикунонии ҳаёти ҷомеаро пеш гирифт [8].

6-ноябри соли 1994 дар натиҷаи райъпурсии умумихалқӣ Конситутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Ин боиси баланд шудани фаъолнокии сиёсии табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла ҷавонон гардид. Дар ҳар ҷомеаи демократӣ афзоиши таваҷҷуҳи аҳолӣ ба ҳаёти сиёсӣ ва кӯшиши он барои ширкат дар дигаргунсозиҳои ҷомеа яке аз шартҳои муҳимтарини инкишофи давлат мебошад. Чунончи, рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" инъикос намудааст, ки ислоҳоти сиёсӣ шароит ва имкониятҳои

заруриро барои ворид гардидани ҷавонони мамлакат ба раванди идоракуни ҷомеа фароҳам овარданд. Ин шароиту имкониятҳо, пеш аз ҳама, дар Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҷавонон кафолату имкониятҳои баробарро дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа дар ташкил ва фаъол намудани иттиҳодияҳои ҷамъият медиҳанд, таҷассум ёфтаанд. Агар соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 иттиҳодияиҳои ғайриҳукуматии ҷавонон амал дошта бошанд, пас соли 2007 шумораи онҳо ба зиёда аз 150 расидааст [9].

Равшан аст, ки иштироки омма, аз ҷумла ҷавонон дар идоракунии давлат яке аз шартҳои давлати демократист. Бо дарки ин нукта Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз давраҳои аввали роҳбарӣ такя ба ин неруи созанда намуд. Сентябри 1993 Сардори давлат дар ифтитоҳи чорабиниҳои ташкилнамудаи Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон дар назди кӯли Комсомол ба муносибати дуюмин солгарди Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ суханронӣ намуд. Зимни суханронӣ Роҳбари давлат ба ҷавонон арз намуд, ки "Ҳукумати феълии Тоҷикистон бо ақлу заковати ҷавонон боварии калон дорад ва ман аминам, ки ҷавонон қувваи пешбарандаи ҷаъмииятанд" [10].

Бо дарки ин суханони пурмуҳтаво ҷавонон тадриҷан дар идоракунии мамлакат фаъол гардида, давра ба давра сафи кормандони сиёсию ҷамъиятӣ аз ҳисоби онҳо зиёд мешавад. Вобаста ба интихоб гардидани ҷавонон ҳамчун намояндаи халқ дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои илмӣ маводҳои зиёд ва аз ҷониби муҳаққиқон корҳои таҳқиқотии алоҳида анҷом ёфтааст. Доктори илмҳои таърих, профессор Набиев В М. Соли 2008 китоберо зери унвони "Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол" нигошта намуд [11]. Дар китоби мазкур муаллиф аз иштирок ҷавонон дар ҳаёти сиёсии кишвар ёдовар гардидааст.

Аз ҷумла, ӯ дарҷ менамояд, ки аввалин маротиба моҳи феврали соли 1995 чун ба вакили Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати якум зиёда аз 30 нафар ҷавонони то 35-сола Қосимов Қ. Р раиси ноҳияи Хуҷанд, Иброҳимов М.С. котиби якуми Кумитаи шаҳрии Ҳизби коммунистии Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд, Шарифов К. муовини директори фабрикаи тамокубарории шаҳри Душанбе, Очилдиев А. директори совхози "Гулхасс"-и шаҳри Турсунзода, Шамсуллоев А. омӯзгори омӯзишгоҳи тиббии ноҳияи Данғара, Ашуров А. ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон, Бобоев В. муовини раиси вилояти Ленинобод, Самадов Н. директори заводи пахтатозакунии "Ғулакандоз"и ноҳияи Ҷаббор Расулов, Қосимов С. командири қисми ҳарбии 3502 Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримов Р. -директори базаи нефти шаҳри Панҷакент, Муҳидов А. -директори генералии Иттиҳодияи истеҳсолии "Нонпаз"-и шаҳри Душанбе, Худоиназаров Б. дигарон вакилони Маҷлиси Олӣ интихоб гардиданд.

Соли 2000 дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон боз як воқеаи муҳимми таърихӣ ба амал омад. Тибқи Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал дар таърихи халқи тоҷик парламенти доимоамалкунандаи дупалатагӣ таъсис дода шуд.

10 декабри соли 1999 сесияи XV Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати якум) қонунҳои конситутсионии ҷумҳурӣ "Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ"-ро қабул намуд. Мувофиқи он Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ буда, аз ду палата–Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст.

Дар асосои Конститутсия ва қонунҳои конститутсионӣ "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ" бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 феврали соли 2000 интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати дуюм ва ба Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, маҷлиси вакилони халқи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявии даъвати дуюм эълон карда шуд.

Доктори илмҳои таърих, профессор В. Набиев қайд кардааст, ки намояндагони арзандаи ҷавонони Тоҷикистон ҳам аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ва ҳам аз ҳавзаҳои якмандатӣ номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеншниҳод гардида буданд.

Дар натиҷаи бомуваффақият гузаштани интихобот 8 нафар ҷавонон – Тоҷиниссо Маҳмадова, Мирзодавлат Одинаев, Абдуманнон Холиқов, Давлатмаҳмад Саидов, Лайли Бобоева, Ёқубҷон Исмоилов, Раъно Самиева вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуданд. Инчунин, Санавбар Хоҷаева, Қосимҷон Қосимов, Рашид Мирзоев, Ҳамидулло Алишеров узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардиданд.

Кормандони масъули Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бибиосия Ғуломова, Елена Каробкина, мудири шуъбаи кор бо ҷавонони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ.Ҷӯраев Нигина Раҳмонова, сармутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонони ҳукумати ноҳияи Роҳи Оҳан (ҳоло ноҳияи Шоҳмансур), Файзигул Шералиева, рӯзноманигорон Соҳиба Ҷамолова, Шаҳло Мӯсоева, проректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ Ҷамшед Саидов вакили Маҷлиси шаҳри Душанбе интихоб шуданд [12].

Дар интихоботҳои минбаъда низ ин тамоюл густариш ёфта, сафи намояндагони халқ аз ҳисоби ҷавонон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон афзоиш ёфт. Маъракаи муҳимми сиёсӣ дар саҳифаҳои васоити ахбори оммаи мамлакат ба таври муфассал инъикоси худро ёфта, ҷавонони ҷумҳуриро водор месохтанд, ки барои дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолона иштирок намудан ва баланд бардоштани фарҳанги сиёсиашон кӯшиш намоянд.

Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани маърифати шаҳрвандӣ ва фарҳанги сиёсӣ, омӯзиши дақиқи системаи қонунгузорӣ дар кишвар, принсипҳои асосӣ, қоидаву қонунҳои фаъолияти Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ, тарзу марҳилаҳои қабули қонунҳо, рушди донишу малакаи мубоҳисавӣ байни ҷавонон Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо ташкилоти ҷавонон “Мо ва ҷомеаи шаҳрвандӣ” 24 майи соли 2010 аз ҳисоби донишҷӯёни фаъоли муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат Парлумони ҷавонони Тоҷикистонро таъсис дод. Тибқи нигоштаи рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон”аввалин ҷаласаи он дар Маркази татқиқоти стратегии ҷумҳурӣ бо иштироки вакили маҷлиси намояндагон Низом Қосим баргузор шуд. Дар он вакилон, ки қаблан тавассути мизҳои мудаввар, сӯҳбатҳо ва саволномаҳо интихоб гардида буданд, муаррифӣ гардиданд. Дар он ҷаласа раиси намоянадагони парлумони ҷавон Саидов Фирӯзмуҳамад интихоб гардид. Ӯ ифроз намудааст, ки парлумони ҷавонони Тоҷикистон модели Маҷлиси намояндагони маҷлиси Олӣ буда, аз 63 вакили ҷавон иборат аст ва онҳо аз тамоми қаламрави ҷумҳурӣ интихоб мешаванд [13].

Чуноне ки дар рӯзномаи “Ҷавонони Тоҷикистон” инъикос гардидааст, мақсади асосии рушди парламентаризми ҷавонон мусоидат ба равандҳои демократикунони ҷомеа дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар назди Парлумони Тоҷикистон маҳфилҳои мубоҳисавӣ ташкил шуда буд, ки ҳадафи асосиаш мусоидат намудан дар ташаккулёбии тафаккури интиқодии ҷавонон, васеъ намудани ҷаҳонбинии сиёсии ҷавонон ва воқиф будан аз воқеаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеаи кишвар ва ҷаҳон мебошад. Сардори он Саидов Фирӯзмуҳамад дар 6 конфронси байналмилалӣ иштирок кардааст. Илова бар ин, соли 2011 дар маҳфили “Геопалитикҳои ҷавон”-и Донишгоҳи славяни Тоҷикистону Русия маҳфили “Дипломатони ҷавон”-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва маҳфилҳои дигари донишгоҳҳо ширкат ва суханронӣ намудааст.

Соли 2011 дар ҷаласаи шурои Кумитаи ҷавонони ИДМ, ки дар “Кохи Сомон” баргузор гардид, дар мавзуи “Рушди парламентаризми ҷавонон дар давлатҳои ИДМ” намояндаи Парлумони Ҷавонони Тоҷикистон Усмонов Ҷ. суханронӣ кард. Иштирокчиёни ҷаласа ба хулосае омаданд, ки соли 2012 аз ҳисоби фонди махсуси

Кумитаи ҷавонони ИДМ барои рушди парламентаризм дар Тоҷикистон маблағ ҷудо карда, байни онҳо таҷрибаомӯзи ба роҳ монда шавад.

8 ноябри соли 2012 дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" мусоҳибаи рӯзноманигор Ҷобиров Н. бо раиси Парлумони ҷавонони Тоҷикистон Нозилшоев Ҷ. сурат гирифтааст. Дар мубоҳиса қайд гардидааст, ки таъсиси чунин парлмуон барои мустаҳкам намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ фоли нек буда, дар ҳал намудани мушкилоти ҷавонон дар макотибҳои олии мамлакат нақши бориз дорад. Бояд қайд намуд, ки сол аз сол фаъолноки ҷавонони ҷумҳурӣ дар татбиқи ислоҳотҳои сиёсӣ меафзояд, чунки, 29 октябри соли 2012 дар толори маҷлиси меҳмонхонаи «Истиқлол» иҷлосияи якуми Парлумони ҷавонони Тоҷикистон даъвати дуюм (2012-2014) баргузор шуд. Аз хабарномае, ки дар рӯзномаи "Ҷавонони Тоҷикистон" нашр гардид, дар ин ҷамъомад муовини аввали раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳуриии Тоҷикитсон Ҷӯраев К. зимни баргузории иҷлосия иброз намудааст, ки раванди демократикунонии ҷомеаро бе иштироки фаъолонаи ҷавонон тасаввур кардан ғайри имкон аст. Зеро ҷавонон аз нигоҳи идеологию сиёсӣ қишри ҳассосу қобили меҳнати ҷамъият маҳсуб меёбанд [14].

Инчунин, вакилони мардумӣ, аъзои кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Оқилов Нурулло ва Каримов Муҳаммадраҳим аз таҷрибаи фаъолияти худ дар парлумони касбии ҷумҳурӣ сухан карда, ҷавонони ҷумҳуриро ба мутоилаи бештар ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ даъват намуданд. Ҳамзамон, аз ҷониби онҳо даъват ба амал бароварда шуд, ки 10-15 нафар вакили Парлумони ҷавонони Тоҷикистон дар ҳар ҷаласаи парлумони касбии кишвар ширкат варзида, барои худ сабақ биомӯзанд

Дар ҷараёни демократикунонии ҷомеа яке аз инситутҳои асосии сиёсӣ, ки иштироки гурӯҳҳои муайяни шаҳрвандонро дар идораи сиёсати давлатӣ таъмин месозанд, ҳизбҳои сиёсӣ мебошанд. Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва шикасти яккаҳизбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сохти бисёрҳизбӣ ба амал омад ва то моҳи сентиябри соли 2015 дар мамлакат ҳашт ҳизби расмӣ -Ҳизби халқи демократии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, Ҳизби коммунистии Тоҷикистон, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон амал мекарданд.

Аз ин ҳисоб қисми зиёди ҷавонон 80, 3% ба Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон шомил гардиданд, ки аз боварии онҳо ба ин мактаби сиёсӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон яке аз ҳизбҳои фаъоли мамлакат буда, таваҷуҳи ҷавононро ба худ нисбати дигар ҳизбҳои амалкунанда, бештар ҷалб намудааст. Тавре Раиси ҳизби мазкур Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки ба мавзуи "Нақши ҷавонон дар таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва масъулияти онҳо барои устувор гардонидани мавқеъ ва нуфузи Ҳизби Халқии Демокаратии Тоҷикистон" бахшида шуда буд, таъкид доштаанд: "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба неруи созанда ва тавоноии ҷавонони кишвар эътимоди қавӣ дорад ва нақши онҳоро дар эъмори ҷомеаи шаҳрвандӣ, устувор намудани рукнҳои давлатдории навин, ҳимояи марзу буми Ватани азизамон ниҳоят муҳим арзёбӣ менамояд".

Аз ин нуқтаи назар ҲХДТ ҳамеша бо ҷавонон ҳамчун ворисони созандаи имрӯзу фардо эътибори ҷиддӣ зоҳир намуда, иқдомҳои шоиста ва ташаббусҳои созандаи онҳоро барои ободиву шукуфоии кишвар дастгирӣ менамояд. Бояд қайд намуд, ки 8 декабри соли 2012 дар рӯзномаи "Минбари халқ" матлабе бо номи "Ҷавонон чаро ба ҲХДТ шомил мешаванд?" нашр гардид,ки дар он муҳимтарин омилҳои пайвасткунандаи ҷавонон ба ҲХДТ дарҷ гардидаанд. Чунончи Миристоев С. қайд намудааст "Замони шӯравӣ ҳизби коммунисти илҳомбахши ҷомеа буд. Мушоҳидаҳои чанд соли охир бароямон аён сохт, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамин гуна ҳизби пешбар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст, ки сарвариашро Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда доранд. Соли 2011

аз чанд ташаббусу иқдомҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ шоҳид шудам. Аз ҷумла, чорабинии калони фарҳангии дар деҳаи Чоркӯҳ гузаронидаи Раёсати ҲХДТ дар вилояти Суғдро, ки халқи оди бо рӯҳияи баланд ва хоҳиши том дар он иштирок карданд. Ман, чун иштирокчии чорабинӣ, боварӣ ҳосил кардам, ки ҳадафи ҳизби пешбари ҷомеаи мо-ҲХДТ ободии рӯзгори мардум, таъмини ҳаёти осоишта ва пурсаодати халқ аст. Пагоҳи дигар омада, барои аъзогӣ ба ҲХДТ ариза додам".

Ба ин монанд маводҳо дар рӯзномаи "Минбари халқ" барзиёд интишор гаштаанд, зеро Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсисиёбии худ такя бо ҷавонон намуда, дар байни онҳо пайваста вохӯриву ҷамъомадҳо баргузор менамояд. Ва яке аз самтҳои асосии кори ин ҳизб ҳалли мушкилоти ҷавонон мебошад. Чунончи 29 ноябри соли 2012 корфренсияи илмӣ-амалӣ зери унвони "Нақши ҷавонон дар таҳкими сулҳу субот" дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин конфренсия паҳлуҳои мухталифи рӯзгори ҷавонон, мушкилоти асосии онҳо ва дигар масъалаҳои мубрами ҳалталаб мавриди мулоҳизаву баҳс қарор гирифтанд. Дар он намояндагони соҳаҳои илм, кормандони муасисиаҳои давлатӣ, ҷавонон ва кормандони воситаҳои ахбори омма иштирок варзиданд [15].

Иштирокчиёни ҷамъомад мувофиқи матлаби нашргардида доир ба масъалаҳои ҳалталаби ҷавонон суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, Маҳмадов Б. раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, зимни суханронии худ қайд намуд, ки мақсад аз баргузории чунин ҷамъомадҳо ба таври ҳамаҷониба омӯхтани ҳаёти ҷавонони кишвар мебошанд.

Ҳамазамон, маърузаҳои "Таҳқиқи мушкилот ва дурномои ба кор таъминшавии мутахассисиони ҷавон-хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ", "Таъсири муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳаёти ҷавонон, вазъи имрӯза ва проблемаҳои кору фаъолияти ҷавонони бурунмарзии Тоҷикистон", "Сабақи таърихӣ ба ҷавонон","Муносибати ҷавонон бо дин дар раванди демократикунонии ҷомеа", "Масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас ва ҷавонон" ва ғайра қобили мулоҳиза буданд.

Ин гуна конфронсҳову мулоқотҳо бо ҷавонону донишҷӯён пайваста бо ташаббуси ҲХДТ баргузор мегардад, ки аз робитаи мустаҳкам доштани ҷавонон бо ин ҳизб шаҳодат медиҳанд.

Аз рӯйи таҳқиқи маводҳои дастрасгардида, метавон ба хулосае, омад, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар иштироки ҷавонон дар ҳаёти сиёсии кишвар назаррас буда, мавқеи онҳо дар амалигардии ислоҳотҳои сиёсӣ хеле бузург аст.

**Муқарриз: Зикриёева М.Ф. – д.и.т, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Асадулоев Р. А. Ҷавонон дар ҷараёни демократикунонии ҳаёти мамлакат / Р. А. Асадулоев. - Душанбе: Сарпараст, 2004. - 143с.
2. Буриев Н. С. Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. С. Буриев. -Душанбе, 2015. -151с.
3. Латипов А. Кор бо ҷавонон бояд меҳвари фаъолияти мо бошад / А. Латипов // Минбари халқ. - 2012, 6 дек.
4. Ҷавонони Тоҷикистон. - 2012, 21 мар.
5. Ҷобиров Н. Ҷавонон парлумон доранд/ Н.Ҷобиров //Ҷавонони Тоҷикистон. - 2012, 27 сен. -С. 6.
6. Мақсудов М. Ҷавонон чаро ба ҲХДТ шомил мешаванд / М.Мақсудов //Минбари халқ. - 2012, 6 дек.
7. Миралиев Қ. Дастури методӣ-амалӣ барои амалигардонии сиёсати давлатии ҷавонони Тоҷикистон / Қ.Миралиев. -Душанбе: Хадамот, 2009. - 33с.
8. Набиев В. Созандагони Тоҷикистони соҳибистиқлол / В.Набиев. -Душанбе, 2008. - С. 28.
9. Набиев В. Фарҳанг ва ҷавонон / В. Набиев. -Хуҷанд: Хуросон, 2001. - 379с.
10. Неъматов М. Ҷавонон –созандагони ҷамъияти оянда / М.Неъматов, Н. Муродов. -Душанбе: Деваштич, 2008. -200с.
11. Раҳмонов Э. Ҷавонон ояндаи миллат / Э.Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2008. - 158с.
12. Толиби Курбон. Оё ҷавонон воқеан ояндасозанд // Минбари халқ. -2012,6 дек.

13. Шамолов А. А. Масъалаи сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. А.Шамолов, Б.С. Ашӯров. -Душанбе, 1998. – С.44.
14. Шоев Г. А. Освещение вклада молодёжи Таджикистана в общественно-политическую, экономическую и культурную жизнь в средствах массовой информации (1991-2016 гг.) / Г. А. Шоев. –Душанбе, 2017. - 188с.
15. Як сол бо ҷавонон Маҷмуи мақолаҳо бахшида ба якумин солгарди таъсиси “Созандагони Ватан”. – Душанбе, 2013. – С.58.

## ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР АМАЛӢ ГАРДИДАНИ ИСЛОҲОТИ СИЁСӢ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ

Ҷавонон неруи созандаву буёдкор, ҳомиёни воқеии давлату миллат дар ҳама давру замон дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ нақши чашмрас доранд. Ҳамин буд, ки аз рӯзҳои нахустини истиқлолияти давлатӣ сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҳукумати мамлакат табдил ёфта, таваҷҷӯҳи роҳбарияти кишвар ба онҳо зиёд гардид. Мусаллам аст, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро як фазои ноороми сиёсӣ фаро гирифт. Дар ҷумҳурӣ ҷанги шаҳрвандии барордаркуш шурӯъ шуд пояҳои давлатдориро суст намуд. Дар давраи ҷанги баамаломада, сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳаёти рӯзмарри онҳо дар ҳолати ногувор қарор гирифт. Ҷавонон бо ҳар роҳу восита тавассути гурӯҳҳои манфиатдор ба чолишҳои ҷанги шаҳрвандӣ кашида мешуданд. Дар миёни дигар табақаҳои ҷомеа аз ҳама бештар ҷавонон дар майдони ҷанги харобиовар қарор доштанд. Хушбахтона, Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар самтҳои давлатдории Ҷумҳурии навтаъсиси Тоҷикистон ба сиёсати давлатии ҷавонон низ таъсири ояндасози худро расонид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, -Пешвои миллат, ки дар ҳамон давр раисии Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба уҳда дошт, сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои асосии сиёсати Ҳукумати кишвар пазируфта, худи ҷавононро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор дод. Дар адабиёти илмӣ низ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар сиёсати давлатии ҷавонон ба яке аз мавзуъҳои асосии таҳқиқшаванда табдил ёфт. Дар ин давра як қатор олимону муҳаққиқон дар доираи мавзуи мазкур рисолаҳои номзадӣ дифоъ намуда, асару мақолаҳои мухталиф офариданд.

**Калидвожаҳо**: ҷавонон, сиёсат, иштирок, истилоҳот ҷанги шаҳрвандӣ, таърихнигорӣ, адабиёти илмӣ, муҳаққиқ, омӯзиш рушд.

## ОТРАЖЕНИЕ ВОПРОСА УЧАСТИЯ МОЛОДЕЖИ В РЕАЛИЗАЦИИ ПОЛИТИЧЕСКИХ РЕФОРМ В НАУЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Молодежь является творческой и производительной силой, настоящими защитниками государства и нации во все времена и играет заметную роль в развитии человеческого общества. Именно поэтому с первых дней независимости государства молодежная политика в Республике Таджикистан стала одним из основных направлений внутренней и внешней политики Правительства страны, к ней возросло внимание руководства страны.После распада Советского Союза Республика Таджикистан оказалась в неспокойной политической атмосфере. В республике разразилась катастрофическая гражданская война, потрясшая основы государственности. В годы войны государственная политика молодежи и ее повседневная жизнь находились в сложном положении. Молодежь вовлекалась в вызовы гражданской войны всеми способами через группы по интересам. Среди других слоев общества больше всего молодых людей оказалось на поле разрушительной войны. 16-я сессия вопросами управления в новь созданной Республики Таджикистан, также оказала основное влияние на государственную молодежную политику. Основоположник национального мира и единства, Лидер нации, одновременно занимавший пост Председателя Верховного Совета Республики Таджикистан, рассматривал молодежную политику как одно из основных направлений государственной политики страны.В научной литературе в эпоху независимости страны государственная молодежная политика стала одной из основных тем исследований. За этот период ряд ученых и исследователей защитили кандидатские диссертации, написали различные статьи.

**Ключевые слова:** молодежь, политика, революция, гражданская война, историография, научная литература, исследователь, изучение и развитие.

## REFLECTION OF YOUTH PARTICIPATION IN THE IMPLEMENTATION OF POLITICAL REFORM IN SCIENTIFIC LITERATURE

The youth is a creative and productive force, true defenders of the state and nation at all times and plays a significant role in the development of human society. That is why from the first days of independence of the state, youth policy in the Republic of Tajikistan has become one of the main directions of the domestic and foreign policy of the Government of the country, the attention of the country's leadership has increased to it.It is true that after the collapse of the Soviet Union, the Republic of Tajikistan found itself in a turbulent political atmosphere. A catastrophic civil war broke out in the republic, shaking the foundations of statehood. During the war years, the state policy of youth and its daily life were in a difficult position. The youth were involved in the challenges of the civil war in all ways through interest groups. Among other sectors of society, most young people found themselves on the field of destructive war. Fortunately, the 16th session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, along

with other areas of governance of the newly created Republic of Tajikistan, also had a promising impact on the state youth policy. The founder of national peace and unity, the leader of the nation, who simultaneously held the post of Chairman of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, adopted youth policy as one of the main directions of the state policy of the country, and made youth the focus of his attention.In the scientific literature in the period of the state independence, the state policy of youth has become one of the main topics of research. During this period, a number of scientists and researchers defended their dissertations, created various works and articles.

**Key words:** youth, politics, politics, revolution, civil war, historiography, scientific literature, researcher, study and development.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғайратшоҳ Азаматзода*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,, кафедраи таърихи халқи тоҷик, номзади илмҳои таърих, дотсент, докторант. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон**: 900041010**

**Сведения об авторе:** ***Гайратшох Азаматзода*** - Таджикский национальный университет, кафедра истории таджикского народа, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан ,город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон**: 900041010**

**Information about the author:** ***Gairatshokh Azamatzoda*** - Tajik National University, Department of History of the Tajik People, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: **900041010**

ТДУ:930.13 (575.3)

# КОМИССИЯИ ОИД БА ОШТИИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛИЯТИ ФОРУМИ МАШВАРАТӢ

**(дар мисоли муколамаҳои байни тоҷикон)**

*Нуриддинова М. Р.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар таърихи равандҳои гуфтушунид муайян кардани назари тарафи гурӯҳҳои асосии ба низоъҳои дохилӣ дахлдошта қисми муҳимми давраҳои ибтидоии ҳар як муколамаи давомдор буда, барои фаъолияти минбаъдаи созанда замина мегузорад. Ин қоида ба раванди музокироти байни тоҷикон низ дахл дорад, зеро аз оғози музокирот то анҷоми бомуваффақияти онҳо, хусусан, бо дарназардошти мавқеъгирии ҷонибҳое, ки дар ибтидо аз оштӣ дур буданд, як давраи муҳимме мегузарад. Даври аввали музокироти байни тоҷикон оид ба мусолиҳаи миллӣ аз 5 то 19 апрели соли 1994 дар Маскав таҳти сарпарастии СММ ва бо иштироки нозирони Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Федератсия ва Ӯзбекистон баргузор шуд. Ҳайати Ҳукумати Тоҷикистонро вазири меҳнат ва шуғли аҳолӣ Ш. Зуҳуров, ҳайати мухолифинро раиси Кумитаи ҳамоҳангсозии неруҳои демократии Тоҷикистон дар кишварҳои ИДМ О. Латифӣ раҳбарӣ карданд.

Тавре зикр гардид, ҳарду ҳайат салоҳиятҳои номаҳдуд доштанд, аммо дар гуфтушунид ҳузур надоштани намояндагони воломақом аҳаммияти созишҳои имконпазирро хеле коҳиш дод. Даври дуюми музокира аслан 4 июни соли 1994 таъин шуда буд, вале бо баҳонаҳои гуногун ҳам аз тарафи ҳукумат ва ҳам аз ҷониби мухолифон санаи он борҳо ба таъхир афтод. Дар натиҷа, гуфтушунидҳо 18 июни соли 1994 дар Теҳрон оғоз шуданд. Ҳарду ҳайат дар як ҳайат, ки дар мулоқоти аввал буд, омаданд, ки дар аввал арзиши натиҷаҳои музокиротро камтар кард.

Масъалаи асосие, ки дар гуфтушунид муҳокима шуд, созишнома дар бораи хотима додани ҷанг ва дигар амалиёти душманона буд. Ҷонибҳо дар мавриди муҳтавои ин санад пешниҳодҳои худро баён карданд, аммо дар мавриди мавқеъ ба созиш расидан имкон надошт. Ягона созиш тартиб додани консепсияи «оташбас кардан ва дигар амалиёти душманона» буд, ки дар Изҳороти якҷояи баъди даври дуюм қайд карда шуд, ки баъд ба Шартнома дохил карда шуд.

Даври сеюми музокироти байни тоҷикон аз 20 октябр то 1 ноябри соли 1994 дар Исломобод баргузор шуд. Дар натиҷаи музокирот ду санад ба имзо расид: Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар марзи Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили кишвар ва Баёнияи муштарак оид ба натиҷаҳои даври сеюми гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ. Ҳуҷҷати аввал фаъолияти Комиссияи муштаракро танзим мекард, ки мақоми асосии назорати иҷрои бандҳои Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ буд. Комиссия дар асоси паритет таъсис дода шуда, ваколатҳои он тафтиши парвандаҳои вайрон кардани Созишномаро дар бар мегирифт, ки дар рафти он метавонад аз роҳбарияти ҳарду ҷониб маълумоти пурра дар бораи ин қонуншиканиҳо пешниҳод намояд [8]. Зимни музокирот масъалаи таъмини амнияти мардуми осоиштаи муқими водии Қаротегин бо фиристодани нозирони низомии СММ ба он ҷо ва фаъол гардонидани фаъолияти созмонҳои байналмилалии дифоъ аз ҳуқуқи башар баррасӣ шуд.

Хулоса, ба тарафҳо муяссар гардид, ки дар роҳи созишҳои сулҳ баъзе пешравиҳо ба даст оранд, аз ҷумла ба тамдиди Созишномаи оташбас, ки каблан бо қабули Конститутсия ва баргузории интихобот (дар он мухолифон иштирок надоштанд) ба охир расида буд, Созишномаро тавассути таъсиси Комиссияи муштарак институтсионализатсия карданд, аммо ин раванд бо душвориҳо ва

монеаҳои назаррас аз ҳарду ҷониб дучор омад. Пас аз даври сеюм музокира муваққатан қатъ карда шуд, Ҳукумат ва мухолифин талабҳои нав ба миён гузоштанд ва натавонистанд ба созиши муштарак бирасанд.

Марҳалаи навбатии музокироти байни тоҷикон дар шакли мулоқотҳои машваратӣ 19-26 апрели соли 1995 дар Маскав баргузор шуд. Ҳайати ҳукумати Тоҷикистонро М. Убайдуллоев, муовини якуми сарвазир ва ҳайати мухолифини тоҷикро муовини якуми раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон А. Тӯраҷонзода раҳбарӣ карданд. Машваратҳо бо қабули изҳороти муштарак [2] анҷом ёфта, ба Созишномаи Теҳрон оид ба оташбаси муваққатӣ иловаҳо ворид карда шуданд.

Марҳалаи навбатии гуфтушунид 17-19 майи соли 1995 дар Кобул буд, ки маънои ба сатҳи нави сифатӣ гузаштани музокиротро дошт. Дар рафти мулоқоти дурӯза онҳо розӣ шуданд, ки шартҳои Созишномаи оташбасро риоя намуда, онро то 26 августи соли 1995 тамдид кунанд. Дар марҳалаҳои минбаъда мубоҳисаҳои фаъол сурат гирифт, вале натиҷаҳои мушаххас ба даст наомад.

Аз 22 май то 2 июни соли 1995 дар Қазоқистон, дар шаҳри Алмаато даври чоруми гуфтушуниди байни тоҷикон барпо гардид. Тибқи нақшаи пешбинишуда ҷонибҳо бояд масъалаҳои бунёдии сохтори конститутсионӣ ва таҳкими давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ мекарданд [2].

Аввали моҳи августи соли 1995 намояндаи махсуси Дабири кулли СММ ба Кобул ва Душанбе як қатор сафарҳо анҷом дод. Дар натиҷа, ба ӯ муяссар шуд, ки дар бораи мулоқоти раҳбарони ҳарду ҷониб ва имзои санади муҳим – протокол «Дар бораи принсипҳои асосии истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон» ба мувофиқа расад. Дар протокол бори аввал нуктаҳои асосие, ки бояд ба “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ” дохил карда шаванд: мушкилоти сиёсӣ ва низомӣ, мушкилоти бозгашти гурезаҳо, кафолатҳои байналмилалии риояи Созишномаи умумӣ мувофиқа карда шуданд [9].

Дар робита ба задухӯрдҳои тулонӣ дар Тавилдара дар моҳҳои май-июни соли 1996 масъалаи асосии баррасишуда дар марҳилаи сеюми даври панҷуми музокироти байни тоҷикон дар Ашқобод, ки 8-21 июли соли 1996 баргузор гардид, буд. Ҳамчунин, дар ин музокирот барқарорсозии оташбас ва тамдид кардани муҳлати муоҳидаи Теҳрон муяссар шуд. Ҳайати Ҳукумати Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Т. Назаров ва ҳайати мухолифинро А. Тӯраҷонзода раҳбарӣ карданд.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо 19 июли соли 1996 Изҳороти муштарак дар бораи қатъи амалиёти ҷангӣ ва риояи созишномаи Теҳрон ба имзо расид. Дар бораи табодули асирони ҳарбӣ низ созишномаҳо ба имзо расонанд [11]. Имзои ин ҳуҷҷатҳо дар даври Ашқобод пешравии назаррас дар роҳи ҳалли осоишта буд, аммо дар амал татбиқи онҳо душвориҳои муайяне ба бор овард. Ҷангҳо дар ноҳияи Тавилдара пурра қатъ карда нашуданд ва табодули асирони ҳарбӣ дар ибтидо ба далели ироа нашудани рӯйхати ниҳоии асирони ҷангӣ ва баъдан ба далели аз сар гирифтани амалиёти ҷангӣ дар водии Қаротегин ва дар ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) сурат нагирифт. Дар баробари ин, роҳбарони тарафҳо барои гузарондани мулоқоти шахсӣ омода будани худро изҳор намуданд. Вохӯрии навбатӣ 23 декабри соли 1996 дар Маскав баргузор шуд. Тибқи созишномае, ки дар пайи мулоқоти Маскав ба имзо расид, “музокироти байни тоҷикон ва иҷрои тавофуқҳое, ки дар ҷараёни он ҳосил шуда буданд, бояд дар давоми 12-18 моҳ аз рӯзи имзои Созишномаи мазкур ба анҷом расад” [13]. Ба ҳамин тариқ, ин созишнома мебоист дар раванди гуфтушунид марҳалаи муътадил мегардид.

Яке аз муҳимтарин қарорҳои дар ҷаласаи Маскав қабулшуда тасмим дар бораи таъсиси Комиссияи оштии миллӣ барои давраи гузариш буд. Раиси Комиссия намояндаи мухолифини тоҷик буд, ҳайати миқдорӣ ва шахсии Комиссия, вазифаҳо ва ваколатҳои мушаххаси он бояд дар марҳилаи навбатии гуфтушунидҳо 5 январи соли 1997 дар Теҳрон муайян карда мешуд [10]. Комиссия бояд ба бозгашти бехатар ва сазовори гурезаҳо мусоидат кунад. Ҳамчунин, оид ба тағйир додани қонунҳо дар

бораи фаъолияти ҳизбҳо, ҳаракатҳои сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма таклифҳо таҳия намоянд. Комиссия якҷоя бо Президенти ҷумҳурӣ вазифаҳоеро иҷро карда метавонист, ки онҳоро ба ду блоки калон тақсим кардан мумкин аст: ҳалли проблемаҳои сиёсӣ бо ташкили органҳои нави давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои ҳарбӣ [10].

Ҳамин тариқ, Комиссияи оштии миллӣ бояд як ниҳоди муҳимтарини дорои салоҳиятҳои назаррасе гардад, ки гузариш аз вазъияти ҷанги шаҳрвандӣ ба сулҳи шаҳрвандиро амалӣ гардонад, мақомоти навро бо риояи принсипи намояндагии баробар ташкил диҳад ва масъалаҳои мушаххаси ҷомеаро ҳал кунад.

Ба расмият даровардани минбаъдаи фаъолияти Комиссия дар мулоқоти ду раҳбар дар Машҳад (Эрон) сурат гирифт, ки дар он 21 феврали соли 1997 низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ ба имзо расид. Комиссия фаъолияти худро баъди ду ҳафтаи имзои протоколҳо оид ба масъалаҳои низомӣ ва сиёсӣ оғоз намуда, баъди даъвати парлумони нав ва таъсиси мақомоти роҳбарикунандаи он қатъ кард. Ба ҳайати комиссия миқдори баробари намояндагони ҳизбҳо, умуман 26 нафар дохил мешуданд. Раиси Комиссия намояндаи оппозитсия ва муовини ӯ намояндаи ҳукумат буд. Раҳбарон ва аъзои Комиссия ба таври доимӣ кор мекарданд ва аз ҷониби тарафҳо бозхонда шуда наметавонистанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки иҷрои вазифаҳои худро имконнопазир мегардонд [5]. Аъзои Комиссия низ мақоми дахлнопазирӣ доштанд ва барои таъмини амнияти онҳо аз ҷониби Ҳукумат ва ИНОТ дар асоси баробарӣ як воҳиди махсуси иборат аз 80 нафар таъсис дода шуд. Комиссия мебоист дар пойтахти кишвар ҷойгир мешуд. Ба ҳайати Комиссия чор зеркомиссия дохил шуд: оид ба масъалаҳои сиёсӣ; оид ба масъалаҳои ҳарбӣ; оид ба масъалаҳои гурезаҳо; оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ. Ба ду зеркумита бояд намояндаи мухолифин ва ба ду зеркумитаи дигар намояндаи ҳукумат роҳбарӣ мекард [4].

Даври ҳафтуми музокироти байни тоҷикон дар Маскав аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 баргузор гардид. Ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ва ҳайати мухолифинро муовини якуми сардори ИНОТ А. Тураҷонзода раҳбарӣ мекарданд. Дар рафти гуфтушунид масъалаҳои низомии марбут ба “реинтегратсия”, халли силоҳ ва барҳам додани сохторҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифини тоҷик, инчунин ислоҳоти сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуданд [12]. Аз рӯйи натиҷаҳои маҷлиси машваратии 8 марти соли 1997 Протокол оид ба проблемаҳои ҳарбӣ имзо карда шуд. Тибқи Протокол, мақомоти асосии назорат бар раванди халли силоҳ ва барҳам додани воҳидҳои мусаллаҳи ИНОТ, инчунин ислоҳоти неруҳои амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваколатдор оид ба оштии миллӣ СММ буд [6].

Дар Ёддошти Бишкек, ки 18 майи соли 1997 низ ба имзо расида буд, созишнома дар бораи истиқрори контингенти неруҳои мусаллаҳи ИНОТ бо теъдоди 460 нафар ва ҳамчунин 40 нафар барои ҳифзи аъзои Комиссияи оштии миллӣ дар Душанбе сабт шудааст [1]. Даври музокироти Теҳрон рӯзи 22 май аз сар гирифта шуд. 28 майи соли 1997 дар Теҳрон Протокол дар бораи кафолати иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Вазифаҳои назоратӣ дақиқ шуда, ба Гурӯҳи тамос бо қароргоҳаш дар Душанбе вогузор карда шуд, ки ба он сафирони аккредитатсияшудаи давлатҳои кафил ё намояндагони махсус таъиншуда, намояндаи махсуси Дабири кулли СММ дар Тоҷикистон, роҳбари намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ва намояндаи Созмони Конфронси Исломӣ шомил буданд [7]. Протокол дар бораи кафолатҳо яке аз охирин ҳуҷҷатҳои дар Протоколи Принсипҳои асосии истиқрори сулҳ аз 17 августи соли 1995 пешбинишуда буд, бинобар ин метавонист марҳалаи тулонии музокироти байни тоҷикон ба анҷом расад, ба ҷонибҳо танҳо имзои созишномаи генералӣ, созишномаи чорчӯба ва як қатор ҳуҷҷатҳои иловагӣ лозим буд.

Марҳалаи ниҳоии музокироти байни тоҷикон 27 июни соли 1997 дар Маскав баргузор шуд. Дар рафти мулоқот чанд санад ба имзо расид, аз ҷумла Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, «Баёнияи Маскав» ва

Протоколи ҳусни тафоҳум байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари ИНОТ.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи машварату гуфтушунид ва вохӯриҳо ба тарафҳо муяссар гардид, ки аз рӯйи ҷиҳатҳои асосии созиш роҳҳои созиш ва ба ҳамдигар қобили қабул тартиб диҳанд. Аввалан, гарчанде ки ҳатто имзои Созишномаи генералӣ на ҳамаи проблемаҳои ин масъаларо ҳал кард, аммо демократикунонии ҳокимият дар Тоҷикистон, барои ҳамгироии мухолифин ба мақомоти низомӣ имкону заминаҳо фароҳам овард. Дуюм, Созишномаи Маскав натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи ҳар як ҷанбаи алоҳидаи мушкилот, хоҳиши тарафҳо барои таҳияи роҳи созиш буд, ки дар оянда ба ҳукуматдорон ва мухолифон имкон дод, ки дар ҳаёти сиёсии давлат якҷоя иштирок кунанд. Имзои шартнома зиддиятҳоеро, ки боиси ҷанҷол гардиданд, ба таври худкор бартараф накард, балки имкон дод, ки дар оянда барои ҳалли онҳо асос гузошта шавад.

**Муқарриз: Шарипов А.Н. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Меморандуми Бишкек, ки 18 майи соли 1997 дар Бишкек ба имзо расид. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/132/49/PDF/N9713249.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05/29/2023).
2. Гузориши Дабири кулли СММ дар бораи вазъи Тоҷикистон. 12 майи соли 1995. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/144/27/IMG/N9514427.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05.14.2023)
3. Гузориши Дабири кулли СММ дар бораи вазъи Тоҷикистон. 16 сентябри соли 1995. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/279/12/IMG/N9527912.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05.14.2023)
4. Протоколи иловагӣ ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ». Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон, 21 феврали 1997. [Манбаи электронӣ] URL: http://daccess-dds-ny.un. org/doc /UNDOC/GEN/N97/052/28/PDF/N9705228.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05/29/2023)
5. Муқаррароти умумӣ. Низомнома дар бораи Комиссияи оштии миллӣ, Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон, 21 феврали 1997. [Манбаи электронӣ] URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/052/28/PDF/N9705228.pdf? (санаи воридшавӣ: 05/29/2023).
6. Муқаррароти умумӣ. Протокол оид ба масъалаҳои низомӣ, Москва, 8 марти соли 1997. [Манбаи электронӣ] URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/067/39/PDF/N9706739.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05/29/2023).
7. Протокол дар бораи кафолати татбиқи Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, Теҳрон, 28 майи соли 1997. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/141/30/PDF/N9714130.pdf? (санаи истифодабарӣ: 30.05.2023)
8. Протокол дар бораи Комиссияи муштарак оид ба татбиқи Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дар дохили кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N94/433/70/PDF/N9443370.pdf? (санаи воридшавӣ: 05/13/2023)
9. Протокол дар бораи принсипҳои асосии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, 17 августи соли 1995. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-ddsny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N95/245/72/PDF/N9524572.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05.14.2023)
10. Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ. Москва, 23 декабри соли 1996. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/377/42/PDF/N9637742.pdf? (санаи истифодабарӣ: 21/05/2023).
11. Протокол оид ба татбиқи тадбирҳои башардӯстона оид ба табодули асирони ҳарбӣ ва дастгиршудагон, Ашқобод, 21 июли 1996. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/243/64/IMG/N9624364.pdf? (санаи истифодабарӣ: 19.05.2023)
12. Изҳороти муштараки ҳайати ҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар натиҷаи даври музокироти байни тоҷикон дар Маскав аз 26 феврал то 8 марти соли 1997. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N97/067/39/PDF/N9706739.pdf? (санаи истифодабарӣ: 04/29/2023)
13. Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ва раиси Иттиҳодияи мухолифини тоҷик С. Нурӣ баъди мулоқот дар Маскав 23 декабри соли 1996. [Манбаи электронӣ]. URL: http://daccess-dds-ny.un.org/doc/UNDOC/GEN/N96/377/42/PDF/N9637742.pdf? (санаи истифодабарӣ: 05/19/2023).

**КОМИССИЯИ ОШТИИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ ФАЪОЛИЯТИ ФОРУМИ МАШВАРАТӢ**
**(дар мисоли муколамаи байни тоҷикон)**

Тавре ки таҷрибаи дипломатии равандҳои гуфтушунид шаҳодат медиҳад, бо мақсади муайян кардани мавқеи усулии тарафҳои мухолиф дар низоъҳои дохилисиёсӣ, ташкили механизми самараноки танзими даъвоҳои мавҷуда, барои бомуваффақият ба роҳ мондани раванди гуфтушунид муҳим аст. Зеро чунин ниҳоди танзимкунанда метавонад самаранокии кори гурӯҳҳои тамоскунандаро асос гузорад. Раванди гуфтушунид миёни тоҷикон маҳз бо чунин роҳ таъсиси Комиссияи оштии миллӣ – оғоз ёфт, зеро мавқеи тарафҳои мухолиф, ки аз ҳамдигар хеле дур буданд, бояд тадриҷан тавассути ташкили моҳиронаи машварат миёни онҳо наздик карда мешуд. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки пас аз таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ҷонибҳои мухолифи низои байни тоҷикон тавонистанд, ки ба созиш бирасанд ва қарорҳои мутақобилан судмандро қабул кунанд ва сулҳу суботро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Комиссияи оштии миллӣ, муколамаи байни тоҷикон, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ.

**КОМИССИЯ ПО НАЦИОНАЛЬНОМУ ПРИМИРЕНИЮ КАК МЕХАНИЗМ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ КОНСУЛЬТАТИВНОГО ФОРУМА**
**(на примере межтаджикского диалога)**

Как свидетельствует дипломатическая практика переговорных процессов, с целью определения принципиальных позиций противоборствующих сторон во внутриполитических конфликтах, создание эффективного механизма урегулирования имеющихся претензий является важным моментом для успешного налаживания переговорного процесса. Ибо такой регулятор может заложить надёжную основу плодотворной работы контактных групп. Межтаджикский переговорный процесс начался и шёл именно по такому пути – создание Комиссии по национальному примирению, поскольку позиции сторон, которые были очень далеки друг от друга, надо было сблизить постепенно посредством умелой организации консультаций. Таким образом, можно констатировать, что после создания Комиссии по национальному примирению противоборствующих сторон межтаджикского конфликта удалось достичь компромисса и принимать взаимоприемлемые решения, которые и обеспечили мир и стабильность в Республике Таджикистан.

**Ключевые слова:** Таджикистан, Комиссия национального примирения, межтаджикский диалог, «Об основных принципах установления мира и национального согласия в Таджикистане» и др.

**THE NATIONAL RECONCILIATION COMMISSION AS A MECHANISM FOR THE FUNCTIONING OF THE CONSULTATIVE FORUM**
**(on the example of the inter-tajik dialogue)**

As evidenced by the diplomatic practice of negotiation processes, in order to determine the principled positions of the warring parties in internal political conflicts, the creation of an effective mechanism for resolving existing claims is an important moment for the successful establishment of the negotiation process. For, such a regulator can lay a reliable foundation for the fruitful work of contact groups. The inter-Tajik negotiation process began and followed exactly this path – the creation of a National Reconciliation Commission, since the positions of the parties, which were very far from each other, had to be brought closer gradually through the skillful organization of consultations. Thus, it can be stated that after the establishment of the Commission for National Reconciliation, the warring parties to the inter-Tajik conflict managed to reach a compromise and make mutually acceptable decisions, which ensured peace and stability in the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** Tajikistan, National Reconciliation Commission, inter-Tajik dialogue, “On the basic principles of establishing peace and national harmony in Tajikistan”, etc.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нуриддинова Муниса Раймалихоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ, аспирант. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E–mail: **mili__95@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинова Муниса Раймалихоновна*** **–** Таджикский национальный университет, кафедра международных отношений, аспирант. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E–mail: **mili__95@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinova Munisa Raimalihonovna*** – Tajik National University, Department of International Relations, graduate student. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. E–mail: **mili__95@mail.ru**

## ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ

**УДК:1/14 (091)**

# КОНЦЕПЦИЯ ИСТОРИИ ПРОИСХОЖДЕНИЯ ИНГУШЕЙ: НОВЫЙ ПОДХОД

*Захидов О.Х.*
**Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики**

Считаем необходимым предложить концепцию, что ***скифы являются предками ингушей***. Для обоснования данной гипотезы необходимо отличить аутентичность ингушской культуры и артефактов, которые относятся только к ингушам, но не другим народам Кавказа. Для этого вначале обратимся к известному историку ингушей Е.И.Крупнову, который без сомнений пишет: «Позднейшие образцы ингушской материальной культуры – особый тип изящных боевых башен со ступенчатой пирамидальной крышей, женский парадный головной убор «кур-харс», особые женские серебряные и медные височные кольца и другие являются выражением сугубо индивидуальцых особенностей ингушской культуры. Эти черты не встречаются, например, в Северной Осетии» [9,с.55-56]. Е.И.Крупнов обращает внимание на такие артефакты, как боевые башни и женский головной убор «корхарс», однако необходимо отметить, что такие же головные уборы носили и мужчины-воины, которые имели длинные волосы. Согласно опросам некоторых ингушей (в этом деле мне оказал огромную услугу мой друг и однокашкин Умаров Магамед), еще в XVIII веке ингушские мужчины-воины носили кор-харс, покрывавший длинные волосы, которые очень напоминают скифов, о которых сообщает Лукиан, но не аланов. А если быть еще более корректным, то следует отметить, что дозороастрийское божество индоиранцев Митра также изображалось с корхарсом на голове, если обратить внимание на барельефы, относящиеся к древнеримскому периоду, когда бог Митра считался главным божеством римских легионов и на барельефах изображался как приносящий в жертву быка. Бог Митра и скифские воины носили головной убор, верхняя часть которого слегка выгнута вперед, и этот головной убор можно увидеть на всех скифских изображениях. А аланы носили прямой головной убор и короткие волосы.

К скифам относится и форма захоронения «каменный ящик», который имел четырехугольную форму размером в основном 2x1 метр. То, что каменный ящик является исключительно ингушской формой захоронения на Кавказе, доказывает факт, о котором в свое время сообщали Д.Ю.Чахкиев и Е.И.Нарожный [18,с.129-141]. Каменный ящик, найденный в селе Верхний Алкун, относится к XV веку, и там покоилось тело ингушского воина, по имени Телар. Такой же каменный ящик уже в другом месте Ингушетии обнаружили Е.И.Нарожный и В.Е.Нарожный, и он отличается тем, что поверх каменного ящика была грунтовая яма «коллективного погребения, «разложенного» на перекрытии нижерасположенного каменного ящика» [15,с.182]. Согласно данным археологии, коллективное захоронение и каменный ящик относятся к XIII-XIV векам [15,с.183]. То, что найденные артефакты, без сомнения, относятся к культуре ингушского народа – очевидный факт, только для правильного вывода необходимо было более детально проанализировать и найти параллели, которые могли бы пролить свет на обряд захоронения, который практиковался у алан, так как аланы хоронили покойников в катакомбах, или подбойных захоронениях. Следовательно, Телар был ингушским воином, который был захоронен по обычаю скифов, а не аланов. Данное захоронение находится в сердцевине ингушской колыбели – у входа в Ассиновское ущелье. Интересным является то, что каменные ящики XIII-XV веков являются очень близкими по времени к нашему веку, т.е. они могли сохраниться у ингушей начиная со скифского периода, т.е. почти 22 века, несмотря на то, что у них были солнечные могильники. Необходимо отметить, что захоронение в каменном ящике являлось привилегией прославленных выдающихся

воинов. Об этом сообщают историки, которые изучали захоронения в каменных ящиках эфталитов в Средней Азии. Так, А.К.Мирбабаев приводит выдержку: «Хроника Бейши писала, что «эфталиты умерших из богатых домов погребают в каменных склепах, а бедных зарывают в выкопанных могилах» [14,с.343]. Эфталиты были зороастрийцами, однако хоронили умерших из богатых домов таким же образом, как и скифы, в каменных ящиках, однако форма захоронения также меняется с изменением религиозных обычаев. Ингуши были последователями зороастрийской религии и поэтому предпочитали хоронить покойников в солнечных могильниках как в родовых склепах, однако иногда предпочитали хоронить в каменных ящиках храбрых воинов, погибших в бою, каким был Телар. На основе сравнения каменных ящиков XIII-XV вв., найденных на территории Ингушетии, а также у эфталитов и саков-массагетов, следует отметить, что такая форма захоронений была присуща не только скифам Кавказа, но и сакам, сакам-массагетам и эфталитам Средней Азии. Кроме того, «кор-харс» был головным убором ингушей, однако данный головной убор был присущ и скифам Средней Азии, а также бог Митра изображался с головным убором, который у ингушей называется «корхарс». Обычай носить «корхарс» также был присущ сакам, массагетам и скифам, что еще раз доказывает, что ингуши – это скифы. Получается, что таджики и ингуши имеют одни корни.

Захоронение в форме каменного ящика можно обнаружить и на территории Западной Ферганы. Так, историк и археолог Б.А.Литвинский сообщает, что на территории Ферганы начиная с первого тысячелетия до н.э. такая форма захоронения у саков-массагетов была обычной. Б.А.Литвинский называет их курумами. «Курумы по типу относятся к каменным ящикам» [12,с.149]. При описании курумов Б.А.Литвинский приводит в качестве примера два вида каменных ящиков: «Сама камера имеет в плане квадратную, прямоугольную, неправильно четырехугольную или овальную форму. Курумы различаются в части конструкции наличием или отсутствием входа… Курумы со входом имеют вход в восточной части камеры, причем он оформлен в виде коридора, пересекающего всю насыпь или ее часть. Иногда коридор понижается к концу насыпи. Его перекрытие состоит из очень крупных плоских каменных плит» [12,с.153]. Также каменные ящики находили на территории Худжанда в Таджикистане, о чем сообщают археологи. «Саки Худжандской области, уже принявшие зороастрийскую религию, и исконные жители Курката в VI-V вв. до н.э. хоронили своих умерших в каменных склепах» [1,с.121]. Историки предполагают, что каменные склепы (вырытые на склоне реки шурфы) относятся к этнической истории таджиков, правильно считая их нашими предками, говорящими на индоевропейском языке. Однако и ингушские историки также должны были определиться с такими историческими артефактами, как корхарс, каменный ящик, олений мотив в искусстве, которые практиковали скифы, прибывшие из Средней Азии еще до того, когда племена аланов проникли на Кавказ. Нет сомнения, что аланы не скифы, а культурные артефакты, о которых идет речь, относятся, как отмечает Е.И.Крупнов, исключительно к ингушам. Предками ингушей являются саки-массагеты, скифы, которые заселяли огромную территорию не только на Кавказе, но и начиная с Тувы и далее на запад.

Ингуши являются наследниками скифов, а не аланов. На это есть достаточные основания, если учитывать обычаи скифов, которые описал римский историк Страбон. Страбон пишет: «Как говорят, в горах над Албанией обитают амазонки. Феофан, который сопровождал Помпея в походе и посетил страну албанцев, рассказывает, что скифские племена гелов и легов живут между амазонками и албанцами и что в этой стране протекает река Мермадалида посредине между этими племенами и амазонками» [11,с.190]. Согласно В.Б.Виноградову, река Мермадалида в настоящее время называется Тереком, так как далее Страбон сообщает, что амазонки являются соседями гаргарейцев [11,с.190]. Гаргарейцами, о которых идет речь в «Географии» Страбона, согласно предположению Е.И.Крупнова, являются нынешние ингуши. Однако Р.С.Плиев достаточно прямо заявляет: «Многие кавказоведы отождествляют гаргареев с предками

нахов»[16,с.30]. Коль это так, то следует отметить, что не только «гаргарей» является ингушским словом и переводится как «сосед, близкий, родной», но также следует отметить, что скифские племена гелов и легов жили по соседству с амазонками. Гаргарейцы, леги и гелы – это скифы, но если «гаргар» достаточно известное слово, которое содержится в ингушском языке, то названия скифских племен гелов и легов требует объяснения.

Скифское племя гелов следует объяснить согласно обычаю, когда имя племени определялось согласно их тотему или божеству. Так, например, мирмидонцы под командованием Ахиллеса воевали против троянцев, а перевод именования племени Ахиллеса с греческого означает «муравей», т.е. мирмидонцы в качестве тотема почитали муравья и поэтому их так называли. По аналогии с древним обычаем называть племена согласно их божествам, можно определить гелов как народ, почитающий бога Солнца, так как Гал является одним из главных божеств в пантеоне ингушской теологии и означает Солнце, а слово «гай» сохранилось в латинском языке в значении «народ, парень, мужчина», а женщин они называли «гайя». Так что слово «галгай» буквально можно перевести как «народ Солнца». В древнеарийском и даже в древнегреческом языке Солнце называется Гелиос, отсюда и название гелия как основного газа, из которого состоит Солнце. То, что Гал был важным божеством для ингушей, также отмечает П.Х.Акиева: «О довольно длительном почитании этого божества говорит в первую очередь тот факт, что его имя упоминается «еще в 1810 году в договоре ингушей с русскими»» [2,с.220]. В этом фрагменте просматривается очень интересный вывод: после подписания договора с русскими ингуши клянутся именем бога Гала, а не именем Дьяла, которого современные этнографы и историки Ингушетии считают главным божеством. На наш взгляд, все-таки бог Солнца для ингушей был главным богом, так что даже при подписании важнейшего документа шесть главных родов ингушей клянутся именем Гала. Поэтому этноним данного народа можно объяснить как почитатели бога Гала, народ бога Солнца – «Галгай». Поэтому, если Страбон говорит о гелах, которые являются скифами, а для скифов Солнце является одним из их божеств, которое переходит в зороастризм и становится символом Ахурамазды, то ингуши на Кавказе могли считаться скифами, гелами, народом бога Солнца, но никак не аланами.

Гелы и гаргарейцы – это одно и то же племя, так как эти скифские племена жили рядом с амазонками. Однако предстоит познакомиться с традициями амазонок, у которых весной были два особых месяца, когда они поднимались в горы для совершения жертвоприношений. Вот как это описывает Страбон: «Весной у них есть два особых месяца, когда они поднимаются на соседнюю гору, отделяющую их от гаргарейцев. По некоему стародавнему обычаю и гаргарейцы восходят на эту гору, чтобы, совершив вместе с женщинами жертвоприношения, сойтись с ними для деторождения; сходятся они тайком и в темноте, кто с кем попало; сделав женщин беременными, гаргарейцы отпускают их домой. Всех новорожденных женского пола амазонки оставляют у себя, младенцев же мужского рода приносят на воспитание гаргарейцам» [11,с.190]. Гора, на которую поднимались амазонки, в данный момент находится на территории Ингушетии. Например, Р.С.Плиев считает, что «гора, на которой они в течение столетий ежегодно встречались, известна старейшим жителям Горной Ингушетии. Она носит название, которое из соображений этического характера передать в настоящей работе в подлинном звучании не представляется возможным. Смысловое и чрезвычайно «приглаженное» его содержание можно передать в виде: «Там, где виден женский срам»» [16,с.93]. Р.С.Плиев также сообщал, что Страбон утверждал о прибытии гаргарейцев и амазонок из Темискиры, избегая войн. Сам топоним Темискира, согласно Р.С.Плиеву, является древним нахским словом: «*Темискира* Страбона - это застывшая нахская форма исходного падежа древнего топонима *Тамиска.* Он поддается достоверной этимологизации на основе нахского лексического материала» [16,с.90]. Он также напоминает, что на территории Северной Осетии находится курортное место возле села Тамиска, которое, по всей

вероятности, могло быть тем самым местом, о котором говорил Страбон. Однако следует обратить внимание на обычай амазонок оставлять детей женского пола у себя, а мальчиков отдавать мужчинам. Данная традиция является древней традицией родоплеменных отношений: когда рождается мальчик, он считается родственником по мужской линии, а девочки остаются с матерями и принадлежат другому роду. Такой обычай появился потому, что родоплеменные отношения не позволяли вступать в брак внутри рода, но только вне рода и поэтому у племен, живуших в период высокого варварства, раз в год или, на примере гаргарейцев и амазонок, два раза в год молодые люди из разных племен вступали в имтимные отношения для деторождения. Такую традицию можно было наблюдать у славянских племен в ночь Ивана Купалы.

Традиция подъема на гору существовала у скифов, согласно Страбону, очень давно. Как пишет Р.С.Плиев: «На вершине горы женщины приносили в жертву языческим богам домашний скот, пиршествовали. Большую часть дня проводили в вакхических танцах вокруг фаллического памятника. Такого рода обряд мог существовать до IX-X вв. н.э., то есть до начала проникновения христианства в Горную Ингушетию из Грузии» [16,с.92]. Однако нельзя согласиться с точкой зрения Р.С.Плиева о завершении данной традиции с приходом христианства. Хотя христианство пришло в среду ингушей, но они так и остались последователями своей древней религии – зороастризма. Важнейшими элементами поднятия в гору является почитание богини Тушоли и фаллический памятник, который существует до сих пор близ ингушского села Кок [9,с.47] и считается архитектурным памятником, который по сегодняшний день посещают бездетные женщины в надежде обрести ребенка.

Солнечное божество Гел/Гал - это корневое слово для определения смысла слова «галгай», которое переводили как «люди башни». Однако, как было отмечено выше, по старой традиции людей согласно их роду определяли по их божеству и поэтому «галгай» переводится как люди, поклоняющиеся богу Солнца Галу. Поэтому следует переводить слово «галуан» не просто как башня, а как «башня людей, поклонящихся Солнцу», потому что в главных боевых башнях помещали солнечный символ Фраваши, зороастрийский символ, повернутый головой на юг, по направлению к восходу Солнца. Например, на башне в Эгикале, на башне села Эзми, на фасаде святилища Долте у села Карт имеются одинаковые символы [9,с.60, рис.№12;с.68, рис.№20;]. Эти символы сами ингуши объясняют как человека, приглашающего путника в гости. Однако такое объяснение не отвечает реальному смыслу данного символа. На самом деле это зороастрийский символ, если его правильно понимать, так как он повернут лицом на юго-восток. Раскинутые по сторонам «руки» означают крылья, а две «ноги» на самом деле ангелы добра и зла: Спантоман и Ахриман. Ведь именно символ Солнца был одним из главных смыслов для религиозных людей в Ингушетии до прихода ислама. Необходимо сказать, что древней религией ингушей был зороастризм, который проник на Кавказ с приходом скифов. В качестве примера можно привести не только скифские курганы, но и погребальные каменные ящики и солнечные могильники. О каменных ящиках следует заметить, что они были построены согласно канонам зороастризма, когда тело усопшего не должно было касаться земли, и для этого пол в каменном ящике был устлан каменными плитами. Об этом сообщает Б.А.Литвинский. Но следует отметить, что и солнечный могильник был построен по всем канонам зороастризма.

Если обратить внимание на дахмаки (это шурфы, вырубленные в склонах над рекой) в местности Куркат Согдийской области Таджикистана, которые были исследованы в 70-80-е года XX века А.К.Мирбабаевым, то они тоже выстроены согласно канонам зороастризма. Сами дахмаки имеют четырехугольную форму разного размера с входом размером 70х120 см, отличается отсутствием дромоса, но камерой размером, например, 7,5х7,5х2,2м. «В глубине торцовой стены вырублена широкая и высокая суфа (1,45х1,25м)» [14,с.329]. На эту суфу укладывали покойного и после того, как кости оголялись, их укладывали в отдельном месте внутри камеры. «Одна из особенностей

куркатских дахмаков заключается в том, что они всегда стояли открытыми, обдувались ветром и были постоянно доступны обслуживающему персоналу, родственникам…Следует также особо отметить такую важную деталь дахмаков Курката, как их ориентировку на юго-восток, обеспечивающую максимальное ускорение разложения трупа и просушку» [14,с.343]. В последнем фрагменте отмечается ориентация входа в дахмак на юго-восток, однако предполагается, что здесь нет чисто утилитарного подхода, как пытается объяснить А.К.Мирбабаев, а скорее потому, что зороастрийцы во время молитвы ориентировались на запад, поворачиваясь лицом в сторону заката Солнца, а во время похорон голова усопшего ориентировалась на юго-восток, по восходу Солнца. В некоторых дахмаках, согласно исследованиям А.К.Мирбабаева, было найдено до двухсот костяков и самые древние дахмаки относятся к V-IV векам до н.э. Некоторые использовались даже после прихода ислама в Среднюю Азию, т.е. до начала I тысячелетия н.э. А.К.Мирбабаев, изучая дахмаки Курката, проводит параллель между ними и солнечными могильниками Ингушетии [14,с.343-344].

Что касается нуминозного опыта, который обосновал Рудольф Отто,то он всесторонне объяснил его при объяснении понятий «святое и мирское». Нуминоз - латинское слово означает «сверхъестественное», трансцендентальное существо, каким является Бог. Это существо, которое притягивает верующего и отделяет от объекта верующего. Это два противоположных качества нуминозного отражаются в его чувствах. В исламской религии это отражение величия Бога и любви к нему, и эти чувства иногда бывают до такой степени сильными, что вызывают у верующего нечто вроде психического расстройства, страх, ничтожество. С другой стороны, чувство, которое способствует повышению энергии верующего. Оно отражается в фанатизме, экстремизме и сильной любви своему Богу. Например, к радикализму, джихаду и др. в исламе относится эта особенность. Шестым видом такого опыта является мистический, в исламе ирфанский опыт. Этот опыт имеет некоторые особенности, в частности, абсолютная чувственность к абсолютной реальности. Чувство освобождения от временных, пространственных и индивидуальных ограничений, чувство соединения, радости, успокоения. Эти состояния притягивают внимание исследователей религии.

Все это доказывает, что религия имеет чувственное и опытное происхождение. Исходя из чего, многие религиоведы занимаются раскрытием психологических основ религии. Но это не исключает разработки других основ религии, в частности, прагматической, феноменологической, гносеологической и философской.

**Рецензент: Нурухак Камар – к.ф.н., профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Heard Q.C Mystical and Experience. Mercer University prees. 1985.
2. Абу Зайд Балхи. Пища для души. –Тбилиси, 2019.
3. Анвар- ул- Коран. Перевод и комментарии Абдуррауфа Мухлиса. -Тег.1385 (2006). -Т.2.
4. Данный комментарии составлен на основе трёх комментариев: Фатх-ул- кадир Имама Шавнони,.Тафсир ибн Касира Димишки, Тафсир ал- мунир Вахба Аз –Зухайли.
5. Джеймс У. Многообразие религиозного опыта / У.Джеймс. - М.,1993. -С.61 а также Кьеркегор С. Страх и трепет.-М.,1993.
6. Ибн Сина. Канон врачебной науки. Книги 1-5. -Ташкент, 1957, 1966;.2-ое издание. -Ташкент, 1979-1983.
7. Ибн Сина. Освещение // Абуали Ибн Сина. Избранные произведения. –Душанбе, 1980. - Т. 1.
8. Ибн Халдун. Мукаддима. –Каир, 1972. -Т.1.
9. К.Маркс. Ф.Энгельс. Соч. Т9.
10. Коран;7,34
11. Костылев П.Н. Кораническая антропология: основные аспекты / П.Н. Костылев. - М.,2015.
12. Лебон Густав. Психология народов и масс. С комментариями и объяснениями / Л. Густав. -М. 2020.
13. Религия как социокультурный феномен. Введение в культурологию. -М.,1993.
14. Шлеймахер Ф.Д. Речи о религии к избранным людям, её презирающи. Монлоги./Ф.Д. Шлейермахер. – СПб: Альт,1994.
15. Шибли Нуъмани. Таърихи калом. –Тегеран, 1387.


**ПСИХОЛОГИЗМИ ДИНИ ИСЛОМ**


Дар мақола хусусияти психологии дини ислом дар асоси сарчашмаҳои динӣ ва гуфтаҳои дину фалсафа баррасӣ шудааст. Азбаски ислом дар ибтидои пайдоиши худ хусусияти маишӣ дошт, бештар ба психология алоқаманд буд. Аз ин ҷо, дар он ба масъалаҳои психологӣ бештар эътибор дода шудааст, на ба масъалаҳои назариявӣ. Дар ин бора сарчашмаҳои динӣ-Қуръон ва аҳодис ба хубӣ шаҳодат медиҳанд. Дар Қуръон оятҳои зиёде омадааст, ки аффектҳои гуногуни психологиро ифода мекунанд. Муҳимтарин мафҳуме, ки раванди психолгиро ифода мекунад, нафс мебошад. Дар Қуръон аз намудҳои гуногуни нафс ёд шудааст, аз ҷумла, нафсул аммора, нафсуллавома, нафсулмутмаинна ва ғайра. Ҳар кадом аз ин нафсҳо ҳолатҳои гуногуни равонии инсонро ифода мекунанд. Илова бар ин, тасвири даҳшатноки дӯзах тарсу ваҳмро дар дили диндор меандозад. Ҳамчунин, ҳадисҳои Пайғамбар низ, ин даҳшатро барои гунаҳкорон зиёд мекунанд. Доир ба хусусияти психологӣ доштани ислом мутафаккирони гузашта андешаҳои зиёд баён кардаанд, аз ҷумла файласуфони машшоӣ Форобӣ, Ибни Сино, Насируддини Тӯсӣ ва дигарон. Унсурҳои эҳсосоти манфӣ нисбат ба мусбат хеле бештар аст, ки аз яҳудия ба ислом гузаштааст. Дар баробари нафс мафҳуми дигаре, ки психологизми исломиро тақвият мебахшад, қалб аст. Мафҳуми «қалб» дар Қуръон бештар 130 бор номбар шудааст, ки ҳолатҳои гуногуни равониро дар бар мегирад, аз ҷумла тасвири манфии аксиологӣ, тасвири мусбии аксиологӣ, тарс, худотарсӣ, устуворӣ ва раҳмдилӣ, раванди трасформатсияи қалб, майл ба неруи фавқуттабиӣ, пайванди қалб бо эътиқод ва ғайра. Таълимоти ислом ба он равона шудааст, ки эҳсоси

диниро зотӣ ва худодод медонад.Ҷиҳатҳои гуногуни ин ақида дар мақола нишон дода шуда мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст.

**Калидвожаҳо:** психологизм, эҳсосоти динӣ, тарс, ваҳм, даҳшат, эҳсоси мусбии динӣ, неруи фавқуттабиа, ҷаннат, дӯзах, ваҳй, ғайб, башорат, ҷон, нафс, нафси аммора.


## ПСИХОЛОГИЗМ ИСЛАМСКОЙ РЕЛИГИИ

В статье обсуждаются психологические особенности исламской религии. Особое внимание уделяется проявлениям психологических явлений в исламе, которые исходят из особенностей самой исламской религии, в частности из её бытового характера, неразвитости её теоретических основ, сложности и многообразии её обрядности и др. Эти особенности связаны с социально-историческими условиями и культурным развитием периода возникновения ислама, а также с родоплеменными традициями арабов. Психологизм ислама отражен в святых текстах- Коране и Сунне. В Коране достаточно много аятов об ужасах ада, которые вызывают у верующих страх и трепет. Идея о душе(нафс) является основным понятием, отражающим суть психологического учения Корана. Об этом в статье приводится достаточно много примеров. Можно сказать, что ислам был направлен на внедрение в бытовой жизни арабов психологических чувств, переживаний новой монотеистической религии, вместо страха через идолов переживание страха перед всемогущим Аллахом. На психологизм ислама указали представители перипатетической философии, в частности Фараби, Ибн Сина, Туси и другие. В исламе духовный характер зависимости от бога выражается в поклонении и благоговении, в страхе и трепете. Создаваемое исламом психологическое состояние может привести к тому, что у него сознательная личность и совершает поступки, которые иногда находятся в противоречии с его личным характером, сверхъестественное и чудесное встречаются в нем в одинаковой степени. Подробно анализированы и другие вопросы психологизма ислама.



**Ключевые слова:** психологизм, страх, радость, утешение, трепет, психологический процесс, душа, перипатетизм, верховное существо, гипостаризированное существо.



## PSYCHOLOGISM OF THE ISLAMIC RELIGION

The article discusses the psychological features of the Islamic religion. Particular attention is paid to the manifestation of psychological phenomena in Islam, which comes from the peculiarities of the Islamic religion itself, in particular from its everyday character, the underdevelopment of its theoretical foundations, the complexity and diversity of its rituals, etc. These features are associated with the socio-historical conditions and cultural development of the period of emergence Islam, as well as the tribal traditions of the Arabs. The psychologism of Islam is reflected in the holy texts - the Koran and the Sunnah. There are a lot of verses in the Qur'an about the horror of hell, which cause the believers to fear and tremble. The idea of the soul (nafs) is the main concept reflecting the essence of the psychological teachings of the Qur'an. There are quite a few examples of this in the article. It can be said that Islam was aimed at introducing psychological feelings into the everyday life of the Arabs, experiencing a new montheistic religion instead of fear through idols, experiencing fear of the almighty Allah. The psychologism of Islam was pointed out by representatives of peripatetic philosophy, in particular Farabi, Ibn Sina, Tusi and others. In Islam, the spiritual nature of dependence on God is expressed in worship and reverence, in fear and trembling. The psychological state created by Islam can lead to the fact that he has a conscious personality and does things that are sometimes contrary to his personal character, the supernatural and the miraculous are found in him to the same extent. Other questions of the psychologism of Islam are also analyzed in detail.



**Key words:** psychologism, fear, joy, consolation, awe, psychological process, soul, peripateticism, supreme being, hypostarized being.



**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Кадиров Абдугани Бузрукович-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи диншиносӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **929045858**

**Сведения об авторе:** ***Кадиров Абдугани Бузрукович-*** Таджикский национальный университет, кафедра религиоведения, соискатель. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: **929045858**

**Information about the author:** ***Kadirov Abdugani Buzrukovich-*** Tajik National University, Department of Religious Studies Competitor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue 17.
Phone: **929045858**

ТДУ: 297

# АНДЕШАҲО ОИД БА ҲАСТӢ ВА ТАФАККУР

***Каримов А.А.***
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Онтология ҳамчун таълимот дар бораи сохторҳои ниҳоии бунёдии ҳастӣ фаҳмида мешавад. Дар аксари анъанаҳои фалсафӣ таълимот дар бораи ҳастӣ, гарчанде ки инъикоси мавҷудияти табииро дар бар мегирад, бо вуҷуди ин, танҳо ба он маҳдуд нест. Онтология аз ибтидо ҳамчун як навъи дониш амал мекунад, ки нисбат ба илмҳои эмпирикӣ меъёрҳои табиӣ надорад. "Вай бояд аз ҳуқуқи худ барои сохтани тасвири олам тавассути инъикоси ақоиди оқилонаву рефлексивӣ дифоъ кунад" [5, с.6].

Дониши ба туфайли тафаккур бадастомадаро бе назардошти меъёри беруна, ки вобастаи чизе нест, асоснок ҳисобидан мумкин нест. Ин меъёр метавонад танҳо худи ҳастӣ бошад, яъне он чизе, ки дар асл вуҷуд дорад, бар хилофи падидаҳо ва ашёи хаёлии инсон. Аммо суоле ба миён меояд, ки зери мафҳуми ҳастӣ (мавҷуд будан) чӣ дар назар гирифта мешавад? Омилҳои зерин ин масъаларо бозгӯ мекунанд:

-ҷустуҷӯйи сохторҳои устувори вуҷуд, моҳияти ашё (ҷавҳар);

-омӯзиши робитаи бунёдии ашё ва андешаҳо дар бораи ҳамин ашё ё ба ибораи дигар, муносибати байни ҳастӣ ва тафаккур.

Дар фалсафаи Юнони қадим масъалаи моҳияти ҳастӣ ҳамчун роҳи ҳалли масъалаи «ҳама чиз аз чӣ иборат аст» шарҳ дода мешуд. Дар асл, ин коҳиш додани мафҳуми модда ба субстрати моддӣ мебошад. Асоси мавҷудияти табиӣ дар ин ҷо ба принсипҳои одӣ ва фаҳмо ё як гурӯҳи принсипҳое асос ёфтааст, ки аз олами моддии атроф гирифта шудаанд. Аз ин унсурҳои асосии субстрат баъдан тасвири умумии он сохта мешавад [8,с.19].

Маълум аст, ки ин гуна андешаҳоро намояндагони мактаби милетӣ ифода намуда, ин ё он унсурҳои табииро ҷавҳар эълон карда буданд. Масалан, Фалес «обро ибтидои ҳама чиз медонист [11,с.101]. «Сарчашмаи ин фарзия, ки Фалесро асосгузори анъанаи материалистӣ гардонид, натиҷаи мушоҳидаи ӯст – ҳастии ҳама чиз аз об аст ва «ҳама чиз бо он вуҷуд дорад ва бо он зиндагӣ мекунад», «чун ҳама чиз аз он бармеояд, нахустмабдаъ, ибтидои ҳама чиз ҳамон аст» [1,с.71]. Худи ҷавҳари моддӣ ғайрифаъол аст ва барои ба ҳаракат даровардани он нахуст қуввае лозим аст, аз ин рӯ, олам дар назари Фалес зинда ва пур аз неруҳои илоҳӣ аст.

Дар ҷустуҷӯйи нахустмабдаъ нахустфарзияҳои онтологӣ рӯ ба гносеология овард. Дар ҳамин давра ақидаҳои бештар абстрактӣ, дар бораи асосҳои субстансиалии олам пайдо шуданд, ки бо дарки ҳиссӣ алоқаманд набуданд. Масалан, Анаксимандр (донишҷӯйи Фалес) дар бораи апейрон сухан меронад, ки он тавассути унсурҳои дигар муайян карда намешавад ва як навъ тамомият ё бутунии универсалӣ ва тақсимнашавандаро ифода мекунад. Қисмҳо ва унсурҳои объект тағйир меёбанд, аммо тамомияти он бетағйир мемонад. Апейрон доимо дар ҳаракат буда, асоси олам фаҳмида мешуд.

Анаксимен (шогирди Анаксимандр) далел оварда буд, ки асоси ҳама чиз ҳаво аст, «зеро аз он ҳама чиз тавлид мешавад ва боз дар он таҷзия мешавад» [8,с.134]. Гераклит оташро унсури аввалиндараҷаи олам медонист; ҳама чиз танҳо «эквиваленти мубодилаи оташ аст - аз он аз камшавӣ ва конденсатсия ба вуҷуд меояд» [8,с.177]. Эмпедокл оламро на ба як, балки ба якчанд унсурҳо, яъне «замин, оташ, нафаси ҳаво, намӣ» [8,с.338] асос кардааст. Анаксагор дар унсурҳои табиӣ ҷустани нахустмабдаи оламро намепазирад. Ӯ изҳор медошт, ки нахустмабдаъ як ё якчанд набуда, шумораи беохир дорад. Онҳо зарраҳои хурдтарини ҳамон ашё ва ё падидаҳоро иҳота мекунанд.

Дар ҷустуҷӯйи заминаи муҳимми ҷавҳари олам атомизми Демокритус ва Ледкипп мақоми баланд дорад. Консепсияи атомистии онҳо ҳамчун анъанаи

материалистӣ ба вуҷуд омадааст, аммо нисбат ба фарзияҳои дар боло зикршуда, ба фаҳмиши амиқтар асос ёфтааст. Асоси ҳама чизро ҳамчун принсипҳои моддӣ (атомҳо) эътироф намуда, аз имконияти дарки эҳсосии онҳо дур мешавад.

Аммо ин масъала ба тарзи моддигароёна шарҳ ёфта, категорияҳои ҳастӣ ва нестӣ на танҳо ба тартиби ақлгароёна (дар натиҷаи танҳо «тахмини» рефлексивӣ), балки аз ҷиҳати табиӣ тафсир мешаванд. Атомҳо (ҳастӣ) ба мутазоди худ – холигӣ (нобудӣ) муқобил гузошта мешаванд. Мутаносибан, мавҷудияти нестӣ ҳамчун як холигии ҷисмонӣ, фазои холӣ эътироф карда мешавад. Хало як навъ шарти ҳамаи равандҳо, як навъ макони ҳодисаву падидаҳост. Пайдоиши ашё маҷмуи муайяни атомҳо ва нобудшавии ашё тақсим шудани онҳо ба атомҳо мебошад. Атомҳо дорои хосиятҳои дохилӣ ё мавҷудиятӣ (тақсимнопазирӣ, зичӣ, ҷовидонӣ, тағйирнопазирӣ ва ғ.) ва берунӣ мебошанд. Дар ин ҷо плюрализми материалистӣ пайваста ба амал меояд, зеро шумораи ин шаклҳо беохир буда, гуногунии бепоёни ҳодисаҳоро муайян мекунад. Ҳастии олам ҳамин гуна пешниҳод мешавад, ки дар он ба вуҷуд омадан ва таназзул, ҳаракат ва касрати ашё имконпазир аст. Асосҳои бамиёнгузоштаи атомчиён бояд характери универсалӣ дошта бошанд ва бинобар ин ҳамаи ҳодисаҳоро, аз ҷумла ҳодисаҳоеро, ки табиати бевоситаи физикӣ надоранд, шарҳ диҳанд.

Масалан, "ҷон ҳам маҷмуи атомҳои муайян аст. Дар асоси консепсияи атомистӣ ходисаҳои биологӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ шарҳ дода мешавад" [7, с.13]. Аҳаммияти атомизм мақоми муайяне дошт ва табииёти Нютон, баъдан, ба ин принсипи фалсафӣ асос ёфтааст.

Барои ҷамъбаст кардани ҷанбаҳои муайяншудаи рушди фалсафа, дар замони қадим, метавон гуфт, ки ҳамаи файласуфон ҳамчун натуралистон ё табиатшиносон амал мекунанд, зеро таълимоти онҳо, оид ба шарҳи олам, метафизикӣ набуда, андозагирии фалсафию рефлексивӣ надорад. Аз ин рӯ, он ҳамчун таълимоти материалистӣ маънидод карда мешавад.

Албатта, об, оташ ё дигар унсурҳое, ки принсипҳои ибтидоӣ ҳисобида мешуданд, унсурҳои физикӣ набуда, балки танҳо тасвирҳои махсуси фалсафӣ буданд. Онтологияи инкишофёфта ва пайваста (ва мутаносибан, метафизика) ҳатман фалсафаи табиатро (ё ба маънои васеи космология) дар бар мегирад.

Самти дигари фалсафаи аввали юнонӣ на бо ҷустуҷӯйи натурфалсафӣ барои принсипҳои моддии бунёдии ҳастӣ, балки бо инъикоси муносибати ҳастӣ ва тафаккур алоқаманд аст.

Омилҳои нуктаҳои «бархӯрд»-и ҳастӣ ва тафаккур, инчунин афкоре, ки иртиботи ҳамдигарии онҳоро инкор мекунанд, хеле зиёд буданд, вале муҳимтарини онҳо таълимот дар бораи ҳастии файласуфи Юнони қадим Парменид буд. Фалсафаи Парменид як навъ гузариши бунёдӣ аз андешаҳои мушаххаси физикӣ, дар бораи табиат, ба бунёди метафизика аст, ки ба таври рефлексивӣ ба унсурҳои тафаккури эҷодӣ рӯ меорад. Дар ин ҷо тафаккур бори аввал, бо ҷорӣ намудани шартҳои мувофиқи метафизикӣ худро ба мавзуи тадқиқоти систематикӣ табдил медиҳад. Парменид худи категорияи «ҳастӣ»-ро ба истилоҳи фалсафӣ ворид намуда, тафаккури метафизикиро, аз баррасии моҳияти табиии ашё ба сатҳи омӯзиши моҳияти идеалии онҳо табдил медиҳад.

"Истилоҳи «метафизика», аслан барои Арасту номаълум буд; ин неологизми нoшири Арасту Андроникоси Родос аст. Ӯ китобҳои воқеии фалсафии Арастуро пас аз китобҳои физика ҷой дод ва намедонист, ки онро чӣ номад, аз ибораи «он чизе, ки пас аз физика» (та мета та фю- сика) артикли та-ро партофта, якҷоя кард ва вожаи «метафизика» ба даст омад. Метафизикаи Арасту аз қисматҳои гуногун, ки дар замонҳои гуногун навишта шудаанд, ба таври стихиявӣ ташаккул ёфтааст" [13, с.18].

Метафизика ҳамчун як намуди махсуси афкор ба вуҷуд меояд, ки ба «худсобиткунии» ақлгароёнаи имконият ва иддаои фалсафа, барои ба миён гузоштани фаҳмиши худ дар бораи олам, тавассути инъикоси ратсионалӣ-рефлексивӣ, нигаронида шудааст [9, с.7].

Метафизика ба таҳқиқи моҳияти ҳастӣ нигаронида шуда буд ва дар замони қадим, дар ду самт амалӣ мешуд: онтологӣ ва гносеологӣ, ки ягонагии мухталифи онро ташкил медиҳанд. Файласуфон моҳияти ҳастии табииро таҳқиқ намуда, кӯшиш мекарданд нахустмабдаъро муайян кунанд, ки ба он тамоми гуногунии ҳастӣ дохил карда мешавад. Ин хатти субстансиалӣ-онтологӣ буд, ки бо ҷустуҷӯйи сохторҳои устувори ҳастӣ, моҳияти ибтидоии ашё алоқаманд буд. Файласуфон, дар ин масъала, бештар ҳамчун табиатшинос (физикҳо) ё файласуфони табиатшинос андеша меронданд.

Файласуфон нахустсababи оламро ҷустуҷӯ мекарданд, онҳоро ҳамчун моҳият (ҳам моддӣ ва идеалӣ), ки дар зери он қарор доранд, мефаҳмиданд. Онтология дар ин маврид, дар шакли таълимот дар бораи сохторҳои ниҳоии бунёдии ҳастӣ собит шудааст. «Фалсафа даъво мекард, ки он чизеро дарк мекунад, ки аслан предмети таҷриба шуда наметавонад. Аз ин рӯ, масъалаи ҳалкунанда барои худсобиткунии фалсафа ин буд, ки оё тафаккур, новобаста аз таҷриба, ҳақиқати объективӣ ва умумимаъноро ошкор карда метавонад?» [5, с. 6].

Ҳамин тариқ, ба фалсафа хусусияти дониши ниҳоӣ дода мешавад, ки он метавонад танҳо худшиносӣ ва худсобиткунии ақли инсон бошад. Ҳастӣ ҳамеша ҳаст, ҳамеша вуҷуд дорад, он ҷудонашаванда ва беҳаракат аст, комил аст. Ин Худо ё материя нест ва бешубҳа ягон субстрати мушаххаси табиӣ (ҷисмонӣ) нест. Ин чизест, ки танҳо ҳамчун фалсафаи воқеӣ, дар натиҷаи кӯшиши ақлӣ, ба тафаккури мо дастрас мегардад. Маҳз аз ҳамин лаҳза, фалсафа ҳамчун тафаккури мавҳумии метафизикӣ худро муаррифгар мешавад.

Баъдан файласуфон масъалаи олами ҳастӣ ва тафаккур, ҳастӣ ва ақоид дар бораи ҳастиро ба миён мегузорад. "Аввал, ӯ имкониятҳои мантиқии таносуби категорияҳои ҳастӣ ва нестиро таҳқиқ намуда, як қатор таноқузҳоро ошкор мекунад. Агар мо нестиро эътироф кунем, он ҳатман вуҷуд дорад. Агар ин тавр бошад, пас ҳастӣ ва нестӣ олам мешаванд, аммо ин ихтилофи назар мешавад. Агар ҳастӣ ва нестӣ олам набошанд, пас ҳастӣ вуҷуд дошта, нестӣ вуҷуд надорад. Аммо чӣ тавр дар бораи чизе, ки вуҷуд надорад, метавон андеша ронд? Ва Парменид ба хулосае меояд, ки ин ихтилофи назар қонуни манъи зиддиятро таҳия мекунад" [14, с.152].

Аммо дар ин маврид масъала ба сатҳи ҳалли масъалаи муносибати байни ҳастӣ ва тафаккур мегузарад. Тафаккур ва ҳастӣ, ба андешаи Парменид, ба ҳам мувофиқанд, аз ин рӯ, "тафаккур ва ҳастӣ як аст" ё "тафаккур дар бораи ашё ва предмети тафаккур ҳарду як маънӣ аст" [14,с.152]. Инро метавон ҳамчун далел фаҳмидан мумкин аст, ки ҳастӣ ва тафаккур ҳам ҳамчун раванд ва ҳам дар натиҷа оламанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи Парменид, бо ҳастӣ асли воқеияти мавҷудияти олам, ки ҳамзамон дониши воқеан мавҷуда аст, алоқаманд мегардад.

Ӯ байни айнияти одии дониши ҳақиқӣ ва ҳастӣ ва "айният бо тафовут" дар ҳоле фарқ мекунад, ки дар байни онҳо мувофиқати комил вуҷуд надорад. Ин маънои онро дорад, ки дониш низ дар дохили худ хосиятҳои субъекти даркшавандаро дар бар гирифта, хусусияти тафаккури ҷамъбастиро ифода мекунад. Хулосаи Парменид дар бораи беҳаракатии ҳастӣ, мутафаккиронеро, ки мавқеи универсалии инкишофи ҳастӣ, олам ва ғайраро ҷонибдор будаанд, ихтилофназар намудааст.

Ҳастӣ натиҷаи тафаккури мантиқӣ аст, ки дар он набояд ҷойи баёнияҳои зиддиятнок бошад, яъне шинохти ҳастӣ ва воқеияти вуҷуди он мавҷудияти нестиро манъ мекунад. Дар навбати худ, ҳама гуна тағйирот ва тақсимот сабаби аз байн рафтани мавҷудот мегардад. Агар ҳастӣ қодир ба тағйирёбандагӣ бошад, пас он бояд дар ягон марҳала аз байн равад. Гузашта аз ин, дар чизе нопадид шудан, яъне дар нестӣ, ҳамсони дар ибтидо аз нестӣ таҳаввул кардан аст. Дар ин мавқеъ, ҳастӣ набудани нестиро инкор намесозад. Аз ин рӯ, ҳастӣ ягона ва беҳаракат аст, дар он тафовути ботинӣ, аз ҷумла тафовути гузашта ва оянда нест. Ин хулоса, аслан, нишон намедиҳад, ки мавқеи Парменид зидди диалектикист. Парменид умумияти ҳаракатро дар таълимоти худ, дар бораи тағйирпазирии абадии кайҳон мутлақ пешниҳод карда,

бо Гераклит мубоҳиса намуда, муътакид мешавад, ки он чи воқеан вуҷуд дорад, пеш аз ҳама, ба идроки ҳиссӣ дода мешавад ва андешаи вуҷуд доштани ҳастиро берун аз он медонад. Кайҳон ҳамчун чизи воқеӣ буд ва ҳаст, аммо он метавонад дар оянда вуҷуд дошта бошад ё нест шавад. Мафҳуми ҳастии ҳақиқӣ аз тафаккури ҳақиқӣ ва собиткунанда ҷудонашаванда аст, бинобар ин бо андешаҳо дар бораи гузашта ва оянда созгор нест. Мазмуни ҳақиқии фикр ба амалҳои субъективии тафаккур, ки дар вақташ ба амал меоянд, вобаста нест. Ҳамин тавр, Парменид барои ҷустуҷӯйи спекулятивӣ, барои воқеияти идеалии метафизикӣ, ки аз ҳама воқеиятҳои мавҷудаи моддию равонӣ фарқ дорад, асос мегузорад.

Дар пайи дарки қонуни ҳастӣ ва тафаккур Арасту Гераклитро интиқод мекунад. Арасту қайд мекунад, ки «таълимоти Гераклит, ки "ҳама чиз вуҷуд дорад ва вуҷуд надорад, ҳама чизро ҳақиқӣ эътироф мекунад» [2,с.143], зеро на танҳо ақидаҳои ба ҳам зид, балки «андешаҳои хилофи ҳам, дар бораи ҳамон як чиз ҳеҷ гоҳ ҳақиқӣ буда наметавонанд; вале худи Гераклит ба моҳияти сухани худ наандешида, пойбанди ин ақида мемонад» [2, с.280]. Ин маъниро Гераклит ин гуна шарҳ медиҳад, ки «оби баҳр ҳам тозатарин ва ҳам ифлостарин аст», «кайҳон зеботарин мисли партовҳои ба таври тасодуфӣ парокандашуда аст», «зеботарин бузина зишт аст...»[2, иқт. аз 143;147;145]. Аммо дар мавридҳои якум ва сеюм худи Гераклит қайд мекунад, ки тазодҳо аз ҷиҳати гуногун гирифта шудаанд: оби баҳр барои моҳӣ поктарин аст, аммо барои одамон ифлостарин (чун нӯшидан мумкин нест) аст; зеботарин бузина дар қиёс бо одам зишт аст.

Ба андешаи Афлотун, ҳастӣ ба назари ду олами гуногун, вале ба таври муайян ба ҳам алоқаманд менамояд. Олами якум олами предметҳои алоҳида мебошад, ки тавассути ҳиссиёт маълум аст, вале ҳудуди ҳастиро ба он дохил кардан мумкин нест. Як олами дуюм низ вуҷуд дорад - олами ҳастии ҳақиқӣ, ки маҷмуи ғояҳост, яъне шаклҳо ё моҳиятҳои идрокшаванда, ки тамоми гуногунии олами моддиро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, олам, ҳарчанд нисбатан донисташаванда аст, раванди шинохт, ба андешаи Афлотун, раванди болоравии зеҳнӣ ба навъҳои воқеии мавҷуди ҳастӣ мебошад, ки бо ақидаҳои гуногунсатҳ мувофиқат мекунад. Ғояҳои Афлотун на танҳо мафҳумҳои умумӣ ва ғайримуқаррарӣ мебошанд, ки ба воқеияти эҳсосӣ мухолифанд. Ғояи ашё ин принсипи идеалии сохтори он мебошад, ки як навъ «чаҳорчӯбаи иттилоотӣ»-и ба чашми сар ноаён аст ва онро мо метавонем худ кашф намоем.

Ҳастии ҳақиқии пешниҳоднамудаи Афлотун, монанди Парменид, бо дониши ҳақиқӣ мувофиқат мекунад. Аммо, ин ҷараёни бунёди муттасили олам аст. Ғояи ашё як модели муайяни маъноист, ки бояд асоси бунёди моддиро ташкил диҳад. Аммо худи ғоя дорои энергияи муайян, як навъ қувваи ташаккулдиҳандаи моддӣ мебошад. Бесабаб нест, ки дар "Тимей" Афлотун рисолае таҳия намуд, ки руҳи ҳамаҷонибаи Космос "омехтаи айният ва дигаре" аст. Дар амалҳои шинохти инфиродӣ мо ба олами ғояҳои абадӣ ва тавонмандии созандаву ташаккулдиҳандаи онҳо ошно мешавем, чун бо як «материаи интеллектуалӣ»-и махсуси ба чашми сар ноаён, ки берун аз он татбиқи ин неруи идеалӣ ғайриимкон мегардад.

Ин ангеза баъдан бо қувваи махсус дар байни навафлотуниёҳо таҳия карда мешавад. Ҳамин тариқ, мухолифати материя ва идея дар фалсафаи қадим шартӣ аст. Дар маркази фалсафаи Афлотун (агар мо идеализми ӯро ба таври расмӣ дарк накунем, бар асоси интуитсияҳои имрӯзаи худ), ба таври парадоксӣ як навъ "монодуализм" дида мешавад. Чунин диалектикаи байни материалӣ ва идеалӣ имкон дод, ки аз мутлақияти яке аз ҷиҳатҳои ҷараёну ҳодисаҳои таҳқиқшаванда канора гирифта шавад. Афлотун боз як андешаи муҳим дорад. Вай зарурияти метафизикаро ҳамчун дониши безамина асоснок мекунад. Хусусиятҳои математикаро таҳлил намуда, файласуф ба фикри нокифоя будани усули дедуксия меояд, яъне принсипҳои асоснок дар заминаи дониши дақиқ вуҷуд надоранд, мегӯяд. Ин маънои онро дорад, ки инҳо асосан фарзияҳое мебошанд, ки метавонанд беэътимод бошанд. Ба ин маъно, Афлотун ҳатто шубҳа дорад, ки оё математика бояд илм ҳисобида шавад.

“Афлотун таъкид мекунад, ки минбаъд бояд як низоми махсус бошад, ки тавонад ҳақиқати заминаҳоро дар асоси донише, ки берун аз усулҳои дедуктивии тафаккур, ба маънои васеътари муосир - берун аз илмҳо аст, дар бар гирад. Ба андешаи Афлотун, ин ба қобилиятҳои гуногуни маърифатӣ мувофиқат мекунад. Асоси риёзиёт қобилияти мулоҳиза кардан - ақл ва асоси метафизикаро ақли диалектикӣ – ҳамчун атои дарки нахустмабдаъ ташкил медиҳад”[8, с.27].

Аз ин рӯ, фалсафа ҳамчун фан ва диалектика ҳамчун усул зербиноеро мемонанд, ки роҳбалади ҳама донишанд. Афлотун муътақид аст, ки диалектика қуллаи дониш аст, зеро он бар хилофи дигар илмҳо ба усулҳои нафсонӣ ва сирф хирадгароёнаи маърифат такя намекунад, балки аз ақидаҳои идрокшаванда бармеояд ва он метавонад ҳамчун ҳақиқат вуҷуд дошта бошад. Фалсафа ҳам тавассути тафаккур ба ҳақиқат оварда мерасонад – танҳо он қодир аст, ки заминаҳои ҳама гуна донишро таҳқиқ намуда, асоснок созад.

Асосноксозии худи метафизика (ки онро метафилософия номидан мумкин аст) мебоист тавассути ёдоварии шарҳиҳолии афлотунӣ (ба хотир овардани он чизе, ки руҳ як вақтҳо бевосита дар олами фаҳми моҳиятҳои ҳақиқӣ дида ва шунида буд) сурат мегирифт. Дар ин ҷо мо бо як навъи асосноккунии ғайриодӣ дучор мешавем, ки комилан ба таҷрибаи шахсӣ «вобаста» буда, ба шуури нафари дигаре бегона аст. Арасту бо устодаш Афлотун баҳс карда мегӯяд, ки диалектика қуллаи дониш шуда наметавонад, зеро он ҷавобгӯйи ҳалли пурраи масъалаҳо нест.

Арасту баръакси Афлотун, дуруст хулосабарорӣ менамояд, ки асоси дониши безамина дар бораи умумиятҳо ва моҳият танҳо ягон заминаи мутлақ, ҳақиқати мутлақ буда метавонад, вагарна ҳар гуна фалсафасозӣ ботил шуда метавонад. Дар ин ҷо диалектика ҳам бояд ҷойи худро ишғол намуда, ҳамчун воситаи ақлгароёнае амал кунад, ки маконро барои дониш холӣ медорад. Маҳз диалектика аст, ки нисбияти донишро дар бораи чизҳои мушаххас инъикос мекунад ва дар якҷоягӣ бо усули дедуктивӣ, ҳақиқати дар асоси мутлақ ҳосилшударо кафолат медиҳад.

Ба андешаи Арасту, ҳастӣ дар худ танҳо як ҳастии абстрактӣ, потенсиалӣ ва ҳастии тасаввуршаванда аст, аммо дар асл ҳамеша ҳастии чизе вуҷуд дорад, яъне ҳастии ашёи мушаххас.

Ба ҳамин тариқ, муносибати ҳастӣ ва тафаккур муносибати байни ашёи мушаххас ва афкор дар бораи ашёи додашуда мебошад. Олам мавҷудияти воқеии ашё ва падидаҳои фардӣ, моддӣ ва маънавиро ифода мекунад, дар ҳоле ки ҳастӣ таҷрид (абстраксияест) барои ҳалли масъалаҳои умумӣ дар бораи олам. Ҳастӣ асоси бунёдии шарҳ аст. Вай даргузар ё фаношаванда нест, чунонки худи табиат даргузар нест, аммо мавҷудияти чизҳо ва ашё дар олам гузаранда аст. Ҳастӣ вуҷуд дорад.

Дар заминаи таълимоти ба ҳам зидҳо ва навъҳои он Арасту он қонун ё принсипи ҳастӣ ва тафаккурро, ки ҳам мантиқӣ ва ҳам таълимоти ҳастии онро муайян мекунад, онтологияро мураттаб месозад. Арасту ин принсипро «оғози ҳама аксиомаҳои дигар» номидааст. Тартиби васеътари ин принсип чунин аст: «... мумкин нест, ки ҳамон як чиз дар як вақт ба як чиз хос бошад ва ба як чиз мутааллиқ набошад...» [2, с.125] мухтасар — «ҳеҷ кас наметавонад мавҷуди будан ва ғайримавҷудии ҳамон як чизро собит созад» аниқтараш, «як чиз наметавонад дар як вақт ҳам вуҷуд дошта бошад ва ҳам вуҷуд надошта бошад...» [2,с.279].

Умумияти ҳастӣ тавассути мавҷудияти фардии ашёи мушаххас зоҳир мешавад. Ин, ба андешаи Арасту, қонуни асосии ҳастӣ ё «оғози ҳама аксиомаҳо» аст. Аз ин қонун мустақиман муқаррароти машҳури Арасту дар бораи номувофиқ будани мавҷудият ва ғайримавҷудияти ашё, инчунин имконнопазирии ҳамзамон мавҷудият ва набудани ҳар гуна хосиятҳои муқобил бармеояд. Гунаҳои асосноккунии ин мавқеъ дар гуфтаҳои зерини Арасту ифода ёфтаанд: «якҷо вуҷуд доштан ва вуҷуд надоштан» ва «ҳамчунин имконнопазир аст, ки зиддиятҳо дар як вақт зоти як чиз бошанд» [2, с.141]. Ин муқаррарот характери умумии онтологӣ дошта, ба ҳамаи зуҳуроти олам дахл дорад. Азбаски асоснокии ин муқаррарот хусусияти сирф мантиқӣ дорад, он бо мантиқ баррасӣ мешавад.

Аз ин рӯ, «онтология ва мантиқ ду ҷониби як илм» — метафизикаанд [14, с.289]. Аз ин қонун ҳам принсипи мавҷудияти нисбии нестӣ бармеояд. Ҳангоми таҳияи фишурдаи Парменид, ки гӯё "нестӣ вуҷуд надорад, зеро он ғайри қобили тасаввур аст ва агар мо дар бораи он фикр кунем, пас, он вуҷуд дорад, аммо чун ҳастӣ", Арасту мегӯяд, ки ҳеҷ чиз моро аз фикр кардан дар бораи нестӣ халалдор намесозад. Аммо ин далели мавҷудияти он(нестӣ) нест, балки танҳо ба хусусияти дигари он (ғайримавҷудӣ) ишора мекунад. Маҳз ба ҳамин маъно он метавонад дар фикр вуҷуд дошта бошад. Арасту қайд мекунад, ки Парменид ҳастиро якхела маънидод мекунад ва ин мафҳум метавонад чанд маъно дошта бошад, дарвоқеъ, ҳама гуна мафҳум.

Ҳастӣ, аз як тараф, метавонад маънои ҳама чизе ҳастшударо дошта бошад, яъне шумораи зиёди чизҳои мавҷуда ва аз тарафи дигар, он чизе, ки ҳама чиз ба он дахл дорад [4,с.189]. Арасту ба хулосае меояд, ки ҳастӣ сермаъно аст, аз ин рӯ, онро метавон дар бахшҳои гуногун, масалан дар табииёт ё мантиқ омӯхт.

Аммо маънои аслии ҳастӣ, яъне «ҳастӣ дар худ» тавассути онтология, ки онро ба воситаи системаи категорияҳо тавсиф мекунад, омӯхта мешавад. Ҳар яке аз ин категорияҳо (ҷавҳар ё моҳият, сифат, миқдор, ҳаракат, макон, замон ва ғ.) дар робита ба хосиятҳои мушаххас "хабари умумикунанда" буда, дар маҷмуъ, маънои умумии бисёрҷанбаи категорияи ҳастиро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, масъалаи марказии онтология маънои амиқи ҳастӣ мегардад, ки онро ба масъалаи моҳият ё ҷавҳар дохил кардан мумкин аст.

Моҳият ҳамон ҳастии ғайримухолиф аст, ки Парменид мехост онро пайдо кунад. Бинобар ин масъалаи моҳият, гӯё масъалаи ҳастиро, ҳалли масъалаи марказии метафизикаро иваз мекунад. Сабаби расмии ҳастии ашё моҳияти аввалия ё шакли он мебошад. Материя воқеияти ба ҳаври ҳиссӣ даркшаванда аст. Он метавонад танҳо бо гирифтани шакли муайян чизе шавад. Шакл он чизи умумист, ки ҳадди ақал, метавонад ба ашё мавҷудияти мустақил диҳад.

Мантиқан, шакл дар байни мушаххас (фард) ва умумӣ аст. Шаклҳо он чизе мебошанд, ки минбаъд ба намудҳо тақсим карда намешаванд. Онҳо абадӣ, бетағйир буда, мавзуи омӯзиши метафизика мебошанд. Онҳо метавонанд ба материя ворид карда шаванд ва ба ин васила ашё эҷод намоянд. Ҳамин тариқ, ашё аз шакли фаъол ва материяи ғайрифаъол иборат аст. Худи материя ғайрифаъол аст, аммо мисли шакл абадӣ аст. Он барои пайдоиши як чизи мушаххас зарур аст, аммо ҳамчун макони потенсиалӣ. Илова бар ин, он ба чизҳо фардият медиҳад.

Аз ин рӯ, моҳияти аслиро ҷавҳар ё моҳият ташкил медиҳад, ки ибтидои моддӣ ва расмиро муттаҳид мекунад. Ҳамин тариқ, ба андешаи Арасту, дар байни идеал ва моддӣ, шакл ва субстрат, тафаккур ва предмет ягон тафовут вуҷуд надорад, дар байни ҳастии ибтидоӣ ягон тафриқаи метафизикӣ вуҷуд надорад, ки баъдан идеализми яктарафаи аврупоии равияҳои теистиро ба вуҷуд меорад.

Ҳадди ақал се намуди моҳиятро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Инҳо моҳиятҳое мебошанд, ки ба онҳо чизҳои ҳассосии мушаххас (физика) дохил карда мешаванд.

2. Объектҳое, ки ба онҳо абстраксияҳои математика дохил карда мешаванд.

3.Объектҳое, ки берун аз ҳассосият ва абстраксия вуҷуд доранд. Инҳо моҳияти ҳастии илоҳӣ ё ҷавҳари олиэҳсос мебошанд.

Ин се қисмати асосӣ фалсафаро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, дониши мутлақ, аз рӯйи ақидаи Арасту, нахустмабдаъ ё системаи нахустмабдаъ аст, ки ба сифати он фалсафаи аввал ё метафизика онро дар бар мегирад. Ибтидо оғози дигаре надорад, бинобар ин онро ибтидо меноманд. Ба ин маъно, воқеан, метафизика як навъ метаилмест, ки на ибтидои илмҳои алоҳида, балки маҷмуи идроки илмиро, на донишҳои инфиродӣ, на ҳақиқати физика ё математика, балки чун дониш, маҷмуи ҳақиқатро асоснок мекунад.

Маҳз ба ҳамин маъно, "метафизика ба илми ҳастӣ ё онтология айният дошта, ҳамчун илми махсус дар бораи принсипҳои олиэҳсос ва ҳастии ибтидоӣ амал мекунад. Бояд гуфт, ки дастовардҳои Арасту дар таҳияи проблемаҳои онтология он

қадар баланд буд, ки дар рушди ин масъала баъд аз ӯ фазои холии муайян ва ҳатто то андозае таназзули дараҷаи таҳқиқот ба вуҷуд омад” [5,с.132].

Ҳамин тариқ, метавон тасдиқ намуд, ки дар замони қадим тасаввуроти классикии метафизикӣ (безамина)-и фалсафа ташаккул ёфтааст, ки дар маркази он онтология ҳамчун таълимоти ҳастӣ қарор дорад. Онтологияи қадим ҳама мавзуъҳо ва ғояҳои асосиро дар бар мегирад, ки воқеан, анъанаи фалсафии минбаъдаи аврупоиро ба тафсирҳои беохири як матни тамомнашаванда бо номи «фалсафаи юнонӣ» табдил медиҳанд.

Ҷавҳар дар шакли мураттабтаринаш дар фалсафаи Б.Спиноза оварда шудааст: «Ҷавҳар гуфта он чизеро дар назар дорам, ки дар худ вуҷуд дорад ва ба воситаи худ ифода меёбад, яъне чизи дигареро тақозо намекунад, ки бояд аз он сохта шавад» [10, с.1].

Ин доираи роҳи классикии афкори онтологӣ маҳз бо ин ё он ҳалли масъалаи миқдори умумӣ ва сифати ҷавҳаре, ки асоси ҳастиро ташкил медиҳад, алоқаманд аст. Ду тафсири асосии сифатии категорияи субстансия айнияти он бо мабдаи ҳастии идеалӣ (маънӣ) ё материя мебошад. Муқовимати руҳ ва материя ҳамчун ду субстансияи алтернативӣ ба мо консепсияҳои анвои идеалистӣ ё материалистӣ медиҳад.

Мафҳумҳои навъи материалистӣ ниҳоят гуногунанд ва дар ниҳояти кор бо баҳамоии тамоми чизҳо ва ҷараёнҳои олам ба материя алоқамананд, ки, дар навбати худ, ин гуна амал мекунанд:

а) ҳамчун моддаи мушаххаси ҳисшаванда мисли об ё оташ (материализми ибтидоии мактаби Милет);

б) ҳамчун ашёи моддие, ки қувваҳои ҳиссӣ онро дарк намекунанд, якхела, минбаъд тақсимнашаванда (атомизми кадим ва атомизми асри нав, назарияи зарраҳои элементарӣ, кваркҳо ва ғайра);

в) ҳамчун ибтидои беохиртақсимшаванда, муттасил (пайваста) дар шакли материяи афлотунӣ, ки моҳиятан бо фазои кайҳон ё фазои механикии Декарт ё фазои каҷхаттаи назарияи нисбияти умумии Эйнштейн ё назарияҳои гуногуни физикии бунёдӣ мувофиқат мекунад.

“Дар анъанаи диалектикӣ-материалистии марксистӣ материя на ба маънои субстансия, балки ҳамчун «воқеияти объективӣ, ки бо ҳиссиёти мо нусхабардорӣ шуда, намоиш дода мешавад», шарҳ дода мешавад. Чунин воқеияти объективӣ ҳама чизро дар бар мегирад - аз ташаккули микроолам то равандҳое, ки ба макроолам ва ҳатто олами мега хосанд. Дар асоси чунин тафсири универсалии категорияи «материя» ба маънои аслии калима консепсияи хеле ҷолиб ва амиқи фалсафӣ ба вуҷуд омад, ки даъвои шарҳи ҳамаҷонибаи оламро дорад. Дар хусуси материализми диалектикӣ бошад, дар ин ҷо, чунонки маълум аст, мавҷудияти чунин хосияти атрибутивӣ ба монанди «инъикос», ки ба ҳиссиёти инсон монанд аст, дар бунёди материя тахмин карда шудааст” [8,с.42].

Субстансиализми идеалистӣ, ки нахустмабдаи ҳастиро бо ибтидои идеалӣ мепайвандад, дар он ҷое, ки материализм заиф аст (соҳаи метафизикаи спекулятивӣ ва тафсири ҷанбаи маънавии мавҷудияти иҷтимоӣ ва экзистенсиалии инсон) ҷиҳатҳои тавоноии худро ошкор мекунад ва баръакс, дар марҳилаҳои фахмонда додани ҳодисаҳои гуногуни табиию иҷтимоӣ, инчунин хусусиятҳои ҳаёти ҷисмии инсон хеле ноустувор аст.

Масъалаҳои абадии теистии субстансиализми идеалистӣ ин — масъалаи фаҳмонда додани сарчашмаи бадӣ ва бесарусомонӣ дар олам, инчунин озодии ирода дар инсон аст.

Дар байни сохти идеалистӣ мавқеи ба ном объективӣ-идеалистиро ҳангоми дарки нахустмабдаи ҳастӣ фарқ кардан мумкин аст.

Дар ин масъала, ҳамчун субстансияи фаъол ва созандаи олам, метавон Идеяи мутлақ (Гегел), Ақли ҷаҳонӣ (Анаксагор, стоикон) ва руҳи ҷаҳонӣ (онтологияҳои гностикӣ) Иродаи ҷаҳонӣ (Шопенгауэр), бешуурии кайҳонӣ (Э. Хартман) ва ғайраро

эътироф намуд. Дар навъҳои пайваста теистии идеализми объективӣ, Мутлақи Илоҳӣ (метафизикаи идеалистии яҳудӣ, масеҳӣ, мусулмонӣ ва буддоӣ), Браҳмани Илоҳӣ (фалсафаи Веданта Ҳинд), Дао илоҳӣ дар системаҳои фалсафии ба теистӣ нигаронидашудаи Чин ва ғайра ибтидо ва интиҳои олам эътироф карда мешаванд. Дар замони муосир субстансиализми идеалистӣ фарзияҳои гуногуни «оламҳои семантикӣ», «майдонҳои иттилоотӣ», «пси-майдонҳо» ва ғайра мебошанд, ки аксар вақт аз ҷониби олимони табиатшиноси фалсафӣ (ё дурусттараш, натурфилософӣ) навишта шудаанд.

Мутобиқан, тамоми сарвати ҳастӣ дар чунин намунаҳо – гузариши хосси метафизикии нахустмабдаи руҳӣ-идеалӣ мебошад, ки тавассути системаи категорияҳо, мафҳумҳо ё инъикоси ирфонӣ сохтори зинанизомии ҳастиро инъикос мекунанд. Дар ин ҷо ҳамеша як лаҳзаи гузариш аз пуррагӣ ва ягонагии аслӣ ба шаклҳои махлуқии кайҳонӣ ва заминӣ вуҷуд дорад, хоҳ он эманатсияи навафлотунияи Ягона, креатсионизми масеҳӣ ва ё худифшонамоии категорияи мантиқии гегелии Идеяи мутлақ бошад. Одатан инҳо системаҳои фалсафии умумиҷаҳоние мебошанд фарогири ҳама чизе, ки тафаккури инсон қодир аст онро дарк намояд.

Дар ҳамин ҷо тавзеҳи пурсамари ин равиши фалсафӣ маҳфуз мебошад, ки ба мо имкон медиҳад воқеиятро ҳамчун ҷузъи системаи оқилона сохташуда баррасӣ кунем.

Ба андешаи Парменид, моҳияти тафаккур дар он аст, ки он танҳо дар бораи «чизе» фикр карда метавонад, на дар бораи «ғайримавҷуд». Бо вуҷуди ин, «чизе» ҳамеша даъвои мавҷудият дорад ва масъалаи ҳастиро ба вуҷуд меорад.

Ба масъалаи ҳастӣ рӯ наоварда мо наметавонем дар бораи олам ва бунёди он чизеро идрок кунем, ҳамон тавре ки тахминҳоямон дар бораи ин ё он ашё мушкилотро муайян карда наметавонанд. Масъалаи ҳастӣ маҳз аз ҳамин ҷиҳат, дар мадди аввал қарор мегирад. Он ба падидаҳо вобаста аст, на ба фарзия [3,с.84].

«Категорияи “ҳастӣ” ибтидои созмони системаи метафизикӣ мебошад. Тазоди байни “ҳастӣ” ва “ҳеҷ чиз” дар категорияи чизе ҳал мешавад, ки дар он номуайянӣ ва абстрактии ҳастӣ аз байн меравад. Он дорои аломатҳои воқеӣ, яъне сифати муайян мешавад. Гузариш аз категорияи «ҳастӣ барои худ» ба ҳастии мушаххас мешавад, ки дар натиҷа ин гузариш аз ҳастӣ ба моҳият гузаштанро муайян мекунад.

Мантиқи моҳият ҳаракати тафаккурро амиқ таҳлил намуда, ҷараёни гузаштан аз категорияи зоҳир ба моҳият ва падидаро ошкор мекунад, амалишавии онҳоро дар воқеият нишон медиҳад. Дар ин маврид ҳастӣ номуайянӣ ва абстрактии худро гум мекунад, он музоҳир мегардад, яъне падидае мешавад, ки дар паси он моҳияте ҳаст ва мо метавонем онро дарк кунем. Ҳамин тавр, Гегел мафҳуми ҳақиқатро тағйир дода, ба он, пеш аз ҳама, ҳамчун раванд муносибат кард [5,с.228].

Дониши мантиқӣ, ки анҷоми муайянро ифода мекунад, фикреро, ки ба пуррагии худ расида, гӯё ба худ бармегардад, таҳқиқ мекунад. Ин мантиқи субъективӣ буда, дар ин маврид, фаҳмишҳои ниҳоии субъективӣ, объективӣ, ғоя ва ғояи мутлақ омӯхта мешаванд. Пас аз фаҳмидани ин заминаҳои метафизикӣ ва дарки пурраи идеяи рушд бояд табиати идеяи мутлақро таҳқиқ намуд, ки берун аз ин қолабҳост. Дар ин ҷо механика, табииёт, категорияҳои фазо ва вақт, материя ва ҳаракат омӯхта мешаванд.

Кант барномаи «барқарорсозии» метафизикаро пешниҳод мекунад, ки бояд асоси умумии илмҳо бошад, ба маънои бозгашт ба анъанаи Арасту. Ба ибораи дигар, илоҳиёт, равоншиносӣ, кайҳоншиносӣ ва аз ин рӯ, метафизика дар маҷмуъ, бояд василаи оқилонаи дарки ҳастӣ бошад, ки бар дониш асос ёфтааст, аммо худи метафизика бо дониши холис кашфшаванда нест. Метафизика «дар умум на танҳо як фанни назариявии фалсафӣ аст, балки масъалаҳои ахлоқ ва принсипҳои олии ҳастиро дар бар мегирад» [12,с.133].

Асоси метафизикии фалсафа дар он аст, ки вай ҳадафҳои бунёдии тафаккури инсониро таҳқиқ мекунад ва ба ин маъно арзиши мутлақ дорад. Аммо метафизикаро набояд аз дониши воқеӣ ҷудо кард, зеро дар ин сурат мо бо системаи конструксияҳои

догматикӣ, абстрактӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд, ки барои ҳақиқат асос шуда наметавонанд. Дар метафизика ягонагии онтология ва гносеология бояд дарк карда шавад. Вай ба ҷойи он ки ба метафизика ҳамчун илми принсипҳои аввал муносибат кунад, вай пешниҳод мекунад, ки онро ҳамчун илми дониши принсипҳои аввал ҳисоб кунем.

«Пеш аз он ки ҳастии вуҷуд дар сохтори он муаррифӣ шавад, ба гуфтаи Кант, мафҳумҳо ва принсипҳои тафаккури мо, қобилият бояд, дар ҳалли чунин масъала санҷида шаванд. Аз ин рӯ, ин «метафизикаи метафизика»-ро талаб мекард, ки баъдан дар мафҳуми «фалсафаи транссенденталӣ» дар анъана сабт шудааст. Ба ин муносибат ӯ як қатор проблемаҳои асосии метафизикаро аз нав дида мебарояд. Хусусан, Кант масъалаи муносибати байни ҳастӣ ва тафаккурро таҳлил намуда, чунин мешуморад, ки ҳастӣ ва мавҷудият набояд берун аз воқеияти эмпирикӣ бошанд. Ин мавқеъ эмпиризм нест, зеро таҷриба, дар фаҳмиши он, натиҷаи омезиши «масъалаи таассуроти эҳсосӣ ва шакли қобилиятҳои оқилона» мебошад [5,с.180].

Метафизика дар фаҳмиши олимони замони муосир як қисми махсуси фалсафа мебошад, ки дар он дар шакли ядрои муайян (дил, ядро) мавҷуд аст. Он, ҳамчунин бо истилоҳи «фалсафаи назариявӣ», «фалсафаи систематикӣ» ё «метафилософия» ишора шудааст. Дар таркиби метафизика се сатҳи бо ҳам алоқамандро ҷудо месозанд: онтология (таълимот дар бораи ҳастӣ), гносеология (таълимот дар бораи маърифат) ва аксиология (назарияи умумибашарии арзишҳо). Дар сатҳи онтологӣ системаи муносибатҳои универсалии олам ва инсон таҳқиқ мешавад.

Ҳар онтология - хоҳ материя, хоҳ руҳ ва хоҳ ягон ҳастии дигарро ҳамчун ибтидо эътироф кунад - ҳамеша кӯшиш мекунад, ки сохторҳо ва намунаҳои инкишофи ашё ва равандҳоро муайян кунад. Дар сатҳи гносеологӣ шахс тазоди андешаҳои худро ба ҳастӣ дарк мекунад, ки ба ӯ имкон медиҳад он чиро, ки берун аз вай аст, ҳамчун объекти дониш ҳисоб кунад. Дар ин маврид фалсафа масъалаи шинохти дунё ва дурустии дониши моро дар бораи он ба миён мегузорад. Дараҷаи аксиологии азхудкунии ҳастӣ бо он алоқаманд аст, ки инсон мавҷудияти руҳонӣ буда, на танҳо оламро мешиносад, балки дар он ҳамчун як ҷузъи он зиндагӣ мекунад ва мавҷудияти худро муассирона эҳсос мекунад.

**Муқарриз: Амондуллоев Б. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**


**АДАБИЁТ**

1. Аристотель. Метафизика. Кн. 1,гл. 3//Соч.: В4т. -Т. 1.-М., 1975. -С. 71.
2. Аристотель. Соч.: В 4 т. М., 1975—1983. -Т. 1. Метафизика. Пер. А. В. Кубицкого.С.
3. Гартман Н. К основоположению онтологии / Н.Гартман. -Санкт-Петербург: Наука, 2003.-640с.
4. Гурина М. Философия / М. Гурина. – М., 1998. -540 с.
5. Доброхотов А.Л. Категория бытия в классической западноевропейской традиции / А.Л. Доброхотов. - М., 1986. -248с.
6. Irwin T. The Metaphysical and Psychological Basis of Aristotle’s Ethics // Essays on Aristotle’s Ethics / Ed. by A.O. Rorty. University of California Press. pp. 35—53. Berkeley.-1980.
7. Лурье С.Я. Демокрит / С.Я. Лурье. - М., 1970.-664с.
8. Миронов В.В. Онтология и теория познания: Учебник / В.В.Миронов, А.В. Иванов. — М.: Гардарики, 2005. - 447 с.
9. Миронов В.В. Предметное самоопределение метафизики / В.В. Миронов //Метафизика. Научный журнал. Российский университет дружбы народов. -2011. -№ 1. -С.7-31
10. Спиноза Б. Этика / Б. Спиноза. - М., 1933. -224 с.
11. Фрагменты ранних греческих философов. -Ч. 1. -М., 1989.-576с.
12. Хофмайстер Х. Что значит мыслить философски / Х. Хофмайстер. –СПб., 2006.-448 с.
13. Чанышев А. Н. Аристотель.—2-е изд., доп./ А. Н. Чанышев. - М.: Мысль, 1987. — 221 с.— (Мыслители прошлого)
14. Чанышев А.Н. Курс лекций по древней философии / А. Н. Чанышев. - М., 1981.-374с.


**АНДЕШАҲО ОИД БА ҲАСТӢ ВА ТАФАККУР**


Масъалаи ҳастӣ ва тафаккур дар таълимоти фалсафӣ ҳамеша ҷойи муносиби хешро дорад. Муҳаққиқ дар ин мақола кӯшидааст паҳлуҳои масъалаи ҳастӣ ва моҳияти онро муайян намояд. Сохтори устувори вуҷуд, моҳияти ашё муносибати байни ҳастӣ ва тафаккур, умумияти онҳоро аз рӯйи нуқтаи назари файласуфони Юнони қадим таҳқиқ намояд. Дар баъзе маврид҆о табиати инсонӣ ба ҷаҳонбинӣ ва эътиқоди мутлақ тамаркуз кунад. Фалсафа ин арзишҳои мавҷудияти инсон, муътамадӣ

ва зарурати онҳоро ба таври комил меомӯзад. Сатҳи праксеологии метафизика бо моҳияти фаъоли инсон алоқаманд аст. Амалия гӯё як лаҳзаи фаъоли пайвасткунандаи олам ва инсон, байни ҳастӣ ва тафаккур аст. Одам қонуниятҳои ҳастиро меомӯзад, аҳаммияти онҳоро барои рушди худ ва тамоми инсоният баҳогузорӣ менамояд. Вай қодир аст, ки ба ҳастӣ фаъолона таъсир расонад, амалҳои муайянро ба самти дилхоҳ равона кунад, аз ҷумла дараҷаи дахолати худро (масалан, нисбат ба табиат) маҳдуд кунад. Муҳаққиқ нақши метафизикаро дар ҳалли шинохти ҳастӣ, нахустмабдаи ҳастӣ, ҳастии ашё, моҳият ва намудҳои онро дар афкори онтологӣ ва гносеологӣ ҷустуҷӯ мекунад. Вай ба хулосае меояд, ки асоси метафизикии фалсафа ҳадафҳои бунёдии тафаккури инсониро таҳқиқ кардан ва ягонагии онтология ва гносеология идрок намудан аст.

**Калидвожаҳо:** ҳастӣ, тафаккур, моҳият, Парменид, Афлотун, Арасту, метафизика, онтология,олам, инсон.

**МЫСЛИ О БЫТИЕ И МЫШЛЕНИИ**

Вопрос бытия и мышления всегда занимал свое место в философских учениях. В данной статье исследователь попытался определить аспекты вопроса бытия и его суть, исследовать устойчивую структуру бытия, сущность вещей, взаимосвязь бытия и мышления, их всеобщность с точки зрения древнегреческих философов. В некоторых случаях человеческой природе свойственно сосредотачиваться на абсолютных мировоззрениях и убеждениях. Философия всесторонне изучает эти ценности человеческого существования, их надежность и необходимость. Праксиологический уровень метафизики связан с активной сущностью человека. Практика – активный момент, соединяющий мир и человека, между бытием и мышлением. Человек познает законы существования, оценивает их значение для своего развития и всего человечества. Он способен активно влиять на существование, направлять те или иные действия в нужное русло, в том числе ограничивая степень своего вмешательства (например, по отношению к природе). Исследователь ищет роль метафизики в решении вопроса понятия бытия, первоначала бытия, бытия предметов, сущности и его разновидности в онтологической и гносеологической мысли. Он приходит к выводу, что метафизическая основа философии состоит в исследовании фундаментальных целей человеческого мышления и понимании единства онтологии и теории познания.

**Ключевые слова:** бытие, мышление, сущность, Парменид, Платон, Аристотель, метафизика, онтология, мир, человек.

**THOUGHTS ON BEING AND THINKING**

The question of being and thinking always takes its place in philosophical teachings. In this article, the researcher tried to determine aspects of the question of being and its essence, to explore the stable structure of being, the essence of things, the relationship between being and thinking, their universality from the point of view of ancient Greek philosophers. In some cases, it is human nature to focus on absolute worldviews and beliefs. Philosophy comprehensively studies these values of human existence, their reliability and necessity. The praxeological level of metaphysics is associated with the active essence of man. Practice is an active moment connecting the world and man, between being and thinking. A person learns the laws of existence, evaluates their significance for his development and all humanity. He is able to actively influence existence, direct certain actions in the right direction, including limiting the degree of his intervention (for example, in relation to nature). The researcher is looking for the role of metaphysics in resolving the issue of the concept of being, the origin of being, the being of objects, essence and its varieties in ontological and epistemological thought. He comes to the conclusion that the metaphysical basis of philosophy consists in the study of the fundamental goals of human thinking and understanding the unity of ontology and theory of knowledge.

**Key words:** being, thinking, essence, Parmenides, Plato, Aristotle, metaphysics, ontology, world, man.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Аслам Азамҷонович* -** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, микроноҳияи 17, бинои 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Аслам Азамжанович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат философских наук, доцент, кафедра общественных наук. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. E-mail: **aslam73@list.ru**. Телефон: **(+992) 770-61-31**

**Information about the author:** ***Karimov Aslam Azamjonovich***, - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Philosophy, Associate Professor. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, microdistrict 17. Building 1. E-mail**: aslam73@list.ru.** Phone: **(+992) 770-61-31**

ТДУ:130.1(620)

# НАҚШИ ТАҶРИБАИ ИҶТИМОӢ-ДИНИИ ТОИСЛОМИИ АРАБ ДАР ШАКЛГИРИИ ЭЪТИҚОДОТИ ИСЛОМӢ

*Нурулҳақ Қамар*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳарчанд илоҳиёти исломӣ дини исломро ҳамчун як падидаи илоҳии барои башар нозилшуда меҳисобад, вале омӯзишу таҳқиқи одату маросимҳои исломӣ ва афкори иҷтимоии он дар муқоиса бо таҷрибаи иҷтимоӣ-динии тоисломии араб нишон медиҳад, ки расму оину маросим ва афкори иҷтимоии он реша дар фарҳангу ҳаёти иҷтимоии тоисломии араб ва яҳудиён, умуман мардумони сомӣ дорад. Бинобар он, сухани Паёмбар дар бораи он ки "ҳамаи ифтихороти мавҳуми даврони гузаштаро зери ду пойи худ ниҳода ва тамоми онҳоро беасос эълом менамоям,"[14, с. 265] асоси илмие надорад. Инро метавон дар одату расму оину маросим ва афкори иҷтимоии ислом, ки дар Қуръону суннат хусусияти илоҳӣ касб кардаанд, ошкоро мушоҳида намуд.

Масалан, дар Арабистони замони ҷоҳилият масъулият барои назорат бурдан аз болои низоми ахлоқии қабила бар ӯҳдаи шайх ё сайид қарор мегирифт. Ӯ пешво ё доҳии қабила ба ҳисоб рафта, қудрат ва сифатҳои ахлоқии қабила дар симои ӯ таҷассум меёфтанд. Нисбат ба шайх аслан ду талабот ҷой дошт. Аввал ин ки, ӯ бояд шахси баркамол ва барои қабила намуна бошад. Дувум, шайх бояд дар худ идеалҳои асосии кодекси ахлоқии қабила-шуҷоатмандӣ, ҷавонмардӣ, ҷанговарӣ, адолатхоҳӣ, меҳмоннавозӣ ва садоқати баланд доштан нисбати манфиатҳои қабиларо доро бошад. Аммо ҳокимияти шайх (сайид) меросӣ набуд. Арабҳо чунин шакли ҳокимияти қабилавиро қабул надоштанд, зеро он метавонист низоми ҳокимияти худкомаро, ки ба як авлод мансуб мебошад, ба вуҷуд оварда, манфиати дигар авлодҳои қабиларо маҳдуд созад. Азбаски дар сохтори авлодӣ-қабилавӣ низоми ҳуқуқӣ вуҷуд надошт, вақте ки баҳсу даъвоҳо пайдо мешуданд, тарафҳо ба ҳакам мурочиат мекарданд. Ҳакам бошад, аввал кафолати тарафҳоро доир ба он, ки онҳо қарори қабулкардаи ҳакамро мепазиранд, гирифта, баъд масъаларо ҳал мекард.[14,с. 62-65]

Азбаски Муҳаммад ҳанӯз аз ҷавонӣ дар байни қурайшиҳо чун "ал-амин" шуҳрат дошт, қурайшиҳо дар баъзе баҳсҳои хурд ӯро ҳакам (довар) интихоб мекарданд. Бинобар ин, Муҳаммад доир ба суннати тоисломии арабҳо на танҳо маълумоти васеъ дошт, ҳамчунин дорои таҷрибаи иҷтимоӣ ва малакаи муайян буд. Замоне ки ӯ фаъолияти худро доир ба тарғиби дини ислом оғоз кард, ӯ аз ин таҷрибаи гузаштагон, ки дар низоми сохтори авлодӣ-қабилавии Арабистони тоисломӣ мавҷуд буда, хусусияти дунявӣ доштанд, барои таъсис додани низоми исломӣ моҳирона истифода намуд. Вале дар ислом ин арзишҳои дунявӣ хусусияти динӣ касб карда, ҳамчун ваҳйи илоҳӣ ба мусулмонон муаррифӣ гардида, ба унсури шуури динии онҳо табдил ёфт.

Одати дигаре, ки дар низоми авлодӣ-қабилавии араб вуҷуд дошт, ин аст, ҳамон шахс аъзои қабила шуда метавонист, ки дар дохили қабила таваллуд ёфта, ба шайхи қабила байъат кардааст. Ин одат дар ҷамоаи таъсисдодаи Муҳаммад Умма дар шакли гуфтани "Лоиллоҳа иллаллоҳу ва Муҳаммадан расуллуллоҳи" татбиқ гардид, яъне бо роҳи байъат кардан бо Муҳаммад шахс аъзои Умма мегардид. Ҳамин тариқ, он байъате, ки дар гузашта аъзои қабила ба шайх анҷом медод, дар Ясриб онро калимаи шаҳодат, ки маънои илоҳӣ дошт, ҳамчун байъат-савганди вафодорӣ ба Муҳаммад иваз намуд, ки на танҳо робитаи ирсии умма ва исломро бо гузашта ҳифз мекард, ҳамзамон, як падидаи наве дар таърихи араб ба ҳисоб мерафт, ки онро Ф.Энгелс "инқилоби динии Муҳаммад" номидааст. [5,с. 210]

Ҳамзамон, Муҳаммад дар шабеҳи шайхи қабила, ки ҳифзи ҳамаи аъзоёни қабила яке аз вазифаҳои ӯ буд, ӯҳдадор буд, ки ҳифзи аъзоёни уммаи худро таъмин

созад. Дар иҷрои ин вазифа низ ӯ ба суннати гузаштагони араб “қонуни қассос” рӯ овард. Вале дар фарқ аз қабила дар Умма “қассос” ба ҳайси воситаи муҳими пешгирӣ кардан аз ҷиноят истифода мегардид, ки дар “Дастур ул-Мадина,” ки онро нахустин конститутсияи мусулмонон меноманд, баён ёфтааст. Зиёда аз ин, Муҳаммад барои таъмини амнияти мусулмонон дар Умма онҳоро ба бахшиш кардан даъват мекард. Чи тавре ки дар Қуръон омадааст: “Ва сазои бадӣ-бадие монанди он аст; Пас, ҳар кӣ даргузарад ва (корро) ба ислоҳ орад, пас, муздаш бар Худо аст. Ҳамоно Худо золимонро дӯст намедорад”.[6.Шуро, 40]

Барои таъмини бехатарии Умма ва ҳифзи онҳо, ҳамзамон, Муҳаммад аз суннати бародархондагӣ, ки миёни арабҳо қабл аз ислом вуҷуд дошт истифода намуд. Мувофиқи суннати арабҳои қадим, вақте ду шахс бо ҳам бародархон мешуданд, онҳо метавонистанд моликияти худро байни ҳамдигар тақсим намоянд ва дар ҳимояи ҳамдигар бошанд. Аз ҷумла, дар сираи Ҳалабия омадааст: “пеш аз ҳиҷрат Паёмбар(с) бар асоси ҳақ ва мувосот миёни муҳоҷирон пайванди бародарӣ барқарор кард” ва баъди ҳиҷрат дар Ясриб ӯ ин суннати арабиро дар байни муҳоҷирону ансор татбиқ намуд [10,с-109,123,124], ки дар таъмини амнияти мусулмонон минбаъд нақши муҳим бозид.” Муҳоҷир Абдураҳмон ибни Авфро паёмбар дар Ясриб бо Сайид Абдураҳмон аз қабилаи Ҳазраҷ бародархонд карда буд. Боре Сайид Абдураҳмон ба Абдураҳмон ибни Авф пешниҳод намуд, ки “ӯ метавонад нисфи моликияти ӯро ба худ гирад. Вай соҳиби ду зан аст. Ӯ метавонад кадоме аз ин занҳо ба вай маъқул бошад, гирад ва ӯ он занашро талоқ медиҳад”[9,с-115-116]. Ин суннати пешинаи арабӣ барои аъзоёни уммаро бо ҳам сахт пайванд намудан мусоидат менамуд.

Дар Ясриб Муҳаммад дар баробари эълон доштани баробарии ҳамаи аъзоёни Умма дар асоси эътиқод ва мансубияти динӣ кӯшиш кард, ки ташаккули иқтисодиёти навро ба роҳ монад, ки низ дар заминаи таҳаввули суннатҳои замони гузаштаи араб сурат гирифт. Бо ин мақсад ӯ дар Ясриб бозори худро сохт, ки аз дигар бозорҳо фарқ мекард. Бо мақсади он ки бозор ғанӣ гардад, ӯ аз мусофирони транзитӣ андоз ситониданро манъ кард, рибо (судхӯрӣ)-ро ҳаром эълон намуд. Ин чорабиниҳои пайғамбар фарқияти байни сарватмандону камбағалонро муътадил месохт. Муҳимтарин чорабинии ӯ дар мавриди беҳтар намудани вазъи иҷтимоии камбағалон он буд, ки ӯ дар байни аъзоёни Умма яке аз суннатҳои қадими яҳудиён ва арабҳо-закотро ҷорӣ намуд. Исломшинос А. Массэ тасдиқ менамояд, ки закот “ба идеяи умумии яҳудиҳо ва арабҳо асос меёбад” [8,с-99] ва ҳамчунин садақа низ аз суннатҳои қадими яҳудия буда, дар забони яҳудиёни қадим “дака” мегуфтанд, ки маънои “адолат” ва баъдан маънои “закот-”ро дошт[8,с-99]. Дар Қуръону суннат ҳар ду одат ҳукми илоҳиро касб карданд. Пайғамбар мегӯяд: “...Худо бар онҳо аз амволашон садақа фарз гардонидааст: он(садақа)” аз тавонгаронашон гирифта, ба бечорагонашон бозгардонида мешавад [11,с-7]. Он имрӯз яке аз унсурҳои муҳими “исломи суннатӣ” мебошад[4,с-55-56]. Маънои луғавии закот дар забонҳои яҳудӣ ва арабӣ “поксозӣ” мебошад, яъне пок сохтани молу амвол ва сарвати хеш, ки минбаъд дар ислом ба яке аз рукнҳои асосӣ табдил ёфт.

Таҷрибаи динӣ ва иҷтимоии арабҳои тоисломӣ дар бахши никоҳу оила ва ҳуқуқи зан дар ҷомеа низ дар ташаккули исломи ибтидоӣ бетаъсир намондааст. Мусаллам аст, ки оила ҳамчун ячейкаи ибтидоӣ, вале хеле муҳим дар бунёд ва ташаккули сохтори иҷтимоӣ нақши калон мебозад. Ҳамин тариқ, ислом инъикоскунандаи раванди вайроншавии муносибатҳои авлодӣ-қабилавӣ ва ташаккули муносибатҳои ҷамъияти нав-ҷомеаи синфии феодалӣ буд.

Асоси идеявии назари исломро доир ба никоҳ ва оила масъалаи мақоми зан дар ҷомеа ва оила дар одатҳои арабҳои тоисломӣ ташкил медод. Доир ба масъалаи мақоми зан дар ҷомеаи тоисломии араб дар илми шарқшиносӣ бинишҳо гуногунанд. Вале дар кул чунин нуқтаи назар афзалият дорад, ки гӯё дар ҷомеаи тоисломии ҷоҳилияи араб зан ниҳоят дар ҳолати бад қарор дошту аммо ислом онро ислоҳ карда, нақши занро хеле боло бурд. Дар қабоили тоисломии араб қонунҳои хаттӣ вуҷуд надоштанд, ки муносибатҳои оилавиро ба тартиб дароварда бошанд. Ин

муносибатҳо тавассути суннатҳои авлодӣ-патриархалӣ ва ахлоқӣ-авлодӣ ба низом дароварда мешуд. Бо китобат шудани Қуръон давраи нави муносибатҳои оилавӣ оғоз меёбад ва дар фиқҳи исломӣ "ин соҳа бо қоидаву аслҳои диниву ахлоқии исломӣ бештар робитаи зич дорад" [13,с.159] Дар он бисёр ҷанбаҳои ҳаёти динӣ, маросиму парастишот, одату анъанаҳои тоисломии араб инъикос ёфтаанд. Чуноне ки Қуръону суннат ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳанд, Муҳаммад баъзе одатҳои модаршоҳӣ ва падаршоҳии ҷоҳилонаро дар низоми муносибатҳои оилавӣ, ба мисли зинда гӯронидани духтарони навзод аз ҷониби оилаҳои қашшоқ, никоҳи маҳорими зинаи аввал, полигамияи модаршоҳӣ, ба никоҳи писар даромадани зани падар баъди фавтидани ӯ, оиладоршавӣ бо ду хоҳар, никоҳ бо модар, духтар, холаю амба, бо хоҳар ва ғайраро ҳаром эълон карда, аз байн бурд.

Аммо, дар баробари ин бисёр суннату расму одатҳои дигар, ки дар низоми муносибатҳои оилавӣ дар гузаштаи араб вуҷуд доштанд, таҷдиди назар гардида, ба ислом ворид шуданд ва дар ташаккули сохтори идеологӣ ва иҷтимоии ислом нақши муҳим бозиданд. Аз ҷумла, Қуръон никоҳ кардан бо духтарони зинаи дувуми хешовандӣ-бо духтарони аммаю тағо, холаю амакро барои паёмбар Муҳаммад ҳалол гардонидааст, ки минбаъд дар ислом ба як одати умумимусулмонӣ табдил ёфт: "Эй Пайғамбар, дар ҳақиқат, Мо барои ту инҳоро ҳалол кардем... духтарони амакатро; ва духтарони аммаҳоятро; ва духтарони тағоятро; ва духтарони холаҳоятро-онон, ки бо ту ҳиҷрат кардаанд; ва зани муъминаеро, ки агар худро барои Пайғамбар бибахшад-агар Пайғамбар хоҳад, ки ӯро ба занӣ гирад-хос барои ту, ба ҷуз муъминон аст..." [6.Аҳзоб, 50]. "Агар аз мавқеи насаб ба баррасии масъала дохил шавем, гурӯҳи духтарони ёдшуда барои мо ақориб, яъне хешованди наздиканд. Вале агар аз нигоҳи фиқҳи муомилот бинигарем, ҳукми онҳо бо ҳукми духтарони бегона баробар мешавад. Аз ин ҷиҳат ҳамаи мазоҳиби аҳли суннату ҷамоат барои муносибати заношӯӣ барпо кардан бо ин духтарони умумияти насабӣ дошта ҳукми ибоҳат, ҳукми мубоҳ будан; иҷозат, яъне ҷоиз будан; ва мухайяр гаштан, яъне ихтиёр доштани шахси зангирро раво гардонидааст" [2,с-81-82]. Ҳамин тариқ, ислом никоҳи хешовандии зинаи дуюмро иҷозат дода, вале онро маҷбурӣ намеҳисобад.

Дар баробари вуҷуд доштани баъзе одату ахлоқи ҷоҳилона нисбати зан дар байни арабҳои тоисломӣ нақшу мақоми зан дар ҳаёти иҷтимоӣ ба он дараҷае, ки баъзе муҳаққиқон менависанд, ниҳоят паст набуд. Ҳарчанд муносибатҳои оилавӣ, асосан, хусусиятҳои падаршоҳӣ доштанд, вале боқимондаҳои модаршоҳӣ низ вуҷуд дошт. Аз ҷой доштани боқимондаҳои суннатҳои модаршоҳӣ дар муносибатҳои оилавӣ мавҷудияти баъзе шаклҳои никоҳ, ки унсурҳои модаршоҳӣ ва падаршоҳиро дар худ таҷассум мекарданд, шаҳодат медиҳанд. Масалан, пеш аз ислом чунин шакли никоҳ вуҷуд дошт, ки шавҳар баъди ҳайзи зан метавонист ӯро ба назди марди дигар фиристад, то аз он мард ҳомила шавад ва пас ба назди шавҳари асосии худ баргардад. Ё худ никоҳе буд, ки як гурӯҳ мард (то даҳ нафар) бо зане наздикӣ мекарданд ва вақте зан фарзанд таваллуд мекард, онҳо ҳама назди зан ҷамъ мешуданд ва зан дар ҳузури сарвари авлод, ё қабила падари кӯдакро нишон медод ва он мард мувофиқи қонуни қабилавӣ ҳуқуқ надошт онро рад кунад. Чунин шакли никоҳ низ амал мекард, ки зан бо якчанд мард наздикӣ мекард ва сипас падари фарзанди ба дунё омадаро фолбин муайян месохт ва мард вазифадор буд, ки ӯро ба фарзандӣ қабул намояд.

Мусаллам аст, ки то имрӯз дар ислом, дар миёни аҳли шиа никоҳи сиға, ки онро никоҳи мутъа низ меноманд, роиҷ мебошад. Ин шакли никоҳро муҷоҳидони "Давлати Исломи-"и Ироқу Сурия, ки низ худро аз аҳли суннату ҷамоат меҳисобанд, риоя мекарданд, ки дар асл реша ба фарҳанги замони ҷоҳилият ва дар исломи ибтидоӣ дорад. Дар замони ҷоҳилият миёни мардуми араб никоҳи мутъа як одати маъмулӣ буд. Арабҳо махсусан ҳангоми мусофират никоҳи мутъаро риоя мекарданд. Паёмбари ислом дар кул ин шакли никоҳро наҳй карда бошад ҳам, вале ҳангоми ҷиҳод чунин никоҳро бо занҳои асиргирифта иҷозат додааст. Масалан, аз саҳобагон-Ҷобир ибни Абдуллоҳ ва Салама ибни Акваъ, ривоят аст, ки мувофиқи он пайғамбар

дар ғазваи Ҳунайн, ки ғолиб омада ғанимат ва асирон ба даст оварда буданд, ба муҷоҳидин фармудааст: "Барои Шумо иҷозат дода шудааст, ки мутъа кунед, пас, мутъа кунед". [3, с.478]

Чуноне ки мебинем никоҳи мутъа, ки як одати араб дар замони ҷоҳилият будааст, дар исломи ибтидоӣ ҳангоми ғазва ё ҷиҳод ба суннати паёмбар ворид гардидааст ва онро аҳли шиа, махсусан пайравони шиаи дувоздаҳимомӣ (исноашаара) дар ислом то ба имрӯз чун суннати пайғамбар ҳифз намуданд ва гурӯҳҳои сиёсӣ-динии ифротие, ки худро ба мисли салафиён аз аҳли суннату ҷамоат меҳисобанд, ҳангоми ҷиҳод онро пурра риоя мекунанд.

Ба ҳамин монанд одати сеталоқа дар замони ҷоҳилият миёни араб маъмул буд ва аз ҷой доштани чунин навъи талокро суннати Пайғамбари ислом шаҳодат медиҳад. Чунончи, аз ҳамсари пайғамбар Оиша ривоят шудааст, ки Рифоаи Қуразӣ ном шахс занашро се талоқ додааст ва сипас он зан бо Абдураҳмон ибни Зубайри Қурайзӣ издивоҷ кардааст. Вале Зубайди Қурайзӣ заиф буда, тавони ҷимоъ карданро надоштааст. Зан барои ҳалли ин мушкилот ба паёмбар муроҷиат менамояд ва Пайғамбар ба зан чунин посух медиҳад: "Шояд мехоҳӣ дубора назди Рифоа баргардӣ? На, то он ки Абдураҳмон маззаи ту ва ту маззаи ӯро начашида бошӣ, наметавонӣ ба шавҳари аввалаат баргардӣ"[3,с. 48-478]. Чуноне ки аз мазмуни ҳадис бармеояд, қабл аз ислом одати сеталоқа миёни араб ҷой доштааст. Паёмбар аввал лаззат бурдан, яъне ҷимоъ кардан бо шавҳари нав ва баъд ба назди шавҳари аввала баргаштанро амр кардааст ва ин одат дар ислом бо номи "ҳалола кардан" ворид шуд. Пас, "ҳалола" кардан яке аз одатҳои тоисломии араб ба ҳисоб меравад. Ҳамин тариқ, сеталоқа ҳамчун одати араби замони ҷоҳилият бо баъзе тағйирот ба шариати ислом ворид шуд ва имрӯз аз ҷониби мусулмонон риоя мегардад. Тағйироте, ки Қуръон ба ин одати арабӣ ворид сохт, ин аст, ки баъди талоқи сеюм , агар зан қоидаи "ҳалола кардан"-ро риоя накунад, наметавонад ба шавҳари аввалааш баргардад. Дар ин маврид дар Қуръон омадааст: "Талоқ ду бор аст, (пас аз он) ё бахушгӯӣ нигоҳ доштан аст ё ба некуӣ раҳо кардан" (Бақара, 229). "Ва агар ӯро талоқ дод, (яъне бори сеюм), пас он зан барои он мард ҳаргиз ҳалол намешавад, то он ки ба никоҳи шавҳари дигар дарояд; ва агар ӯ (ин шавҳари дигар) занро талоқ дод, пас, бар он ҳар ду гуноҳе нест дар он, ки бо ҳам ба никоҳ бозгарданд..."(Бақара, 230). Дар робита ба ҳамин масъала одати додани маҳр ба зан ҳангоми никоҳ, ки яке аз одатҳои гузаштаи араб буд, дар Қуръону Суннат низ қонунӣ гардид ва он моли ҳалоли зан ба ҳисоб меравад. Шояд дар суннати тоисломии араб ҳангоми талоқ гардидани зан шавҳар маҳри додаашро баргардонида мегирифт, вале Қуръон бозпас гирифтани маҳрро ҳангоми талоқ шудани зан бекор (наҳй) намуд. Қуръон мефармояд: "...Ва ба Шумо ҳалол нест, ки аз он чи ба занон додаед, чизеро бозгиред..." (Бақара, 229). Зеро мувофиқи суннати Пайғамбар маҳр ин молест, ки мард дар муқобили он аз он зан истифода бурда буд [3,с-789]. Дар Қуръон низ омадааст, ки "Пас аз он ки аз занон ком гирифтед, муқаррар карда шудааст, ки маҳрашонро ба онҳо бидиҳед (Нисо, 24).

Ҳифз гардидани суннати тоисломӣ нисбати зан ва беҳуқуқии ӯро дар ислом мо дар муносибати ислом ба чурӣ (канизак)низ мушоҳида мекунем. Канизакҳо (ғуломзанон), ки чи бедуни ҷиҳод ба дасти мусулмон расида бошад ва ё чи дар ҷангҳо ғанимат гирифта шудаанд, моли хоси соҳибонашон ҳисоб мешаванд, сарфи назар аз исломро қабул кардан ё накарданашон. Мувофиқи таълимоти Қуръон занҳои дар мартабаи канизак ва ё ғуломзан ба ғанимат гирифташударо мардон (соҳибонашон) пурра ихтиёрдорӣ мекунанд, метавонанд онҳоро ҳар сифат истифода кунанд ва ҳеҷ маҳру масъулияте мард нисбати онҳо надорад, ки як навъи ҳифзи боқимондаи муносибатҳои ғуломдорӣ дар ислом аст.

Муносибат ба зан дар фиқҳу таълимоти исломӣ аз он қисмате аст, ки аз ҳама бештар аз суннати араб ҳифз шудааст. Аз ин ҷо канизакони мулкӣ ҳаққи никоҳ ҳам надоранд ва ҳар кадоме аз онҳоро мард хоҳад, ҳамхоба мегирад ва мисли занони никоҳӣ ҳаққи навбати ҳамхобагӣ надоранд. [6] Назари ислом дар масъалаи зан, назари аҳли салаф аст, ки дар асоси нобаробарӣ ва беҳуқуқии зан бунёд ёфтааст.

Ҳомиёни ислом ҳар қадар мақоми занро дар ислом васфу ситоиш кунанд ҳам, аммо назари исломро дар бораи нисфи мард ҳуқуқ доштани зан тағйир дода наметавонанд, ки он аз таҷрибаи иҷтимоӣ-динии арабҳои тоисломӣ сарчашма мегирад. Дар ҳаёти иҷтимоии арабҳои тоисломӣ, ба ҷуз ҳолатҳои истисноӣ, зан соҳиби моликият набуд ва аз шавҳар ҳуқуқи мерос гирифтан надошт. Зан худ мол, ашёи мард ба ҳисоб мерафт. Ӯ баъди марги шавҳараш бо ҷиҳозе, ки дар ихтиёр дошт, ба ихтиёри вориси шавҳари фавтидааш аз рӯи насаби мард, мегузашт. Агар ворис ба зани аз падар меросмонда таваҷҷуҳ зоҳир намекард, метавонист ӯро ба ягон хеши худ-бародар ё бародарзодаи худ фурӯшад ва шавҳари нав моли аз шавҳари фавтидаи зан меросмондаро дар ихтиёри худ мегирифт. Агар зани шавҳармурда пирсол бошаду аз нав шавҳар карда натавонад, он гоҳ вай бо ҷиҳозаш ба ихтиёри авлоди шавҳараш мегузашт. Ҳамин гуна қоида нисбати духтарони ятим низ вуҷуд дошт. Ҳарчанд Муҳаммад ин суннати пешинаи арабро ислоҳ кард ва ҳуқуқи занро то андозае барқарор намуда, тартиби гирифтани меросро ба танзим дароварда, ба занҳо ҳуқуқи мерос гирифтан ва истифода кардани сарвати худи занҳо, аз ҷумла ҷиҳози онҳоро, барқарор карда, ба мардҳо фармонравоӣ кардан ба ҷиҳозу сарвати занҳоро манъ кард ва онҳоро маҷбур сохт, ки занҳояшонро аз ҳисоби сарвати хеш таъмин намоянд, вале он беҳуқуқие, ки зан дар ҷомеаи араби тоисломӣ дошт, ба ислом бетаъсир намонд. Аз суннати пешиниён нақши сарварию бартарии мард дар оила ва ҷомеа дар ислом боқӣ монд, зеро мард аз амволи хеш барои зан харҷ мекунад. Аз ин рӯ, ӯ ба зан ҳуқуқи фармонравоӣ дорад ва зан бояд фармонбардори мард бошад, чуноне ки дар гузашта буд. Агар зан аз фармонравоии мард саркашӣ кунад, мард бояд ӯро ҷазо диҳад. Дар ин маврид Қуръон мефармояд: "Мардон ба сабаби он ки Худо баъзе одамиёнро бар баъзе бартарӣ додааст; ва ба сабаби он ки аз амволашон харҷ кардаанд, бар занон корсози тасаллутёфта шудаанд. Пас, занони накукор фармонбардоранд ва дар ғайбат (-и шавҳар) нигоҳдорандаи чизеанд, ки Худо онро нигоҳ доштааст. Ва он занонеро, ки аз саркашиашон тарс доред, панд диҳед ва пас, дар хобгоҳ онҳоро тарк кунед, пас, онҳоро бизанед; ва агар ба Шумо фармонбардорӣ карданд, пас, бар онҳо роҳ (-и ситам) маҷӯед! Ба дурустӣ, ки Худо Баландмартабаи Бузургқадр аст"(6.Нисо, 34). Бинобар он, дар Қуръон ҳуқуқи зан нисбат аз мард ду баробар кам карда шудааст, махсусан ҳангоми мерос гирифтан: "Худо Шуморо дар ҳаққи фарзандонатон ҳукм мекунад, ки (ҳиссаш) мард монанди ду ҳиссаи зан аст" (6.Нисо, 11), яъне ҳангоми тақсими мерос ҳиссаи мард ду баробар зиёд аз ҳиссаи зан мебошад.

Ҳарчанд дар ислом мақоми зан нисбат ба замони ҷоҳилияти араб баландтар гардид ва зан баъзе ҳуқуқҳоро соҳиб шуд, вале дар кул мақоми паст доштани зан дар ҳаёти иҷтимоии тоисломии араб ба ташаккули ҳуқуқи зан дар ислом бетаъсир намонд. Он одатҳои арабӣ, ки муносибати мардро нисбат ба зан муқаррар мекарданд, дар ислом боқӣ монда, асоси шариати исломро дар муносибатҳои никоҳ ва оиладорӣ, муносибати зану мард муайян карданд ва аз он одатҳои арабӣ, ки дар ислом қудсият касб карданд, халқҳои ботамаддуни мусулмоншуда, ки дар онҳо қабл аз ислом зан бо мард ҳуқуқи баробар дошт, ба мисли тоҷикион, зарари зиёд диданд. Имрӯз хушунат нисбати зан дар ҷомеаи тоҷик маҳз аз ҳамин одатҳои арабии замони ҷоҳилият, ки дар ислом ҳукми қонунро гирифтаанд, сарчашма мегирад. Аммо муҳаққиқони мо аз ошкор сохтани ин падидаи номатлуби исломӣ меҳаросанд.

Дар суннати арабҳои замони ҷоҳилият дар баробари бисёршавҳарӣ бисёрзанӣ (бисёрҳамсарӣ) низ ҷой дошт. Як мард метавонист 10 ва аз он ҳам бештар зан дошта бошад. Паёмбари ислом ин ҳолатро то андозае ислоҳ карда бошад ҳам, вале бисёрзанӣ дар Қуръону суннат ҳамчун қонуни илоҳӣ ҳифз карда шуд. Масалан, Ғайлон ибни Саламаи Сақафӣ вақте ки дини исломро қабул кард, даҳ зан дошт. Паёмбар ба ӯ фармуд, ки "чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун)" [12,с.1128] Умайраи Асадӣ низ гуфтааст, ки вақте ислом овардам, ҳашт зан доштам. Инро ба Паёмбар (с) гуфтам, фармуд: "чаҳор нафари онҳоро баргузин (ва боқимондаро талоқ кун!)" [12,с.2241]. Ин суннати Паёмбар дар Қуръон низ инъикос

гардид: “...аз занони дигар он чи Шуморо хуш ояд, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор никоҳ кунед...” [6.Нисо, 3]) Суннати дигари ислом ҳангоми никоҳ ин маҳр додани мард ба зан аст, ки низ аз одатҳои тоисломии араб мебошад.

Вале тарзи пардохтану истифодаи маҳр дар ҷомеаи тоисломӣ ва дар ислом тафовут дорад. Аввал он ки маҳр бевосита ба зан не, балки ба сарпарасти вай-падар, бобокалон, бародар, амак ё сарпарасти дигар дода мешуд ва он сарпараст маҳри занро метавонист мувофиқи хоҳиши худ истифода барад. Дигар ин ки шавҳар ва ё сарпарати зан маҳрро бо дили нохоҳ ва ба таври маҷбурӣ пардохт мекард ва онро барои худ зиён медонист. Сониян, азбаски зан баъди ба шавҳар баромадан дигар ба хостаҳои мард мухолифат карда наметавонист, бо истифода аз ин ҳолат шавҳар метавонист қисмати пардохтнашудаи маҳрро дигар пардохт накунад [2,с.786-787]. Дар ислом бошад маҳр ҳаққи шаръии зан эълон гардида, ба мардон амр шуд, ки “...ба занон маҳрашонро ба хушдилӣ бидиҳед” (Қуръон; Сураи Нисо, 4). Дар айни замон, ба мардон иҷозат дода шуд, ки агар занҳо аз таҳти дил микдоре аз маҳри хешро ба мардон бахшанд, мардҳо метавонанд аз он истифода баранд: “Ва агар занон аз баъзеи маҳр барои Шумо ба хушдилӣ даргузаранд, пас онро созгору хушгувор!” [6.Нисо, 4]

Ҳамин тариқ, ислом, ки ҳамчун идеологияи миллии араб дар раванди бедорӣ ва таъсиси давлати ягона арзи ҳастӣ кардааст, фарҳанги эътиқодии он дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомада, он дар муҳити иҷтимоии араб дар заминаи самаранок истифода кардани одату суннатҳои гузаштаи (замони ҷоҳилия)-и араб қомат афрохтааст, ки онро метавон як навъи бозгашт ба суннатҳои гузашта (салаф) номид. Ва ин бозгашт робитаи ду давраи таърихи араб-қабл аз исломӣ ва исломиро барқарор менамояд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки анъанаи истифодаи “урф” ҳамчун сарчашмаи исломӣ ҳанӯз аз ҷониби худи Пайғамбари ислом дар Қуръону суннат асоснок карда шудааст. Гузашта аз ин, маҳз ҳамин эътиқодоти динии дар заминаи таҷрибаи иҷтимоӣ-динии тоисломии араб шаклгирифта баъди аз ҷониби араб тавассути ислом инкор гардидани дину фарҳанги тоисломии тоҷикон-эрониён бо мурури замон моро ба” пайравӣ ва саҷдадорӣ ба фарҳанги бегона”[15, с.10] одат кунонида, бегонапарастиро дар умқи тафаккури мо ҷойгузин намуд ва мо то ба имрӯз аз он раҳо наёфтаем.

**АДАБИЁТ**


1. Баротзода Ф, Нурулҳақов Қ. Вазъи динӣ-сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Эр-граф”, 2017, 127 с.
2. Боқизода А. Фиқҳи исломӣ дар асоси мазҳаби Ҳанафӣ. Қисмати ибодат ва аҳволи шахсӣ. Душанбе, 2017, 991 с.
3. Имом Зайнуддин Аҳмад Зубайдӣ. Мухтасари Саҳеҳи Бухорӣ. Душанбе 2005, 615 с.
4. Ионова Л. И. Ислам в Юго-Восточной Азии: промлемы современной идейной эволюции. М. 1981, 262 с.
5. К. Маркс, Ф.Энгелс. Сочинения. Т. 28, 668 с.
6. Қуръон. Сураи “Нисо”, ояти 3
7. Массэ А. Ислам. Очерк истории. Пер.с фран. Издание 3-е. М. Наука,1982, 191 с.
8. Негря Л.В. Общественный строй северной и центральной Аравии в V-VII вв. М. Наука. 1981, 159 с.
9. Сайид Мӯҳсин Амин. Сираи Пайғамбар(с). Тарҷумаи Алии Ҳуҷҷатии Кирмонӣ. Душанбе, 2007, 480 с.
10. Саҳеҳи ал-Бухорӣ. Дар 6 ҷилд./Аз араби тарҷумаи м. Умаров ва Ф. Бобоев. Душанбе,”Эр-граф”, 2005, 515 с.
11. Сунани Абӯдовуд, 2241, 888 с., Сунани Ибни Моҷа. 1952, Уфа,2017, 308 с.
12. Сюкияйнен Л. Р. Мусулмансое право.вапросы теории ипрактики. М. Наука. 1986, 255 с.
13. Устод Ҷаъфари Субҳонӣ. Фурӯғи абадият (ҷилди дуввум). Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Ирон дар Тоҷикистон, Душанбе, 1377 (1998), 416 с.
14. Ҷавод Алӣ. “Ал-муфассал фи-таърих ил-араби қабла-л-Ислом”.Ҷ.6. Бейрут-1968, 520 с.
15. Ятимов С. Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад (андешаҳо перомуни Паёми Пешвои миллат). //Илм ва ҷомеа: маҷаллаи академии илмию оммавӣ. №1(31), 2023, 313 с.

## ТАҶРИБАИ ИҶТИМОӢ-ДИНИИ ТОИСЛОМИИ АРАБ ДАР ШАКЛГИРИИ ОДАТУ МАРОСИМ ВА АФКОРИ ИҶТИМОИИ ИСЛОМ

Муаллиф дар мақола нишон додааст, ки одат, расму оин, маросимҳо ва афкори иҷтимоии ислом, ки омили муҳими ташаккули эътиқодоти исломӣ мебошанд, дар воқеъ падидаи фавқлутабиӣ набуда, балки аз таҷрибаи иҷтимоӣ-динии арабҳои тоисломӣ ва яҳудиёни қадим сарчашма мегирад. Аз ҷумла, дар мақола омадааст, ки баъди ҳиҷрат ба Ясриб ва таъсис ёфтани ҷамоаи аввалини мусулмонои, ки дар он паёмбар ҳамчун ҳаким вазифаи назорат аз болои қарорҳои шӯрои ин ҷамоаро бар ӯҳда дошт, падидаи нав набуда, шакли нави татбиқ гардидани нақши ҳамон шайх ё сайиди қабила аст, ки дар таҷрибаи иҷтимоии арабҳои тоисломӣ вуҷуд доштааст. Ҳамзамон, дар мақола омадааст, ки ӯҳдадории динии мусулмонон дар масъалаи додани закот аз ҳисоби амвол, ки яке аз рукнҳои муҳими ислом гардид ва додани садақа низ аз суннатҳои қадими арабҳо ва яҳудиён мебошад, ки он ба хотири ҳифзи “адолати иҷтимоӣ” риоя мегардидааст.Дигар масъалаи муҳиме, ки дар мақола бештар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, масъалаи муносибатҳои оилавӣ, ба вижа никоҳ ва талоқ дар ислом, мебошад. Дар мақола исбот мегардад, ки бисёрзанӣ ва бисёршавҳарӣ, беҳуқуқии зан, никоҳ, никоҳи мутъа (муваққатӣ), талоқ ва шаклҳои он, додани маҳр ба зан ҳангоми никоҳ ва ғайра, ки дар Қуръону суннат ҳамчун падидаҳои илоҳӣ таҷассум ёфтаанд, дар асл реша ба суннатҳои қадими тоисломии арабҳо доранд. Вале Паёмбари ислом тавонист, ки аз ин суннатҳо одату маросим ва афкори иҷтимоии исломиро шакл дода, дар ин замина эътиқодоти исломиро ташаккул диҳад ва аз номи Худованд онҳоро муқаддас гардонад.

**Калидвожаҳо:** таҷриба, иҷтимоӣ-динӣ, одат, маросим, муносибатҳои оилавӣ, никоҳ, талоқ, тоисломӣ, закот, садақа, байъат, рибоъ, бародархондагӣ, ислом.

## СОЦИАЛЬНО-РЕЛИГИОЗНЫЙ ОПЫТ ДОИСЛАМСКИХ ОБРЯДОВ И РИТУАЛОВ В ФОРМИРОВАНИИ ИСЛАМСКИХ ТРАДИЦИЙ И ОБРЯДОВ И СОЦИАЛЬНОЙ ИСЛАМСКОЙ МЫСЛИ

В статье автор показал, что обычаи, ритуалы, церемонии и социальные мысли ислама, являющиеся важным фактором формирования исламских верований, на самом деле не являются сверхъестественным явлением, а берут свое начало из социально-религиозного опыта доисторического Ислама и древних евреев. В частности, в статье указывается, что после переселения в Ятриб и основания первой мусульманской общины, в которой Пророк как мудрец имел полномочие контролировать решения совета этой общины, это не было новым явлением, а новой формой реализации роли того же шейха или сайида является племя, существовавшее в социальном опыте доисламских арабов.В то же время в статье указывается, что религиозная обязанность мусульман в вопросе выплаты закята с имущества, ставшего одним из важных столпов ислама, и даяние милостыни также является одной из древних традиций арабов и иудеев, которая соблюдается в целях защиты «социальной справедливости».Еще одним важным вопросом, который более подробно исследован в статье, является вопрос семейных отношений, особенно брака и развода в исламе. В статье доказывается, что полиандрия и полигения, лишение женщин избирательных прав, брак, взаимный (временный) брак, развод и его формы, предоставление женщине приданого во время брака и др., которые воплощены в Коране и Сунне как божественные явления, на самом деле уходят своими корнями в традиции. Арабы имеют доисламскую древность. Однако Пророк Ислама смог сформировать исламские обычаи, ритуалы и социальные мысли из этих традиций, сформировать исламские верования в этом контексте и освятить их во имя Бога.

**Ключевые слова:** опыт, социально-религиозный, обычай, обряд, семейные отношения, брак, развод, доисламский период, закят, милостыня, залог, ростовщичество, братство, ислам.

## SOCIO-RELIGIOUS EXPERIENCE OF PRE-ISLAMIC RITES AND RITUALS IN THE FORMATION OF ISLAMIC TRADITIONS AND RITES AND SOCIAL ISLAMIC THOUGHT

In the article, the author showed that the customs, rituals, ceremonies and social thoughts of Islam, which are an important factor in the formation of Islamic beliefs, are in fact not a supernatural phenomenon, but originate from the socio-religious experience of prehistoric Islam and ancient Jews. In particular, the article points out that after the resettlement in Yathrib and the founding of the first Muslim community, in which the Prophet, as a sage, had the authority to control the decisions of the council of this community, this was not a new phenomenon, but a new form of realizing the role of the same sheikh or sayyid is a tribe, that existed in the social experience of pre-Islamic Arabs.At the same time, the article points out that the religious obligation of Muslims to pay zakat on property, which has become one of the important pillars of Islam, and giving alms is also one of the ancient traditions of the Arabs and Jews, which is observed in order to protect "social justice".Another important issue, which is explored in more detail in the article, is the issue of family relations, especially marriage and divorce in Islam. The article proves that polyandry and polygeny, disenfranchisement of women, marriage, mutual (temporary) marriage, divorce and its forms, giving a dowry to a woman during marriage, etc., which are embodied in the Quran and Sunnah as divine phenomena, are in fact are rooted in tradition. The Arabs are of pre-Islamic antiquity. However, the Prophet of Islam was able to form Islamic customs, rituals and social thoughts from these traditions, form Islamic beliefs in this context and sanctify them in the name of God.

**Key words:** experience, socio-religious, custom, ritual, family relations, marriage, divorce, pre-Islamic period, zakat, almsgiving, pledge, usury, brotherhood, Islam.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Нурулҳақ Қамар*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи диншиносӣ, номзади илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Сведения об авторе:** ***Нурулхак Камар*** – Таджикский национальный университет, кафедра религиоведения, кандидат философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **93-315-02-46.**

**Information about the author**: ***Nurulkhak Kamar*** - Tajik National University, , Department of Religious Studies, Candidate of Philological Sciences, Professor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **93-315-02-46**

ТДУ:1/14(575)(575.3)

# МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЙЛАСУФОНИ АСРИМИЁНАГИИ ҒАРБ

*Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, Болтаева М. Н.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Таҳлили моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ ва таърифҳое, ки дар фалсафа ва психологияи муосир оид ба онҳо пешниҳод гардидаанд, нишон медиҳад, ки дар раванди баррасии ин падидаҳо муҳаққиқон ба коркардҳои фалсафии ин масъала дар замонҳои гуногун ва дар фарҳангҳои мардуми мухталифи олам такя намудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи инсоният дар ин мавзуъ, ки дар фалсафа ва илми чӣ Ғарбу чӣ Шарқ инъикоси худро ёфтааст, метавонад тасаввуроти моро оид ба моҳияти падидаҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ боз ҳам васеътар намояд. Вобаста ба ин, қабл аз ҳама, равшан сохтани моҳияти ақидаҳои мутафаккирони даврони атиқа дар мисоли намояндагони фалсафаи Юнони қадим ва таъсири он ба таълимоти файласуфони асримиёнагӣ метавонад барои муайян сохтани паҳлуҳои гуногуни масъалаи худшиносӣ мусоидат кунад.

Чунонки маълум аст, дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ бори аввал файласуфони Юнони қадим - ҳафт хирадмандон, яъне Фалес, Питтак, Биант, Солон, Клеобул, Мисон ва Хилон оид ба худшиносӣ сухан гуфта, шиори маълуми «Худро шинос!» (*ба забони юнонӣ* "Gnothi se auton", ба забони лотинӣ "Nosce te ipsum")-ро пешниҳод намудаанд. Бо иқдоми ин хирадмандон, тибқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо, тахмин меравад, ки он дар маъбади Аполлон дар шаҳри Делфҳо дар асрҳои VII-VI то мелод ҳаккокӣ карда шуда, минбаъд миёни донишмандону мардуми муқаррарӣ алоқамандони зиёде пайдо намуд. Яке аз он ҳафт хирадмандон Хилон (600-520 то мелод) ин шиори худшиносиро дар шакли муфассалтар - «Худро шинос ва ту худоён ва Оламро мешиносӣ» баён намудааст. Суқрот (469-399) бошад, баъди зиёрати маъбади мазкур ибораи «Худро шинос!»-ро ҳамчун шиори фалсафии худ қарор дод.

Оид ба таълимоти ҳафт хирадманди Юнони қадим дар самти худшиносӣ ва худогоҳӣ маълумоти хеле кам то даврони мо расидааст. Аз Суқрот бошад, агарчи асаре боқӣ намондааст, вале дар сарчашмаҳои қадимӣ баъзе афкори ӯро зикр кардаанд, ки муҳаққиқони муосир дар асоси онҳо баъзе ҷанбаҳои таълимоти мутафаккирро дар ин масъала равшан сохтаанд. Дар маҷмуъ, Суқрот дар даврони атиқа бо пешниҳоди худшиносӣ як таҳаввулоти меҳвариро дар фалсафа ба вуҷуд овард, ки баъди он на табиат, кайҳон, балки инсон, руҳи ӯ дар маркази таҳқиқи он қарор гирифт.

Дар бораи худшиносӣ андешаронӣ намуда, Суқрот онро бо маърифати некӣ, хайр айни ҳамдигар медонад, вале ягон қонуни ахлоқиро барои ин муқаррар намесозад. Худшиносии суқротӣ, дар баробари ин, як қисмати таълимоти мутафаккирони Юнони қадим дар бораи «ғамхорӣ ба худ» мебошад, ки ба чунин маъно аст: «Ғамхорӣ ба худ – ин амалияи «тамринҳои маънавӣ» (ба истилоҳи П. Адо) буда, дар он худшиносӣ нақши калидиро иҷро мекунад. Ин чунин тамрини маънавӣ аст, ки дар сатҳи амалӣ (дар нисбати Суқрот) зуҳур мекунад» [5, с.27].

Ҳамзамон, «барои Суқрот шинохтани худ дар танҳоӣ имконнопазир аст, он танҳо тавассути робитаи мутақобила амалӣ мегардад, ки ин табиати иҷтимоӣ доштани инсонро таъкид месозад» [11,с. 147]. Ба ибораи дигар, Суқрот инсонро дар якҷоягӣ бо инсони дигар бо самтгирӣ ба худии худ ҷустуҷӯ мекунад.

Тарзи ҳаёт ва сабабу омилҳои марги Суқротро ба эътибор гирифта, муҳаққиқон худтаҳлилкунии инсонро асоси таълимоти ӯ дар бораи худшиносӣ донистаанд, вале дар ин бора чунин хулоса кардаанд, ки муроқибаҳо ва медитатсияҳои ӯ бо сокит истодан дар як ҷо ин на навъе аз танбалӣ, балки як навъи фаъолмандӣ ва

худшиносии ба худ хос буд: «Оне, ки дар ҳаёт ва таълимоти Суқрот ба ваҷд меоварад, ин фаъолмандии бузург, мардонавор ва пур аз муҳаббати ӯст. Ин фаъолмандиро ӯ ба асрори бузурги худшиносӣ низ интиқол дод, ки дар мисоли Суқрот онро камтар аз медитатсияи ғайрифаъол ҳисобидан мумкин аст, агарчи ин ба онҳое, ки ӯро шаборӯзӣ дар ҳолати сукут дар як макон медиданд, чунин ба назар мерасид, вале руҳи бузурги ӯ дарвоқеъ «ғоибона ба болоҳо мепарид». Аммо ин «ғайрифаъолии» ба назар расанда амалан зуҳури неруи бузурги маънавӣ буд, ки болҳояшро барои ҷустуҷӯ-парвоз кардан ба сӯйи некӣ кушода, барои ӯ ҳамчун ҳақиқат ва зебоӣ буд» [7, с.98].

Дар маҷмуъ, агар Суқрот ва ҳафт хирадманд қабл аз ӯ ҳамчун бунёдгузорони худшиносӣ дар фалсафаи даврони атиқаи Юнони қадим эътироф шуда бошанд, пас, ба ақидаи мо, файласуфи ҳамин даврон Протагорро (485-410 то мелод) поягузори худшиносии анропологӣ дар фалсафа номбар кардан мумкин аст, зеро маҳз ҳамин мутафаккир бори аввал дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ эълом доштааст, ки «Инсон меъёри ҳама чизҳост». Ин ақидаи ӯ таҳти тасири андешаҳои Гераклит (544-483) оид ба ҷоришаванда будани ашё ташаккул ёфтааст. Дар бораи антропологӣ будани таълимоти умумии Протагор муҳаққиқи рус С.В. Романов низ масъалагузорӣ намудааст: «Маҳз Протагор яке аз аввалинҳо шуда, симои инсонро на танҳо дар маркази фалсафаи худ, балки дар маркази ҳастӣ дар умум қарор дод ва аломатҳои хосси инсонро дар қиёс бо мавҷудоти дигари зинда возеҳ сохт» [11, с.98].

Протагор аз ҳамзамонони Суқрот буда, таълимоти ӯ дар бораи худшиносӣ камтар мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Аз ин мутафаккир то даврони мо ягон осоре боқӣ намондааст, агарчи маълум аст, ки ӯ чунин рисолаҳо, трактатҳоро таълиф намудааст: «Ҳақиқат», «Дар бораи ҳастӣ», «Нутқи бузург», «Зиддиятҳо», «Дар бораи худоён» ва ғайра. Дар бораи баъзе андешаҳои ӯ, ки, аз ҷумла, масъалаҳои худшиносиро фаро мегиранд, дар асоси асарҳои дигари намояндагони фалсафаи Юнони қадим маълумот пайдо кардан имкон дорад. Маълумоти мавҷударо дар осори Афлотун, Арасту, Диоген Лаэртий (асрҳои II-III мелодӣ) ва дигарон ҷамъоварӣ намуда, муҳаққиқони фалсафа маҷмуае бо номи «Протагор аз Абдер. Пораҳо ва шаҳодатҳо» бо забонҳои англисӣ ва русӣ аз осори ӯ нашр намудаанд, ки бо такя ба он баъзе андешаҳои мутафаккирро оид ба худшиносӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар таълимоти худ Протагор, дар баробари инсон, оид ба масъалаҳои табиат, физика ва амсоли он низ, ки дар фалсафаи Юнони қадим бо сабаби кайҳонмарказӣ будани он интишори васеъ доштанд, ақида баён намудааст. Аммо, ақидаи марказии ӯ оид ба меъёри ҳама чизҳо будани инсон, ки ҷавҳари таълимоти мутафаккирро оид ба худшиносӣ ташкил медиҳад, дар маълумоти аз осори ӯ боқимонда мавқеи асосӣ дошта, мутафаккирони дигар низ маҳз ба ҳамин ҷанбаи таълимоти ӯ таваҷҷуҳ доштаанд. Таҳлили мукаммали ин андешаи Протагор, ба ақидаи мо, ба ду хулоса меорад: 1) агар инсон ҳамчун меъёри асосии ҳама чизҳо бошад, пас таваҷҷуҳи ӯ ҳамчун меъёри асосӣ бояд ба худи ӯ, яъне ба худшиносӣ равона карда шавад; 2) агар инсон меъёри ҳамаи чизҳои мавҷудбуда ва мавҷуднабуда бошад, пас инсон дар бораи худ ва тамоми ашёву зуҳуроти дигар дониш гирифта метавонад (ба истиснои худоён, ки поёнтар инро шарҳ медиҳем). Ин ақида тавассути таҳлили пораҳои боқимонда аз суханони мутафаккир исботи худро пайдо мекунад.

Барои рушди худшиносӣ Протагор ба инсон чунин омилҳоро муҳим дониста, дар ин самт баъзе тавсияҳо додааст: 1) дар асари худ «Нутқи бузург» ӯ худшиносиро аз хислатҳои табиии фард, машғулии ӯ ба медитатсия вобаста донista, аз даврони ҷавонӣ ба илмомӯзӣ дода шуданро муҳим шумурдааст; 2) тарбия ва худшиносӣ танҳо бо роҳи рафтан ба умқи худ ва ба умқи донишҳо натиҷа медиҳанд; 3) донистани илмҳо, аз ҷумла назарияи шеър, аз рукнҳои муҳимми тарбияи инсони худшинос аст, зеро ин имкон медиҳад, то инсон бифаҳмад, ки чиро шоирон дуруст ва чиро нодуруст

гуфтаанд; 4) кӯшишҳои шахсӣ, меҳнату заҳмат, тарбия ёфтан ва хирадмандӣ тоҷи сари инсон дар роҳ ба сӯйи худшиносӣ мебошанд [8, с.318, 321, 328].

Ҳамаи суханони болозикри Протагарро таҳлил намуда, файласуфи Юнони қадим Гермий (соли ваф. 341 то мелод) – шогирди Афлотун ва дӯсти Арасту дар «Мазоҳи файласуфони бутпараст» баён доштааст, ки «ман аз Протагор ба ваҷд меоям, ки ҳама ё аксарияти чизҳоро ба худи инсон вогузор мекунад» [8, с.328].

Омӯзиши инсонро тавсия намуда, Протагор бар хилофи андешаҳои дар даврони ӯ интишорёфта оид ба моҳияти худоён як мавқеи скептикӣ, шаккокиятро ишғол намудааст: «Ман дар бораи худоён наметавонам онро бидонам, ки онҳо ҳастанд, на онро, ки онҳо нестанд, на онро, ки онҳо аз кадом навъанд: чизҳои зиёде ба дарёфти инчунин донишҳо мамониат мекунанд, ҳам нофаҳмо будани худи предмет ва ҳам кӯтоҳ будани умри инсонӣ» [8, с.318]. Ин мавқеи Протагор, аз нигоҳи мо, нишон медиҳад, ки ӯ қисмати дуюми ақидаи Хилонро дар бораи худро шинохтан ба шинохти худоён мебарад, ғайриимкон мегардонад.

Бояд таъкид намуд, ки ақидаҳои Протагор дар бораи инсон ва худшиносии ӯ на танҳо мардуми Афина ва дигар шаҳрҳои Юнони қадимро ба ваҷд меоварданд, балки ба муқобилияти сахте низ дучор гардида буданд. Аз ҷумла, Афлотун аз забони Суқрот ва бо сабаби ба идеализм майл доштанаш дар асараш «Қонунҳо» ба Протагор чунин эътирозҳо намудааст: «Дарвоқеъ, чаро Ҳақиқати худро шуруъ намуда, ӯ эълон нанамояд, ки «меъёри ҳама чизҳо хуки ахташуда» ё «маймуни бабуин мебошад», ё худ ягон мавҷуди дигари аз ин ҳам боз ғарибтаре аз ҷумлаи онҳое, ки соҳиби ҳис мебошанд... Худо барои мо меъёри ҳама чизҳост, ҳам дар дараҷаи олӣ ва ҳам то андозаи зиёдтаре, на он ки мегӯянд, кадом як инсоне» [8, с.324-325].

Арасту низ дар «Метафизика»-и худ ба андешаҳои Протагор муқобилият нишон дода, қайд намудааст: «Мо мегӯем, ки илм меъёри ҳама чизҳост, чунонки ҳисҳо ҳам бо ҳамин сабаб, зеро маҳз тавассути онҳо мо маърифат мекунем, агарчи худи онҳо чен карда мешаванд, на ин ки чен мекунанд» [8, с.326].

Дар ин росто, ба ақидаи мо, бояд ба назар гирифт, ки Протагор инсонро ҳамчун меъёри ҳама дониста, ба қобил будани ӯ ба худшиносӣ такя мекунад, вале ҳайвонот ба ин қодир нестанд ва дар ин кор меъёр буда наметавонанд. Ҳамзамон, Протагор инсонро субъекти меъёри ҳама шинохта, албатта, дар назар дорад, ки ӯ низ чун Арасту бовар дорад, ки инсон ин амал, яъне меъёри ҳама будани худро бо истифода аз ҳисҳо, ақл ва илм иҷро мекунад. Аз ин рӯ, эътирозҳои Афлотун ва Арасту ба Протагор дар ин масъалаҳо, хусусан меъёри ҳама будани худоён, аз нигоҳи мо, чандон асоснок нестанд.

Дар фалсафаи намояндаи дигари фалсафаи Юнони қадим, бунёдгузори идеализми объективӣ Афлотун, худшиносӣ баробар бо боандеша будан аст. Аз ин рӯ, шиори «Худро шинос!»-ро дар таълимоти афлотуния муҳаққиқони муосир баробар бо «Боандеша бош!» донистаанд.

Дар асоси таҳлили «Муколамаҳо»-и Афлотун ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки ӯ худшиносиро аз мавқеъҳои гуногун шарҳ дода, ба як қатор хулосаҳо расидааст. Аввалан, худшиносӣ тавассути зистан тибқи талаботи фалсафа ва таҷриба кардани худии худ ва дигарон имконпазир мегардад. Сониян, инсон бояд пеш аз ягон чизи худ, аввалан ба худии худаш ғамхорӣ кунад, чунонки пеш аз ғамхорӣ ба ягон моликияти шаҳр ба худи шаҳр ғамхорӣ кардан зарур аст ва ҳеҷ гоҳ худро бо сухан ё бо амал озор надиҳад. Сеюм, дигаронро дар самти бадӣ кардан ё нодуруст зиндагӣ кардан гунаҳгор накарда, инсон бояд худ кӯшиш кунад, ки комил бошад, ки барои ин амал кардан зарур аст, на даҳони дигаронро бастан [8, с. 14, 19, 20, 22].

Дар баробари ин, Афлотун аз забони Суқрот чунин баён кардааст, ки нодонӣ ин девонагӣ нест, вале худро нашинохтан ё чунин тахайюл кардан, ки чизи намедонистаро медонӣ, ба девонагӣ наздик мебошад. Ҳамзамон, Афлотун низ чун Суқрот худшиносиро як амале медонад, ки дастаҷамъона, якҷоя бо дигарон сурат мегирад [9, с.138].

Дар маҷмуъ, таҳлили «Муколамаҳо» нишон медиҳад, ки Афлотун ҷавҳари таълимоти хуро оид ба худшиносӣ дар муколамаи Суқрот ва Алкивиад баён намудааст, ки мундариҷаи асосӣ ва хулосаи он чунин аст: «Суқрот. Оё худро шинохтан осон аст (охир инро на ягон роҳгузари тасодуфие дар маъбади Пифий ҳаккокӣ намудааст)? Ё худ, баръакс, ин душвор ва на ба ҳар як кас дастрас аст? Алкивиад. Аксар вақт ба ман чунин менамуд, ки ин ба ҳама дастрас аст, вале аксар вақти дигар, баръакс, инро ман кори хеле вазнин тасаввур мекардам. Суқрот. Аммо, Алкивиад, ин барои мо осон аст ё нест, чунин рух медиҳад: худро шинохта, мо ҳамзамон ғамхориеро мешиносем, ки ба он муҳтоҷ ҳастем, вале бе чунин шинохтан мо инро ҳеҷ гоҳ дарк намекунем. Алкивиад. Дар ҳақиқат ҳамин тавр аст… Суқрот. Гӯш кун: чӣ тавр мо метавонистем, ки ҳамин «худии» худро ҷустуҷӯ намоем? Шояд, ки бо ин тарз мо медонистем, ки мо аз чӣ иборатем, вале якумро надониста, мо худро ҳам шинохта наметавонем… Суқрот. Пеш аз ин гуфта шуда буд, ки, қабл аз ҳама, зарур аст, ки «худии» худро баррасӣ намоем. Ҳоло бошад, ба ҷойи «худӣ» дар шакли умумӣ мо ҳар як «худиро» баррасӣ намудем – он аз чӣ иборат аст ва шояд ин барои мо басанда аст: охир мо қайд намудем, ки дар мо аз руҳ дида чизе асоситар нест… Яъне, он ки амр медиҳад, ки мо худро шиносем, инчунин фармон медиҳад, ки руҳи худро бишиносем» [9, с.143-146].

Ба ибораи дигар, ин муколамаи тулонӣ собит месозад, ки Афлотун ҳамчун файласуфи идеалист худшиносии инсонро баробар бо донистани моҳият ва ҷавҳари руҳи инсонӣ ҳисобидааст. Ҳамчунин, тибқи таълимоти Афлотун, ««қонуни вуҷуди инсон» - ноумус амалҳои инсониро зери назорат гирифта, бо иҷрои вазифаҳои хеш инсонро пойбанди «ҳадди васат» мекунад [2, с.110], ки амали мазкур дар самти тарбияи худшиносии инсон муҳим дониста мешавад.

Дар бораи ақидаҳои файласуфи дигари Юнони қадим - Арасту оид ба худшиносӣ сухан ронда, бояд қайд кард, ки дар ин амал низ ӯ, то андозае, тибқи ҳамон андешаи «Афлотун дӯсти ман аст, вале ҳақиқат афзалтар аст» амал намуда, худшиносиро бар хилофи устоди худ як амали душвор ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ғийриимкон донистааст. Дар ин бора ӯ дар асари худ «Этикаи бузург» чунин нигоштааст: «Худро шинохтан ин, чунонки баъзе хирадмандон мегуфтанд, кори аз ҳама вазнин ва аз ҳама хурсандиовар аст (охир чӣ тавр хурсанд нашавӣ, ки худро мешиносӣ), аммо мо худро бо неруҳои худ дида наметавонем, ин бо сабаби он маълум аст, ки дигаронро сарзаниш намуда, мо ҳис намекунем, ки худ рафторҳои ҳамранги онҳо мекунем; ин бо сабаби гузашт кардан ба худии худ ё аз сабаби ҳирс рух медиҳад, ки аксари моро ин ҳолат гӯё нобино мекунад ва намегузорад, ки дуруст андешаронӣ кунем; аз ин рӯ, чунонки ҳангоми хоҳиши дидани рӯйи худ мо ба оина нигоҳ мекунем ва онро мебинем, ба ҳамин тарз чун хоҳиши шинохтани худро дошта бошем, мо метавонем ба дӯсти худ нигоҳ карда, худро бишиносем. Охир, дӯст, чунонки мо мегӯем ин «мани дуюм» аст. Ба ҳамин тариқ, агар шинохтани худ хурсандиовар аст ва шинохтани худ бе дӯст ғайриимкон аст, пас инсони худкифо бояд ба дӯстӣ ниёз дошта бошад, то худии худро бишиносад» [3, с.373].

Таҳлили ин пораи матн нишон медиҳад, ки донишҳои дар натиҷаи худшиносӣ бадастомада, аз нигоҳи Арасту, метавонанд, ки бо сабаби гузашт кардан бар худ ғайриҳақиқӣ бошанд, аз ин рӯ, инсон бояд худро дар мисоли дигарон, масалан, дӯсти худ шиносад. Ин ақида ва ақидаҳои дигар Арастуро ба чунин хулоса оварданд, ки ӯ ба ҷойи худшиносӣ Худошиносиро пешниҳод намояд. Оид ба ин масъала муҳаққиқи рус С.А. Гарнтсев одилона қайд мекунад, ки бо сабаби машғулии худ ба таҳқиқоти объективӣ, Арасту завқмандии худро ба ҷузъиёти масъалаи худшиносӣ гум карда, бештар ба таҳқиқи ақли инсонӣ ва ақли илоҳӣ дар доираи этика (илми ахлоқ) ва ноология (руҳшиносӣ) машғул гардид [6,с. 28]. Бо ҳамин сабаб, худшиносӣ ва худогоҳие, ки Арасту дар бораи онҳо сухан мегӯяд, дар мадди аввал бо Худошиносӣ алоқамандӣ доранд.

Бояд таъкид намуд, ки оид ба худшиносӣ дар Юнони қадим, инчунин дар таълимоти софистон, киникҳо, равоқиён, пайравони Эпикур (342/341-271/270 то мелод) ва ҷараёну мактабҳои дигари фалсафӣ сухан гуфтан имкон дорад, вале миёни онҳо Афлутин (204/205- 270) ва навафлотуния мақоми хосса доранд. Ин мутафаккир, ки дар Юнони Қадим ва империяи Рим умр ба сар бурда, таълимоти Афлотунро ба система даровардааст, беш аз ҳама бо таълимоти худ, ки бо номи навафлотуния машҳур аст, ба фалсафаи Шарқ таъсир гузоштааст.

Афлутин дар асари худ «Эннеадҳо», ки дар он фасле бо номи «Дар бораи шахсиятҳо ва он, ки дар он тараф аст» ном дорад, мухтасари ақидаҳои худро оид ба масъалаи худшиносӣ баён доштааст. Ӯ чунин меҳисобад: «Агар ақл Худоро медонад, пас дар ин дониш дар бораи худ низ дониш вуҷуд дорад; оромӣ ва сукути ақл неруест, ки ба худ нигаронида шудааст» [10, с.61]. Ба ибораи дигар, барои Афлутин худшиносӣ ин Худошиносӣ аст, ки тавассути ақл сурат мегирад. Ақл бошад, аз руҳи оқила ва дарки ҳиссӣ, ки аз ин руҳ пасттар аст, болотар қарор дорад.

Дар бораи натиҷаҳои худшиносӣ сухан гуфта, Афлутин дар назди худ ду савол мегузорад ва худ ба онҳо ҷавоб мегӯяд: 1) Инсоне, ки худ ба ақл табдил ёфтааст, худро чӣ гуна мебинад? 2) Чӣ тавр ва то кадом ҳудудҳоро худшиносӣ метавонад фаро гирад? Ҷавоб ба саволи якум чунин аст: «ӯ равшан месозад, ки ақл ба он чи ки бо ақл дарк мешавад, воқеияти ягонаанд» [10,с. 61]. Ин ҷавоб Афлутинро ба пантеизм (таълимот дар бораи айнияти табиат ва Худо) бурдааст ва маҳз ҳамин ақидаи ӯ минбаъд дар тасаввуф ва ирфони шарқӣ интишори васеъ пайдо намудааст.

Ҷавоби Афлутин ба саволи дуюм чунин аст: «Мо худии худро ба шарофати донистани чизҳои дигар мешиносем, ки тавассути чунин руъят сурат мегирад: ё донистани ин руъят тибқи неруи маърифатӣ, ё бо ҳамин нерӯ, ё табдил ёфтан ба ҳамин неру; аз ин рӯ, инсоне, ки худро мешиносад, духӯра аст: як ҷанбаи ӯ табиати муҳокимарониро, ки ба руҳ нисбат дорад, мешиносад; ҷанбаи дигар болотар аз ин меравад ва худро тибқи ақл мешиносад, чунки ба ҳамон мубаддал шудааст; ба шарофати он, ки ақл худии худро фикр мекунад, пас ӯ (яъне инсоне, ки то дараҷаи ақл боло рафтааст) худро аллакай на ҳамчун инсон, балки ҳамчун мавҷуди комилан дигаре фикр мекунад, ки худро ба Олӣ ҷалб мекунад ва то он ҷо танҳо қисмати беҳтарини руҳи худро боло мекашад, ки фақат ҳамин қодир аст, ки ба тафаккур бол кушояд, то ҳама он чизеро, ки он ҷо дидааст, дар худ нигоҳ дорад» [10, с.68]. Дар ин пораи матни Афлутин низ, чунонки мебинем, пойбандии ӯ ба пантеизм ва боварию эътимоди комил ба расидан то ба Ҳақ, иттиҳод ёфтан бо Ӯ тавассути худшиносӣ ба таври возеҳу равшан мушоҳида мешавад.

Бояд таъкид намуд, ки бо оғози даврони асримиёнагӣ, ки дар он идеологияи тамоман дигар ҳукмронӣ намуда, ба таълимоти дини масеҳият такя мекард, ақидаҳои Афлутин, навафлотуния ва дигар пешгузаштагони ӯ, махсусан Афлотуну Арасту, дар бораи худшиносӣ ба гӯшаи фаромӯшӣ нарафта, ба файласуфони асримиёнагӣ таъсири худро гузоштанд. Аз ҷумла, файласуфи юнонӣ, яке аз апологетҳо (муҳофизон)-и масеҳият Клименти Александрӣ (150-215) дар оғози паҳншавии дини масеҳӣ худшиносиро ҳамчун илм шарҳ дода, бо такя ба таълимоти дини масеҳӣ ва андешаҳои ахлоқӣ дар китоби худ «Педагог» (китоби сеюм, фасли 1 «Дар бораи зебогии ҳақиқӣ») гуфтааст: «Зеботарин ва муҳимтарин аз тамоми илмҳо, бешубҳа, худшиносӣ аст. Зеро оне, ки худро мешиносад, ӯ ба шинохти Худо низ мерасад; ва оне, ки Худоро мешиносад, ӯ кӯшиш мекунад, ки ба Ӯ монанд бошад; аммо ин ба маънии он нест, ки худро бо зебу зиннати тиллоӣ ороиш диҳӣ ва либосҳои муфаххар бипӯшӣ, балки дар накукорӣ ва кам кардани талаботи худ то ҳадди ақал мебошад» [1, с.106].

Дар баробари ин, дар фалсафаи асримиёнагӣ баъзе ақидаҳоро оид ба худшиносӣ илоҳиётшинос, намояндаи патристика (падарони калисо) Аврелий Августини Муқаддас (354-430) баён намудааст. Ин мутафаккир комилан дар зери таъсири ақидаҳои навафлотуния қарор дошта, дар китоби ҳафтуми асари худ

«Омӯрзиш» бо такя ба шиори Афлутин «Ба ботини худ даро!» ва назарияи маълуми маърифати Холиқ тавассути маърифати махлуқ, яъне тавассути маърифати инсон, оид ба худшиносӣ сухан гуфтааст, ки он зина ба зина ба Худошиносӣ мебарад: «Ва тадриҷан аз тан ба рух, ки тавассути тан ҳис мекунад, аз он ҷо ба неруи ботинии он, ки дар бораи зоҳир тавассути ҳисҳои моддӣ иттилоъ мегирад (ин ҷо сарҳади имкониятҳо барои ҳайвонот аст), минбаъд ба қобилияти муҳокимаронӣ, ки ҳукм дар бораи он чӣ мебошад, ки аз ҷониби ҳисҳои моддӣ дарк мешавад. Тағйирёбанда будани худро фаҳмида, рух то дараҷаи худшиносӣ боло меравад, фикрро аз ашёи муқаррарӣ дур месозад, аз парешонии шабаҳҳои зиддиятнок озод мешавад ва саъй мекунад, то бифаҳмад, ки кадом нуре ба ӯ қатрапошӣ намуд» [4,с. 102].

Бояд зикр намуд, ки Аврелий Августини Муқаддас ба иттиҳоди Холиқу махлуқ ва руъяти Худо аз ҷониби инсон эътиқод дорад, аз ин рӯ ӯ дар китоби даҳуми «Омӯрзиш» чунин саволе назди худ гузоштааст: «Оё аз Ту шунидан дар бораи худ маънии онро надорад, ки худро мешиносӣ?» [4, с.141].

Дар робита бо суханони мутафаккир муҳаққиқи рус М. А. Гарнтсев чунин таъкид доштааст: «… бо як устувории начандон каме Августин кӯшиш мекард, ки ҳадафи ниҳоии худшиносиро дар раванди Худошиносӣ пайдо кунад, яъне на танҳо дар он, ки рух худро бе муносибат ба нахустсабаби худ шинохтааст, балки дар он, ки рух бо архетипи нуронӣ натиҷаҳои худтаҳлилкуниро, ки бо «кумак аз боло» равшану муқаддас гардидаанд, қиёс карда, худро ҳамчун образи Худо шиносад, ки дар тағйирёбандагии вақтӣ маҳвнашаванда мебошад» [6, с.83].

Минбаъд дар таълимоти асримиёнагӣ андешаронихо дар бораи худшиносӣ то асри XII хеле заиф гардиданд. Тавре ки М.А. Гарнтсев ёдовар шудааст, дар асри мазкур бошад, фаҳмиши илоҳиётшиносии «Худро шинос!» каме боло рафта, аз ҷумла як намояндаи номаълуми фалсафаи асримиёнагӣ беҳтарин дониш онро донистааст, ки тавассути он инсон худро мешиносад. Инро муҳаққиқони зиёде ҳамчун равияи «суқротияи масеҳӣ» номгузорӣ кардаанд, ки ба таҳлили масъалаҳои маърифат аз нигоҳи антропология ва мушкилоти ахлоқ машғул будааст [6, с.105].

Ба ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқи масъалаи худшиносӣ дар Юнони қадим дар даврони атиқа ва фалсафаи асримиёнагӣ ба чунин хулосаҳо расидан мумкин аст:

- Хилон мазмуни шиори худшиносӣ – «Худро шинос!»-ро бо натиҷаҳо аз он, яъне шинохти худоён ва Олам муфассалтар намудааст;
- Сукрот худшиносиро бо маърифати некӣ, хайр ва донистани руҳи худ айни ҳамдигар медонад;
- Протагор ҳамчун поягузори худшиносии антропологӣ тавассути худшиносӣ шинохти худоёнро рад намудааст;
- Афлотун худшиносиро баробар бо боандеша будан ва донистани моҳияти руҳи инсонӣ ҳисобидааст;
- Арасту чунин ақида дорад, ки инсон худро дар мисоли дигарон, мешиносад ва он ба Худошиносӣ мебарад;
- Афлутин ба пантеизм майл дошта, худшиносиро роҳи расидан ба худ ва иттиҳод ёфтан бо Ҳақ медонад;
- Клименти Александрӣ худшиносиро ҳамчун зеботарин ва муҳимтарини илмҳо донистааст, ки ба шинохти Худо мерасонад;
- Августини Муқаддас ба иттиҳоди Холиқу махлуқ ва руъяти Худо аз ҷониби инсон дар натиҷаи худшиносӣ эътиқод дорад ва ғ.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки фаҳмиши моҳияти худшиносиро дар асоси таълимоти мутафаккирони зикршуда ҷамъбаст намуда, ин таҷрибаи ғаниро дар таҳкими пояҳои илмии таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаи худшиносии фардӣ ва коллективӣ, таҳияи консепсияи муосир дар ин самт мавриди истифода қарор диҳем.

**Муқарриз:Зиёев И.Г. – д.и.ф.,профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Александрийский Климент. Педагог. Перевод с древнегреческого, вступит. статья, комментарии А. Ю. Братухина. - СПб.: Издательство Олега Абышко, 2018. — 352 с. - С. 106 // file:///C:/Users/%D0%9C%D0%BE%D0%B9%20%D0%B4%D0%B0%D0%BA%D1%83%D0%BC%D0%B5%D0%BD%D1%82/Downloads/pedagog_kliment.pdf (санаи муроҷиат: 31.05.2023).
2. Амирхон Ш.Т. Масъалаи тағйирпазирии ахлоқ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2020. -№6. –С. 107-113.
3. Аристотель. Сочинения в четырех томах. Том 4. – М.: Мысль, 1983. – 830 с.
4. Блаженный Августин. Исповедь. – Спб.: Наука, 2013. - 373 с.
5. Ващенко А.В. Самопознание в античной философской мысли и христианской традиции / А.В. Ващенко // Вестник Русской христианской гуманитарной академии. - 2020. - Том 21. -Выпуск 2. – С. 24-31.
6. Гарнцев М. А. Проблема самосознания в западноевропейской философии / М. А. Гарнцев. – М.: Изд-во МГУ, 1987. – 216 с.
7. Ильин В.Н. Сократ и антропология самопознания // Вопросы философии. - 2014. - № 10. - С. 87-99.
8. Протагор из Абдер. Фрагменты и свидетельства // Философское антиковедение и классическая традиция. – 2020. – №1. Том 14. - С. 309-338.
9. Платон. Диалоги. – М.: Мысль, 1986. - 810 с.
10. Плотин. Эннеады. Пятая Эннеада. –Спб.: Изд-во О. Бышко, 2005 –320 с.
11. Романов С.В. Стратегия саморазвития человека в античной философии / С.В. Романов // Сибирский философский журнал. – 2021. - №2. -Том 19. – С. 145-157.


## МАСЪАЛАИ ХУДШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ФАЙЛАСУФОНИ АСРИМИЁНАГИИ ҒАРБ


Дар мақола моҳияти фалсафии мафҳумҳои худшиносӣ ва худогоҳӣ дар фалсафаи Юнони қадим ҳамчун шинохти худ, худоён ва Олам, маърифати некӣ ва донистани руҳи худ, баробар бо андешаманд будан, худро дар мисоли дигарон ҳамчун «мани дуюм» шинохтан ва тавассути он ба шинохти моҳияти ҷавҳар расидан, роҳи расидан ба худ ва иттиҳод ёфтан бо Ҳақ тафсир ёфтааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар зери таъсири ин ақидаҳо файласуфони асримиёнагии Ғарб худшиносиро ҳамчун зеботарин ва муҳимтарини илмҳо донистаанд, ки ба шинохти моҳияти ҷавҳари аслӣ бурда, дар натиҷаи он иттиҳоди Холиқу махлуқ ва дарёфти ҳақиқати мутлақ муяссар мегардад. Дар ҳар ду сурат ҳам худшиносии файласуфони Юнони қадим ва даврони асримиёнагии Ғарб бо вуҷуди маҳдудият дар доираи андешаи динӣ ҷанбаҳои зиёди воқеию амалии худро дорад, ки дар таҳияи консепсияи муосири худшиносии фардию коллективӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад.



**Калидвожаҳо**: худшиносӣ, худшиносии анропологӣ, ҳақиқати аслӣ, субстансия, камолоти маънавї, гуманизм, Юнони ќадим, асрњои миёна, Худошиносї, «мани дуюм», «ѓамхорї ба худ».


## ПРОБЛЕМА САМОПОЗНАНИЯ В ДРЕВНЕГРЕЧЕСКОЙ ФИЛОСОФИИ И ЕЕ ВЛИЯНИЕ НА СРЕДНЕВЕКОВЫХ ЗАПАДНЫХ ФИЛОСОФОВ


В статье раскрывается философская сущность понятий самопознания и самосознания в философии Древней Греции как познание самого себя, богов и Вселенной, познание добра и своей души, понятие равнозначное с рассудительностью, осознание себя на примере других как «второе я» и через него как путь к богопознанию, путь достижения себя и воссоединения с Истиной. Автор подчеркивает, что под влиянием этих идей средневековые философы Запада рассматривали самопознание как самую прекрасную и важную науку, ведущую к познанию Бога, в результате которого достигается единство Творца и творения и видение Бога. В обоих случаях самопознание философов Древней Греции и средневековой эпохи Запада, несмотря на свою ограниченность в рамках религиозной мысли, имеет много реальных и практических аспектов, которые могут быть использованы при разработке современной концепции индивидуального и коллективного самосознания.



**Ключевые слова**: самопознание, антропологическое самопознание, совершенная истина, субстанция, духовное совершенствование, гуманизм, Древняя Греция, Средневековье, богопознание, «второе я», «забота о себе».


## THE PROBLEM OF SELF-KNOWLEDGE IN ANCIENT GREEK PHILOSOPHY AND ITS INFLUENCE ON MEDIEVAL WESTERN PHILOSOPHERS


The article reveals the philosophical essence of the concepts of self-knowledge and self-consciousness in the philosophy of ancient Greece as knowledge of oneself, gods and the universe, knowledge of goodness and one's soul, a concept equivalent to prudence, awareness of oneself on the example of others as a "second self" and through it as a path to knowledge of God , the way to reach yourself and reunite with the Truth. The author emphasizes that under the influence of these ideas, medieval philosophers of the West considered self-knowledge as the most beautiful and important science leading to the knowledge of God, as a result of which the unity of the Creator and creation and the vision of God are achieved. In both cases, the self-knowledge of the philosophers of Ancient Greece and the medieval era of the West, despite its limitations within the framework of religious thought, has many real

and practical aspects that can be used in the development of the modern concept of individual and collective self-consciousness.

**Key words**: self-knowledge, anthropological self-knowledge, Perfect truth, substance, spiritual perfection, humanism, Ancient Greece, Middle Ages, knowledge of God, "second self", "self-care".

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға**: 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон**: 933-13-20-20**.
***Болтаева Мунира Негматовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, кафедраи умумидонишгоҳии фарҳангшиносӣ, муаллими калон,. Суроға: 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: **92-779-65-57**

**Сведения об авторах:** ***Амирхон Шоххусайн Талбони*** – Таджикский национальный университет, кафедра истории философии и социальной философии, кандидат философских наук,. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 933-13-20-20.**
***Болтаева Мунира Негматовна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, общеуниверситетская кафедра культурологи, старший преподаватель,. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Мавлонбекова, 1. Телефон: **92-779-65-57**

**Information about the authors:** ***Amirkhon Shokhhusain Talboni*** – Tajik National University, Department of History of Philosophy and Social Philosophy, Candidate of Philosophy. Address: 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 933-13-20-20.**
***Boltaeva Munira Negmatovna*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, university-wide department of cultural studies, senior lecturer. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekov Avenue, 1. Phone: **92-779-65-57**

ТДУ:140.8 (575.3)

# МАСОИЛИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО

*Амондуллоев Б.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баҳси масоили ҳастӣ дар таълимоти фалсафии Ибни Сино мақоми меҳварӣ дорад. Мутафаккир фалсафаро илми куллӣ унвон карда, дар қисмати баҳси масоили ҳастӣ муҳимтарин сифатҳои куллии мавҷуд, ба мисли ҷузъ, кул, ваҳдат, касрат, иллат, маълул ва амсоли инҳоро баррасӣ менамояд. Ӯ таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, вайро бадеҳӣ (донистани чизе, ки ба маҳзи шунидан мусоҳиб маъноро дарк мекунад ва он эҳтиёҷ ба таъриф надорад, мисли об ва ба он монанд. –А.Б.), маълуму маъруф меҳисобад ва онро ҳам ба моддиёт ва ҳам ба маънавиёт ҳамл мекунад.

Ибни Сино дар тамоми масъалаҳои фалсафиву метафизикӣ ба ҳастӣ ва шинохти он таваҷҷуҳи махсус намуда, бар ин бовар буд, ки онро таъриф додан ё тасвир кардан ғайриимкон аст. Дар қисмати илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино мафҳумҳои куллӣ, ба мисли «вуҷуд», «шайъ», «воҳид» ва ба он монандро бадеҳитарин тасаввуроти оме, ки шомили ҳар чӣ мегарданд, ҳисобида, таъкид мекунад, ки «ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон... аз онҳо ба чизе аъраф (равшантар –А.Б.) аз худ таъриф кард» [10, с. 24].

Ин манзури ӯ дар «Донишнома» низ равшан баён шудааст: «Ҳастиро хирад худ бишносад беҳадду берасм, ки ӯро ҳад нест, ҷинсу фасл нест ва чизе аз вай омтар нест, вайро расм нест, зеро ки чизе аз вай маъруфтар нест» [1, с. 219]. Яъне, барои шинохти ҳастӣ хирад ба васоите муҳтоҷ нест ва он мафҳуми комилан равшан буда, аз таърифу тавсиф бениёз аст. Дар таълимоти Ибни Сино вожаи «ҳад» ба маънои таъриф аст ва ӯ асари алоҳидае дар ин боб бо номи «Рисолаи ҳудуд» таълиф намудааст, ки дар он ба муҳимтарин мақулоту мафҳумҳои фалсафӣ ба таври муҷаз таъриф медиҳад. Манзур аз «расм» тасвир ва аз «чизе аз вай омтар нест» чизе аз вай маъруфтар нест.

Дар ин баён Ибни Сино мафҳумҳои «ҷинс», «фасл» ва «расм»-ро махсус қайд намудааст, ки бесабаб нест. Зеро ӯ бо такя ба мантиқи шаклии замонаш танҳо таъриф ба воситаи ҷинсу фасл ва расмро медонист, ки тавассути онҳо ба мафҳумҳои ниҳоят куллӣ таъриф додан душвор, ҳатто ғайриимкон буд. Аммо дар мантиқи шаклии муосир «чанд навъи дигари таъриф коркард шудааст, ки бо ёрии яке аз онҳо лафзҳои ниҳоят куллиро низ таъриф додан мумкин аст. Ин навъи таъриф–таъриф тавассути ишораи муносибат ба зидди худ ном дорад» [9, с. 433].

Чун дар таълимоти Ибни Сино ва дигар мантиқиёни замонаш низ таъриф танҳо ба воситаи ҷинсу фасл ва расм корбаст мешуд, мутафаккир дар «Рисолаи ҳудуд» барои таъриф додан шарт мегузорад, ки «бояд ҷинси қариби чиз гирифта шавад, то ки ҳамаи зотиёти муштараки чизро дар бар бигирад» [3, с. 595]. Инчунин, таъкид мекунад, ки «дар таъриф бо овардани фасли суварӣ бе ҳаюлонӣ ва фасли ҳаюлонӣ бидуни фасли суварӣ маҳдуд машав» [3, с. 595]. Яъне, дар таъриф сифатҳои мушаххаси зоҳириву маънoии таърифшаванда бояд ба назар гирифта шавад, ки ин усул дархӯри мафҳумҳои ниҳоят куллӣ нест.

Дар низоми фалсафии Ибни Сино ба таҳлили масъалаи нахустибтидо диққати махсус дода шудааст. Мутафаккир муътақид аст, ки ҳастӣ сароғоз дорад, ки аз он шуруъ мешавад ва дорои маоде (макону замони бозгашт –А.Б.) ҳаст, ки ба он бозмегардад, ки нишони бакамолрасиаш аст. Ӯ дар баҳси мавриди назар таҳти таъсири Форобӣ қарор гирифтааст. Беҳуда нест, ки таълимоти фалсафии Форобиро Фролова Е.А. дар ташаккули шахсияти Ибни Сино муҳим меҳисобад [12, с. 80]. Ибни Сино низ ба мисли Форобӣ барои ҳастӣ маротибе қоил аст, ки ба таври зайланд. Мартабаҳои оғози вуҷуд, баъд аз зоти Воҷиб таоло, дар таълимоти ӯ чаҳор аст. Аввал, мартабаи ақлҳост, ки аз ақли аввал оғоз шуда, ба ақли фаъол ба охир мерасад. Дуюм, мартабаи нафсҳост, ки аз нафси фалаки афлок сар шуда, ба нафси

фалаки адно ба поён мерасад. Сеюм, маротиби сувар аст. Он аз сурати фалаки аъло оғоз шуда, ба сурати аносир хатм мешавад. Чаҳорум, мартабаи ҳаюло аст, ки аз ҳаюлои фалаки аъло оғоз шуда, ба ҳаюлои муштараки унсурӣ ба охир мерасад.

Маротиби бозгашт ба камолро низ Ибни Сино ба чаҳор мартаба ҷудо намудааст. Аввал, мартабаи ҷисмҳои навъи басит, ки аз фалаки аъло то заминро фаро мегирад. Дуюм, Суратҳои нахустин, ки баъд аз таркиб ба вуҷуд меоянд, ба мисли суратҳои маъданҳо ва ҳарчи ба онҳо монанд бошад. Сеюм, нафсҳо, бо шумули нафсҳои наботӣ, нафсҳои ҳайвонӣ ва нафсҳои нотиқаи муҷаррад аз модда. Чаҳорум, мартабаи Ақли мустафод, ки шомили тамоми суратҳои муҷаррада аст. Тавассути Ақли мустафод ҳастӣ бозмегардад ба мабдае, ки аз он оғоз ёфта буд ва ба мартабаи камоли худ мерасад [11, с. 372].

Яке аз мавзуъҳои меҳвариву баҳсталаб дар ҳастишиносии Ибни Сино масъалаи вуҷуд ва сабабҳои он ба ҳисоб меравад, ки дар канори масоили метафизикӣ баррасӣ мегардад. Аз баҳси масоили ҳастӣ, ки аз «Ишорот ва танбеҳот» бармеояд, маълум мегардад, ки Ибни Сино муқаддамоти ҳастиро ба «мумтаниъулвуҷуд» (нестӣ), «Воҷибулвуҷуд» (Худо) ва «имконулвуҷуд» (мавҷудоти дигар ғайри Худо) ҷудо мекунад. Барои муайян намудани ин шаклҳои ҳастӣ онҳоро дар робита бо ҳам бояд баррасӣ намуд ва «ҳеҷ кадом аз ин навъҳоро бидуни навъи дигарӣ муайян кардан имкон надорад» [13, с. 91]. Ибни Сино аз баҳси қисмати аввал сарфи назар мекунад, зеро равшан аст, ки вуҷуд наметавонад «мумтаниъулвуҷуд» бошад ва таъкид мекунад, ки «нестӣ ҳаргиз ба фоил вобастагӣ надорад» [11, с. 284]. Баҳси вуҷуд дар таълимоти ӯ асосан дар доираи «Воҷибулвуҷуд» ва «имконулвуҷуд» матраҳ мегардад. Ӯ муътақид аст, ки «ҳар мавҷуде дар мақоми зот ё худ ба худ «Воҷибулвуҷуд», ё худ ба худ «имконулвуҷуд» аст» [11, с. 259].

Ҳастии «Воҷибулвуҷуд»-ро ӯ мавҷуди қоим ба зоти худ, сабаби тамоми мавҷудот, ғайри натиҷа, камолоташ номаҳдуд, дар ҳадде тасаввурношуданӣ, воҳиди мутлақ ва вуҷудаш барои мавҷудияти дигар мавҷудот лозиму зарурӣ меҳисобад. Вуҷуди «имконулвуҷуд»-ро вобаста ба «Воҷибулвуҷуд» медонад. Дар таълимоти ӯ «имконулвуҷуд» аз ду ҷузъи зеҳнӣ: камолоту феълиятҳо ва ниҳояти камолот иборат аст. Худи мутафаккир ҷузъи аввалро вуҷуд ва дувумро моҳият ва сабабҳое, ки дар вуҷуди ҷузъи аввал муассиранд илал ё марҷаъ, ё муҷиби вуҷуд ва сабабҳое, ки боиси вуҷуди ҷузъи дуюм мешаванд, илали моҳият ё илали қивом, ё муқаввими зотӣ меномад. Дар масъалаи «Воҷибулвуҷуд» ва «имконулвуҷуд» Ибни Сино дар қисмати илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» айнан ба Форобӣ такя мекунад [10, с. 30].

Ҳастиро Ибни Сино дар «Донишнома»-аш дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом, дар асоси мақулоти фалсафии муайяннамудаи Арасту, ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад. Дар ин асар аввалан ба тавсифи араз мепардозад ва қайд мекунад, ки: «араз он бувад, ки ҳастии вай андар чизе дигар истода бувад, ки он чиз бе вай ҳастиаш худ тамом бувад ва ба феъл бувад ё ба худ, ё ба чизе дигар ҷуз вай, чунонки сапедӣ андар ҷома, ки ҷома худ ҳаст бувад ба нафси хеш ё ба чизҳо, ки ба эшон ҳаст шавад ва он гоҳ сапедӣ андар вай истода бувад. Сапедӣ ва ҳар чӣ ба вай монад, араз хонанд ва пазирои ӯро бад-ин ҷойгоҳ мавзуъ хонанд, ҳарчанд ки ба мавзуъ ба ҷойи дигар чизе дигар хонанд» [1, с. 220].

Аз ин иқтибос бармеояд, ки мутафаккир аразро яке аз қисматҳои ҳастӣ ҳисобида, вуҷудашро на қоим ба зоти худаш, балки дар заминаи чизи дигар медонад, ки ин маъноро бо вожаи «мавзуъ» ифода кардааст. Ибораи «ҳарчанд ки ба мавзуъ ба ҷойи дигар чизе дигар хонанд» ишора ба нодуруст будани назари иддае аз ҳакимони даврони Ибни Синост, ки даъво мекарданд, баъзе чизҳо дар муқоиса бо чизҳои дигар ҳам ҷавҳар ва ҳам аразанд. Мисли ҳарорат, ки ғайр аз ҷисми оташ араз аст, вале аз он ҷо, ки ҳарорат дар оташ мисли ҷузъе аз оташ аст ва дар сурати дур шудани ҳарорат, аз оташ ҳам чизе боқӣ намемонад, пас он дар ин маврид араз нахоҳад буд, балки ҷавҳар аст. Дар ин масъала Ибни Сино дар мақолаи дуюми фасли аввали илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» низ изҳори назар мекунад ва ин даъворо «хатои бузург» [10, с. 46] меномад.

Доир ба араз ва маонии он Ибни Сино дар осори дигараш низ маълумот додааст. Масалан, дар «Рисолаи ҳудуд» мутафаккир аразро исми муштарак хонда, маъноҳои онро ба тариқи зайл баён мекунад: «1. Ҳар мавҷудеро, ки дар маҳал аст, «араз» гӯянд. 2. Ҳар мавҷудеро, ки дар мавзуъ аст, «араз» номанд. 3. Араз ба ҳар маънои муфради куллие гуфта мешавад, ки нисбат ба афроди бисёр ҳамли ғайри қоимсоз мегардад ва вай аразист. 4. Араз маънои мавҷудеро мегӯянд, ки берун аз табиати чиз аст. 5. Араз ҳар маъноеро гӯянд, ки ба чиз барои вуҷудаш дар чизи дигаре, ки ба он пайваст мегардад, нисбат дода шавад. 6. Араз маъноеро гӯянд, ки дар ибтидои амр вуҷуд надошт» [3, с. 607]. Ин таърифҳо ҳар кадом аз ҷиҳате бо ҳам алоқаи маъноӣ дошта, моҳиятан тафовути аразро аз ҷавҳар нишон диҳанд ҳам, алоқамандии ин мафҳумҳо ва барои шинохти яке маърифати дигари муҳим буданро бозгӯ менамояд.

Баъди баррасии масъалаи араз дар «Донишнома» Ибни Сино моҳияти ҷавҳарро чунин баён мекунад: «Ҳар чи араз набувад ва ҳастии вай андар мавзуъ набувад, балки вай ҳақиқате бувад ва моҳияте, ки ҳастии он ҳақиқат ва моҳият андар чизе, ки пазирой бувад бад-ин сифат, ки гуфта омад набувад,... он чизро ҷавҳар хонанд» [1, с. 220]. Яъне, Ибни Сино ҷавҳарро мавҷуде медонад, ки дар мавзуе нест ва қоим ба араз набошад ҳам, иллати бавуҷудорандаи араз аст. Ҳамзамон, аз ин тарзи бархӯрд ба масоили ҷавҳару араз равшан мегардад, ки ӯ мавҷудотро ба мавҷуд биззот (ҳастиаш ба чизе бастагӣ надорад –А.Б.) ва мавҷуд биғайр (ҳастиаш вобаста ба чизи дигар аст– А.Б.) ҷудо мекунад ва қисми аввали мавҷудот биззотро ҷавҳар медонад. Пас, ҷавҳар ҳарчанд тафовути усулӣ аз араз дорад, аммо мисли он вуҷудашро на аз худаш, балки аз омилҳои беруна ва бо сабабе ҳосил мекунад. Аз ин равиши таҳқиқи мутафаккир маълум мегардад, ки баҳс атрофи ҳастии ҷавҳар ва араз танҳо дар доираи имкон-ул-вуҷуд сурат мегирад.

Мутафаккир дар рисолаи «Ҳудуд» ҷавҳарро исми муштарак хонда, шаш маънои онро нишон медиҳад [3, с. 606]. Аввал, ҷавҳарро чизе, ба мисли инсон ё сафедӣ медонад. Яъне, мавҷудоте, ба мисли ранг, гармиву сардӣ ва ба ин монандро ҷавҳар меҳисобад. Дуюм, ҳар мавҷуди ба зоти худ қоимро, ки вуҷудаш бо зоти дигаре эҳтиёҷ надорад, то ки билфеъл қоим гардад, ҷавҳар унвон мекунад, ки ба маънои мабдаи аввал аст. Сеюм, чизеро ҷавҳар медонад, ки дорои сифатҳое буда, пайдарпай зидҳои худро қабул менамояд. Чаҳорум, ҷавҳар ҳар зотеро меҳисобад, ки дар маҳал вуҷуд надорад. Панҷум, ҷавҳар ҳар зоте, ки дар мавзуъ вуҷуд надорад. Ба маънои чорум ва панҷум муштаракан бо маънои дуюм ҷавҳарро мабдаи аввал меҳисобад. Ин ҷо Ибни Сино бо такя ба усули фалсафаи арастуӣ доир ба ҷавҳар кор гирифта, вуҷуди онро мустақил ва вобаста ба худаш медонад, аммо дар ин масъала миёни афкори ин ду мутафаккир тафовути бунёдӣ низ ҷой дорад. Зеро Арасту ба ҷавҳар бо диди вуҷудӣ таваҷҷуҳ намудааст, аммо Ибни Сино бо такя ба Форобӣ ба ин масъала диди моҳиятӣ дорад. Яъне, моҳият ҳудуди вуҷудоти мумкин аст, ки дар вуҷуд ориз мешавад. Ба назари мо, сарчашмаи назариёти мутакаллимон доир ба тафовут қоил шудан байни шайъ ва мавҷуд ин тафовути бунёдӣ дар ҳастишиносии арастуӣ ва Форобиву Ибни Сино аст.

Бояд тазаккур дод, ки мутакаллимон суратро араз гуфтаанд, аммо Ибни Сино ба хилофи онҳо онро ҷавҳар меҳисобад ва равшан таъкид менамояд, ки: «сурат ҷавҳар бувад на араз» [1, с. 220]. Барои исботи ин андешааш ӯ далел меорад, ки ҷавҳарҳои моддӣ танҳо ба воситаи сурат метавонанд воқеият пайдо намоянд. Сурат ҳамчун аслест, ки ба ашё чун ҷавҳар воқеият мебахшад. Ба ибораи Ибни Сино: «Ҷавҳаре, ки ба феъл қоим аст ба зоти хеш андар маҳсусот ба вай ҷавҳар ҳамешавад ва асли он ҷавҳар аст. Ва чӣ гуна араз бувад, ки араз сипаси ҷавҳар бувад на асли ҷавҳар» [1, с. 220]. Яъне, мутафаккир вуҷуди ҷавҳарҳои моддиро ба сурат вобаста дониста, суратро ҳолати моддае медонад, ки аз рӯйи табиати навъи худ зотан қивом надорад. Ҳамзамон, далел меорад, ки сурат асли модда аст, аз ин рӯ, наметавон онро араз ҳисобид, ки мақомаш баъди ҷавҳар аст ва аз ин ҷиҳат низ миёни сурат ва араз

фарқ мегузорад. Аразҳоро бошад, чи гунае ки пештар ишора намудем, ҳолати ҷисмҳои табиӣ меҳисобад, ки аз моддаву сурат ташкил шудаанд.

Дар масъалаи ҷавҳар будани сурат Ибни Сино далелҳои зиёде меорад. Ӯ дар фасли дуюми илоҳиёти «Китоб-уш-шифо» зерфасле таҳти унфони «Дар ин, ки моддаи ҷисмонӣ аз сурат орӣ нест» бо бисту як далел бе сурат имкони мавҷудият надоштани моддаи ҷисмониро исбот мекунад ва таъкид мекунад, ки: «моддаи ҷисмонӣ муҳол аст бидуни сурат дорои вуҷуди билфеъл бошад» [10, с. 56].

Дар табииёти «Китоб ан-наҷот» низ Ибни Сино суратро ҷавҳар меҳисобад: «Аразҳо табиатан баъд аз моддаанд. Сурат аз рӯйи иллият пеш аз модда аст. Моддаву сурат аз рӯйи табиат ва иллият пеш аз аразанд» [5, с. 108]. Аз ин иқтибос низ равшан мегардад, ки мутафаккир дар заминаи назарияи сабабият ба сурат сифоти ҷавҳарӣ қоил буда, онро аз лиҳози вуҷудӣ пеш аз модда дониста, ҷавҳар меҳисобад ва саҳми суратро дар ҳастӣ аз саҳми модда бештар медонад, зеро онро сабаби атокунандаи вуҷуд дарёфтааст.

Баҳси мавриди назар ба маротиби вуҷуд рабт дорад ва дар ин масъала Ибни Сино муътақид аст, ки сурат аз модда муқаддам мебошад. Ба қавли ӯ, «танҳо вуҷуди сурат аст, ки моддаи ҷисмонӣ қивом билфеъл меёбад» [10, с. 62]. Пас, маълум мегардад, ки ӯ мисли Арасту суратро асли мавҷудияти чизҳо меҳисобад.

Ибни Сино дар масъалаи ҷисмҳои моддӣ бар ин назар аст, ки то қуваҳои ба ҷисмҳо хосбуда таъсир нарасонанд, онҳо худ ба худ на ҳаракат мекунанд, на сокин мешаванд, на шакл мегиранд ва на чизе меофаранд. Сабаби инро мутафаккир на аз ҷисми дигар ва на аз қуввае медонад, ки аз ҷисме файз шудааст, балки хусусияти мабдаъҳои ба ҳам қарин, яъне модда ва сурат медонад. Ӯ дар «Китоб ан-наҷот» се намуди қувваҳои хосси ҷисмҳои табииро нишон медиҳад. Навъи аввал, қувваҳои табииянд. Онҳо дар ҷисм амалкунанда буда, тавассути шаклҳо, маконҳои табиӣ ва амалҳояшон маҳфуз мемонанд. Агар ин сифот завол ёбанд, боз аз нав барқарор мекунад. Қувваҳои табиӣ зотан мабдаи ҳаракот, сукунот ва дигар камолоти зотии хосси худашон буда, ҳеҷ ҷисми табиӣ аз ин қувва холӣ нест.

Навъи дуюм, нафс мебошад. Мутафаккир онро камоли аввали ҷисми табиӣ меҳисобад. Он тавассути олоту қувва дорои ҳаёт аст. Пеш аз Ибни Сино дар масъалаи нафс бузургтарин ҳакимони Юнони атиқа ва файласуфони олами ислом изҳори назар намудаанд. Дар ин замина Ибни Сино таҳқиқоти судманде анҷом дода, осоре зиёде дар ин боб таълиф намудааст, ки муҳимтаринашон: «Китоб ан-наҷот», «Китоб-уш-шифо», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Ал-қонун» мебошанд ва бо боварӣ метавон гуфт, ки то замони ӯ касе дар масъалаи нафс мисли ӯ ба таври густурда баҳс накарда буд. Ӯ дар ин мавзуъ асари алоҳидае бо номи «Дар баёни тақсими нуфус» таълиф намудааст. Ин рисола таҳти унвони «Ҳадя» низ дар феҳристҳо дучор меояд, зеро Ибни Сино онро дар давраи муолиҷаи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур навишта, ба ӯ туҳфа карда буд. Нафс, ба назари мутафаккир, метавонад дар ҷисмҳо афъоле, чун ҳаракат, оромӣ, ҳифзи навъ ва дигар васоили камолотро тавассути олот ва василаҳои гуногун мунтақил кунад. Ҳеҷ ҷисм худ ба худ на ҳаракат кунад, на ором гирад ва на тағйироте дар онҳо ҳосил шавад, то қувваҳои табиӣ, муҳаррика ва иродӣ таъсир нарасонанд. Қувваҳои муҳаррикаро Ибни Сино ба нафс рабт медиҳад ва онро мабдаи ҳаракат ҳисобида, ба се навъ ҷудо менамояд: 1). Нафси наботӣ аст, ки амалҳои ёдшударо ҳамеша аз роҳи эҳтиёт ва бешуурона иҷро мекунад. Сарчашмаи нафси наботӣ ҷамодот мебошад. Дар ҳолати омезиши некӯ қуввати наботӣ падид меояд, ки дорои афъоли ғозия (ғизодеҳ), мунмия (инкишофёбанда) ва мутаваллида (зоянда) аст. 2). Нафси ҳайвонӣ, ки қудратест бар феъл, тарки он ва идроки чизи муносиб. Нафси ҳайвонӣ дар заминаи мусоидтар омадани мизоҷе, ки дар натиҷаи омезиши некуи қуввои ҷамодӣ ба наботӣ табдил ёфта буд, ба вуҷуд меояд. Он қобилияти пазироии ҷонро дошта, тавассути қувваҳои шаҳвонӣ, ғазабӣ ва андарёфт, ки дар навбати худ ба зоҳириву ботинӣ ҷудо мешавад, муташаккил мегардад. 3). Нафси инсонӣ иҳотаест дар бораи ҳаракоти мавҷудот бо роҳи фикр ва баҳс. Он дар

заминаи муътадилтар омадани мизоҷи қувваҳои кунӣ ва андарёфт ташаккул меёбад. Нафси инсонӣ ҷавҳарест, ки метавонад таақҷул кунад ва неруеву камолоте дорад. Яке аз қувватҳои он ақли амалист, ки нафс барои комил кардани бадан ба он ниёзманд аст.

Навъи сеюм, нафси фалакӣ аст. Он афъолро на бо олот ва ҷиҳатҳои гуногун, балки бо иродае адо мекунад, ки бо равиши воҳид равона шудааст. Ин қувваҳои мазкур ҳам сурати аҷсоми табииянд [5, с. 108-110; 2, с. 124-129; 7, с. 75-1].

Ҳарчанд нафс муҷаррад аз модда буда, хусусиёти метафизикӣ дорад ва мабҳаси фалсафаи уло иборат аз донистану шинохтани аҳволи мавҷудоти муҷаррад аз модда аз ҷиҳати вуҷуд аст, аммо мисли аксари файласуфони ҷаҳони ислом Ибни Сино мабҳаси нафсро асосан дар қисмати фалсафаи табииёт баррасӣ мекунад. Ин равиши ӯ ишора ба он аст, ки ҳайвоноту наботот аз нафс, ки сурат маҳсуб мешаванд ва ҷисм, ки аз маҷмуи модда иборат ҳастанд, таркиб ёфтаанд. Пас, аз ҷиҳати алоқаи нафс ба ҷисм ин мавзуъ ҷузъе аз табииёт ҳисобида мешавад. Яъне, агар нафсро, ки муҷаррад аз модда аст, бо ҷисм алоқае намебуд, баҳси он алоқае бо табииёт надошт. Аммо алоқа байни сурату модда, ки сабаби ҳаракати бадан ҳаст ва ҳаракат аз умури табиист, он дар қисмати табииёт баррасӣ мегардад. Аз ин рӯ, Ибни Сино баҳси нафсро дар ҳикмати табииёт тафсил мекунад.

Дар мавриди бақои нафс пас аз ҷудо шудан аз бадан, Ибни Сино ба ин назар аст, ки нафс маҳалли сурати маъқула аст ва бадан олати он мебошад. Азбаски нафс аз модда ва оризаҳои он барканор аст, бинобар ин пас аз ҷудо шудан аз ҷисм, ба сабаби ҷавҳари асил ва муҷаррад аз модда будан, боқӣ мемонад ва барои мавҷудият ба олоте ва бадане ниёзманд нест.

Ибни Сино суратро мабдаи дувуми ҷисм меҳисобад ва дар атрофи он баҳсҳои зиёде дорад. Дар «Китоб ан-наҷот» хусусиятҳои суратҳои дар модда бударо баррасӣ намуда, онҳоро ба суратҳои аз модда холӣ набуда ва суратҳои аз модда холӣ ҷудо мекунад. Агар яке аз онҳо завол ёбанд, ҷояшро дигарӣ ногузир бояд бигирад. Аз ин рӯ, моддаро аз сурат озод намеҳисобанд. Дар ин ҳолат он барои сурати дуюм ҳастист, аммо барои сурати аввал аз байн рафтан аст, ки истилоҳан «кавн»-у «фасод» меноманд. Ин гуна тағйиротро дар аразҳо на кавну фасод, балки гузариш, инкишоф ё ба ин монанд мегӯянд.

Дар «Рисолаи ҳудуд»-аш Ибни Сино суратро исми муштарак номида, чунин маънихои онро нишон додааст: навъ, моҳияти чиз ба шакле, ки ҳаст, камоле, ки навъ тавассути он ба камолоти дувуми худ мерасад, ҳақиқате, ки маҳалли худро қоим месозад ва ҳақиқате, ки навъро қоим месозад.[3, с. 602] Ин ҷо низ ҳамон мазмуне, ки дар «Китоб ан-наҷот» ҳаст, бо тағйироти шаклӣ мушоҳида мешавад.

Бо ҳамон равиши моҳиятие, ки Форобӣ дар масоили ҷавҳар дошт ва пештар ишора кардем, Ибни Сино дар «Ҳикмати Машриқия» барои билфеъл донистани моҳияти чиз суратро аз модда муфидтар меҳисобад [4, с. 161] ва ба он чунин таърифҳо пешниҳод намудааст: «Чизе, ки мо бояд аз ҳоли сурат бидонем, ин аст, ки сурат исми муштарак буда, ба моҳияте гуфта мешавад, ки чиз бо ёрии он ҳамон чизест, ки ҳаст. Сурат чизест, ки ҳар гоҳ моҳияташ дар модда ба вуҷуд ояд, онро навъ қивом мебахшад. Сурат худи навъро [низ] мегӯянд. Сурат шакл ва тахтиро меноманд. Сурат ҳайати иҷтимоъ, чун сурати аскарро гӯянд. Сурат низоми мустаҳфиз чун шариатро гӯянд. Ҳар ҳайат чи гунае, ки бошад, «сурат» номида мешавад. Ҳақиқати ҳар як шайъ хоҳ ҷавҳар бошад, хоҳ араз [низ] «сурат» хонда мешавад» [4, с. 161]. Баъди баррасии ин таърифот ба натиҷае мерасад, ки «сурат аз ҷумлаи чизҳое нест, ки пайдо ва фосид шавад, балки он ба ибдоъ вобаста аст» [4, с. 162]. Дар асари «Мабдаъ ва маод»-аш Ибни Сино фасле «Дар баёни маънии «ибдоъ»...» дорад ва ин мафҳумро аз лиҳози урфи ом «ихтирое тоза, на аз модда» [2, с. 354] ва ҳамчун истилоҳи фалсафӣ «идома додани мавҷуд сохтани чизе, ки ба зоти худ нест аст, навъе аз идома, ки ба иллате ҷуз зоти мабдаи нахуст тааллуқ надорад ва ҳам ба модда ва олат ва восита ва муайянӣ баста нест»,[2, с. 354] донистааст.

Аз ин равиши кори Ибни Сино бармеояд, ки ӯ дар масъалаи сурат хеле печидаву чигил баҳс намуда, мавқеи муайне пайдо карда натавонистааст, зеро дар «Китоб ан-наҷот» аз байн рафтану фасодпазирии суратеро, зуҳури сурати дигар меномад, дар «Ҳикмати Машриқия» ҷавҳару аразро муштарак ҳақиқати ашё ва сурат медонад, дар мавзеи дигари ҳамин асар суратро ба ибдоъ вобаста намудааст, ки бо низоми фалсафии худаш мувофиқат намекунад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳумҳои «сунъ» ва «ибдоъ» дар истилоҳоти файласуфони асримиёнагии мо ба маънои эҷод корбаст мешаванд, аммо миёни ин мафҳумҳо фарқият низ ҳаст. Тафовут ин аст, ки ҳар гоҳ эҷод коре ё амале бошад, ки қаблан аз лиҳози замонӣ собиқа дошта бошад, «сунъ» ва аз лиҳози замонӣ собиқа надошта бошад, «ибдоъ» аст. Ба ибораи дигар, «сунъ» эҷод аз чизест ва «ибдоъ» эҷод аз ҳеҷ.

Дар «Китоб-уш-шифо» Ибни Сино доманаи баҳси сурат ва моддаро густурдатар матраҳ менамояд ва қайд намудааст, ки «танҳо бо вуҷуди сурат аст, ки моддаи ҷисмонӣ қивом билфеъл меёбад ва ҳамчунин, сурати моддӣ ҷудо аз модда вуҷуд надорад» [10, с. 62]. Аз ин иқтибос бармеояд, ки мутафаккир байни сурат ва модда алоқаи изофӣ қоил аст. Дар мавриди музоф ва моҳияти он мутафаккир бар ин назар аст, ки «агар барои изофа вуҷуде фарз мешавад, вуҷуди он аразӣ аст, зеро чизе аст, ки худ ба худ қобили тааққул нест» [10, с. 114]. Яъне, музоф ҳамеша дар нисбати чизе бо чизе мутасаввир мегардад.

Маънои музофро дар «Китоб-уш-шифо» чунин тавзеҳ мекунад, ки «ҳамаи музофҳо он чи лозим мегардад, ҳар ду дар вуҷуд ҳамроҳ мебошанд, ба ин маънӣ, ки ҳар кадоме аз дуи онҳо вуҷуд дошта бошад, дигаре низ мавҷуд мешавад, ҳар кадоме аз дуи онҳо вуҷуд надошта бошад, дигаре низ ғайри мавҷуд мешавад» [8, с. 352]. Дар баҳси робитаи сурату модда Ибни Сино онҳоро ҳамчун вуҷуд баррасӣ мекунад. Ӯ ин алоқаро аз ду дидгоҳ нишон додан мехоҳад. Аввал, алоқаи иллату маълул (сабабу натиҷа), дар мисоли дучанд ва нисф; дувум, алоқаи ду чизе, ки ҳар ду зарурати вуҷудӣ доранд, дар мисоли илм ва ҳис, дар ҳоле ки қуввати мушоракат дар ин ду дар исм зоҳир намегардад. Худи илм ҷавҳаран ҳамеша лозим дорад, ки изофа ба маълум бошад, ки дар зоташ ҳаст ва “маълум” бошад дар ҷавҳари худ лузум ба илм надорад, он метавонад бо изофа ба илм вуҷуд дошта бошад, ҳарчанд илм ва маълум ҳар ду билфеъл музофшавандаанд ва ҳеҷ кадоме аз ҳам муқаддамтар нест.

Доир ба масъалаи модда ва сурат Ибни Сино дар «Китоб ан-наҷот» баҳси муфассале ороста, бо далелҳои зиёде исбот мекунад, ки «модда аз сурати ҷисм орӣ нест» [5, с. 223]. Ӯ ҷисмро исми муштараке меҳисобад, ки маъноҳои гуногун дорад. Дар «Рисолаи ҳудуд» се маънои онро ба тариқи зайл нишон додааст: «1. Ҷисм ҳар каммияти пайвастаи муайянеро гӯянд, ки дорои масоҳат ва се буъди билқувва аст. 2. Ҷисм суратеро гӯянд, ки ҳар гоҳ хоҳӣ, дар он се буъд–тул, арз ва умқро, ки ҳадҳои муайян доранд, пайдо кунӣ. 3. Ҷисм ҷавҳареро гӯянд, ки бо ин сифат ва ҳаюло ва сурат таркиб меёбад» [3, с. 605].

Сурати ҷисмонии миқдориро Ибни Сино аз сурати ҷавҳарӣ фарқ мекунад. Барои ташхиси миқдор ва сурат ӯ қатраи об ва пораи шамъро мисол оварда, мудаллал месозад, ки агар онҳо шаклҳои худро дигар кунанд, буъдҳои онҳо ва андозаҳояшон дигар шаванд ҳам, ҳолаташон бетабдил мемонад. Аз ин рӯ, вақте «ҷисм такосуф ва тахалхул ёбад, сурати ҷисмиаш тағйир наёфта, буъдҳои он дигаргун мешаванд. Пас, байни сурати ҷисмӣ, ки аз боби миқдор аст ва сурат, ки аз боби ҷавҳар аст, фарқ аст» [3, с. 606]. «Такосуф» ва «тахалхул» истилоҳотест, ки Ибни Сино дар масъалаи ҳаракат истифода мебарад. Дар «Донишнома» маънои ин истилоҳотро чунин шарҳ додааст: «тахалхул он бувад, ки ҷисм ҷунбиш кунад сӯйи зиёдат, бе он ки андар вай чизе дигар ояд, чунон ки об, ки гарм шавад меҳтар (бузургтар) шавад... Аммо такосуф ҷунбиш бувад сӯйи нуқсон, бе он ки чизе биполояд, чунонки об, ки бифусурад, хурдтар шавад» [1, с. 301].

Ҳаракатро мутафаккир аз лиҳози шакл ба айнӣ (макони), кайфӣ (сифатӣ), каммӣ (миқдорӣ), вазъӣ ва аз рӯйи сарчашмаи зуҳур ба табиӣ, касрӣ ва аразӣ ҷудо

менамояд. Як нукта дар ин масъала қобили таваҷҷуҳ аст, ки Ибни Сино сарчашмаи ҳаракати табииро дар таркиби ҷисм ва сарчашмаи ҳаракоти касриву аразиро берун аз он ҷустуҷӯ дошт, ки ин тарзи бархӯрди ӯ бо ҳастии моддӣ хусусияти равишшиносӣ дорад. Зеро ҳаракати табииро аз дохили ҷисм донистан, имконият фароҳам меорад, ки сабаби ашёву ҳодисаҳоро дар худи онҳо ҷустуҷӯ намоянд, ки ба қонунҳои диалектикӣ мувофиқ аст. Назари идеалистии Ибни Сино ӯро водор намуда, ки сарчашмаи ҳаракоти касриву аразиро аз берун ҷустуҷӯ намуда, ба мисли Арасту онро ба муҳаррики аввал нисбат диҳад ва ҳаракати ҷавҳариву ҷунбишҳоро чун навъи ҳаракат эътироф накунад.

Барои исботи «Воҷибулвуҷуд» ҳакимони асримиёнагии мо равишҳои мухталиферо пеш гирифтаанд. Масалан, намояндагони ҳикмати калом дар масъалаи ҳодис будани ҷисмҳо, қадим будани Холиқ ва огоҳии мутлақ доштани ӯ аз аҳволи махлуқот ва амсоли инро бар сифоти «Воҷибулвуҷуд» истидлол мекунанд, ки ин далеловарӣ бо равиши аз сабаб ба натиҷа мебошад ва ба истилоҳи файласуфон «бурҳони инна» аст. Файласуфони табиатшинос аз вуҷуди ҳаракат бар вуҷуди муҳаррик истидлол карда, тамоми ҳаракотро ба муҳаррике, ки номутаҳаррик аст, ба охир мерасонанд. Ин равиш низ мисли равиши мутакаллимон истидлол аз асар бар муассир ва сабаб ба натиҷа аст. Ҳакимоне, ки равиши метафизикиро пеша намудаанд, дар истидлол бар зоти Худо мафҳуми ҳастиро, ки мумкин ё воҷиб аст, баррасӣ намуда, зарурати вуҷуб ва имконро бар исботи сифоти ӯ истидлол менамоянд ва баъдан аз сифоти «Воҷибулвуҷуд» судури афъоли ӯро муайян кардан мехоҳанд. Ибни Сино равиши сеюмро меписандад ва дар «Ишорот ва танбеҳот» ин мазмунро чунин баён менамояд: «Бияндеш ва тааммул кун, ки чӣ гуна дар исботи мабдаи аввал, ваҳдоният, ягонагии вай ва покиаш аз айбҳо баёни мо ба тааммули чизи дигар ҷуз худи вуҷуд ниёз надошт?» [11, с. 279].

Азбаски Ибни Сино далелҳои мантиқиро аз дигар далоил беҳтар медонист, равиши метафизикиро қабул намудааст, зеро мувофиқи он истидлол аз сабаб ба натиҷа аст ва бо баррасии аҳволи ҳастӣ вуҷуди «Воҷибулвуҷуд»-ро эътироф менамояд, ки дар мантиқ онро «бурҳони лимма» меноманд. Мантиқиён ин навъ бурҳонро беҳтарин истидлол меҳисобанд, ки аз хатову иштибоҳ дур ва ба яқин қаробат дорад.

Дар баҳси ҳастишиносӣ Ибни Сино ба мафҳуми «ҳаюло» таваҷҷуҳи хосе намудааст. Мутафаккир мафҳуми «ҳаюло»-ро чунин баён мекунад: «Ҳар пазирое, ки ба пазируфтае ҳастии вай тамом шавад ва ба феъл шавад, он пазироро «ҳаюло» хонанд» [1, с. 220]. Пас, ҳаюло билқувва мавҷуд аст ва билфеъл сурат мепазирад. Он метавонад ҳар як суратро бипазирад, аз суратҳои қоим ба нафси худ ҷудо нест ва бе онҳо билфеъл вуҷуд дошта наметавонад. Мутафаккир «ҳаюло»-ро ҷавҳар меҳисобад ва ин назарашро чунин шарҳ медиҳад: «Маънои «ҳаюло» ҷавҳар бошад гуфтанам ин аст, ки вуҷуди билфеъли вай ба сабаби зоташ дар ӯ ҳосил мегардад» [3, с. 603].

Дар ҳастишиносии Ибни Сино вуҷуди «ҳаюло» ба сурат вобаста аст, аммо адам ба зот, умуман, на мавҷуд асту на маъдум, балки рафъи зоти бо қувва мавҷудбуда аст [5, с. 110]. Он мустақилона вуҷуд дошта наметавонад ва ҳамчунин вуҷуди ҷисм низ дар худи он муқаррар нест [8, с. 224]. Агар ҳаюло дорои вуҷуде ҷудо аз сурати ҷисмонӣ бошад, дар ин сурат макон дорад ва ба он ишора карда мешавад ё бемакон ва ғайри қобили ишора аст.

Дар қисмати табииёти «Ҳикмати Машриқия» Ибни Сино таъкид мекунад, ки ҳаюло ҷавҳар аст ва метавонад дар дилхоҳ сурат инъикос гардад ё аз рӯйи табиати худ бо ҳамаи суратҳо пайваст шавад. Агар сурат аз ҳаюло нест шавад, вай сурати дигаре пайдо намекунад, ки пардаи вай бошад. Нуктаи охири чизи мураккаб ҳангоми пароканда шудан ба ҳаюло рафта мерасад, аз ин рӯ, ҷузъи басите мебошад, ки суратҳоро қабул мекунад [4, с. 79].

Хулоса, таҳлили мухтасари ҳастишиносии Ибни Сино нишон медиҳад, ки мавсуф дар таърихи фалсафа чун яке аз қавипанҷатарин файласуфон шинохта шуда, таълимоти ӯ сарчашмаи муътамади таҳқиқоти минбаъда қарор гирифтааст. Ибни

Сино таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ва аз таъриф мустағнӣ ҳисобида, ба он маротиби панҷгона қоил аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад.

**Муқарриз: Аҳмадов С.А.- д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Абуалӣ ибни Сино. Донишнома. –Ҷ. 1. –Душанбе, 2005. –852.
2. Абуалӣ ибни Сино. Мабдаъ ва маод. Осори мунтахаб.–Душанбе, 1981. –Ҷ. 1. –447 с.
3. Абуалӣ ибни Сино. Рисолаи ҳудуд. Осор. –Душанбе, 2005. –Ҷ. 2. –802 с.
4. Абуалӣ ибни Сино. Ҳикмати Машриқия. Осор. –Ҷ. 2. –Душанбе, 2005. –802 с.
5. Абуалӣ ибни Сино. Китоб ан-наҷот. Осор. –Ҷ. 3. –Душанбе, 2007. –528 с.
6. Абуалӣ ибни Сино. Ҳикмати Машриқия. Осори мунтахаб. –Ҷ. 4. –Душанбе, 1992. –320 с.
7. Абуалӣ ибни Сино. Дар баёни тақсими нуфус. Осор. –Ҷ. 4. –Душанбе, 2007. –921 с.
8. Абуалӣ ибни Сино. Шифо. Осор. –Ҷ. 5. –Душанбе, 2009. –657 с.
9. Диноршоев М. Ҷусторҳо дар фалсафаи Ибни Сино / М.Диноршоев. –Душанбе: ЭР-граф, 2017. –506 с.
10. Ибни Сино, Ҳусайн ибни Абдуллоҳ. Илоҳиёт аз Китоби Шифо. Тарҷумаи Иброҳим Додҷӯ. –Теҳрон: Амири Кабир, 1388. –362 с.
11. Маликшоҳӣ Ҳасан. Тарҷума ва шарҳи «Ишорот ва танбеҳот»-и Ибни Сино. –Ҷ. 1. –Теҳрон, 1388(2008). –564 с.
12. Фролова Е.А. История арабо-мусульманской философии. Средние века и современность / Е.А. Фролова. –М., 2006. –199 с.
13. Шаҳобиддинов Н. Метафизикаи Ибни Сино /Н. Шаҳобиддинов. –Душанбе, 2020. –252 с.


## МАСОИЛИ ҲАСТИШИНОСӢ ДАР ТАЪЛИМОТИ ИБНИ СИНО


Дар мақола муҳимтарин масоили ҳастишиносии Ибни Сино таҳлилу баррасӣ шудааст. Мутафаккир таҳти мафҳуми ҳастӣ нуктаи ибтидоии муҳокима ва ғояти мавҷудро дар назар дошта, онро бадеҳӣ, маълуму маъруф ҳисобида, бар ин бовар буд, ки ба он таъриф додан ғайриимкон аст. Мутафаккир дар заминаи назарияи таҷавҳури аҷсом ҳастиро ба «ҷавҳар» ва «араз» ҷудо мекунад ва атрофи ин мафҳумҳо ва шаклҳои онҳо баҳси муфассале меорояд, ки дар асоси онҳо тафовути равиши ӯ аз усули мутакаллимон ва табиатшиносон равшан мешавад. Яке аз мавзуъҳои муҳимми масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти Ибни Сино масъалаи нафс аст. Дар бораи нафс, ҳарчанд файласуфони пеш аз Ибни Сино изҳори назар намудаанд, аммо таҳқиқот нишон медиҳад, ки касе то ӯ ба таври мушаххас ва соҳавӣ ин масъаларо баррасӣ накардааст. Дар мавриди бақои нафс пас аз ҷудо шудан аз бадан, Ибни Сино бар ин назар аст, ки нафс маҳалли сурати маъқула аст ва бадан олати он мебошад. Азбаски нафс аз модда ва оризаҳои он барканор аст, бинобар ин пас аз чудо шудан аз ҷисм, ба сабаби ҷавҳари асил ва муҷаррад аз модда будан, боқӣ мемонад ва барои мавҷудият ба олоте ва бадане ниёзманд нест.



**Калидвожаҳо:** Ибни Сино, ҳастӣ, фалсафа, мантиқ, ҷавҳар, араз, нафс, сурат, тафаккур, ақл, ҷисм.


## ВОПРОСЫ ОНТОЛОГИИ В УЧЕНИИ АВИЦЕННЫ


В статье анализируются важнейшие вопросы онтологии в трудах Авиценны. Под понятием “бытие” мыслитель подразумевал исходный пункт рассуждений и предел бытия, считал его аксиомой дать определение которойневозможно. На основе учения о субстанциональности тел мыслитель разделяет бытие на “субстанцию” и “акциденцию” и рассуждает об этих понятиях и их формах, на основании чего становится ясной разница между его подходом и взглядами теологов и натуралистов. Одной из важнейших тем онтологии в учении Авиценны является вопрос о душе. Хотя философы до Авиценны затрагивали тему души, исследования показывают, что никто до него не обсуждал этот вопрос таким подробным и специализированным образом. Относительно жизни души после отделения от тела Авиценна придерживается мнения, что душа — это место умопостижимой формы, а тело — его инструмент. Так как душа отделена от материи, то после отделения от тела, вследствие того, что она является исходной субстанцией и отделена от материи, она остается жить и не нуждается ни в инструменте, ни в теле для своего существования.



**Ключевые слова**: Авиценна, бытие, философия, логика, субстанция, акциденция, душа, образ, мышление, разум, тело.

**ISSUES OF ONTOLOGY IN THE TEACHINGS OF AVICENNA**

The article analyzes the most important issues of **ontology** in the works of Avicenna. Under the concept of “existence”, the thinker meant the starting point of reasoning and the limit of being, considered it an axiom and well-known, and believed that it was impossible to give a definition to it. Based on the doctrine of the substantiality of bodies, the thinker divides existence into “substance” and “accident” and discusses these concepts and their forms in detail, on the basis of which the difference between his approach and the views of theologians and naturalists becomes clear. One of the most important themes of existentialism in the teachings of Avicenna is the soul. Although philosophers before Avicenna touched on the subject of the soul, research shows that no one before him discussed the soul in a detailed and specialized way. Regarding the life of the soul after separation from the body, Avicenna is of the opinion that the soul is the place of the intelligible form, and the body is its instrument. Since the soul is separated from matter, then after separation from the body, due to the fact that it is the original substance and separated from materia, it remains and does not need either an instrument or a body for its existence.

**Key words**: Avicenna, existence, philosophy, logic, substance, accident, soul, image, thinking, mind, body.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, . кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. . E-mail **Amoni79@mail.ru**. Телефон: **93-534-34-60**

**Сведения об авторе:** ***Амондуллоев Бегмурод Саломатуллоевич*** – Таджикский национальный университет, кафедра истории философии и социальной философии, кандидат философских наук, доцент. **Адрес:** 734025, город Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Amoni79@mail.ru**.Телефон: **93-534-34-60**

**Information about the author:** ***Amondulloev Begmurod Salomatulloevich*** - Tajik National University, department of history of philosophy and social philosophy, candidate of philosophical sciences, assistant. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave, 17. E-mail: **Amoni79@mail.ru**. Phone**: 93-534-34-60**

ТДУ:141.16

# ТАШАККУЛИ КАТЕГОРИЯҲОИ УМУМӢ, МАХСУС, МУҶАРРАД ДАР АФКОРИ ФАЙЛАСУФОНИ ГУЗАШТАИ АВРУПО

*Субҳонзода Салоҳиддин Икром*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Аҳаммияти мушкилоти омӯзиши сохти тасвири олам аз нуқтаи назари умумӣ, махсус ва муҷаррад бо зарурати дарки сохтори ҳам тасвири худи олам (ки ба методологияи нумуи дониши ҳақиқӣ мебарад) ва ҷанбаҳои пурмаънои он муайян карда мешавад. Масъалаи тасвири олам, чӣ гуна будани он, кадом вазифаҳоро иҷро кардани он ҳамеша ҳам файласуфон, ҳам олимон ва ҳам олимони соҳаҳои гуногуни илмро ҷалб мекард. Асосҳои онтологӣ ва гносеологии тасвири олам на танҳо маҷмуи объективии илмро, балки ба андозаи муайян тамоюлҳои инкишофи онро ҳамчун як чизи ягона муайян мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо мушкилоти ниҳоят муҳим ва таъхирнопазир буда, таҳлили ҷиддиро талаб мекунанд.

Масъалаи муносибати байни унсурҳои сохтории тасвири олам ва категорияҳо ва мафҳумҳои дискурси фалсафии муосир низ хеле муҳим аст. Муайян намудани механизмҳои мушаххаси ин муносибатҳо нақш ва аҳаммияти воқеии онтология ва гносеологияро дар инкишофи илм дурусттар муайян намуда, соҳаҳои предмет ва фалсафаи илм, методологияи дониши илмиро равшантар муайян мекунанд.

Сатҳи умумии ҷузъи онтологии тасвири олам тавассути категорияи ҳастӣ амалӣ мегардад. Сатҳи махсуси ҷузъи онтологии тасвири олам тавассути категорияи субстансия ифода меёбад. Сатҳи ягонаи ҷузъи онтологии тасвири олам тавассути маҷмуи мафҳумҳои объектҳои гуногуни материалӣ муайян карда мешавад. Бояд муайян карда шавад, ки сатҳи умумии таркиби гносеологии тасвири оламро чӣ гуна қонунҳои диалектика, қонунҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастӣ муайян мекунанд. Сатҳи махсуси ҷузъи гносеологии тасвири олам тавассути қонунҳои умумии фаъолият ва инкишофи ҳастии табиӣ ифода меёбад. Сатҳи ягонаи ҷузъи гносеологии тасвири олам тавассути маҷмуи қонунҳои махсуси илмӣ амалӣ мегардад.

Тасвири олам як навъ воқеиятест, ки пеш аз ҳама, ба воситаи «тасаввурот дар бораи мафҳум» ифода меёбад. Тасвири олам ҳамчун «тасаввурот дар бораи мафҳум» худро дар се ҷузъи асосӣ амалӣ менамояд: онтологӣ, гносеологӣ ва ҷаҳонбинӣ ё идеологӣ.

Ҷузъи онтологии онҳоро бо категорияҳои умумӣ, махсус ва муҷаррад мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ташаккули категорияҳои умумӣ, махсус ва муҷаррадро баррасӣ намуда истода, бояд қайд кард, ки пояҳои ниҳоии ҳастӣ дар таърихи фарҳанги башарӣ на тавассути «муташаккир», «гуфтан», «муқаррар» кардани онҳо ҳамчун категорияҳо ташаккул меёбанд, балки ба воситаи диди муайяни ҳастӣ, ба воситаи фахмиши муайяни охирин ҳамчун «ҳастии» ба инсон ва ҷамъияти инсонӣ дигар ташаккул меёбанд. Худи таърихи фалсафа аз он шаҳодат медиҳад, ки одамон дар баробари гуногунрангии ҳақиқати моро иҳотакунанда ба мавҷудияти як асос, ибтидои муҷаррад, сабаби аввалин боварӣ доштанд. Ин, аз ҷумла, дар кӯшишҳои суботкоронаи ёфтани асл, ибтидои олам зоҳир мегардад. Аллакай аз нуқтаи назари фалсафии Фалес, Анаксимандр ва Анаксимен асоси оламро ин ё он моддаи муҷарради ибтидоӣ ташкил медиҳад, ки он аналоги умумӣ буда, аз он тамоми гуногунрангии зуҳурот ва равандҳои воқеияти иҳотакунанда бармеояд [5, с. 579].

Вобаста ба ин, ба он бовар кардан комилан мантиқӣ аст, ки то гуногунии эҳсосии олам, то хосиятҳои алоҳида, фардӣ, беназири ин олам бояд як чизе бошад, ки ҳамчун асоси онҳо амал мекунад. Аз нуқтаи назари онтологӣ, ин ё он моҳияти ибтидоӣ принсипи бунёдии олам ҳамчун як навъ аналоги умумият буда, худи гуногунии равандҳои воқеият бошад, ҳамчун як навъ дуюмдараҷа, аз он ҳосилшуда

амал мекунад. Аз нуқтаи назари гносеологӣ бошад, умумӣ ҳамчун принсипи асосӣ ба мо мустақиман дода нашудааст, мо бояд онро аз гуногунии чизҳои алоҳида ба даст орем. Ин гуна зиддият, ба назари мо, як навъ шартест, ки асоси тамоми мунозираҳои минбаъдаи юнониёни қадим мегардад.

Тибқи ақидаҳои фалсафии мактаби милетӣ, умумӣ - ҳамчун асоси аввалин аз рӯйи мазмун ё «маводи» худ – ин асосан ин ё он муҷаррадии ҳиссии додашуда мебошад. Аммо, чуноне ки пифагорчиён дуруст қайд мекунанд, «аз рӯйи моҳияти мантиқии худ умумӣ бевосита бо воқеияти объективии эҳсосшаванда рост омада наметавонад» [29, с. 14]. Аз эҳтимол дур нест, ки дар асоси маҳз ҳамин идея пифагориён ба ташаккули ақидаҳои фалсафии худ шуруъ кардаанд.

Ба ақидаи пифагорчиён, агар умумӣ ҳамчун асоси аввалин нисбати муҷаррадии худ (нисбати гуногунрангии объектҳои додашудаи эҳсосшавандаи воқеияти атроф) ҳамчун «оғоз» амал кунад, пас онро ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин ё он муайянии ҳиссшаванда нисбат додан мумкин нест. Баръакс, мо пайдоиши (умумият) объектҳои додашудаи ҳиссшавандаро на дар конкретияти ҳисшаванда, балки дар ақл бояд ҷустуҷӯ кунем. Пифагорчиён ба хулосае меоянд, ки бояд як навъ «миёнараве» бошад, ки муҷаррад (гуногунрангии ашё) ва умумӣ (муҷаррадии мавҷудияти ин гуногунрангиро) пайвандад. Пифагорчиён ин «миёнарав»-ро тавассути таносуби миқдорӣ муайян мекунанд [29, с. 15].

The relevance of the problem of studying the structure of the image of the world from a general, special and isolated point of view is determined by the need to understand the structure of the image of the world itself (which leads to a methodology such as true knowledge) and its semantic aspects. The problem of the image of the world, how it looks, what tasks it performs, has always attracted philosophers, scientists, and scientists in various fields of science. The ontological and epistemological foundations of the image of the world determine not only the objective totality of science, but to a certain extent also the tendencies of its development as a single whole. From this point of view, they are extremely important and pressing problems and require serious analysis. The question of the relationship between the structural elements of the image of the world and the categories and concepts of modern philosophical discourse is also very important. Determining the specific mechanisms of these relationships more accurately determines the role and real significance of ontology and the theory of knowledge in the development of science, more clearly defines the subject areas and philosophy of science, the methodology of scientific knowledge. The general level of the ontological component of the image of the world is realized through the category of being.

A special level of the ontological component of the image of the world is represented by the category of substance. A single level of the ontological component of the image of the world is determined by a set of ideas about various material objects. It is necessary to determine how the general level of epistemological composition of the image of the world is determined by the laws of dialectics, the general laws of activity and the development of existence. A special level of the epistemological component of the image of the world is expressed through the general patterns of activity and development of natural existence. A single level of the epistemological component of the image of the world is realized through a set of special scientific laws. The image of the world is a kind of reality, expressed primarily through the “imagination of a concept.” The image of the world as the “imagination of a concept” is realized in three main components: ontological, epistemological and worldview or ideological. This article discusses their ontological component using general, special and abstract categories.

**Key words:** studying the structure of the image of the world, understanding the structure of the image of the world itself, ontological and epistemological foundations of the image of the world, the use of general, special and abstract categories.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Субҳонзода Салоҳиддин Икром*** **-** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, кафедраи фалсафа, номзади илмҳҳои фалсафа, дотсент. **Суроға**: 735140, шаҳри Бохтар, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Айнӣ, 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918136760**

**Сведения об авторе:** ***Субхонзода Салохиддин Икром*** - Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, кафедра философии, кандидат философских наук, доцент. **Адрес**: 735140, город Бохтар, Республика Таджикистан, улица Айни 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Телефон: **918136760**

**Information about the author: Subkhonzoda Salohiddin Ikrom -** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, Department of Philosophy, Candidate of Philosophy, Head. **Address:** 735140, Bokhtar city, Republic of Tajikistan, Aini street 67. E-mail: **salohsubhon1985@mail.ru** Phone: **918136760**

ТДУ:130.3

# ЗАМИНАҲОИ ОРМОНИ НАЗАРИЯИ ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС

*Зикирзода Ҳобил*

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии исломӣ адолат аст. Адолат дар фалсафаи ислом консепсияи олӣ ва мушаххасест, ки моҳияти он, пеш аз ҳама, дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман, адолат дар ислом маънои дуруст ва саҳеҳ гузоштани чизе дар ҷойи мустаҳаққи он мебошад. Дар робита бо он, ҳадди ақал се ҷанбаи хеле муҳимми адолат вуҷуд дорад. Аввалан, ҷойгузин намудани ягон кас дар мансаб ё вазифае, ки ба имкониятҳои ӯ мувофиқ аст. Дуюм, иҷро кардани ҳукм ё қабул кардани қароре, ки ба вазъият ё шахсе, ки онро қабул мекунад, мувофиқат мекунад. Сеюм, бахшидани боигарӣ ё моликият ба касе, ки ба таври шоиста сазовори он бошад. Адолате, ки фалсафаи исломӣ тақозо мекунад, тамоми рафтори хайри одамонро дар бар мегирад ва он новобаста аз назардошти фарқиятҳо дар ранги пӯст, мазҳаб ва эътиқод амалӣ мегардад.

Ин тафсири умумии адолат дар фаҳмиши умумиисломӣ ва илоҳиётшиносии он мебошад. Ҷанбаҳои асосӣ ва моҳияти герменевтикӣ ва фалсафии адолатро дар ислом А.В Смирнов шарҳ дода, қайд кардааст, ки дар фалсафаи исломӣ ҳамчун "мукофоти воҷиб" ва ё "тарки ботил" ба фоидаи "ҳақиқат ("ҳақҳ") дар ҳоли қаробати маъноии воҷиб ва ҳақҳ фаҳмида мешавад. Ӯ тафсири ин истилоҳотро идома дода менависад: "Адолат ҳамчун бахшидани ҳиссаҳои мустаҳаққ ба ҷонибҳои бо ҳам мухолиф дар маънии истилоҳоти "иқсот" ва "инсоф" ифода ёфтааст. Фаҳмиши адолат ҳамчун дар шакли "`адл" ё "`адāла", ки маънои "баробаркунӣ" ва "миёнагароӣ"-ро дар бар мегирад, тавъам буда, ҳамзамон бартарӣ дорад. Муқобили он "беадолатӣ" ("ҷавр, зулм") аст... Адолатро онҳо ҳамчун "баробарӣ" ё "мизони баробар" дар муносибатҳои байни одамон ва сохтори кайҳон мефаҳманд. Фаҳмиши ба ҳам наздики "эътидол" ҳамчун ҳолати беҳтарин дар фалсафаи табиат ҳангоми муҳокимаи сифатҳои "табъҳо"-и унсурҳои аввалин ё хосиятҳои иқлимҳо зоҳир мешавад".

Бешакк, сарчашмаи назарияи адолати машшоиёни шарқӣ, қабл аз ҳама, Қуръон аст, ки дар он Худо ҳамчун довари одилтарин муаррифӣ карда мешавад. Ӯ – аз ҳама оқил ва доно буда, барои инсон ҳама гуна адолат ва одилиро амр медиҳад. Дар Қуръон ҳадди ақал дар ду сура -«ан-Нисо» ва «ан-Наҳл» дар бораи ин мавзуъ баҳс меравад. Дар ин сураҳо ҳадафи аслии офариниши замину осмон ва умуман тамоми Кайҳон, ки барои нигоҳ доштани адолат ва аз байн бурдани шарру бадӣ нигаронида шудааст, ба таври возеҳ нишон медиҳад. Агар инсон он воқеиятеро эътироф кунад, ки олам барои нигоҳ доштани адолат офарида шудааст, пас ӯ низ бояд ҳамчун яке аз офаридаҳои Худо ин адолатро дастгирӣ намояд. Аз ин сабаб, ҳифзи адолат яке аз масъулиятҳои мо ҳамчун мавҷуди инсонӣ аст. Дар сураи «ан-Наҳл» омадааст: "Ҳамоно Худо [халқро] фармон ба адл ва эҳсон медиҳад ва ба базлу атои хешовандон амр мекунад ва аз афъоли зишту мункар ва зулм наҳй мекунад". Ҳамин тавр, дар забони арабӣ адолат (ал-`адāла ё ал-`адл) ба қадру ченаки ашёе далолат мекунад, ки он ба навъи дигари онҳо мутавозӣ ва шабеҳи он бошад. Ал-Адāла – онест, ки дорои сифати неку хайр ва ҳақиқӣ бошад. Мафҳуми "адолат" якчанд маъно дорад. Он метавонад ба маънои истифодаи қонун тибқи принсипҳои муқарраршуда ва қабулшуда, далели эътибор ва мувофиқати сифатии қонун ишора кунад. Адолат - маъниест, ки тасдиқшуда ва писандида аст. Ба ин монанд, он инчунин метавонад ба арзиши ахлоқӣ низ ишора кунад, ки одатан ҳамчун ҳадафе баррасӣ карда мешавад, ки онро бояд қонун ба даст орад ва дар нисбати инсоне, ки рафторашро қонун назорат мекунад ва он як меъёри қонуниест, ки хайру некиро ифода мекунад. Қонуни беадолатона қонун нест. Тибқи ин назар, ба назар мерасад, ки адолат тақрибан бо

ахлоқ ҳаммуродиф аст. Он дар пайи ангезаҳои ботинӣ буда, инсонро ба рафторе водор мекунад, ки дар ҳузури Худо одил будани инсонро талқин мекунад; «Худо қотеона ба шумо фармон медиҳад, ки амонатҳоро ба соҳибонаш баргардонед ва ҳангоме, ки миёни мардум доварӣ мекунед, ба адолат доварӣ кунед. Яқинан, [фармон бозгардонидани амонат ва адолат дар доварӣ] чиезест, ки Худо шуморо ба он мавъиза мекунад. Бетардид, Худо ҳамвора шунаво ва биност [3, с.245].

Сарчашмаи дигари адолат барои машшоиёни шарқӣ ҷанбаи забоншиносӣ ё герменевтикии масъала аст. Мо барои пайдо намудани тасвири дурусти ин масъала ба тафсирҳо ва маънидодкуниҳои олимону муҳаққиқони муосир руҷуъ намуда, барои таҳлили консепсияи адолат дар таълимоти машшоиёни шарқӣ як навъ заминаи методологиро асос мегузорем. Ҳамин тавр, аз нигоҳи забоншиносӣ мафҳуми “адолат” (ал-`адāла ё ал-`адл) дар забони арабӣ муродифҳои зиёдеро дорад ва ё мафҳумҳои дигаре ҳастанд, ки тобишҳои маъноии онро ба пуррагӣ дода метавонанд. Муҳимтарини онҳо инҳоянд: қист, истиқāма, васат, насиб, ҳисса, мизāн ва ғайра. Айнан ҳамон тавр, мухолифи ал-`адл беадолатӣ дар шакли арабии он мафҳумҳои шабеҳ дар мисоли зулм, туғйāн, майл, инҳирāф ва ғайра ба кор бурда мешаванд. Тибқи тафсири олими машҳури ироқӣ М. Ҳаддурӣ (1905-2007) “ал-`адл”номи муҷаррад (абстрактӣ) аст, ки аз феъли “`адала” сохта шудааст. Ӯ мафҳуми “адл”-ро ба чор маъно тавзеҳ медиҳад: а) рост нигоҳ доштан ё рост нишастан, ислоҳ кардан ё тағйир додани вазъ; б) аз як роҳ (нодуруст) ба тарафи дигари роҳ (рост) гузаштан ё рафтан; в) баробар ё мутавозӣ будан, ё бо баробарӣ мувофиқ кардан; г) ба ҳоли тавозун овардан ё дар ҳолати баробар будан. Ду маънои аввали истилоҳи “адл” ба маънои консептуалии дурандешӣ ва ростқавлӣ ишора намуда, маъниҳои “дуруст” ва “нодуруст” мутаносибан дар истилоҳҳои “адл” ва “ҷавр” дар назар дошта шудааст. Мафҳуми “адл” ҳамчун “рост, дуруст” ба мафҳумҳои “мавзунӣ” ва “баробарҳуқуқӣ” мувофиқ аст, ки эҳтимолан, дар истилоҳи “истиқāма” дақиқтар аён мегардад. Дар охир М. Ҳаддурӣ тасдиқ мекунад, ки «маънои аслии адл дар забони арабии классикӣ ба ин васила маҷмуи арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст, ки адолат, тавозун, эътидол ва ростиро ифода мекунанд. Мантиқан дар адолати илоҳӣ синтези ҳамаи ин арзишҳо ва фазилатҳо бояд ҷой дошта бошад [6,с.234].

Дар ҳоле ки яке аз намояндагони машшоияи шарқӣ Насируддини Тӯсӣ, чуноне ки дар “Ахлоқи Носири”-аш омадааст, адолатро бар боқимондаи фазилатҳои инсонӣ болотар гузошта, дар тафсири моҳияти забонӣ ва ахлоқии он гуфтааст: “Лафзи адолат аз рӯйи далолат мунбӣ аст аз маънии мусовот ва тааққули мусовот бе эътибори ваҳдати мумтанеъ. Ва чунонки ваҳдат ба мартабаи ақсо ва дараҷаи аъло аз маротибу мадориҷи камолу шараф махсусу мумтоз аст ва сараёни осори ӯ аз мабдаи аввал, ки воҳиди ҳақиқии ӯст, дар ҷумлагии маъдудот монанди фаязони анвори вуҷуд аст аз иллати увло, ки мавҷуди мутлақи ӯст дар ҷумлагии мавҷудот. Пас, ҳар чӣ ба ваҳдат наздиктар, вуҷуди ӯ шарифтар ва бад-ин сабаб дар нисаб ҳеч нисбате шарифтар аз нисбати мусовот нест, чунонки дар илми мусиқӣ муқаррар шудааст; ва дар фазоил ҳеч фазилат комилтар аз фазилати адолат нест» [4,с.105].

Аммо то Насируддини Тӯсӣ ва машшоиёни дигар, консепсияи адолатро мактабҳои дигари фикрии исломӣ, ки дар замон муқаддамтар фаъолияти зеҳнӣ ва таҳқиқотӣ мебурданд ва ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ, бешубҳа, таъсири зиёд доштанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода буданд. Консепсияи адолат дар теологияи исломӣ мувофиқи таълимоте, ки аз ҷониби илоҳиётшиносони аввали ислом дар бораи сифатҳои ирода ва моҳияти Худо пешкаш гардида буд, ба шакли мураттаб ва муназзам медарояд. Дар робита бо мубоҳисаҳои байни онҳо дар бораи адолат ду мактаби фикрии бузург – ҷабария ва ашъария ҳамчун мудофеони таълимоти динӣ аз як тараф ва мактаби ақлгароии қадария ва муътазиля ба миён меоянд. Ҳар яке аз онҳо таваҷҷуҳашонро ба тафсир ва тавзеҳи яке аз сифатҳои Худо – “одил” мутамарказ сохта, дар натиҷа ба мубоҳисаҳои бардавом дар бораи масъалаи моҳият ва табиати адолат, аз як тараф, ва иродаю қобилияти инсон барои

дарк кардани он, ки оё имкони дар рӯйи Замин амалӣ кардани онро дорад, аз тарафи дигар шуруъ мегардад. Дар робита ба ин, ду мактаби муҳим – ашъария ва муътазила дар атрофи адолати илоҳӣ ва иродаи инсон таълимоташонро таъсис доданд.

Дар бораи яке аз онҳо – муътазила сухан гуфта, қайд мегардад, ки муътазилиён худашонро аксаран аҳлу ал-`адл ва тавҳид меномиданд ва тибқи таълимоти онҳо инсон масъули аъмоли ҳам одилона ва ҳам беадолатонаи хеш буда, барои онҳо дар охират подош ё ҷазо хоҳад дид. Онҳо муътақид буданд, ки адолат сарчашмаи илоҳӣ дорад, аммо дар боби он ки адолати илоҳӣ дар рӯйи Замин чӣ гуна амалӣ мегардад, ихтилофи назар доштанд. Барои ҳаллу фасли он, муътазила назарияи нави адолатро пешниҳод намуданд, ки он вуҷудияти ду сатҳи адолатро тайин мекард: адолати илоҳӣ ва инсонӣ - аввалӣ аз ҷониби Худо муқаррар гардида, дигари он дар доираи ақл муайян карда мешавад. Ақидаи муътазиларо дар ин бора таҳлил карда, М. Шариф навиштааст, ки “адолати Худои таоло тақозо мекунад, ки инсон бояд муаллифи аъмоли худаш бошад; танҳо дар он сурат гуфтан мумкин аст, ки ӯ дар рафтораш озод ва барои он масъул аст. Худи ҳамин ақидаро қадариҳо ҳам пайравӣ менамуданд. Агар инсон муаллифи аъмолаш набошад ва агар ин аъмолро Худо офарида бошад, чӣ тавр инсон барои ин аъмол масъулиятро бар дӯш ва барои он гуноҳ ҷазо гирифта метавонад? Оё аз ҷониби Худо беадолатӣ нест, ки инсонро нотавон офарида, барои гуноҳҳояш ҷазо медиҳад ва ба дӯзах мефиристонад?” [6.с.31] Дар маҷмуъ, муътазила се принсипи таълимоташонро дар бораи адолат тавсиф намудаанд: принсипи ақлгароӣ, ки тибқи он адолат тавассути ақл муайян карда мешавад; принсипи волюнтаризм, ки тибқи он амалҳои инсон маҳсули озодии иродаи ӯ мебошанд; ниҳоят, принсипи масъулияти инсон аст, ки тибқи он инсон бар асоси интихоб байни адолат ва беадолатӣ подош ё ҷазо хоҳад гирифт.

Таъсири муътазилиён ба афкори намояндагони машшоияи шарқӣ зиёд аст. Хусусан, Ал-Киндии машшоӣ, ки баъзан ӯро аз пайравони муътазила ҳам ном мебаранд ва ё ҳадди ақал дар зери таъсири амиқ мондани ӯ қайд карда мешавад. Илова бар ин, Ал-Киндӣ “дар муқоиса бо намояндагони машшоияи шарқӣ (Форобӣ, Ибни Сино) консепсияи машшоии судур ва нузули нафс (эманатсия)-ро напазируфтааст, назарияи хилқати “турфат-ул-айн”-ро пуштибонӣ карда, афзалияти донишҳои набавиро бар фалсафӣ тасдиқ кардааст. Дар руҳияи муътазилӣ масъалаҳои хосси калом – дар бораи сифатҳои илоҳӣ ва озодии иродаро баррасӣ намудааст [4,с. 245]. Масъалаи адолат бошад, аз нигоҳи Ал-Киндӣ, сифатест, ки ба инсон хос буда, ӯро ба корҳои дуруст аз рӯйи ақл ҳидоят мекунад. Беадолатӣ, қайд мекунад, Ал-Киндӣ, мисли бадӣ тасодуфӣ аст. Он аз ғазаб ё хашми ӯ дар ҳоле ки ҳар гуна сабаб ангезаҳои манфии ҷисм (ғазаб, хашм ва ғайра)-ро идора карда наметавонад, ба миён меояд. Аммо дар сурати набудани ғазаб инсон одатан зери назорати ақл қарор дорад, ки ӯро ба корҳои дуруст водор мекунад. Барои ӯ адолат фазилатест, ки инсон метавонад бо хоҳиши худаш ба мақсади дарки ҳақиқат инкишоф ва такмил диҳад. Аз байни мақулаҳои дигари ахлоқӣ ҳаким ҷасорат, сабру таҳаммул ва монанди онҳо Ал-Киндӣ адолатро марказӣ ва волотар мешуморад. Дар баробари ин, қайд мекунад мутафаккир, адолатро метавон ҳамчун исботи офариниши он аз ҷониби Худо баррасӣ намуд, гарчанде ки он бевосита маҳсули ақл аст, аммо дар ниҳояти кор аз ҷониби Худо илҳом дода шуда, онро ақл дар вуҷуди инсон ҷой додааст [6,с.54].

Дар ҳоле ки мафҳуми адолат дар таълимоти Форобӣ умуман бо назарияҳои ӯ дар бораи сиёсати шаҳрдори (ас-сиёса ал-маданийа)-и ӯ иртибот дорад. Барои ӯ адолат, пеш аз ҳама, дар тақсими манофеи хуб, ки дар байни сокинони шаҳр мегузарад ва сипас дар боби ҳифз намудани ҳар он чизҳое, ки дар байни онҳо тақсим шудааст, амалӣ мегардад. Манфиатҳое, ки пояи адолатро ташкил медиҳанд, - амният, сарват, шаъну шараф ва ҳамаи чизҳои дигаре мебошанд, ки бо онҳо одамон мубодила карда метавонанд: ҳар як шахс ҳақ дорад, ки ба фоидаҳои худ баробар саҳм гузорад ва зиёдатӣ ё камшавии саҳмияҳои шахс ин беадолатӣ аст, ва аз меъёри ҳиссаи одилона гузаштан – беадолатӣ нисбат ба аҳолии шаҳр ва нисбат ба ҳар чизе,

ки аҳолии шаҳр байни худашон тақсим карда метавонанд, ба ҳисоб меравад. Форобӣ менависад: “Агар тақсимот анҷом дода шавад ва барои ҳар як шахс ҳиссаи ӯ муқаррар гашта бошад, он бояд барои чунон ӯ ҳифз карда шавад, ки ё аз дасташ ба ройгон наравад ва ё ба шарту шароите, ки агар ин ҳодиса рӯй диҳад, пас дар чунин шарту шароит на ба ӯ ва на ба шаҳр зараре нарасад. Агар ҳиссаи манфиатҳои шахс аз дасти ӯ равад, ин кор ё ихтиёрӣ сурат мегирад, ки он дар ҳолати фурӯш, ҳадя ва ҷуброн кардан сурат мегирад ва ё беихтиёр дар мисоли дуздӣ ё мусодираи амволи шахс. Дар ҳар ду ҳолат бояд шароите вуҷуд дошта бошад, ки ба фазли он ин манфиатҳо дар дасти сокинони шаҳр ҳифз гардад.. Беадолатӣ дар он аст, ки ҳиссаи манфиатҳои шахс ба худи ӯ ё ба сокинони шаҳр баргардонида наметавонанд” [1, с.224-225]. Баёни ақоиди сокинони мадинаи фозила аз Форобӣ талаб мекунад, ки чаҳор намуди воқеиятро тасвир кунад: илоҳӣ, кайҳонӣ, инсонӣ ва сиёсӣ. Агар тартибу низом ё адолати иҷтимоие, ки одамон ва шаҳр бояд барои расидан баҳри шукуфоӣ талош кунанд, тавсиф нашуда бошад, он наметавонад мавзуи интихоби ақлонӣ бошад. Интихоби ақлонӣ барои адолат дар сатҳи нафси инсон зарур аст, аммо адолат дар сатҳи болотар аз мавҷудоти зинда ҷой дорад. Кайҳон ҳам дар сохторҳои тафсирҳои мантиқӣ ва ҳам мушоҳидавӣ, инсон ҳамчун нафс ва низ ҳамчун як организми ҷисмонӣ ва шаҳр ҳам дар сурати роҳбараш ва ҳам дар муносибатҳои мартабавии онҳое, ки ҳокиманд ва онҳое, ки тахти ҳукми онҳо қарор доранд, мисоли намунавии Аввал мебошанд. Форобӣ тасдиқ мекунад, ки “аммо фазилатҳои олам бошанд, аз Сабаби Аввал анд ва ҳамаи чизҳо аз он сарчашма мегиранд; ҳастии он аз чизе, ки аз он сарчашма мегирад, бармеояд ва ба ҳамин тариқ то ба судуршавии чизи охир [аз ягон чизи дигар] ба ҳамон тавре, ки онҳо вуҷуд доранд, идома мeёбад, зеро ки ҳамаи ин дар мавзунӣ ва адолат қарор дорад, аммо ҳар чизе, ки шоиста ва боадолат пайдо мешавад, фазилат аст [1,с.237]. Ин маротиби судури ашё бо ҳам пайваста ва мураттабанд. Робитаҳои мураттаб ҳам дар байни мавҷудоти ақлӣ (зеҳнӣ), ҳам сиёсӣ ва ҳам дар ботини ҳар кадоми онҳо ва инчунин дар байни зоҳиру ботин, нафсу ҷисм, байни ҳоким-файласуф ва аҳолии шаҳр вуҷуд дорад.

Адолат, ҳамчун ҷавҳари Аввал, ба ҳайси мартаба ва низому тартиб дар ҳар яке аз ин шаклҳо (ҳам аз ҷанбаи ботинӣ ва ҳам берунии онҳо) ва дар муносибатҳои байни онҳо ҷой дорад. Масалан, бо тавсиф кардани Аввал, Форобӣ назарияи файзи онро низ пешкаш менамояд, ки он бо даҳ ақли ғайримоддӣ оғоз шуда, ки яке аз паси дигари онҳо аз Аввал пайравӣ мекунанд: “Аммо ҷавҳари Аввал низ чунин аст, ки ҳамаи мавҷудот вобаста аз дараҷаи онҳо аз Он судур мекунанд... дар он ҳама чиз аз комилтарин оғоз ва он тавассути чизе идома мeёбад, ки камоли камтар аз он дорад ва ҳамин тариқ, аз ғайрикомил ба сӯйи ғайрикомили дигар рафта, то ҳастие анҷом мепазирад, ки берун аз он вуҷудияти дигаре имкон надорад ва, пас, ҳастии дигаре ҳам ҷой надорад” [1,с. 45]. Ин тартиби кайҳонӣ ва ба истилоҳ, “адолати илоҳӣ”-и тартиботи мазкур аст.

Дар тавсифи тартиби мавҷудоти ҷисмонӣ бошад, Форобӣ дар худи ҳамин китоб масъалаҳои антропологиро матраҳ месозад. Дар яке аз фаслҳои он қобилиятҳои нафсонии инсонро аз рӯйи дараҷаҳои онҳо дар муқоиса бо якдигар тавсиф мекунад; кадоме аз миёни онҳо танҳо роҳбарӣ мекунад ва кадоми дигарашон танҳо хизмат мекунад ва ин тарзи масъалагузорӣ аз назари Форобӣ нишон медиҳад, ки то кадом дараҷа дар ҳадди адолат инсони “табиӣ” бо мавҷудоти кайҳонӣ, ки аз ӯ муқаддамтаранд ва то кадом дараҷа дар доираи иродаи озод “шаҳри зебо ба ҷисми комил ва солим шабоҳат дорад”. Дар шаҳр дараҷаҳо ва мартабаҳои фармонбардорӣ лозиманд: қисматҳои он табиатан гуногун буда, майлҳои табиии онҳо аз рӯйи камол нобаробаранд: дар он шахсе ҳаст, ки ҳоким буда, баъзе ашхос бо дараҷаҳояшон ба ҳоким наздиканд ва ҳар яки онҳо тамоюл ва одат доранд, ки ба шарофати онҳо амалеро, ки мувофиқи хоҳиши ин ҳоким аст, ба иҷро мерасонад. Ба таври умум, Форобӣ қайд мекунад, ки “дар шаҳр инсони муайян ҳаст – роҳбар ва одамони дигар, ки ба ин ҳоким аз рӯйи мартабааашон қаробат доранд ва ҳар кадоме аз онҳо мувофиқи мавқеъ ва қобилиятҳои худ амалеро иҷро мекунанд, ки ҳадафи

гузоштаашон тақозо мекунад. Онҳо дар дараҷаи аввал қарор доранд. Дар зери ин мартаба одамони дигаре ҳастанд, ки мувофиқи ҳадафҳои аввалиҳо амал мекунанд - онҳо дараҷаи дуюмро ишғол мекунанд. Минбаъд ба ҳамин тарз мартабаи одамоне меояд, ки онҳо мувофиқи ҳадафҳои дараҷаи муқаддамтар аз онҳо амал мекунанд. Ба ҳамин тартиб, аъзои мухталифи иттиҳодияи шаҳрӣ то ба ҳадди онҳое, ки мувофиқи мақсадҳои муқаддамтарҳо амал мекунанд ва онҳоеанд, ки хидмат мекунанд, аммо ба онҳо хидмат намерасонанд. Онҳо дараҷаи пасттаринро ишғол намуда, одамони мартабаи пасттарин мебошанд. Ҳамин тавр, ин мартаба то ба ҳадди охирин мерасад, ки ҳамаи он дар доираи низоми мураттаб бо узвҳои бадани инсон ва пас, бо тартиботи кайҳонӣ муқоиса мешавад.

Аён аст, ки ҳам дар таълимоти Форобӣ ва ҳам Ибни Сино адолат ба таври куллӣ ба дунболи масъалаи фазилати инсон ва идеалҳою ормонҳои инсон дар ҷомеа барои рафъ намудани табъизу зӯроварӣ ва нобаробарӣ аст. Дар миёни нишондодҳои мухталифи адолат (сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) консепсияи адолати иҷтимоӣ ва сиёсӣ яке аз муҳимтарин буъдҳое ба ҳисоб меравад, ки бар пояи ақлоният ва пайвастагии назариявию амалии таъсиси низоми иҷтимоӣ ва сиёсӣ, тақсими одилонаи қудрат, эҷоди баробарӣ ва мавзунӣ дар миёни сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсӣ таъкид шуда, метавонад коромадҳо ва машруияти ин низомро волоият бахшад.

**Муқарриз: Самиев М.Ҷ. – д.и.ф., профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ**

### АДАБИЁТ


1. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммед. Социально-этические трактаты. -С. 237.
2. Аль-Фараби, Абу Наср Мухаммад. Философские трактаты. Пер. с араб. - Алма-Ата, 1970. -С. 230.
3. Новая философская энциклопедия: В 4 т. / Ин-т философии РАН. Т. 2. – М.: Мысль, 2010. -С. 245.
4. Насируддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ. – Душанбе, 2009. -С. 105.
5. Shariff, M.M. (1963). A History of Muslim Philosophy, p. 432.
6. Khadduri M. (1984). The Islamic Conception of Justice. Baltimore: John Hopkins Univ Press, 28-34.
7. ابن سینا. الهیات. القاهرة 1964. ص. 441
8. عمید زنجانی. میانی اندیشه سیاسی اسلام. تهران 1393 ﻫ. ص.17
9. ابن سینا. الشفاء. الهیات. القاهرة 1964. ص. 441
10. ابن سینا. الاشارات و التنبیهات. ج. 4. تهران 1404. ص. 61
11. ابن سینا. الشفاء. الهیات. ص. 441
12. الشیخ الرئیس ابو علی ابن سینا. کتاب السیاسة. دمشق 2006. ص. 61
13. رضوان سید/ سیاست و جامعه مدنی نزد شیخ ابو علی سینا. بیروت 1962. ص. 151
14. حنا الفاخوری و خلیل الجر. تاریخ فلسفه در جهان اسلامی. ج.2. تهران 1358. ص. 509
15. ابن سینا. الشفاء. الهیات. القاهرة 1964. ص. 451-452.


### ЗАМИНАҲОИ ОРМОНИ НАЗАРИЯИ ОЗОДӢ ВА ФАРМОНБАРДОРИИ ШАХС


Муаллиф дар мақола оид ба яке аз принсипҳои асосии ҷаҳонбинии фалсафии исломӣ маълумот додааст. Муаллиф бар он назар аст, ки адолат дар фалсафаи ислом консепсияи олӣ ва мушаххасест, ки моҳияти, он пеш аз ҳама, дар ҳадафи офариниши олам ҳамчун ҳифзи адолат ва аз байн бурдани зулму бераҳмӣ аст. Умуман, дар мақола адолат дар консепсияи ислом маънои дуруст ва саҳҳеҳ гузоштани чизе дар ҷойи мустаҳаққи он мебошад. Дар мақола қайд шудааст, ки сарчашмаи назарияи адолати машшоиёни шарқӣ, қабл аз ҳама, Қуръон ба ҳисоб рафта, дар он Худо ҳамчун довари одилтарин муаррифӣ карда мешавад. Муаллиф назари муътазилиёнро, ки аксаран аҳлу ал-‘адл ва тавҳид меномиданд ва тибқи таълимоти онҳо инсон масъули аъмоли ҳам одилона ва ҳам беадолатонаи хеш мебошад, дар охират подош ё ҷазо хоҳад дид. Муаллиф муътақид аст, ки адолат сарчашмаи илоҳӣ дорад, аммо дар боби он ки адолати илоҳӣ дар рӯйи Замин чӣ гуна амалӣ мегардад, ихтилофи назар доштанд. Барои ҳаллу фасли он, муътазила назарияи нави адолатро пешниҳод намуданд, ки он мавҷудияти ду сатҳи адолатро тайин мекард.



**Калидвожаҳо** ҳаюло, машшоияи шарқӣ, адолат, сарчашмаи илоҳӣ.


### ОСНОВНЫЕ УТОПИЧЕСКИЕ ТЕОРИИ СВОБОДЫ И ПОКОРНОСТИ ЧЕЛОВЕКА


В статье автор представил информацию об одном из основных принципов исламского философского мировоззрения. Автор считает, что справедливость в философии ислама – это высокое и конкретное понятие, суть которого заключается, прежде всего, в цели сотворения мира как защите справедливости и ликвидации угнетения и жестокости. Вообще в статье справедливость в понятии ислама означает поставить что-то на свое законное место. В статье источником учения о справедливости восточных мусульман прежде всего является Коран, в котором Бог представлен как самый справедливый судья. Автор разделяет взгляды мутазилитов, которых часто называют ахлу аль-адл и таухид, и согласно их учению, люди несут

ответственность за свои поступки, как справедливые, так и несправедливые, и будут вознаграждены или наказаны. Автор считает, что справедливость имеет божественный источник, но в главе есть расхождения в том, как божественная справедливость осуществляется на земле. Для ее решения Мутазила предложил новую теорию справедливости, которая определила существование двух уровней справедливости.

**Ключевые слова:** материя, восточный перепатетизм, справедливость, божественный источник.

**BASIC UTOPIAN THEORY OF FREEDOM AND HUMAN OBEDIENCE**

In the article, the author provided information about one of the basic principles of the Islamic philosophical worldview. The author believes that justice in the philosophy of Islam is a high and specific concept, the essence of which lies, first of all, in the goal of creating the world as the protection of justice and the elimination of oppression and cruelty. In general, in the article, justice in the concept of Islam means putting something in its rightful place. In Malka, the source of the doctrine of justice for Eastern Muslims is primarily the Koran, in which God is presented as the most just judge. The author shares the views of the Mu'tazilites, who are often called ahlu al-adl and tawhid, and according to their teachings, people are responsible for their actions, both fair and unjust, and will be rewarded or punished in The author believes that justice has a divine source, but in the chapter They disagreed on how divine justice is carried out on earth. To solve it, Mutazila proposed a new theory of justice, which determined the existence of two levels of justice.

**Keywords: matter**, eastern perepatetism, sparvidlyvost, divine source,

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зикирзода Ҳобил*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, кафедраи фалсафаи фарҳанг. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зикирзода Хобил*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат философских наук, доцент, кафедра философии культуры. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail:**Hobiljon1981@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zikirzoda Khobil*** **-** Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Philosophy, Associate Professor, Department of Philosophy of Culture. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 121. E-mail: **Hobiljon1981@mail.ru**

ТДУ:165.1(575.3)

# ОДАМИЯТ ВА АХЛОҚ АЗ НИГОҲИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

***Ҷӯраев М.Б.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар таърихи фалсафа, фарҳанг ва адабиёти тоҷик ҳамчун мутафаккири баррасикунандаи ахлоқ шинохта шудааст. Ӯ дар баробари таҳлили масоили дигари иҷтимоиву сиёсӣ ва фалсафию эстетикӣ, ба такомули ахлоқии инсоният таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, осори гаронарзише дар ин самт ба мерос гузоштааст.

Мусаллам аст, ки андешаҳои ахлоқӣ дар фарҳанги умумибашарӣ аз даврони қадим пайдо шуда, дар ҳар марҳила ва таълимоти мутафаккирону донишмандон бо таровати хосса баррасӣ гардидаанд, ки аз муҳиммияти масъалаи мазкур дар ҷомеаи инсонӣ гувоҳӣ медиҳад. Ин масъала дар замони муосир низ аҳаммияти худро нигоҳ доштааст. Ҳамин аст, ки дар баробари баррасии масоили дигари илмиву техникӣ аҳли таҳқиқ имрӯзҳо баррасии масоили ахлоқиро низ муҳим мешуморанд, зеро “шуур ва мафкураи инсон маҳаки асосии ташаккулдиҳандаи соҳаҳои дигари ҷамъият мебошанд. Тарбияи шуур ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии насли башар омили асилтарини ҳифзи арзишҳои умумибашарӣ ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин ва инсонмеҳвар маҳсуб мегардад”[1,с.103].

Ҷаҳони имрӯз ба инсоне ниёзманд аст, ки неруи ақлонии солим, қобилияти эҷодӣ, фарҳанги воло, ахлоқи ҳамида ва масъулияти баланд дошта бошад. Ба ин маънӣ, инсоният ҳамеша ҷиҳати дарёфти роҳу воситаҳои расидан ба саодат талош варзида, омилҳои таъсиркунанда ба ташаккул ва таназзули ин равандро таҳқиқ менамояд, ки ифодакунандаи моҳияти ахлоқ ҳастанд. Яъне, моҳияти ахлоқ иборат аз ҳидояти насли инсонӣ ҷониби камолот ва дарёфти саодати фардию ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре ёдрас шудем, ба низом даровардани рафтору фаъолияти инсон дар ҷомеа ва дарёфти зиндагии босаодат таърихи тулонӣ дошта, донишмандон масоилеро ҷустуҷӯ намудаанд, ки камолоти маънавиву ҷамъиятии инсонро фарогир бошанд. Раванди ковшҳои инсонӣ аз ҷаҳоншиносии асотирӣ сар карда, то марҳилаҳои баъдӣ нишон медиҳад, ки насли инсонӣ дар тафовут аз мавҷудоти дигари олам дар маъносозиву мафҳумофарӣ ва дарёфти саодат буда, илова ба таъмини талаботи моддӣ баҳри қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ низ талош кардааст. Яке аз масъалаҳои муҳимтарини таъмини саодати ҳақиқӣ ва қонеъкунандаи талаботи маънавӣ, ахлоқ мебошад. Ахлоқ камолоти маънавии инсонро таъмин намуда, ӯро ба созандагӣ, дар шакли иҷтимоишавӣ, муносибати солим, шинохт ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳангӣ сафарбар менамояд. Ҳамин аст, ки падидаи мазкур таваҷҷуҳи аҳли фазлро аз рӯзгори пешин ҷалб намудаву дар ҳама марҳилаҳои рушди ҷомеа аз муҳимтарин масоили таҳқиқ ба ҳисоб рафта, то кунун идома дорад.

Мардуми ориёӣ, ҳам дар доираи асотир ва ҳам тасаввуротҳои диниашон саодати инсониро ҳадаф қарор дода, олами вуҷудро дар робита ба ҳастии инсон матраҳ намудаанд. Консепсияи ахлоқии тамаддуни ориёӣ ба тариқи системавӣ муайян гардида, дар шакли «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек» то ҳанӯз дорои арзиши баланди илмӣ мебошад. Тибқи ин консепсия, камолоти маънавии инсон ва некии ӯ, маҳз замоне ба вуҷуд меояд, ки андеша (маниши)-и инсон поку беолоиш гардад. Яъне, нахуст андеша (пиндор) мукаммал гардида, хусусияти некӣ пайдо мекунад ва пасон тариқи гуфтор ва рафтор амалӣ мешаванд.

Инсон дар тамаддуни ориёӣ мавҷуди олии табиӣ ва ҷузъи муҳимме аз кайҳони моддӣ мебошад. Дар симои инсон тамоми масоил, аз ҷумла, масъалаҳои ахлоқӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирифтанд. «Дар ҷаҳоншиносии ориёӣ, – менависад профессор Музаффарӣ М., - ҳамаи ашёи мавҷуда ва ҳамаи он чизе, ки дар оянда падид хоҳад омад, вобаста ба худи инсон аст. Инсон роҳнамо ва роҳбари

абадият буда, маҳсули он чизест, ки ба воситаи ҳастии моддӣ ташаккул ёфтааст» [9,с.23].

Тарбияи камолоти инсон тавассути риояи талаботҳои ахлоқӣ дар таълимоти зардуштия тақвияти тоза пайдо намуда, ҷавҳари ин таълимотро ташкил менамояд. Муаллифони китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» дар ин бора чунин менависанд: «Дар Авасто гуфта шудааст: «Эй Урдубиҳишт (Аша ваҳишта), тавфиқи беҳзистиро дар паноҳи некандешӣ дар ин сарзамин пароканда соз». Аша Ваҳишта сеюмин қонуни ахлоқии ҳастӣ, назму низом ва созмони ҷаҳон аст. Он қонуни тағйирнопазирест, ки, на танҳо зиндагии башар, балки тамоми коинотро ба сӯйи мақсади асосӣ сафарбар намуда, рушду инкишофи мавҷудот ва сайри таквиниро мувофиқи қонуни Ашоӣ ба сӯйи камолот ҳидоят мекунад» [11,с.56].

Аз иқтибоси зикршуда хулоса кардан мумкин аст, ки ахлоқ дар андешаҳои мардумони ориёитабор ва, умуман марказҳои фарҳангии Шарқи қадим, ҷавҳари ҷаҳоншиносии онҳоро ташкил кардааст. Назарияҳои арзишманди ахлоқӣ низ дар мактабҳои фалсафии Ҳинду Чин ва Эрони бостон пайдо гардидаанд, вале ахлоқ ҳамчун илми мустақил дар фалсафаи Юнони қадим ба вуҷуд омадааст. Дар ин тамаддун, ҳанӯз дар доираи тасаввуротҳои динӣ ва асотирӣ ба масоили ахлоқӣ ва шинохти моҳият ва камолоти маънавии инсон диққати ҷиддӣ равона шуда буд. Антропоморфизм, ки асоси ҷаҳонбинии динии юнониёнро ташкил медод, гувоҳ аз эътирофи қурдат ва тавонии инсон мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқи швейтсарӣ Андре Боннар, «инсон ва ҷаҳон дар тамаддуни юнонӣ инъикоси якдигарӣ фаҳмида мешаванд, яъне оинае ҳастанд, ки дар муқобили якдигар гузошта шудаанд ва ҳамдигарро назорат менамоянд» [8,с.103]. Аз ин метавон натиҷа гирифт, ки масъалаи шинохти инсон ва камолоти маънавии он дар фарҳанги юнонӣ ҳамоҳанг бо андешаҳои ориёӣ будааст.

Мавлоно Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ дар партави андешаҳои арзишманди гузашта тавонистааст, ки тариқи ҳикояву ривоятҳо ва достону қиссаҳои тамсилӣ, ҷомеаи ормонӣ, инчунин таҳлили воқеъбинона масъалаҳои ахлоқро тасвир ва ҳамаҷониба таҳлил намояд. Мутафаккир андешаҳои ахлоқии худро дар асарҳои “Баҳористон”, ки аз ҷиҳати сохтор бо “Гулистон”-и Саъдӣ ҳамоҳанг аст, ба таври васеъ баррасӣ намудааст. Инчунин, таълимоти ахлоқии Ҷомӣ дар дар дафтари якум ва дуюми “Силсилат-уз-заҳаб”, қасидаи “Туҳфат-ул-Аҳрор”, достони “Юсуф ва Зулайхо”, “Хирадномаи Искандарӣ” инъикос ёфтааст [10,с.235].

Агар Ҷомӣ ҷомеаи ормонии худро дар «Ҳикмати Искандария» тавсиф карда бошад, пас дар худи ғояи ҷомеаи ормонӣ инсони ормониро, яъне сифатҳои ахлоқи ҳасана, ки дар хислатҳои хосси ӯ – «фақирем ҳимматпажуҳ», «қавме писандида», «зи гуфтори беҳуда лабҳо хомӯш», «фурӯ баста аз носазо чашму гӯш», “беозорӣ”, “баробарӣ”, “сулҳпарварӣ”, “адами дуздию ғорат”, “меҳру муҳаббати пойдор”, “адолатпарварӣ”, “инсондӯстӣ”ва ғ. зоҳир мегардад, нишон додааст.

*Гурӯҳи фақирем ҳикматпажӯҳ,*
*Чи тобӣ рухи марҳамат з-ин гурӯҳ.*
*Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,*
*Дар он шаҳр қавме писандида дид.*
*Зи гуфтори беҳуда лабҳо хамӯш,*
*Фурӯ баста аз носазо чашму гӯш.*
*Наҷӯста аз бад ҳаргиз озор ҳам,*
*Ва ҳар кори неку мададгор ҳам.*
*На з-эшон тавонгар касе, не фақир,*
*Бар эшон на султон касе, не амир.*
*Баробар ба ҳам қисмати молашон,*
*Мувофиқ бо ҳам сурати ҳолашон.*
*На аз меҳнати қаҳташон сол танг,*
*На бар сафҳаи сулҳашон ҳарфи ҷанг.*
*Зи як хона ҳар як шуда баҳраманд.*

*На дар бар дари хонаҳошон, на банд…*
*Сикандар чун воқиф гашт аз ҳолашон,*
*Шуд аз гуфтугӯ толиби гаврашон…*
*Дигар гуфт: Чун хонаҳо бе дар аст?*
*Дари боз мар дуздро раҳбар аст!*
*Бигуфтанд: - Дар шаҳри мо нест дузд,*
*Ки аз касби дуздӣ хӯрад дастмузд.*
*Ҳама мардум содиқанду амин,*
*Чу хоканд аминони рӯи замин.*
*Ба хок супорӣ яке дона ҷав,*
*Диҳад ҳафтсадат боз вақти дарав.*
*Дигар гуфт: - Чун баҳри молу матоъ,*
*Миёни шумо нест ҷангу низоъ?*
*Бигуфтанд: - Мо бандаи сонеъем,*
*Ба қуту либосе зи вай қонеъем.*
*Расад бе низоъ, он чӣ бошад кифоф,*
*Аз он дар гилоф аст теги хилоф.*
*Дигар гуфт: - Чун шаҳи фармонравой,*
*Дар шаҳри бешӯр нагирифта ҷой.*
*Паи дафъи зулмат, - бигуфтанд, - шоҳ,*
*Зи зулм ин видоят бувад дар паноҳ.*
*Зари адл аз зулм гирад иёр,*
*Чу золим набошад, ба одил чи кор?*
*Дигар гуфт: - Чун дар диёри шумо,*
*Ғанӣ нест кас, дар шумори шумо?*
*Бигуфтанд: - Н-ояд зи табъи карим,*
*Ҳарисӣ намудан паи зарру сим…[13,с.279]*

Аз порчаи фавқуззикр бармеояд, ки ҷомеае, ки Ҷомӣ дар назар дорад, як ҷомеаи ормонист ва табиист, ки мардуми он низ бояд сатҳи муайяни ахлоқу гуфтор ва ҷаҳонбинӣ дошта бошанд, зеро чунин ҷомеа бидуни унсурҳои таркибии он вуҷуд дошта наметавонад ва ба чунин сатҳи баланд ҳам намерасад. Мақсади мутафаккир аз баёни матлаби мазкур он аст, ки инсон дорои фитрати ахлоқӣ аст ва маҳз тавассути ташаккул додани сифатҳои ахлоқӣ ва таълиму тарбия метавонад ҷомеаи адолатпарвару инсонгаро ташкил намуда, ҳаёти худро бидуни зулму истибдод ва озори якдигар сипарӣ намояд.

Мутафаккир таълимоти ахлоқии худро аз тавлиди фарзанд ва тарбияи дурусти он оғоз намуда, ҳосили умри инсониро дар доштани фарзанди некухисол ва барои ҷомеа зарурӣ мебинад. Ба маънии дигар, Ҷомӣ бар он назар аст, ки яке аз масъулиятҳои асосии инсонӣ ташкили оила ва роҳандозӣ намудани вазифаи репродуктивии он ҷиҳати идомаи насл буда, вале на фарзанди доғовару зиёнкор ва харобкунандаи ҷомеа.

Ҳеҷ неъмат беҳтар аз фарзанд нест,
Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.
Ҳосил аз фарзанд гардад номи мард,
Зинда аз фарзанд монад номи мард…[14,с.307] (Ҳафт авранг. с.307)

Аммо зинданигоҳдорандаи номи мард ва умуман насли инсонӣ танҳо фарди тарбиятдидаву таълимгирифта мебошад. Дар маҷмуъ, нафаре, ки боодобу бохирад ва масъулиятшиносу худогоҳ бошад ҷомеаи одилро бунёд ва онро абадан устувор хоҳад нигоҳ дошт.

Мояи давлати абад адаб аст,
Пояи рафъати хирад адаб аст.
Ҷуз адаб нест дар дили абдол,
Ҷуз адаб нест даъби аҳли камол. (Ҳафт авранг. с.109)

Мавлоно Ҷомӣ моҳияти аслии ахлоқро иборат аз адабу ворастагӣ ва дарки масъулиятҳои шахс дар муносибат бо атрофиён дониста, ташаккули шахсиятро маҳз ба он вобаста медонад. Аз андешаҳои мутафаккир бармеояд, ки адаб маншаи ҳама афъоли ҳасанаи инсоният буда, он дар асоси заҳмати пайваста метавонад шакл бигирад. Ба ин хотир, тарбияи инсонро тариқи системавӣ ва бо усулҳои мувофиқ пешниҳод намуда, шаклгирии адабу ахлоқи инсониро аз муносибати ҳасана дар шакли панду насиҳат ба тарбиятгиранда иборат медонад. Дар робита ба ин, мутафаккир таъкид менамояд, ки:

Аз насиҳат ноқисон комил шаванд,
Аз насиҳат мудбирон муқбил шаванд.
Аз насиҳат зинда гардад ҳар диле,
Аз насиҳат ҳал шавад ҳар мушкиле... (Ҳафт авранг. с.426)

Усули пешниҳоднамудаи Ҷомӣ дар мавриди тарбияи ахлоқӣ ва хушахлоқу боадаб намудани насли инсонӣ тавассути панду насиҳат барои ҳар давру замон, аз ҷумла даврони муосир низ муфид мебошад. Имрӯзҳо аз усули мазкур (таъсиррасонӣ ба шуур) ҳама гурӯҳҳои ифротию иртиҷоӣ ба таври васеъ истифода намуда, ҷавононро мағзшӯӣ намуда аз аслу асолати хеш дур менамоянд. Насиҳати онҳо бо овардани қиссаву ривояти хусусияти динидошта ва ба ном тарбиявию ахлоқӣ амалӣ мегардад, ки натиҷаовар мебошад. Манзури Абдураҳмони Ҷомӣ аз насиҳат таъсирррасонӣ ба шуури тарбиятгиранда ҷониби созандагию бунёдкорӣ буда, дар муқобили ҳар гуна андешаи дигар мебошад.

Ҳамин тариқ, таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ нишон медиҳад, ки мутафаккир дар маснавиҳои “Ҳафи авранг” ба чор масъалаи муҳим таваҷҷуҳ зоҳир намудааст:

- насиҳат ба фарзанди худ;
- насиҳати қаҳрамонони ҳикояву ривоятҳо ба шахсони наздик ва натиҷагирӣ аз онҳо;
- тарғиби хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бо истифода аз ҳама усулҳои таъсиррасонӣ ба шуур;
- сарзаниши ахлоқи зишт ва нишон додани касифии он дар раванди фаъолияти инсонӣ.

Муҳиммияти таълимоти ахлоқии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ дар он аст, ки илму маърифатро аз ҳама одатҳои дигар ва унсурҳои ахлоқи ҳамида болотар мегузорад.

Мутафаккир ахлоқро «ҳамчун муайянкунандаи рафтори инсон, ки аз ӯ озодона иҷро намудани меъёрҳои ахлоқиро талаб мекунад, дар ӯ қобилияти худидоракуниро ташаккул медиҳад, баррасӣ кардааст. Аз ин рӯ, ахлоқ талаботи худро ба инсон на танҳо дар ҳолати мавҷуд будани имкониятҳои субъективии иҷрои ин талаботҳо пешниҳод менамояд, балки дар ҳолати мавҷуд набудани чунин имкониятҳо низ, пешниҳоди ин талаботҳо ва ҳадаф гузоштан инсонро дар самти густариши имконоти ахлоқии худ бедор менамояд» [15,с.68].

Дар «Хираднома Искандарӣ» Ҷомӣ аз шаш хислати бади инсонӣ – **ҳасад, кина, ҳирс, мумсикӣ, ҷоҳталабӣ, дурӯғ ва беадолатӣ** дур буданро талқин карда, дар дигар асарҳояш **ҷаҳл, ҳасад, хашму кина, тамаъ, ҳирс, қаллобӣ, риё, ғурур, мардумозорӣ, худпарастӣ, пурхурию серхобӣ ва ғайраро** мазаммат намудааст. Аз таҳлили осори Ҷомӣ чунин бармеояд, ки тамоми андешаҳои шоир саршори ғояи инсондӯстӣ буда, дунболагири ҳадафи инсони ормонии ӯ, яъне ғояи Инсони комил мебошанд, ки шоир дар тарбияву парвариши ӯ ва ҳидояташ ба сӯйи камолот аз тариқи насиҳат ин қадар заҳмату талош намудааст.

Ҷомӣ андешаи подшоҳи одилро, ки дорои хислатҳои зерин аст, асоснок кардааст: адолат, саховатмандӣ, хирадмандӣ, бахшандагӣ, покӣ ва ғайра. Ба ақидаи ӯ, идораи одилона мактаби маҳорат ва ҳунари подшоҳӣ буда, тарбияи ворисони подшоҳ, интихоби хирадмандонаи дарбориён аз рӯйи истеъдод, назорати доимии аъмоли онҳо, ғамхории мардум, ҳифзу дастгирии онҳоро дар бар мегирад.

Вай ба сулҳу осоиш ва ҳамзистӣ, ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахши халқҳо мусоидат мекунад, ҷанг ва беадолатиро қатъиян маҳкум мекунад. Вале ӯ тарафдори ҳифзи Ватан, барои аз асорат озод кардани дигар халқҳо ва аз зулм озод шудани онҳо баромад мекард. Барои пешбурди адолати иҷтимоии ҷомеа ду роҳро пешниҳод мекунад: подшоҳи одил ва сохтори одилонаи иҷтимоӣ. Вай дар симои Искандар сифатҳои подшоҳи одилро таҷассум кардааст, на дар Искандари воқеии таърихӣ, балки дар Искандари хаёлӣ, одами дорои давлатдории баланд ва тамоми хислатҳои инсони комил.

Ҷомӣ шоҳи одилашро ҳамчун як сарлашкари юнонӣ тавсиф мекунад, ки аз ҷониби Арасту ба воя расидааст ва хиради файласуфони бузурге, чун Пифагор, Суқроту Афлотунро таҷассум кардааст. Ҷомӣ ба ин васила талош кардааст, ки ҳикмати Юнонро ба андешаи форсӣ наздик кунад. Искандар хислатхои хиради юнониро таҷассум намуда, ҳамчун фиристодаи таълимоти ахлоқии Арасту, Афлотун ва дигар мутафаккирони Юнон баромад кардааст. Аз ин рӯ, дар ин маснавӣ аз моҳияти илоҳии таъсиси ҳукумат ва ҷомеа зикр нашудааст. Образи «шоҳи одил»-и Ҷомӣ бар хилофи симои подшоҳони олами ислом офарида шудааст, ки олимони муосирро ба хулосаҳои гуногун водор кардааст. Ба ин васила шояд Ҷомӣ мехост таваҷҷуҳи шоҳони Шаркро ба беҳтарин сифатҳои фалсафаи сиёсии Юнон ва санъати давлатдории сиёсӣ ҷалб кунад.

Ҳамин тавр, таҳлили таълимоти бунёдӣ дар бораи инсон дар фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик равшан нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ҷаҳонбинии динӣ ҳам перипатетизми шарқӣ, ҳам калом ва ҳам тасаввуф ба тағйироти ҷиддие дар фарҳанги маънавӣ, ҷаҳонбинӣ мусоидат кардааст. Ин ва дигар мактабҳои фалсафию динии давраи Ҷомӣ ба ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккир таъсири зиёд расонидаанд.

**Муқарриз: Усанов Р.Т-. н.и.ф., дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Амирхон, Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ. -Душанбе, 2022. –С.103.
2. Алимардонов А. Таъсири ақоиду осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар афкори ҷамъиятии Ҳиндустон / А. Алимардонов // Махозин-ут-таҳқиқ. Маҷмуаи мақолаҳо. Китоби 1. –Душанбе, 2018. -С.249- 280.
3. Алимардонов А. Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ дар маслаки Хоҷа Аҳрор / А. Алимардонов // Махозин-ут-таҳқиқ. Маҷмуаи мақолаҳо. Китоби 1. –Душанбе, 2018. -С.224-242.
4. Антология таджикской поэззии. Таджикгосиздат, 1951. -854 с.
5. Афсаҳзод А. Абдураҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Маориф, 1978. -189 с.
6. Афсаҳзод А. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ. -Душанбе: Дониш, 1981. -156 с.
7. Афсаҳзод А. Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Ҷомӣ // Маҷмуаи мақолаҳо. -Душанбе: Ирфон, 1965. -С.173-185.
8. Боннар, А. Греческая цивилизация. Т.1. От Илиады до Парфенона. Пер. с франц. О.В.Волкова. Предисл. проф. В.И.Авдиева. –М.: Исскуство, 1992. –С.103.
9. Музаффарӣ, М. Антропология. -Душанбе, 2009. –С. 23.
10. Раджабов, М. Абдурахман Джами и таджикская философия VX века / М. Раджабов. –Душанбе, 1968. –С.235.
11. Таърихи фалсафаи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 2011. –С.56.
12. Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Фарҳанги вожаҳо ва ифодаҳои мардумӣ дар осори Мавлавӣ. –Душанбе: Адиб, 2017. -399 с.
13. Ҷомӣ, А. Осор. -Ҷ.5. –Душанбе, 1988. –С.279.
14. Ҷомӣ, А. Ҳафт авранг. -М.: Наука, 1984. –С.307.
15. Шамолов А.А. Сравнительный анализ этика Абу Хамида Газали и Насриддина Туси / А.А. Шамолов. – Душанбе: Ирфон, 1994. – С.68.


**ОДАМИЯТ ВА АХЛОҚ АЗ НИГОҲИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ**


Дар мақола оиди инъикоси фалсафаи одамияту ахлоқ дар осори гаронарзиши Абдураҳмони Ҷомӣ ва мавқеи он дар тарбияи инсонпарвариву таҳаммулпазирӣ маълумоти муфассал дода шуда, муаллиф барои исботи фикраш намунаҳоро аз осори ин мутафаккири нотакрор пешкаш намуда, дар интиҳо хулоса мекунад, ки соҳиби гуфтори фасеҳ Абдураҳмони Ҷомӣ тавонистааст, таълимоти инсонпарвариву таҳаммулпазириро ҳанӯз дар асри хеш, яъне дар асри XV ба таври возеҳ баён созад. Ҷомӣ шоҳи одилашро ҳамчун як сарлашкари юнонӣ тавсиф мекунад, ки аз ҷониби Арасту ба воя расидааст ва хиради файласуфони бузурге, чун Пифагор, Суқроту Афлотунро таҷассум кардааст.

Ҷомӣ ба ин васила талош кардааст, ки ҳикмати Юнонро ба андешаи форсӣ наздик кунад. Образи «шоҳи одил»-и Ҷомӣ бар хилофи симои подшоҳони олами ислом офарида шудааст, ки олимони муосирро ба хулосаҳои гуногун водор кардааст. Ба ин васила шояд Ҷомӣ мехост таваҷҷуҳи шоҳони Шарқро ба беҳтарин сифатҳои фалсафаи сиёсии Юнон ва санъати давлатдории сиёсӣ ҷалб кунад.Таҳлили таълимоти бунёдӣ дар бораи инсон дар фалсафаи асримиёнагии форсу тоҷик равшан нишон медиҳад, ки бо вуҷуди ҷаҳонбинии динӣ ҳам перипатетизми шарқӣ, ҳам калом ва ҳам тасаввуф ба тағйироти ҷиддие дар фарҳанги маънавӣ, ҷаҳонбинӣ мусоидат кардааст. Ин ва дигар мактабҳои фалсафию динии давраи Ҷомӣ ба ташаккул ва инкишофи ҷаҳонбинии мутафаккир таъсири зиёд расонидаанд.

**Калидвожаҳо:** назария, осор, тарбия, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, сулҳ, иҷтимоиёт, ахлоқ, насиҳат, афкор, ҳидоятгар, роҳнамо, муҳаққиқ, пурарзиш.

**ГУМАННОСТЬ И НРАВСТВЕННОСТЬ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ**

В статье представлена подробная информация об отражении философии гуманности и нравственности в драгоценных произведениях Абдуррахмана Джами и его позиции в воспитании гуманизма и толерантности. В доказательство своей точки зрения автор приводит примеры из произведений этого уникального мыслителя. Он ясно выразил учение гуманизма и толерантности в своем веке, то есть в XV веке. Джами описывает своего праведного короля как греческого полководца, воспитанного Аристотелем и воплотившего мудрость великих философов, таких как Пифагор, Сократ и Платон. Таким образом, Джами пытался приблизить греческую мудрость к персидской мысли. Образ «праведного царя» Джами был создан в противовес образу царей исламского мира, что привело современных учёных к разным выводам. Возможно, таким образом, Джами хотел привлечь внимание царей Востока к лучшим качествам греческой политической философии и искусству политического управления. Анализ основных учений о человеке в средневековой персидско-таджикской философии ясно показывает, что, несмотря на Религиозное мировоззрение, восточный перипатетизм, как слово, так и суфизм способствовали значительным изменениям в духовной культуре и мировоззрении. Эта и другие философские и религиозные школы эпохи Джами оказали большое влияние на формирование и развитие мировоззрения мыслителя..

**Ключевые слова**: теория, труды, образование, дружба, толерантность, мир, общество, этика, советы, мысли, руководство, руководство, исследователь, ценный.

**HUMANITY AND MORALITY FROM THE POINT OF VIEW OF ABDURRAHMAN JAMI**

The article provides detailed information about the reflection of the philosophy of humanity and morality in the precious works of Abdurrahman Jami and his position in the education of humanism and tolerance. To prove his point of view, the author cites examples from the works of this unique thinker. He clearly expressed the teachings of humanism and tolerance in his century, that is, in the 15th century. Jami describes his righteous king as a Greek general trained by Aristotle and embodying the wisdom of great philosophers such as Pythagoras, Socrates and Plato. Thus, Jami tried to bring Greek wisdom closer to Persian thought. The image of the “righteous king” Jami was created in contrast to the image of the kings of the Islamic world, which has led modern scholars to different conclusions. Perhaps in this way Jami wanted to attract the attention of the kings of the East to the best qualities of Greek political philosophy and the art of political governance. An analysis of the basic teachings about man in medieval Persian-Tajik philosophy clearly shows that, despite the religious worldview, Eastern Peripatetism, both word and Sufism contributed to significant changes in spiritual culture and worldview. This and other philosophical and religious schools of Jami's era had a great influence on the formation and development of the thinker's worldview.

**Key words**: theory, works, education, friendship, tolerance, peace, society, ethics, advice, thoughts, leadership, guidance, researcher, valuable.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, кафедраи сиёсатшиносӣ, омӯзгор. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 Телефон: **+992 971-20-20;** E-mail: **manu-1405@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Джураев Манучехр Бобокулович*** **–** Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра политологии, преподаватель. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1 Телефон: **+992 971-20-20;** E-mail: **manu-1405@mail.ru**

**Information about the author:** ***Juraev Manuchehr Bobokulovich*** **–** Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Department of Political Science, teacher. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1 Phone: **+992 971-20-20;** E-mail: **manu-1405@mail.ru**

ТДУ:113.8 (09)

# МАСЪАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛОТӢ – ТАЪРИХӢ ОИД БА ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ

***Нурулҳақов Қ., Одинаев Б.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Зардуштия аз маъруфтарин оини бостонии халкҳои тоҷику эронӣ буда, ба номи асосгузораш Зардушт номгузорӣ шудааст. Он бо номи дини маҷусӣ ва муғон низ дар адабиётҳои юнониву исломӣ омадааст. Дини Зардуштӣ аз лиҳози пайдоиш ва доманаи густариш ба гурӯҳи динҳои миллию давлатии ҳавзаи тамаддуни ориёӣ тааллуқ дорад.

Зардушт ҳамчун муассиси оини мазкур қадимтарин мутафаккири шинохтаи Эрони бостон ба шумор меравад. Ӯ аз деҳқонзодагони ориёӣ буда, падараш Пурушасб аз хонадони Спитоман ва модараш Дағдувия мебошад. Номи Зардушт дар асл Заратуштра (дар забони аврупоӣ- Зороастра) аз калимаи мураккаби ориёии кӯҳан буда, аз ду калима: «зара» ба маънии «доро» ё баъзе «зард» тарҷума кардаанд ва «уштара» ба маънои «шутур», яъне «соҳибуштур», «уштурбон» ё «зардуштур» аст [1, с. 20]. Аммо бо далели фарогири маъноҳои гуногун будани вожаи «уштара» он метавонад маънои «Ситораи заррин» - ро низ дошта бошад.

Замони зуҳури ӯро муаррихон ба замони салтанати Гуштосб (ё Виштасб) яке аз шоҳони силсилаи каёнӣ - Луҳросб мансуб медонанд. Аммо таърих ва маҳалли таваллуди Зардушт аниқ нест. Бино ба гуфтаи як гурӯҳ олимон таърихи таваллуди Зардуштро ҳудуди соли 660 (асри VII т.м.), гуруҳи дигар ҳудуди солҳои 1500 - 1000 (байни асрҳои XV то X т.м.) [23, с. 83] тахмин мекунанд. Донишманди маъруфи англис Мерий Бойс таърихи зиндагии Зардуштро ба солҳои 1500-1200 т.м. мепиндорад [13, с. 27]. Ҳамчунин гуруҳи дигари олимон Зардуштро ҳамаср ва устоди Пифагор (582-497-и то мелод) – файласуф ва риёзидони Юнони қадим медонанд [26, с. 42], ки ин ақида ба нишондоди аввала мувофиқ меояд. Ш.П. Бердиев менависад, ки Пифагор иддао дорад, ки бо Зардушт борҳо дидор намуда, суҳбат кардааст [9, с. 22]. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асари худ «Тоҷикон дар оинаи таърих (аз Ориён то Сомониён)» таърихи зиндагии Зардуштро ба ҳазораи II-и т.м. мансуб донистаанд [17, с. 32]. Ба андешаи муҳаққиқони авастошиноси тоҷик Ҷ. Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзода зиндагии Зардушт ва таълифи китоби Авасто таърихи зиёда аз 3500-4000 сола дорад [19, с. 17]. Бо дарназардошти фактҳои боло замони зиндагии Зардушро миёни асрҳои VI-II-и т. м. донистан ба ҳақиқат наздиктар аст.

Маҳалли таваллуди Зардушт низ мавриди ихтилоф аст. Бино ба гуфтаи баъзе олимон дар шаҳри Рай, баъзе дар ноҳияи Мод (Озарбойҷон) - шимолу ғарбии Эрон, баъзе дар Хоразм [9, с. 23] ва баъзеи дигар дар Бохтар ба дунё омадааст. М. Мӯъминҷонов зодгоҳи Зардуштро Турон (Осиёи Марказӣ) медонад [15, с. 137]. Аммо аниқ аст, ки ӯ даъват ба дини худро дар шарқи Эрон (Бохтар) оғоз кардааст. Ҳамин тариқ, пайдоиш ва ташаккули яке аз сарчашмаҳои қадимаи динӣ-фалсафӣ дар Осиёи Миёна «Авасто» таърихи зиёда аз 3500 сола дорад. Ба сифати яке аз аввалин сарчашмаи ахлоқӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва пеш аз ҳама динӣ-фалсафӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, хусусан сарзамини тоҷикон, Авасто баромад намудааст, ки он тавассути Зардушт аз номи Аҳуромаздо навишта шудааст.

Оини зардуштия ҳамчун падидаи таърихӣ – фалсафӣ то кунун боқӣ монда, дар он ҳам аз паҳлуи онтологӣ ва ҳам аз паҳлуи гносеологӣ таҳаввулот рух додааст. Бино бар сабаби аз доираи объекти таҳқиқоти мо берун будани паҳлӯҳои мазкур аз баёни онҳо худдорӣ намуда, таҳаввули институти оила дар зардуштияро пайгирӣ менамоем.

Институти оила дар зардуштия аз пайдоиш то ба имрӯз зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ – таърихӣ қарор гирифтааст. Таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки тавассути

сарчамаҳои соҳавӣ оиди ниҳоди оила ба назар мерасад, асосан атрофи масъалаҳои зерин баромад мекунанд:

1. Оиди масъалаи “издивоҷ бо маҳорим», оё дар зардуштия чунин издивоҷе вуҷуд дорад?

2. Оиди масъалаи «теъдоди завҷот», оё дар зардуштия барои издивоҷ адади зан таъйин шудааст?

3. Оиди масъалаи «даштон (одати моҳона, ҳайз)» – и зан, занҳои зардуштӣ ҳангоми одати моҳона тибқи таълимоти зардуштия аз ҷониби мардҳо чӣ муносибат медидаанд?

Масъалаи муҳимме, ки то ҳол ҳалли ягонаи худро наёфтааст, ин масъалаи никоҳ бо маҳорим мебошад. Масалан, дар яке аз сарчашмаҳои таърихӣ «Таърихи табарӣ» чунин омадааст: «Ва муғонро яке пайғамбар аст, ӯро Зардушт гӯянд, ин дини муғӣ ӯ ниҳод, ... ва хоҳару модар ба занӣ кардан ӯ ниҳод» [4, с. 396]. Бояд қайд намуд, ки масъалаи мазкур мавриди ихтилофи шадиди таърихӣ буда, мутаассифона гузашти таърих решаҳои ин ихтилофро бинобар вуҷуд доштани далоили гуногуни сарчашмавӣ мустаҳкам намуда монеа эҷод менамояд.

А. Берунӣ соҳиби китоби «Осор-ул-боқия» чунин менависад: «Чун Гуштосб хирадмандон, солхӯрдагон ва бузургони кишвари худро барои гуфтугӯ бо Зардушт дар маҷлисе гирд овард, яке аз суолоте, ки аз Зардушт карданд ин буд, ки агар марде бо модари худ аз миёни тӯда ва ҷомеа дур афтода бошад ва дастрасӣ ба зани дигар надошта бошад ва аз қатъ шудани насл биҳаросад, чӣ бояд кунад: Зардушт посух дод: - дар чунин ҳолат равост, ки он мард бо модари худ наздикӣ кунад. Ҳамчунин Абӯрайҳони Берунӣ илова мекунад, ки ҳатто Зардушт Гуштосбро ба никоҳ кардани насабҳои наздик даъват намуд [2, с. 299 – 300].

«Шоҳнома»-и А. Фирдавсӣ дар бораи зифофи (тазаввуҷ) подшоҳони қадими эронӣ ба ақрабои худ, достонҳои бисёре сурудааст, ки аз ҷумлаи онҳо достони ҳамбистар шудани Баҳман – подшоҳи Эрон бо духтари худ – Ҳумой мебошад. Он ҷо, ки Фирдавсӣ мегӯяд:

*Яке духтараш буд номаш Ҳумой,*
*Ҳунарманду бодонишу покрой.*
*Ҳаме хондандӣ варо Чеҳрзод,*
*Зи гетӣ ба дидори ӯ буд шод.*
*Падар дарпазируфташ аз некувӣ,*
*Бад-он дин, ки хонӣ варо паҳлавӣ.*
*Ҳумои дилафрӯзи тобандамоҳ,*
*Чунон буд, ки обистан омад зи шоҳ* [3, с. 43].

Н. Соҳибуззамонӣ қайд мекунад, ки дар Импературии Сосонӣ-зардуштӣ издивоҷ бо хоҳар ва зани падар амри қобили қабул ва роиҷ будааст. Издивоҷ бо хоҳар ба хусус дар салтанати шоҳӣ барои ҳифзи покии хун амри таъкидӣ ба шумор мерафтааст [16, с. 17 – 18]. Номбурда менависад, ки Эрониёни бостон тибқи таълимоти Авесто заношӯӣ миёни бародар ва хоҳарро сабаби ҷалби равшании эзидӣ дар хонадон ва тарки девон медонистаанд [16, с. 18]. Ин муҳаққиқи эронӣ бо истинод аз сарчашмаҳои таърихӣ зикр мекунад, ки адолати махсуси зардуштиён ба гунае ҷорӣ мешавад, ки мард иҷоза дорад бо модар, хоҳар ва ё духтари худ издивоҷ намояд. Ва зардуштиён мувофиқи таълимоти худ ҳамчун «издивоҷҳои худописандона» бузург медоранд [16, с. 18]. Бояд қайд намуд, ки падидаи мазкур дар дастраси ақл дур қарор дошта, шояд дар натиҷаи таҳаввули таърихии институти оила дар зардуштия ба вуҷуд омада бошад.

Бино ба гуфтаи Н. Соҳибуззамонӣ нависандагони исломӣ низ муътақид ба вуҷуди никоҳи маҳорим дар зардуштия ҳастанд. Ӯ менависад, ки Саълабӣ гуфтааст: зардуштиён издивоҷи бародар бо хоҳар ва падар бо духтарро ҷоиз медонанд ва дар ин маврид издивоҷи Одам (а) ба ҳайси далел меоранд [16, с. 18]. Ҳамчунин бо ривоят аз Шайхи Тӯсӣ овардааст, ки шахсе дар ҳузури Имом Ҷаъфари Содиқ забон ба дашноми маҷусият мекушояд, ки онҳо бо маҳорими худ издивоҷ мекунанд. Ҷаъфари

Содиқ ӯро аз дашном додан манъ мекунад ва ба ӯ мегӯяд: оё намедонӣ, ки ин кор дар назди маҷус никоҳ аст ва ҳар қавму миллате миёни никоҳ ва зино фарқият мегузорад [16, с 20]. Зимни ин гуфтаҳо Н. Соҳибуззамонӣ менависад, ки ин метавонад посухе бошад барои касоне, ки аз рӯи таассуби мазҳабӣ ин гуна издивоҷро манфури оини зардуштия медонанд. Зеро издивоҷ як амри ташриӣ аст ва дар миёни миллатҳои гуногун, ҳаргуна аст. «Маҳрамият» ва «номаҳрамият» амри эътиборист. Масалан ончи дар назди қавме «номаҳрам» шумурда мешавад, зарурӣ нест, ки дар назди дигар қавмҳо низ «номаҳрам» шумурда шавад [16, с. 20].

Муҳаққиқи номбурда дар идомаи таҳқиқаш дарҷ мекунад, ки як байти форсие дар дастам расидааст, ки ба ғолиби гумонам аз кадом намояндаи оини ниёкони мо (зардуштия) мебошад:

*Ҳалоланд хубони симин бадан,*

*Чи модар, чи хоҳар, чи духтар, чи зан* [16, с. 17].

Зардуштиёни имрӯза гарчанде, ки ба дурустии ин ривоёт мухолифат карда, бо тафсир ва таъвил онро ба маздакиён нисбат медиҳанд, аммо таърих гувоҳ аст, ки расми издивоҷ бо маҳорим ва ақориб ба ҳеҷ ваҷҳ аз маздакиён набуда, дар миёни салотини Ҳахоманишӣ, Ашконӣ ва ашрофи Сосонӣ роиҷ будааст – қайд мекунад, Н. Соҳибуззамонӣ [16, с. 19].

Қ. Машкур муҳаққиқи дигари эронӣ дар китоби худ бо номи «Ахлоқи эрониён» аз номи ҷуғрофидони аҳди қадим Страбон чунин менависад: «Расми муғон чунин аст, ки ҳатто бо номодари (зани падар)-и худ ва духтари худ издивоҷ мекунанд» [11, с. 199]. Муҳаққиқ дар дигар ҷой низ ба ин масъала ишора мекунад: «Страбон менависад, ки дар замони Ашкониён издивоҷ бо маҳорим яъне ақрабои наздик кори писандида будааст» [11, с. 200]. М. Меҳрин менависад, ки ба назари ман ба зардуштия нисбат додани ҷумлаи нописанди «издивоҷ бо маҳорим»–ро ба ҳақиқат мувофиқ намебошад. Бар хилофи он чи баъзе аз мусташриқин ақида доранд, Авасто чунин расми ҳайвониро таълим намедиҳад. Мо мункири он нестем, ки ин расм дар миёни баъзе афроди мунҳариф вуҷуд доштааст ва ин гуна афрод бештар дар табақоти боло дида мешаванд. Ӯ қайд мекунад, ки ман бо касоне, ки калимаи авастоии «Khvaetva» (Хвайетва) – ро «издивоҷ бо маҳорим» тарҷума мекунанд мухолифам. Маънои ин калима иттиҳоди маънавии зан бо мард аст, на издивоҷ бо маҳорим» [14, с. 49]. М. Меҳрин оиди масъалаи мазкур мухолифат нишон дода, вуҷуди онро мансуб ба табақоти болоии пайравони оини зардуштия медонад, ки таҳти таъсири қувваҳои инҳирофӣ-нафсонӣ ба ин падидаи манфур даст задаанд.

Муаллифи китоби «Маросим ва одоби зардуштиён» зимни баёни анвои издивоҷи зардуштиён, навъи панҷуми онро, ки «Аюкзан» унвон дорад, бо овардани мисол шарҳ дода, аз ин гуна издивоҷ - «издивоҷ бо маҳорим» дифоъ кардааст. Ӯ менависад: «Фаразан, падару модаре бо номи Рустам ва Фарангис духтаре доранд ба номи Ширин, ки баъди расидан ба синни никоҳӣ ӯро ба ақди никоҳи писаре ба номи Баҳром меоранд. Пайванди заношӯии Баҳром ва Ширин таҳти номи «Аюкзан» баста мешавад. Дар чунин сурат нахустин писари онҳо, ки Ҷамшед ном дорад, ба фарзандии ҷаддаш Рустам таъйин мешавад ва ин писарро Ҷамшеди Рустам меноманд на Ҷамшеди Баҳром. Нависандагони ноогоҳи ғайризардуштӣ, ки медиданд Ҷамшед писари Ширин ба ҷои он ки ба номи падараш Ҷамшеди Баҳром хонда шавад, ба номи ҷаддаш Ҷамшеди Рустам номгузорӣ шудааст. Баъд чунин мепиндоштанд, ки Рустам ба ростӣ бо духтари худ Ширин издивоҷ кардааст. Дар натиҷа зардуштиёнро иштибоҳан ба издивоҷ бо маҳорим муттаҳам намудаанд» [8, с. 178 – 179]. Бояд қайд намуд, ки хориҷиён ба хусус юнониҳо, ки бо ин суннати зардуштиён ошноӣ надоштанд, тасаввур мекарданд, ки ин фарзанд натиҷаи издивоҷи падар бо духтараш будааст. Дар ҳоле, ки ин фарзанд фарзанди марди дигаре будааст. Мунтаҳо барои ҳифзи номи падари духтар, ба фарзандхондагии ӯ вогузор шудааст.

Фарҳангмехр бо нақл аз Ҳеродот – муаррихи юнонӣ менависад: «Камбуҷия – яке аз шоҳони Ҳахоманишӣ [24, с. 33] мехост бо хоҳараш издивоҷ намояд, аз мубадони зардуштӣ пурсид, ки оё чунин издивоҷе дуруст аст? Мубадон посух доданд:

Подшохо! мо фавқи қонун аст. Фарҳангмеҳр мегуяд: мубадон медонистанд, ин амал норавост, локин ҷуръати рӯёрӯӣ бо шоҳро надоштанд ва бо андаке диранг посухи нописандона доданд. Аз тарафи дигар агар ин кор расм мебуд шоҳ аз мубадон суол намекард ва худ медонист, ки равост ва ё мубадон аз посух додан диранг намекарданд» [20, с. 169]. Аз гуфтаҳои боло бар меояд, ки муҳаққиқи эронӣ Фарҳангмеҳр муаррихони хориҷӣ ба хусус юнониҳоро бо ноогоҳӣ нисбат ба фарҳангу тамаддуни эронзамин муттаҳам муттаҳам мекунад. Вале, муҳаққиқи тоҷик Мӯъминҷонов Ҳ. Ҳ. бо иқтибос аз Иброҳими Пури Довуд менависад, ки ҳар он чизе, ки муаррихони Юнони қадим Геродот ва Ксенофонт дар бораи қудрат ва бузургии Эроншаҳри бостон навиштаанд, дар Авесто равшан инъикос ёфтааст [15, с. 269]. С. Х. Раҳимов андешаҳои худро оиди масъалаи мазкур чунин баён намудааст: издивоҷ бо хешовандони наздик суннати сирф зардуштиён нест. Ба мифология ва таърихи юнониёни қадим назар афканед, дар онҷо низ чунин навъи издивоҷро ташвиқ менамуданд. Аксаран муаллифон барои исботи гуфтаҳои худ, аз китоби Муртазо Мутаҳҳарӣ - «Таърих ва моҳияти зардуштӣ» иқтибос меоваранд. Вале, Муртазо Мутаҳҳарӣ дар бораи мавҷудияти ин навъи никоҳ тавзеҳи хусусӣ додааст. Яъне хонаводаҳои ашрофзода барои ҳифзи хун ва сарваташон чунин издивоҷҳоро ба худ иҷозат медоданд. Аз тарафи дигар, маълум аст, ки зардуштиён дар асрҳои баъдӣ ба чӣ гуна таъқиб дучор шудаанд. Барои хифзи худ, эътиқоди худ, урфу одатҳои худ бояд ба баъзе системаҳои фитнагарӣ даст мезаданд. Аз ин рӯ набояд зардуштиёни таърихиро яксон ҳукм намуд [18, с. 96 – 97]. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки С. Х. Раҳимов аз навъи никоҳи эндогамии шадид дар зардуштия дифоъ кардааст. Вале, мутаассифона аз уҳдаи рафъи он ба пуррагӣ набаромадааст. Зеро, аз ҷониби пайравони минбаъдаи Зардушт ин дин ва догма бо мухолифон мушкилот дорад. Аз ин рӯ мавҷудияти никоҳи мазкурро бо ду омили иҷтимоӣ-таърихӣ маҳдуд кардан мумкин аст:

1. Даст задани ашрофон ба ин навъи никоҳ ба хотири маҳфуз мондани хун ва амволашон дар доираи қабилаи худ;
2. Ба инҳирофи таърихӣ дучор шудани зардуштия аз давраи пайдоиш то ба имрӯз.

Бино ба ақидаи А.Ғ. Холиқов издивоҷи эндогамӣ ҳамчун яке аз қадимтарин шаклҳои издивоҷ дар таърихи башарият дар байни ҳамаи халқҳои рӯи замин вуҷуд дошт. Издивоҷи эндогамӣ дар дараҷаҳои мухталиф, ҳам эндогамияи шадид ва ҳам эндогамияи оддӣ дар миёни ниёгони эрониён ва тоҷикон низ мушоҳида шудааст. «Авесто» бевосита эндогамияро муқаррар накардааст, вале онро манъ низ накардааст. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ ба издивоҷи хешутаборӣ бартарӣ медиҳанд, ки ин ба қонунигардонии он баробар аст. Ба ин сарчашмаҳо «Ардавирофнома», «Менуи хирад», «Шояст-нашояст», «Бундаҳишн» ва ғайра дохил мешаванд [22, с. 179 – 180]. Ба андешаи мо эҳтимолан дар зардуштия никоҳ бо зани падар раво ва ҷоиз буд. Баъдан аз рӯи иштибоҳ паҳн шуда, ки зардуштиҳо бо модарони худ низ издивоҷ мекардаанд ва истилоҳи «издивоҷ бо уммаҳот» низ дар адабиёти исломӣ шояд аз ҳамин иштибоҳ сарчашма гирифта бошад.

Сарфи назар аз эҳтимолоту тахминҳо бояд таъкид намуд, ки аксари файласуфону муаррихон ҳатто муҳаққиқоне, ки ба мавҷудияти никоҳи эндогамияи шадид дар зардуштия муътақиданд, оини мазкурро дини яктопарастию тавҳидӣ ба қалам медиҳанд. Ва ин аз мантиқ дур аст, ки чунин догмаи ахлоқӣ – никоҳ бо маҳоримро ба як дини тавҳидӣ – зардуштия нисбат дод. Зеро динҳои яктопарастӣ аз чунин як амали нанговар муназзаҳанд. Ин навъи никоҳ дар натиҷаи таҳаввули таърихии оини зардуштия ва тағйири вожаву мафҳумҳо дар зеҳни инсоният ва сипас дар ҳаёти маишӣ-иҷтимоии он ба вуҷуд омадааст. Ақли солим тақозо мекунад, ки дар зардуштияи ибтидоӣ мафҳуми «Никоҳи хешутаборӣ» мавҷуд буд, чигунае, ки шариати исломӣ низ онро манъ накардааст [12, с. 846]. Оҳиста – оҳиста вожаи мазкур аз ҷониби инсоният тағйири шакл кардааст, ки дар натиҷа мафҳуми «Никоҳи маҳорим» ҷойгузини он мешавад. Муҳаққиқ А.Ғ. Холиқов барои исботи гуфтаҳои

худ замони Одаму Ҳавворо мисол овардааст, ки ба андешаи ман ин далел шуда наметавонад. Зеро, замони Одаму Ҳавво давраи интишори насли башар ба шумор мерафт ва барои он зарурат мавҷуд буд, ки ба ин никоҳ чанг зананд. Аз тарафи дигар дар ҳамин марҳила падидаи гузариш аз эндогамияи шадид ба эндогамияи оддӣ ба вуҷуд омада буд, ки онро мо аз қиссаи фарзандони Одам – Ҳобил ва Қобил ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Муаллифи китоби «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» дар бораи низоми хонаводагӣ дар асри Сосониён менависад, ки: «Асли тааддуди завҷот асоси ташкили хонавода ба шумор мерафт. Шумораи заноне, ки як марди зардуштӣ метавонист дар ихтиёри худ дошта бошад, аз лиҳози ҳуқуқи назарӣ маҳдуд набуд. Табиист, ки ихтиёри занони мутааддид бастагӣ ба майлу хоҳиш ва пеш аз ҳама бастагӣ ба иқтидори молии мард буд. Зоҳиран мардони камбизоат ба таври куллӣ беш аз як зан надоштанд. Дар сурате, ки ашроф метавонистанд теъдоди зиёди аз занонро дар ҳарамгоҳи худ гирд оваранд. Дар гузоришҳои юнониҳо мехонем, ки шумораи ин занҳо ҳатто аз сад ҳам мегузаштааст» [10, с. 51].

Ш.П. Бердиев ин масъаларо чунин баён намудааст: Бунёди оила ва ҳузури фарзандон дар он вазифаи динии ҳар як маздояснӣ буд, ки бо усули якзанӣ ба он иқдом мекарданд. Усули мазкур имкон медод, ки аз инсон аз сироятҳои ҷинсӣ ҷилагирӣ намуда, таваллуди муътадилро ба роҳ монад [9, с. 122]. Аммо теъдоди зиёди занону духтарони юнонӣ ба сифати маъшуқа ба мардони эронӣ-зардуштӣ омехтанд, баъзе ан ин занон ба сурати ақди муваққатӣ бо марди эронӣ-зардуштӣ умр ба сар мебурданд ва инчунин баъзе аз онҳо бо равобити озод бо мардони эронӣ-зардуштӣ муоширaт доштанд, ки дар ҳама сурат ин ба таври қатъӣ аз истеҳкоми бунёди хонаводаи эронӣ-зардуштӣ кост. Аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки баъд аз шикасти Ҳахоманишиён вазъи иҷтимоии зани эронӣ-зардуштӣ тағйир ёфт. Зеро дар замони Салавкиҳо занону духтарони зиёде аз Юнон ба эронзамин омада онҷо зиндагӣ мекарданд ва чун дар Юнон занону духтарон аз баробарии ҳуқуқ бо мардон бархурдор набуданд, аз ҳамин сабаб ин нобаробарӣ дар вазъият ва сарнавишти зани эронӣ-зардуштӣ таъсир кард. Бояд қайд намуд, ки дар дини зардушт издивоҷ бар пояи якҳамсарӣ устувор аст ва ҳеҷ марди зардуштӣ ҳақ надорад бо доштани як зан зани дигаре интихоб кунад.

Ба андешаи У.А. Азиззода дар таълимоти зардуштӣ фиреб додани духтари ҳанӯз шавҳар накарда ва ҳомиладор кардани ӯ яке аз ҷиноятҳои вазнин ба ҳисоб меравад. Дигар ҷиноят муносибатҳои маҳрамонаи ғайриқонунии марду зан ба ҳисоб мерафт. Зеро таълимоти зардуштӣ оиларо муқаддас шуморида, хиёнатро дар муносибатҳои занушавҳарӣ, махсусан хиёнати занро ба мард бисёр вазнин баҳо медод. Ҳамзамон исқоти ҳамл аз никоҳи қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ ҷинояти вазнин дониста мешуд [6, с. 50].

Дар замони Ашкониён бошад, гар чанде, ки мавқеияти зани эронӣ-зардуштӣ то ҳадде мустаҳкам гардид, вале ҳукумати Салавкиҳо ва омилҳои нашӣ аз он таъсири худро гузоштанд. Аз тарафи дигар дар даврони Портҳо ё Ашкониён ба сабаби густурдагии қаламрави Портҳо тоифаҳо, қавмҳо ва миллатҳои гуногун дар сарзамини васеи Ашкониён мезистанд, ки ҳар яке аз онҳо одоб, расму русум ва суннатҳои ба худ хос доштанд. Табиатан ин дигаргунӣ дар вазъияти зан ва хонаводаи эронӣ-зардуштӣ таъсири худро гузоштааст.

Хулоса, институти оила дар оини зардуштия дар ибтидо бо усули якзанӣ бунёд карда мешуд. Зеро, баробарии марду зан дар тамоми абъоди зиндагӣ ба назар гирифта мешуд. Чигунае ки зани зардуштӣ дар як вақт беш аз як шавҳар надошт, мард низ дар як вақт бо усули якзанӣ умр ба сар мебурд. – чунин буд принсипи зардуштиёни ибтидоӣ. Зардушт низ ба унвони аввалин зардуштӣ бо чунин усул ташкили хонавода додааст. Ман ин сухани худро бо таҳқиқи муҳаққиқи тоҷик Ш.П. Бердиев тақвият медиҳам: Зардушт ду маротиба издивоҷ намудааст, як маротиба бо бевазан маротибаи дуюм бо бокира. Аз издивоҷи аввалааш ду фарзанд ва аз издивоҷи дубораaш чаҳор фарзанд дошт, ки танҳо як фарзандаш писар буду

боқимонда ҳама духтар [9, с. 25]. Ан ин иқтибос маълум гардид, ки Зардушт ду маротиба оиладор шуд, на ин ки ду ҳамсар дошт.

Дар дини зардуштия ҳувият ва ҳастии зан ҳамчун узви асосии оила ҷойгоҳи махсус доша, он аз як тараф офаридаи Аҳуромаздо ва дорои сиришки пок дониста мешавад, ки мисли мард озоду соҳибихтиёр ва масъули аъмоли хеш аст. Аз тарафи дигар, зан, бо далели баъзе нишонаҳо ва хислатҳояш, мавҷуде дониста мешавад, ки аз назари ақлонӣ ва ҷисмонӣ заифу нуқсонпазир аст ва нисбат ба мард пештару бештар зери нуфузи қувваҳои аҳриманӣ қарор мегирад. Таҳти таъсири ҳамин ақидаи моҳтятан патриархалӣ ва занситезона, дар замони ҳукмронии Сосониён санаду меъёрҳое ба вуҷуд омаданд, ки ҳуқуқу озодиҳои занонро сахт маҳдуд ва поймол карданд. Масалан, зан ҳангоми даштон (одати моҳона, ҳайз) маҷбур буд, ки аз аҳлу пайвандони хеш фосила гирифта, то паси сар шудани давраи мазкур дур аз хонавода рӯзу шабро дар танҳоӣ ба сар барад. Масъалаи мазкурро Т.С. Шокиров низ зимни таҳқиқоти сатҳӣ ва овардани мафҳумҳои авестоӣ чунин баён намудааст: «Мувофиқи тълимоти талаботии оини зардуштия зани ҳоиза (ҳайздида) давраи нопокии худро дар макони алоҳида ва дур аз дигарон беҳаракат, нотавон, заиф, алил, ракид мегузарондааст. Чунин зан армешт ва маконаш армештгоҳ ё армешгос номгузорӣ шудааст. Муродифи ин мафҳумот даштон ва даштонистон хонда шудаанд. Даштон дар «Авесто» чун даҳшта аслан ба маъноҳои ҷанин, ҳайз, қоидагӣ, одати моҳонаи занон, хунрезии даврии занон ва моҳ дидан омадааст. Ин калима бо пасванди исми маконсози «истон» исми макон сохта шудааст, ки он даштонистон буда, ба маънои сохтмон, бино, ҳуҷра, манзил, иқоматгоҳ ё қисме аз он будааст, ки зани даштон (ҳоиза) рӯзҳои нопокиашро он ҷо мегузаронд» [25, с. 84].

Вожаи дигаре дар Авесто оиди ин масъала ба кор бурда шудааст, ки он даштонмарзӣ мебошад ва дар чунин сурат ба амал меояд: «Агар мард ва зани даштон (ҳайздида) ҳамхобагӣ кунанд ё бо ҳам даромезанд, ин амал гуноҳи сахт ҳисобида шуда, ҳарду шоистаи ҷазо мегардиданд, ки чунин равандро даштонмарзӣ меномидаанд» [5, с. 633]. Чунин дидгоҳ ва муносибат ба зан ҳамчун як мавҷуди осебпазир то ҳадде густариш ёфт, ки дар баъзе матнҳои зардуштӣ занро як мавҷуди туфайлӣ номида, далели офариниши ӯро танҳо бо зодани мард маҳдуд кардаанд. Бояд тазаккур дод, ки дар қисматҳои қадимтарини «Авесто», аз ҷумла дар «Готҳо» – ниёишҳо ва мавъизаю хитобаҳои худи Зардушт, нисбат ба зан ва ҷойгоҳи ӯ дар ҷомеа, як навъ назари неку адолатхоҳона ба чашм мерасад. Аммо, бо фосиса гирифтани дини зардуштӣ аз асосгузори он ва зиёд шудани каҷрафторӣ дар адабиёти дини зардуштӣ, дидгоҳи муъбадон нисбат ба зан низ ба ифрот гароида, хусусияти манфӣ касб намуд [7, с. 213]. Метавон гуфт, ки чунин нигариши манфӣ нисбат ба зан бештар хосси матнҳо ва санадҳои динӣ, аз ҷумла тафсирҳое мебошанд, ки дар замони Сосониён тартиб дода шудаанд.

К. Бортилма ба сарчашмаҳои асри Сосонӣ ба хусус «Модикони ҳазор додистон» такя карда, асаре таҳти унвони «Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ» таълиф намудааст. Номбурда дар он доир ба ҳуқуқ ва шахсияти зани зардуштӣ дар асри Сосонӣ чунин менависад, ки дар замони Сосонӣ зан шахсияти ҳуқуқӣ надошт, яъне, зан шахс фарз намешуд, балки як шайъ (чиз, матоъ) ба шумор мерафт. Ба ибораи дигар, ӯ шахсе, ки соҳиби ҳақ бошад ба ҳисоб намерафт, балки чизе ба шумор мерафт, ки метавонист моли касе бошад. Вай аз ҳар лиҳоз дар таҳти қаюмият ва сарпарастии раиси хонавода, ки ӯ кадхудой номида мешуд, қарор дошт. Ин раиси хонавода мумкин буд, ки падар ё шавҳар ва ё дар сурати марги онҳо ҷонишинашон бошад. Тамоми ҳадяҳое, ки ба зан ё ба кӯдакон дода мешуд ва ё он чи ки онҳо бар асари кор ва ғайри он ҳосил мекарданд, аёнан монанди даромадҳои иктисобии ғуломону канизон ҳама мутааллиқ ба раиси хонавода буд. Дар мавриди ихтиёроти падари хонавода сароҳатан зикр шудааст, ки вай метавонист кӯдакони худро аз хона биронад ва ё бифурӯшад, он ҳам ба унвони ғулом. Дар масоили ҳуқуқи башарӣ бар асоси дини Зардушт ғолибан душвор аст, ки тафовути ҳуқуқи миёни як зани озод ва як ғулом ё ин ки каниз гузорида шавад [10, с. 40].

Албатта, дар фиқҳи зардуштӣ, ки ба замони Сосониён тааллуқ дорад, на танҳо интихоби дини нек ҳатмӣ ҳисобида мешавад ва тарк кардани он ҷазои марги арзон (қатл)-ро ба бор меорад, балки издивоҷи як зани зардуштӣ бо ғайризардуштӣ манъ аст ва сахт ҷазо дода мешавад [7, с. 215]. Назари мусбати «Авесто» нисбат ба зан ва ҷойгоҳи иҷтимоии ӯро бо чанд далел собит кардан мумкин аст. Аввалан, дар «Авесто» зани даврони Зардушт ҳамчун як инсони порсо ва пайрави дини зардуштӣ ба расмият шинохта ва эътироф карда шудааст. Зардушт занро даъват намудааст, ки ба василаи хиради худ дини некро интихоб намояд. Ба қавли ӯ: «Пас беҳтарин суханонро бо гӯшҳои худ бишнавед ва бо андешаи равшан бинед; Пас ҳар марду зани шумо бояд яке аз ин ду роҳи некиву бадиро интихоб кунад». Равшан аст, ки ин хитобаи Зардушт ҳам ба мардон ва ҳам ба занон нигаронида шудааст. Тибқи таълимоти Зардушт, виҷдони зан аз виҷдони мард тафовуте надорад ва метавонад озодона ҳар чизеро ки мехоҳад, интихоб кунад. Дувум ин ки дар «Авесто» нақши муҳиму асосии зан дар тавлид ва парваришу тарбияи фарзандон, ки боиси идомаи насли инсоният мешавад, таъкид шудааст. Ин вазифа занро водор мекунад, бинобар сабаби зарурати зиндагӣ бо фарзандон ва тарбияи онҳо меъёрҳои иҷтимоиро қабул ва риоя кунад. Ҳамин вазифа ӯро ба таҷот мерасонад.

Қ. Машкур ба нақл аз қавли Страбон менависад, ки эрониён (зардуштиён) занони мутааддид (теъдоди зиёд) мегиранд. Бо вуҷуди ин занони ғайриақдӣ низ бисёр доранд ва манзурашон аз теъдоди завҷот доштани фарзандони зиёд аст [11, с. 198].

Тақсими ирс дар ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд дар сурате, ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд [21, с. 328]. Зеро зардуштия дорои қонуни баробарӣ буда, моли мерос низ мутобиқи он тақсим карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқот маълум мегардад, ки таълимоти зардуштия аз ҷумлаи оинҳои таърихии халқи форсу тоҷик буда, дар як марҳалаи муайяни таърихӣ дар сарзамини тоҷикон амал кардааст. Дар ин марҳала таълимоти зардуштӣ ба як низоми таърихию динӣ табдил ёфта, тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсонҳо, махсусан институти оиларо ҳаматарафа танзим намудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллозода Ш. Таърихи динҳо. – Душанбе, 2007. – 147 с.
2. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. – Теҳрон, 1384ҳ. – 611 с.
3. Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. Ҷилди VII. – Душанбе: Адиб, 2009. – 480 с.
4. Абӯалӣ Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. – Теҳрон, 1380ҳ./2001м. – 817 с.
5. Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ. Таҳиягар Муаззами Диловар. – Душанбе, Қонуният, 2001. – 900 с.
6. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: монография / [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 368 с.
7. Амирбекова И. Мақом ва ҷойгоҳи зан дар зардуштия // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. – №10. – С. 215.
8. Ардашери Озаргушасб. Маросим ва одоби зардуштиён. – Теҳрон, 1372 ҳ. – 281 с.
9. Бердиев Ш.П. Этические проблемы зороастризма: Дисс. … канд. филос. наук. – Душанбе, 2011. – 145 с.
10. Кристен Бортилма. Зан дар ҳуқуқи сосонӣ. Тарҷумаи доктор Носируддини Соҳибуззамонӣ. – Теҳрон, 1337 ҳ. – 83 с.
11. Қаҳҳор Машкур. Ахлоқи эрониён. – Теҳрон, 1335 ҳ. – 210 с.
12. Қуръони карим (матни асл, тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ва шарҳи баъзе аз оёт). – Душанбе, 2013. – 1226 с.
13. Мерий Бойс. Зараастрийцы. Верования и обычаи. – М.: Наука, 1988. – 303 с.
14. Меҳрдоди Меҳрин. Тамаддуни Эрони бостон. – Теҳрон, 1338 ҳ. – 98 с.
15. Муминджанов Х.Х. Философские проблемы зороастризма: Дисс. ... д-ра филос. наук. – Душанбе, 2001. – 289 с.
16. Носируддин Соҳибуззамонӣ. Зан дар ҳуқуқи Сосонӣ. – Теҳрон, 1338 ҳ. – 83 с.

17. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби аввал. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999. – С. 32.
18. Раҳимов С.Х. Философско-эстетические идеи зороастризма: Дисс. ... док. филос. наук. – Душанбе, 2007. – 301 с.
19. Саъдизода Ҷ., Сафарзода Н.Ф. Ҳуқуқи инсон: аз Зардушт то Куруш. – Душанбе: Баҳмандрӯд, 2016. – 164 с.
20. Фарҳангмеҳр. Диди нав аз дини куҳан (фалсафаи Зардушт). – Теҳрон, 1374 ҳ. – 257 с.
21. Фарухмарди Баҳромон. Модиёни ҳазор доистон (Китоби ҳазор ҳукми судӣ). – Теҳрон: интишороти илмӣ, 1393ҳ/2014м. – 736 с.
22. Халиков А.Г. Правовая система зороастризма: Дисс. … док. юрид. наук. – Душанбе, 2004. – 421 с.
23. Холиқов А.Ғ. Таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 380 с.
24. Ҳотамов Н., Довудӣ Д., Муллоҷонов С., Исоматов М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. – 567 с.
25. Шокиров Т.С. Истилоҳвожаҳои ифодагари гуноҳу ҷазо дар “Авесто” // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2009. – № 4 (52). – С. 84.
26. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.

## МАСЪАЛАҲОИ ТАҲАВВУЛОТӢ – ТАЪРИХӢ ОИД БА ИНСТИТУТИ ОИЛА ДАР ЗАРДУШТИЯ

Бояд гуфт, ки баррасии таърихи зардуштия ҳолатҳои гуногунеро нисбат ба он нишон медиҳад, ки падидаи мазкур дар ин мақола тариқи вожаи “таҳаввул” ифода ёфтааст. Муаллифон дар ибтидо оиди замон ва макони зардуштия ақидаҳои гуногуни аз ҷониби олимон пешниҳодшударо пайгирӣ намуда, сипас, қайд карданд, ки оини зардуштия ҳамчун падидаи таърихӣ – фалсафӣ то кунун боқӣ монда, дар он ҳам аз паҳлуи онтологӣ ва ҳам аз паҳлуи гносеологӣ таҳаввулот рух додааст. Бино бар сабаби аз доираи объекти таҳқиқоти мо берун будани паҳлӯҳои мазкур аз баёни тафсилии онҳо худдорӣ намуда, таҳаввули институти оила дар зардуштияро пайгирӣ менамоем. Институти оила дар зардуштия аз пайдоиш то ба имрӯз зери ҳамлаҳои гуногуни таҳаввулотӣ – таърихӣ қарор гирифтааст. Таҳаввулоту дигаргуниҳое, ки тавассути сарчамаҳои соҳавӣ оиди ниҳоди оила ба назар мерасад, асосан атрофи чунин масъалаҳо баромад мекунанд: «издивоҷ бо маҳорим», «теъдоди завҷот», «муносибат бо занҳои дар одати моҳона қарор дошта». Муаллифон оиди масъалаҳои мазкур назарияҳои гуногуни мавҷудбударо объективона баён намуда, дар ин миён оиди ҳар як матлаб ақидиҳои хешро иброз намудаанд. Масъалаи дигаре, ки муаллифон баррасӣ намудаанд ин тақсими моли мерос мебошад. Муаллифон онро мутобиқ бо замони Сосониён баён намуда, навиштаанд, ки тақсими ирс дар ҳуқуқи сосонӣ-зардуштӣ баъд аз даргузашти падари хонавода ба ин тартиб буд, ки зан ва писар ҳар як саҳми баробар аз мерос доштанд. Вале духтарон бошанд дар сурате, ки издивоҷ карда ва аз хонаи падар ҷаҳизия ба хонаи шавҳар бурда бошанд, нисфи саҳми писаронро мегиранд ва дар ғайри ин сурат баробари саҳми бародарони худ мегиранд.

**Калидвожаҳо:** таҳаввул, институт, оила, зардуштия, Авесто, ойин, издивоҷ, саҳм, эндогамияи шадид, эндогамияи оддӣ, экзогамия.

## ЭВОЛЮЦИОННО-ИСТОРИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ОТНОСИТЕЛЬНО ИНСТИТУТА СЕМЬИ В ЗОРОАСТРИЗМЕ

Следует сказать, что обзор истории зороастризма показывает разные мнения насчет того что названо в данной статье словом «эволюция». Вначале авторы излагают различные представления ученых о времени и месте возникновения зороастризма, а затем отмечают, что зороастризм в понимании как историко-философское явление сохраняется до сих пор, и в в нем произошли изменения как со стороны онтологического, так и гносеологического аспектов. В связи с тем, что эти аспекты выходят за рамки данного исследования, авторы воздерживаются от их детализации и акцентируют свое внимание на эволюции института семьи в зороастризме. Институт семьи в зороастризме подвергался различным эволюционно-историческим трактовкам с момента своего зарождения и до наших дней. Изменения, которые можно увидеть из отраслевых источников об институте семьи, в основном вращаются вокруг следующих вопросов: «брак с махарим», «количество браков», «отношения с женщинами в период менструациии». Авторы показывают различные существующие теории по этим вопросам и излагают свое мнение по ним. Еще одним вопросом, обсуждаемым авторами, является распределение наследства, которое существовало в период правления Сасанидов. Распределение наследства по сасанидско-зороастрийскому праву после смерти отца семейства происходило таким образом, что жена и сын имели равные доли в наследстве. А девушки, если они вышли замуж и взяли приданое из дома своего отца в дом своего мужа, получают половину доли сыновей. А если девушки не замужем, получают такую же долю, как и их братья.

**Ключевые слова:** эволюция, институт семьи, зороастризм, Авеста, религия, брак, доля, крайняя эндогамия, простая эндогамия, экзогамия.

**EVOLUTIONARY ISSUES – HISTORICAL ABOUT THE FAMILY`S INSTITUTE IN ZOROASTRIA**

It should be said that a review of the history of Zoroastrianism shows different opinions about what is called in this article the word "evolution". First, the authors state the different ideas of scientists about the time and place of the emergence of Zoroastrianism, and then note that Zoroastrianism is understood as a historical and philosophical phenomenon to this day, and changes have taken place in it both from the ontological and epistemological aspects. Due to the fact that these aspects are beyond the scope of this study, the authors refrain from detailing them and focus their attention on the evolution of the family institution in Zoroastrianism. The institution of the family in Zoroastrianism has been subjected to various evolutionary and historical interpretations from the moment of its inception to the present day. The changes that can be seen from industry sources about the institution of the family mainly revolve around the following issues: "marriage with maharim", "number of marriages", "relationships with menstruating women". The authors show various existing theories on these issues. And express their opinion on them. Another issue discussed by the authors is the distribution of the inheritance, which was in the time of the Sassanids. The distribution of the inheritance according to the Sasanian-Zoroastrian law after the death of the father of the family took place in such a way that the wife and son had equal shares in the inheritance. And girls, if they married and took a dowry from their father's house to their husband's house, receive half the share of their sons. If the girls are not married, they receive the same share as their brothers.

**Key words:** evolution, institution, family, Zoroastrianism, Avesta, religion, ancient, people, Tajik, fact, marriage, part, father, mother, girl.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нурулҳақов Қамар*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи диншиносии факултети фалсафа, номзади илмҳои фалсафа, профессор. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933 15 02 46.**
***Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович*** – Донишгоҳи миллии Точикистон, кафедраи онтология ва назарияи маърифат докторантанти Ph.D. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон:**988-32-83-88.** E-mail: **bakhodur.odinayev.87a@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Нурулхаков Камар*** - Таджикский национальный университет, кафедра религиоведения философского факультета кандидат философских наук, профессор. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **933 15 02 46.**
***Одинаев Баходур Абдуджаборович*** - Таджикский национальный университет, кафедра онтологии и теории познания, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон:**988-32-83-88.** E-mail: **bakhodur.odinayev.87a@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Nurulhakov Kamar*** - National University of Tajikistan, Department of religiology of the Faculty of Philosophy candidate of Philosophical Sciences, Professor. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **933-15-02-46.**
***Odinaev Bahodur Abdujaborovich*** - Tajik National University, Ph.D. doctoral student of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue, 17. Phone: **988-32-83-88.** E-mail: **bakhodur.odinayev.87a@mail.ru**

УДК:316(575.3)

# МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА: РАВИШҲО ВА НАЗАРИЯҲО

*Таваллоев М.Т.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Доир ба масъалаи методологияи омӯзиш ва таҳлили сохтори иҷтимоии ҷомеа дар илми муосир равиши ягона ташаккул наёфтааст. Мавқеъгириҳои зиддиятноке вуҷуд доранд, ки намояндагони равияҳои гуногуни сотсиологӣ аз онҳо пайравӣ менамоянд. Инчунин, равишҳое вуҷуд доранд, ки таърифи ҳамаҷонибаи «сохтори иҷтимоӣ»-ро пешниҳод нанамуда, танҳо ба ҷанбаҳои алоҳидаи ин падида диққати худро равона месозанд ва ин табиист, зеро сохтори иҷтимоӣ объекти гуногунпаҳлу ва мураккабест, ки омӯзишу таҳлили фарогири он мушкилоти зиёдеро ба бор меорад.

Сохтори иҷтимоӣ (лот. structura – сохтор, ҷойгиршавӣ, тартиб) низоми таърихан ташаккулёфтаи муносибатҳои ҷамъиятиест, ки дар асоси тафовути байни одамон ба вуҷуд омада, нобаробарии иҷтимоиро ба миён овардааст, масалан, сохтори иҷтимоию демографӣ – аз рӯйи ҷинс, синну сол; иҷтимоию этникӣ – аз рӯйи нажод, миллат, халқият; сохтори иҷтимоию иқтисодӣ – аз рӯйи ҷой ва накш дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ғайра. Яке аз ҳадафҳои асосии омӯзиши сохтори иҷтимоии ҷомеа кӯшиши дарёфти заминаҳои ба табақаю гурӯҳҳо ҷудо намудани аъзоёни ҷамъият ва хусусияти дар асоси ин заминаҳо пайдо шудани муносибатҳо байни афрод мебошад.

Барои муайян намудани сохтори иҷтимоӣ структуралист К.Леви-Стросс ва антропологи иҷтимоӣ Рэдклифф-Браун ду равиши нисбатан муқобилро ҷонибдорӣ менамуданд. Рэдклифф-Браун сохтори иҷтимоиро тимсоли воқеияти таҷрибавӣ дониста, онро ба гурӯҳҳо ва иерархияҳои мушоҳидашавандаи ҷамъиятро ҷудокунанда монанд мекунад, ки дар олам новобаста аз мо вуҷуд доранд [15,p.9]. Андешаи мазкур ба таълимоти Э. Дюркгейм мушобеҳ аст. К. Леви-Стросс сохтори иҷтимоиро ба конструксияи фикрӣ ё образи тасаввурӣ монанд мекард, ки муҳаққиқ-назариячӣ барои шарҳу тавзеҳи ин ё он мушоҳидаҳои таҷрибавии худ бунёд менамояд. Ба ин маънӣ байни мавқеи К. Леви-Стросс ва консепсияи веберии навъи идеалӣ муқоиса гузаронидан мумкин аст. Ҳаминро дарк намудан зарур аст, ки маълумотҳои таҷрибавии бадастомада аз нақшаҳои бунёдии муҳаққиқ вобастагии амиқ доранд. К. Леви-Стросс бар ин назар аст, ки чунин бунёдҳои сохторӣ гарчанде мушаххас ҳам набошанд, танҳо хусусиятҳои асосии қонуниятҳои таҷрибавии система ва падидаҳои гуногунро инъикос менамоянд [15,p.13].

Агар мавқеъҳои номбаршударо аз ҷиҳати «объективӣ – субъективӣ» баррасӣ намоем, пас равиши А. Рэдклиф-Браунро объективӣ гуфтан мумкин аст, зеро таҳлили сохтори иҷтимоӣ дар асоси воқеияти таҷрибавӣ бунёд мегардад. Структурализми К. Леви-Стросс бошад, нуқтаи назари субъективӣ аст, зеро сохтори иҷтимоӣ дар шакли конструксияи тасвирӣ, рамзӣ ва ақлӣ баррасӣ мешавад.

Дар ҷомеашиносии замони шуравӣ андешаҳо доир ба сохтори иҷтимоӣ ҳамчунин хусусияти зиддиятнок доштанд. Дар доираи равиши синфӣ сохтори иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун «синфҳо ва маҷмуи онҳо» фаҳмида мешуд.[10,с.5] Камбудии чунин таъриф дар он буд, ки як қатор гурӯҳҳои иҷтимоии воқеан дар ҳаёти ҷамъиятӣ иштирок дошта, вале синф набуда аз сохтори иҷтимоӣ берун мемонданд. Гузашта аз ин, ба андешаи мо, мафҳуми сохтори иҷтимоӣ бояд хусусияти алоқамандии унсурҳои таркибӣ ва амали байниҳамии онҳоро инъикос намояд. Дар ин маврид таърифи А.А. Амвросов доир ба сохтори иҷтимоӣ нисбатан дуруст аст: «сохтори иҷтимоӣ маҷмуи умумиятҳои иҷтимоии мустаҳкаму пойдори одамон ва тартиби муайяни амали байниҳамии онҳост» [1,с.15]. Равишҳои назариявию методологии таҳлилу муайян намудани сохтори иҷтимоӣ дар сотсиологияи шуравӣ бо мурури замон тағйир меёфтанд. Агар қаблан мафҳуми «сохтори иҷтимоӣ» ва

«сохтори иҷтимоӣ-синфӣ» як маъноро ифода менамуданд, пас имрӯз ин мафҳумҳо аллакай ба як маъно фаҳмида намешаванд. Яке аз аввалинҳо шуда Т.И. Заславская ва Р.В. Ривкина ҳаммаъно набудани мафҳумҳои мазкурро ошкор намудан мехостанд. Ба андешаи онҳо, сохтори иҷтимоиро ба маънои «маҳдуд» ва «васеъ» фаҳмидан мумкин аст. Ба маънои маҳдуд мафҳуми сохтори иҷтимоӣ сохтори синфии ҷамъиятро ифода менамояд. Ба маънои васеъ бошад, тақсимоти сотсиум аз рӯйи нишондиҳандаҳои синнусолӣ, касбӣ, сиёсӣ, сатҳи таълимот ва ғайраро дар назар дорад [4,с.76]. Мавқеи баъзе муаллифони собиқ кишварҳои шуравӣ баъди оғози ислоҳот низ дар доираи равиши «маҳдуд»-и синфӣ боқӣ монд [6,с.69]. Дар ҳамон замон як гурӯҳ сотсиологҳои рус зери роҳбарии З.Т.Голенкова сохтори иҷтимоиро ҳамчун «фазои иҷтимоии бисёрченакаи ба таври иерархӣ ташкилшуда, ки дар он гурӯҳҳо ва қишрҳо аз рӯйи сатҳи моликият, ҳокимият ва мақоми иҷтимоӣ тафовут доранд»,[11,с.9] арзёбӣ намудаанд.

Ағлаби равишҳои сотсиологҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ва имрӯзаро ба яке аз ду равияи таҳлили сохтори иҷтимоӣ, ки дар сотсиологияи назариявӣ бартарӣ доранд, дохил намудан мумкин аст. Яке равияи *категориалӣ*, ки дар он мафҳумҳои «умумияти иҷтимоӣ», «гурӯҳи иҷтимоӣ», «синфи иҷтимоӣ», «табақаи иҷтимоӣ» истифода мешаванд. Донишмандони дигар бошанд, на танҳо ба тафриқабандии унсурҳои сохтори иҷтимоӣ, балки ба амали байниҳамии онҳо (А. Амвросов) такя намуда, равияи дигари омӯзиши сохтори иҷтимоӣ *арзишию меъёриро* намояндагӣ мекунанд.

Ин равия дар таълимоти намояндагони функсионализми сохторӣ (Т. Парсонс, Р. Мертон ва дигарон) нисбатан равшан пешниҳод гаштааст. Барои назарияҳои арзишию меъёрӣ таърифи Т.Ф. Холс доир ба он, ки «сохтори иҷтимоӣ аввалан, маънои муносибатҳои нисбатан мустаҳками байни ҷанбаҳои системаи иҷтимоӣ буда, дувум, мавқеъҳои хосси гурӯҳӣ ва ё фардиро ба вуҷуд меорад, ки ҳар яке бо мақоми махсус тафовут доранд, қобили таваҷҷуҳ мебошад [16,с.304]. Дар таълифоти баъзе сотсиологҳои замони шуравӣ низ таърифҳои сохтори иҷтимоиро дучор шудан мумкин аст, ки ба равияи арзишию меъёрӣ мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, таърифи В.И. Староверов нисбатан мувофиқ аст, ки менигорад: «сохтори иҷтимоии аҳолӣ инъикоси ҷузъи категорияи «сохтор» (структура)-и умумифалсафӣ буда, ҳамчун шакли мустаҳками ташкили унсурҳои система, маҷмуи алоқаҳо ва муносибати байни онҳо фаҳмида мешавад» [14,с.16].

Дар доираи равияи арзишию меъёрӣ асосан мафҳумҳои «мақоми иҷтимоӣ», «нақши иҷтимоӣ», «нуфузи иҷтимоӣ», «институти иҷтимоӣ» ва ғайра истифода мешаванд. Ҳар як нафар дар фазо ва вақти муайян ҷойи муайянро ишғол мекунад, дар байни аҳли ҷомеа қарор гирифта, амалҳои муайянро иҷро менамояд. Амалҳоро иҷро намуда, аз ҳуқуқҳои худ истифода мебарад. Инчунин, масъулияти муайянро ба ухда мегирад. Ҳуқуқҳои худро ба кор бурда, уҳдадориҳояшро иҷро намуда, инсон дар доираи ин ва ё он мавқеи иҷтимоӣ амал менамояд. Ҳамин тариқ, ҳар як мақоми иҷтимоӣ мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайянро тақозо менамояд. Маҷмуи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои инсон муаррифгари мақоми иҷтимоии ӯ ҳастанд. Таърифи Р.Э. Парк, ки дар он мақом гуфта мавқеи шахсии фард дар гурӯҳ нисбат ба дигарон фаҳмида мешавад [2,с.443], шарҳи пурра нест, зеро кушода намедиҳад, ки «мақоми шахсӣ» гуфта чиро дар назар дорад. Ҳангоми муайян намудани мақом андешаи Н.Смелзерро ба инобат гирифтан ба мақсад мувофиқтар аст, ки менависад: «мақом – мавқеи инсон, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайяни ӯ дар ҷамъият аст» [8,с.90]. Новобаста аз он ки ҳар як шахс мақомҳои зиёдеро соҳиб аст (маҷмуи мақомҳо), танҳо қисми онҳо муайянкунандаи мавқеи ҷамъиятии ӯ мегарданд. Чунин мақомҳо асосӣ номида мешаванд. Ҳар як мақом як қатор нақшҳои иҷтимоиро дар бар мегирад, ки маҷмуи нақшҳо номида мешаванд. Таърифи классикии нақши иҷтимоӣ аз нигоҳи функсионалистӣ ба донишманд Р. Линтон тааллуқ дорад. Дар доираи ин равия нақш гуфта рафтори аз инсон чашмдошт фаҳмида мешавад, ки вобаста ба мақоми ӯ муайян мегардад [17,р.106-120]. Мафҳуми нақш амали байниҳамии иҷтимоиро

инъикос мекунад, ки муддати дуру дароз ва мунтазам қолабҳои муайяни рафторро бозтавлид менамояд. Нақши иҷтимоӣ ҷанба ё лаҳзаи серҳаракатии мақоми иҷтимоӣ аст. Институтҳои иҷтимоӣ мақом ва нақшҳои иҷтимоии муттаҳидгаштаро ифода ё инъикос менамоянд (таълимот, сиёсат, иқтисод ва ғ.), ки барои қонеъ намудани талаботҳои муайян барпо шудаанд. Аниқтараш, институти иҷтимоиро ҳамчун маҷмуи қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, принсипҳо, меъёрҳо, нишондодҳо тавсиф намудан мумкин аст, ки соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамонро танзим намуда, низоми нақш ва мақомҳоро ба вуҷуд оварда, системаи иҷтимоиро меофарад. Танзим намудани соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон маънои танзими рафтор ва амали байниҳамии одамон дар ин соҳаҳо мебошад. Нуфузи иҷтимоӣ бо ин мафҳумҳо алоқаи ногусастанӣ дорад ва бозгӯйи мақоми иҷтимоӣ буда, зери таъсири меъёрҳо ва арзишҳои ҷамъиятии мушаххас ташаккул меёбад. Нуфузи иҷтимоӣ баҳогузории ҷамъият ба мақоми муайян аст. Ҳангоме ки дар бораи мақоми иҷтимоии баланд сухан меравад, одатан нуфузи баландтари мавқеи иҷтимоии ишғолнамудаи шахс дар назар дошта мешавад. Ҳар як ҷамъият ченакҳои нуфузи мавқеи иҷтимоии худро дорад. Бо истифода аз ҷадвалҳои муайян дараҷаи нуфузро нишон додан мумкин аст. Масалан, баҳои экспертии нуфузи касбро бо истифода аз ҷадвали дараҷавии иборат аз нуҳ хол муайян намудан мумкин аст. Дар ҳар як ҷамъият ҷадвалҳои ченкунии нуфузи иҷтимоии хосса ташаккул меёбанд. Ташаккулёбии он ба ҳаҷми ҷамъият, сатҳи тафриқабандии он ва системаи арзишҳои муайяншуда вобаста аст. Одатан нуфузи иҷтимоии нисбатан баланд барои истифодаи неъматҳо ва арзишҳое, ки ба ҳамагон дастрас нестанд, роҳ мекушояд. Ашхоси мақоми иҷтимоии монанддошта гурӯҳҳои иҷтимоиро ташкил намуда, ҳамчун унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи иҷтимоӣ гуфта, мо маҷмуи афродро дар назар дорем, ки бо манфиатҳои умумӣ муттаҳид шуда, дар алоқамандӣ бо ҳам қарор доранду барои расидан ба мақсадҳои шахсӣ ба ҳамдигар кумак мерасонанд. Яке аз асосгузорони назарияи гурӯҳҳои иҷтимоӣ сотсиологи олмонӣ Г. Зиммел буд, ки як қатор ҷанбаҳои муҳимми амали байниҳамии микро ва макросохторҳоро ошкор намуд. Рушди минбаъдаи назарияи гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар таълифоти Э. Мэйо дида мешавад, ки коллективҳои истеҳсолиро омӯхта, аҳаммияти онҳоро қайд намудааст (масалан, эксперименти Хотторн) ва Д. Морено, ки ҳамчун муаллифи сотсиометрия (методикаи ченкунии хусусият ва дараҷаи амали байнишахсӣ) машҳур аст. Нишонаҳои фарқкунандаи гурӯҳи иҷтимоӣ: 1) рушдёбандагӣ; 2) маҷмуи меъёрҳои муқарраргашта, ки амали байниҳамиро танзим менамояд; 3) гурӯҳ сохтори нақшии худро дорад. Инчунин, ба гурӯҳи иҷтимоӣ ҳисси мутааллиқият ба гурӯҳи мазкур хос аст. Ғайр аз ин, ба андешаи Р. Мертон, шахсони ба гурӯҳ шомил буда аз ҷониби дигарон низ ҳамчун аъзоёни гурӯҳ қабул мешаванд [8,с.75]. Навъҳои гуногуни гурӯҳҳои иҷтимоиро ҷудо намудан мумкин аст, ки дар байни онҳо диққати бештар ба гурӯҳҳои хурд (расмӣ ва ғайрирасмӣ, аввалиндараҷа ва дувуминдараҷа, референтӣ ва гурӯҳҳои аъзогӣ) ва низомҳои калони иҷтимоӣ (синфҳо ва табақаҳои иҷтимоӣ) дода мешавад.

Тақсимоти меҳнат ва ҷудонамоии мақому мавқеъҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ки иҷроиши вазифаҳои гуногуну нуфузи иҷтимоии мухталифро дар назар дорад ба андешаи намояндагони равиши функсионализми сохторӣ заминаи тафриқабандии иҷтимоӣ мегардад.

Равиши функсионалиро амсилаи арзишӣ-меъёрии сохтори иҷтимоӣ ифода менамояд. Моҳияти равиш дар ҷудонамоии таркиботи амали байниҳамии иҷтимоиест, ки таҳти омӯзиш қарор доранд ва ҷою вазифаи онҳоро дар як навъ алоқамандӣ муайян мекунад [9,с.380]. Функсионалистон ҷамъиятро ҳамчун система баррасӣ менамоянд, ки унсурҳои ба ҳам алоқаманди он вазифаҳои муайянро ба дӯш доранд. Унсурҳои системаи иҷтимоӣ вобаста ба вазифаҳои худ ба таври иерархӣ ҷойгир шудаанд.

Яке аз асосгузорони равиши функсионалӣ сотсиологи англис Г. Спенсер дар раванди тақсимоти ҷамъиятии меҳнат зоҳиршавии таҳаввулотро медид, ки ҳамчун

ягонагии ду раванд ошкор мегардад: тафриқабандии ҷамъият, ки маънои гузариш аз якрангӣ ба гуногунрангиро дошт ва муттаҳидшавӣ, ки дар зиёдшавии алоқамандӣ ва мушаххасгардии сотсиум дида мешуд [12,с.235]. Г. Спенсер исбот менамуд, ки ҷамъият организм аст, маҳз ба воситаи ҷой доштани тафриқабандии вазифаҳо дар он тафриқабандии сохторӣ сурат мегирад [13].

Донишманди фаронсавӣ Э. Дюркгейм яке аз асосгузорони функсионализми сохторӣ дар сотсиологияи аврупоӣ тахти истилоҳи «тақсимоти меҳнат» сохтори муайяни ҷамъиятиро фаҳмида, тақсимоти техникӣ ва иқтисодии меҳнатро танҳо зоҳиршавии ин сохтор медонад. Дар натиҷаи тафриқабандии иҷтимоӣ «шакли органикии ҳамфикрӣ» тавлид мeёбад, ки ба муттаҳидии коллективӣ дар асоси ризоият (консенсус)-и афроди гуногуни ба ҳам монанд набуда бунёд мeёбад. Чунин падидаҳо, ба монанди тафриқабандии касбҳо, зиёдшавии гуногунии навъҳои фаъолият дар саноат, инъикоси тафриқабандии ҷамъият аст. Сабаби инро Э. Дюркгейм, пеш аз ҳама, дар таназзули ҳамфикрии механикӣ медид, ки аз сабаби васеъшавии «ҳаҷми ҷамъият», яъне зиёд шудани шумораи аъзоёни он, инчунин бо сабаби «зичии ахлоқӣ ва моддӣ» ба вуҷуд меояд. Нобаробарии иҷтимоӣ ва тақсимоти меҳнат бо сабаби вазифаҳои гуногунро иҷро намудани афрод ба вуҷуд меояд. Э. Дюркгейм истилоҳи «функсия»-ро дар ду маъно истифода мебурд: 1) системаи ҳаракатҳои ҳаётӣ; 2) муносибати мувофиқе, ки байни ин ҳаракатҳо ва талаботи маълуми организм мавҷуданд. «… саволгузорӣ намудан, ки функсияи тақсимоти меҳнат дар чист, маънои омӯхтанро дорад, ки он ба кадом талабот мувофиқат менамояд…» [2,с.443], яъне кадом вазифаро ба анҷом мерасонад. Ашхоси нисбатан болаёқат вазифаҳои ҷамъиятии нисбатан муҳимро иҷро намуда, дар иерархияи ҷамъиятӣ мавқеъҳои баландтарро соҳиб гашта, мутаносибан, бештар ҳавасманд гардонида мешаванд.

Ҳамин тариқ, Г. Спенсер ва Э. Дюркгейм тақсимоти меҳнатро ҳамчун раванди асосии бавуҷудоварандаи алоқаҳои иҷтимоӣ баррасӣ менамуданд. Вазифаҳои ин равандро, пеш аз ҳама, дар муттаҳиднамоии афрод, таъмин намудани ягонагии организми иҷтимоӣ, бунёди ҳисси ҳамфикрӣ медиданд. Дар тақсимоти меҳнат онҳо механизмеро медиданд, ки аз ихтисосмандии маҳдуд ба вуҷуд омада, дар ҷомеаи саноатӣ қувваи муттаҳидкунандаи шуури коллективии то андозае аз байн рафтаро ҷуброн менамояд ва ҳамфикрии байни синфҳоро ба вуҷуд меорад.

Таҳлили муқоисавии консепсияи намояндагони равияи низоии К. Маркс ва функсионалии Э. Дюркгейм, ки тақрибан дар як замон зиндагӣ намуда, сохтори иҷтимоиро аз ҳар ҷиҳат таҳлил намудаанд, ҷолиби диққат мебошад. Муаллифи яке аз ин таҳлилҳо Д. Порпора буда, ба чунин хулоса меояд, ки «дар сохтори иҷтимоии дюркгеймӣ фаъолият ва манфиати афрод ба инобат гирифта намешуд, дар ҳоле ки консепсияи К. Маркс фаъолият ва манфиати афрод ба сохтори иҷтимоӣ муттаҳид кунонида шудаанд. Сохтори иҷтимоии Э. Дюркгейм низоми фарошахсӣ аст, яъне новобаста ба шахс вуҷуд дорад, дар ҳоле ки К. Маркс дар он афродро ворид намуда муттаҳид менамояд» [7с.154].

Сотсиологи амрикоӣ Т. Парсонс дар рушди назарияи функсионализми сохторӣ саҳми боризи худро гузоштааст. Ба андешаи мавсуф, системаи иҷтимоӣ ҳамчун системаи амалҳои иҷтимоӣ аст. Чунин амалҳо дар ҷамъият бо системаи меъёрҳо, қоидаҳо, талабот ба рафтори гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, муқаррароту арзишҳое, ки сохтори иҷтимоиро ташкил мекунанд, ба тартиб дароварда шудаанд. Мақсади ба тартиб даровардани амалҳои иҷтимоӣ муттаҳиднамоӣ ва ташаккул додани тартиботи муайяни ҷамъиятӣ мебошад.

Дар бораи равишҳои номбурдаи таҳлили сохтори иҷтимоӣ сухан карда, қайд намудан зарур аст, ки онҳо то андозае якдигарро пурра менамоянд. Мавҷудияти онҳо нишон медиҳад, ки масъалаи омӯзиши сохтори иҷтимоӣ дар ҳама марҳилаҳои ташаккули илми сотсиология мубрам буда, донишмандони зиёд доир ба он фикру андеша баён намудаанд. Ҳар як равиш, ҳар як назария худ ба худ пурра ошкор намегардад. Аксари падидаҳо танҳо ва танҳо дар муқоиса мазмуну моҳияти худро

ифода намуда метавонанд. Чунин усул дар тадқиқоти сотсиологӣ бештар истифода мешавад, яъне ғайр аз гурӯҳи асосӣ гурӯҳи дигаре, ки нишонаҳои асосии таҳқиқшавандаи гурӯҳи муайянро надорад, барои муқоиса омӯхта мешавад.

Ҳангоми омӯзиши сохтори иҷтимоӣ истифодаи танҳо равиши низоӣ ё танҳо функсионалӣ басанда нест. Баррасии сохтори иҷтимоӣ бо истифода аз равиши ҳам таснифотӣ ва ҳам табақабандӣ низ имкониятҳои пурратару фарохтари таҳлили сохтори иҷтимоиро муҳайё месозанд, ки ин масъала мавзуи омӯзишу таҳлили дигарро талаб менамояд.

Умуман, сохтори иҷтимоии ҷомеа маҷмуи муносибатҳо байни умумиятҳо, гурӯҳҳо, табақаҳо, институтҳои иҷтимоӣ, мақомҳо ва алоқамандию амали байниҳамии онҳост. Тамоми унсурҳои сохтори иҷтимоӣ ҳамчун организми ягонаи иҷтимоӣ дар амали байниҳамианд. Барои боз ҳам возеҳтар тасаввур кардани тамоми мушкилоту бисёрченака будани сохтори иҷтимоӣ шартан онро ба ду зергурӯҳ ҷудо кардаанд: таркиби иҷтимоии ҷомеа (аҳолӣ) ва сохтори институтсионалии ҷомеа [5,с.73-74].

Таркиби иҷтимоии ҷомеа маҷмуи умумиятҳо, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва афродест, ки ҷомеаи мушаххасро ташкил мекунанд. Дар сохтори иҷтимоӣ ҳар як умумияти иҷтимоӣ мавқеи муайян, ҷойи муайянро ишғол мекунад. Баъзе умумиятҳои иҷтимоӣ мавқеъҳои бартаридоштаро ишғол менамоянд, дигарон бошанд аз ин «бартариятҳо» бенасиб мемонанд. Илова бар ин, дар худи умумияти иҷтимоӣ гурӯҳҳои иҷтимоии алоҳида (афрод), инчунин мавқеъҳои гуногунро ишғол мекунанду мақомҳои гуногуни иҷтимоиро соҳибанд.

Сохтори институтсионалии ҷамъият ин маҷмуи институтҳои иҷтимоии ба ҳам алоқамандест, ки шакли мустаҳками ташкилнамоӣ ва идораи ҷамъиятро таъмин менамояд. Ҳар як институт (гурӯҳи институтҳо) муносибатҳои иҷтимоиро дар соҳаи муайян танзим менамояд, масалан, институти оила ва никоҳ тамоми муносибатҳои оилавию никоҳиро фаро мегиранд, институтҳои сиёсӣ (давлат, ҳизбҳо ва ғ.) дар соҳаи сиёсӣ, институтҳои иқтисодӣ бошанд, дар иқтисодиёт.

**Муқарриз: Миров Ф.С. – н.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Амвросов А.А. От классовой дифференциации к социальной однородности общества / А.А. Амвросов. - М., 1978.
2. Беккер Г., Босков А. Современная социологическая теория / Г.Беккер, А. Босков. - М., 1961. -С.443.
3. Дюркгейм Э. О разделении общественного труда / Э.Дюркгейм. - М., 1993.
4. Заславская Т.И. Социология экономической жизни / Т.И.Заславская, Р.В. Рывкина. – Новосибирск: Наука, Сиб. отдел-е, 1991.
5. Козырев Г.И. Социология / Г.И. Козырев. – М., 2010.
6. Комаров М.С. Социальная стратификация и социальная структура / М.С. Комаров // Социологические исследования, 1992. - №7.
7. Порпора Д. Понятие социальной структуры // Западная теоретическая социология 80-х годов / Д.Порпора //Реферативный сборник. - М.: ИНИОН, 1989.
8. Смелзер Н. Социология / Н. Смелзер. - М.: Феникс, 1994.
9. Современная западная социология: Словарь. - М.: Политиздат, 1990.
10. Социальная структура и социальная политика развитых капиталистических стран. - Киев, 1978.
11. Социально-стратификационные процессы в современном обществе. Годичный отчет за 1992 г. по разделу подпрограммы “Социальная структура и социальная стратификация”. Рук. д. филос.н., проф. З.Т. Голенкова. - М.: Ин-т социологии РАН, 1993, кн. 1.
12. Спенсер Г. Основные начала / Г. Спенсер - СПб. – 1897.
13. Спенсер Г. Сочинения. Т.4. Основы социологии / Г. Спенсер. - СПб, 1898.
14. Эволюция социальной структуры сельского населения СССР на этапе развитого социализма: Методология комплексного исследования // Социальная структура сельского населения. - М., 1978, вып.2.
15. Blau P.M. Introduction: Diverse Views of Social Structure and Their Common Dominator // Continues in Structural Inquiry / Ed. by P.M. Blau, R.K. Merton, London, Beverly Hills, 1981.
16. Hauls T.F. Dictionary of modern sociology. Totowa, New Jersey: Littlefield and Adams, 1974.
17. Merton R.K. The role-set: Problems in Sociological Theory. British Journal of Sociology, 1957.

## МЕТОДОЛОГИЯИ ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА: РАВИШҲО ВА НАЗАРИЯҲО

Дар мақолаи мазкур равишҳои мухталифи омӯзишу таҳлили сохтори иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки барои муайян намудани сохтори иҷтимоӣ структуралист К.Леви-Стросс ва антропологи иҷтимоӣ Рэдклифф-Браун ду равиши нисбатан муқобилро ҷонибдорӣ менамудаанд. Дар ҷомеашиносии замони шуравӣ низ андешаҳо доир ба сохтори иҷтимоӣ ҳамчунин хусусияти зиддиятнок доштанд. Аз таҳлили гузаронида, муаллиф ба хулосае меояд, ки дар бораи равишҳои номбурдаи таҳлили сохтори иҷтимоӣ сухан карда, қайд намудан зарур аст, ки онҳо то андозае якдигарро пурра менамоянд.Умуман, таҳлилу баррасии мавзуи мазкур нишон медиҳад, ки мавҷудияти равишҳои гуногуни омӯзиши сохтори иҷтимоӣ дар ҳама марҳалаҳои ташаккули илми сотсиология вуҷуд дошта, донишмандони зиёд доир ба он фикру андеша баён намудаанд. Ҳар як равиш, ҳар як назария худ ба худ пурра ошкор намегардад. Мазмуну моҳияти аксари падидаҳо ҳангоми муқоиса возеҳу равшан мегарданд.

**Калидвожаҳо:** сохтори иҷтимоӣ, ташаккулёбӣ, равиш, назария, низоъ, функсионалӣ, навъи идеалӣ, объективӣ, субъективӣ, структурализм, категориалӣ, арзишию меъёрӣ.

## МЕТОДОЛОГИЯ ИЗУЧЕНИЯ И АНАЛИЗА СОЦИАЛЬНОЙ СТРУКТУРЫ ОБЩЕСТВА: ПОДХОДЫ И ТЕОРИИ

В данной статье рассматриваются различные подходы и изучению и анализу социальной структуры. Автор статьи отмечает, что для определения социальной структуры структуралист К.Леви-Стросс и социальный антрополог Рэдклифф-Браун придерживались двух противоположных подходов.
Из проведенного анализа автор приходит к выводу, что, говоря о данных подходах к анализу социальной структуры, нужно отметить, что они в определенной степени взаимодополняют друг друга. В общем, анализ и изучение данной темы показывают, что разные подходы к изучению социальной структуры существовали на протяжении всех этапов развития социологической науки, и многие ученые высказывались по этому поводу. Каждый подход, каждая теория сама по себе полностью не проявляются. Сущность и содержание большинства явлений раскрываются при сравнении.

**Ключевые слова:** социальная структура, развитие, подход, теория, конфликт, функциональный, идеальный тип, объективный, субъективный, структурализм, категориальный, ценностно-нормативный.

## METHODOLOGY OF STUDYING AND ANALYZING THE SOCIAL STRUCTURE OF SOCIETY: APPROACHES AND THEORIES

This article discusses various approaches to the study and analysis of social structure. The author of the article notes that to determine the social structure, the structuralist K. Levi-Strauss and the social anthropologist Radcliffe-Brown adhered to two opposite approaches.From the analysis done, the author comes to the conclusion that speaking about these approaches to the analysis of the social structure, it should be noted that they complement each other to a certain extent. In general, the analysis and study of this topic shows that different approaches to the study of social structure have existed throughout all stages of the development of sociological science, and not a few scientists have been thinking about this. Each approach, each theory, by itself, is completely unmanifested. The essence and content of most phenomena are revealed by comparison.

**Keywords:** social structure, development, approach, theory, conflict, functional, ideal type, objective, subjective, structuralism, categorical, value-normative.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Таваллоев Музаффар Тавакалшоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи сотсиология, номзади илмҳои сотсиологӣ, дотсент. **Суроға:** 7340025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17.Телефон: **(+992)903884856**. E-mail: **muz_tv83@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Таваллоев Музаффар Тавакалшоевич*** – Таджикский национальный университет, кафедра социологии, кандидат социологических наук, доцент. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)903884856**. E-mail: **muz_tv83@mail.ru**

**Information about the author:** ***Tavalloev Muzaffar Tavakalshoevich*** – Tajik National University, Department of Sociology, Candidate of Sociological Sciences, Associate Professor. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)903884856.** E-mail: **muz_tv83@mail.ru**

**ТДУ:130.1(575.3)**

# МАСЪАЛАИ ОБ АЗ НИГОҲИ ФАЛСАФИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Ҳотамова М.Ғ., Абдулатипов У.Ҳ., Холиқов Ғ.А.***

**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Падидаи муъҷизаофарии табиат дар моҳияти об нуҳуфтааст. Об дар ҳама давру замонҳо дар рушду нумуи ҳаёти инсонӣ, дар талоши неъматҳои моддӣ ва умуман зисту зиндагонии инсон нақши муҳимму мубрамро дорад. Бесабаб нест, ки масъалаи об дар зери таваҷҷуҳи мутафаккирони давр қарор гирифтаву онро бо тарзҳои гуногун тавсифу таъриф кардаанд.

Агар таваҷҷуҳи шарқиён ба "ишқи рози коинот" [13] хеле назаррас ҳам бошад, дар баробари ин, онҳо обро сарчашмаи зиндакунандаи табиат муаррифӣ кардаву ҳатто қудрату тавоноии онро намунаи ибрати ҳаёти ҷовидонаи инсонӣ донистаанд. Бар ин далел метавон андешаҳои пурҳикмати чиниёнро дар мисоли Лао Тсзи (асрҳои VI - V то мелод) овард. "Дар олам чизе аз об заифтару латифтар нест, вале он метавонад, чизҳои сахттару мустаҳкамро вайрон кунад. Об офаридаи аз ҳама латифу заиф аст, вале дар олам аз тамоми монеаҳо мегузарад. Об ба тамоми мавҷудот фоида меорад. Он дар ҷойҳоест, ки ҳатто пойи инсон ба он ҷо нарасидааст. Барои он ки пурқувват бошӣ, мисли об барин амал намӣ. Барои об ягон монеае нест. Агар бандар бошад, ором аст. Бандар вайрон шавад, боз ҷорист, дар зарфҳои чоркунҷаву куррашакл метавонад, шакли онҳоро бигирад. Ба иллати ба ҳама чиз мувофиқ будан, вай барои ҳама заруру муҳим аст" [14, с. 242]. Яъне, дар таълимоти ин мутафаккири чинӣ об намунаи ибрати зиндагии пурсаодати инсонӣ аст. Оромии об бештар инсонро ба сабурият, хурӯши он ба ҷидду ҷаҳд, кӯшишу ғайрат, дар ҳар зарф шаклгирии он, инсонро ба таҳаммулу муруввату мадоро ва хусусияти ҳаётбахшии он инсонро ба дӯстиву рафоқат, некиву накукорӣ, хусусияти ёрирасонии он барои инкишофи олами набототу ҳайвонот шахсро ба саховатмандӣ даъват мекунад. Аз ин лиҳоз, об дар фалсафаи чиниён намунаи ибрати ташаккулёбии инсони комил аст.

Чиниёни бостон бошанд, бо баробари дигар унсурҳои бунёдии олам обро ҷавҳари муъҷизанок муаррифӣ карда, маърифати хусусиятҳои онро хеле падидаи наҷиби табиат медонистанд ва бар он ақида будаанд, ки сирру асрори манфиатнокӣ ва ё зарарнокии обро наметавон пешгӯйӣ намуд. Ҳамин назар буд, ки дар мифологияи чиниён дарё ҳамчун дорандаи асрору пайвасткунандаи ҳодисоти гуногун чӣ дар об ва чӣ дар хушкӣ маънидод гардида, дорандаи қувваҳои фавқуттабиӣ эътироф шудааст.

Дар тафаккури фалсафии ҳиндуёни қадим бошад, об яке аз нахустунсурҳои олам муаррифӣ гардидаву мавҷудияти он дар таркиби олам заминаи пайдоишу ташаккули ашёву табиат دониста шудааст. Ин назар, махсусан, барои таълимоти чорвакҳо хеле муассиру муҳим буд. Чорвакҳо обро ҳамчун пайвасткунандаи асосии унсурҳои олам дониста, онро ҷавҳари мавҷудияти олами зиндаву ғайризинда муаррифӣ кардаанд.

Абурайҳони Берунӣ дар асари безаволи хеш "Осорулбоқия" дар боби "Дар бораи иду ҷашнҳое, ки дар моҳҳои порсиён аст" ривояте меорад: "Эрониён гуфтанд: "Наврӯз омад" Ва Сулаймон бодро амр кард, ки ӯро бардорад. Ва парастуе дар пеши рӯйи ӯ пайдо шуд, ки мегуфт: "Эй подшоҳ маро ошёнест, ки чанд тухм дар он аст, аз онсӯтар рав, ки ошёни маро дарҳам нашиканӣ". Пас Сулаймон роҳи худро каҷ кард. Ва чун аз тахти худ, ки бар бод ҳаркат мекард, фуруд омад, парасту бо минқори хеш қадре об оварду ба рӯйи Сулаймон пошид. Ва аз ҳамин ҷост, ки мардум дар Наврӯз ба якдигар об мепошанд". Дар ин устура об сарчашмаи покиву покизакорӣ, некиву накукорист, умуман, манбаи хушбахтии инсон маънидод мешавад [3, с. 232].

Фалсафаи бостони тоҷик аз меҳрпарастӣ оғоз шуда, то ташаккули куллии зардуштия бо як нигориши наве обро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Албатта, дар меҳрпарастӣ, ки қабл аз зардуштия густариш ёфта буд, ҳомии об, ҳосилот,

баракоти зиндагиро ба олиҳа Аноҳито, Ардвисура ва дар қисматҳои водии Зарафшон ба олиҳа Нанай нисбат додаанд, ки бештар на хусусияти диниву фалсафӣ, балки хислати асотириро таҷассум менамоянд. Бояд мутазаккир шуд, ки асотир ин ифодакунандаи маънавиёти давру замони муайян аст ва аз ҳамин хотир хулоса бояд намуд, ки бо воситаи олиҳа Аноҳито ниёгонамон муносибати худро ба сарчашмаи ҳаёт – об муайян карда, барои пок нигоҳ доштани он кӯшидаанд, то собит намоянд, ки муносибати инсон бо об бояд ҳамчун ба муқаддасот бошад. Дар оини меҳрпарастӣ об ягона унсури инкишофдиҳандаи олам пас аз Меҳр маҳсуб ёфтааст [12, с. 58-110].

Аммо ҳине ки таваҷҷуҳ ба моҳияти таълимоти зардуштия карда мешавад, дар он об ҳамчун яке аз муқаддастарин унсур дониста шуда, рамзи ҳаёт, покӣ ва шаффофияти он рамзи накукорист.

Бо ин мазмун метавон фалсафаи обро дар андешаҳои мутафаккирони Ғарб, махсусан, даврони Юнони қадим овард. Умуман юнониёни қадими давраи токлассикӣ кӯшидаанд, ки ҳаводиси олами атрофро аз нигоҳи воқеъбинона тавсиф диҳанд ва масъалаи об низ аз назари онҳо дур намондааст. Махсусан, ақидаҳои файласуфи юнонӣ Фалес дар масъалаи об хеле ҷолиб аст, ҳарчанд ӯ кӯшидааст, ки обро ҳамчун ҷавҳари олам муаррифӣ карда, то кадом андоза зарурияту муҳиммияти онро дар олами зинда ва ғайризинда маънидод намояд.

Ҳамин тавр, дар таълимот ва андешаҳои фалсафӣ об бо тарзу равишҳои мухталиф маънидод карда шуда, дар аксар маврид ҳамчун сарчашмаи ҳаёти ҷовидони инсонӣ, бахшандаи неруи тоза, сарчашмаи ободониву созанда тавсиф шудааст.

Дар баробари ин, илмҳои замони муосир ба масъалаҳои гуногуни олам бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардаву аммо ба масъалаи об, ҳамоне ки сарчашмаи ҳаёти олам аст, аз назар дур мондааст ва ин боиси пайдоиши фарзияҳои гуногуни илмиву ғайриилмӣ шудааст. Масалан, тибқи бархе аз ақидаҳои олимон об барандаи ахбор аст ва он метавонад, ҳатто ба ҳолати руҳии инсон низ таъсир расонад.

Ҳарчанд ин фикрҳо аз назари илмҳои имрӯза хеле соддалавҳона бошанд, ҳам вале барои рушду такомули мафкураи инсоният баҳри фаҳмиши фалсафаи об заминаи хубе гузоштаанд.

Мутаассифона, чанд даҳсолаҳо масъалаи об аз таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба иллати дар гирдбоди буҳронҳову талошҳои сиёсӣ қарор доштани абарқудратҳо барканор монда, тадриҷан мубрамияти хешро дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ гум кардаву, вале ҳамчун як падидаи нодире худро дар ҳалли масоили иҷтимоии аксари кишварҳои ҷаҳон ҳувайдо кардааст.

Ин бо назардоште, ки дар солҳои охир ба гардиши об дар кураи замин инсон ҳамчун объекти таъсиррасон ворид гардида, онро халалдор намуда, боиси пайдоиши хатарҳои муҳити зист дар тамоми кураи Замин шудааст. Олимон чунин ақида доранд, ки воридшавии инсон ба табодули табиат боиси вайроншавии иқлим шуда, махсусан, масъалаи таъмини аҳолии кураи Замин бо оби нӯшокӣ мубрамияти хешро пайдо кардааст.

Барои таъмини аҳолии рӯйи Замин бо оби нӯшокӣ, истифодаи самараноки он дар манотиқи гуногун торафт зарурияту мубрамияти об тадриҷан ба миён омад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз Истиқлоли давлатӣ таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ҳалли масъалаҳои дохиливу хориҷии кишвар тавонист аввалин ташаббускори ҳалли масъалаи оби нӯшокӣ дар ҷаҳон гардад. Ин ташаббуси бузурги Пешвои миллат як падидаи наҷибе дар ҳалли мушкилоти глобалӣ доир ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ мебошад. Тоҷикистон ҳамеша дар масълаи об ҳамчун кишвари ташаббускор баромад карда, дар ҳаллу фасли ин масъалаи мубрам тавсияҳои мушаххаси хешро ба Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод кардааст.

Агар ба раванди ҷангҳои мухталифи давлатҳо дар қитъаҳои гуногуни сайёраамон амиқан фурӯ рафта, онро мавриди таҳқиқ қарор бидиҳем, маълум

мешавад, ки ҷангҳо фақат ва фақат барои ба даст овардани сӯзишворӣ (махсусан, газу нафт) афрӯхта шуда, боиси вайрониву бадбахтии одамони минтақаҳои мухталиф мешаванд. Ба иллати кам будани оби нӯшокӣ дар ҷаҳон андешаҳои дурбинонаи Пешвои миллат саривақтӣ буда, ин масъалаи глобалии пешояндаро на бо роҳи сӯзандагӣ, балки бо роҳи созандагиву ҳамкории кишварҳои ҳамсоя метавон мавриди таҳлилу амал қарор дод.

Бинобар ин, то имрӯз чор пешниҳоди Пешвои миллат доир ба об аз ҷониби СММ дастгирӣ ёфтанд, ки ҳадафи асосии он бо амалҳои созандагӣ таъмин намудани аҳолии тамоми ҷаҳон бо оби нӯшокӣ мебошад. Ҳарчанд ки татбиқи ин пешниҳодҳои мазкур муддати мадидеро тақозо менамояд:

1. Пешниҳоди аввал дар Иҷлосияи 54-уми Маҷмаи Умумии СММ (1 октябри 1999) дар бораи эълон намудани соли 2003 «Соли оби тоза».

Дар асоси ин ташаббус 20 сентябри соли 2000 дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи Умумии СММ соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза» эълон карда шуд. 29 август -1 сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ оид ба оби тоза баргузор гардид.

2. Пешниҳодоти дуюми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон намудани солҳои 2005-2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» 23 декабри соли 2003 Маҷмаи Умумии СММ дар асоси Эъломияи Душанбе Қатъномаи дахлдор қабул карда, солҳои 2005-2015-ро ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» эълон кард.

3. Пешниҳоди сеюм доир ба эълон намудани соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» (20 декабри соли 2010). Тибқи ташаббуси мазкур 20-21 августи соли 2013 Конфронси байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

4. 21 декабри соли 2017 Ассамблеяи Генералии СММ қатъномa дар бораи қабули «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028-ро қабул намуд, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод гардид. Бинобар ин, пешниҳоди Тоҷикистон аз ҷониби 193 кишвари ҷаҳон дастгирӣ ёфт [5, с.34].

Дастгирӣ ёфтани пешниҳодҳои дар боло зикршуда собит месозад, ки муносибати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи об, пеш аз ҳама, барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои аз оби нӯшокӣ азияткашанда равона гардидааст.

Маҳз дар ҳамин лаҳзаҳои зарурӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додани масъалаи оби нӯшокӣ басо муҳим ва саривақтӣ аст. Зеро тибқи маълумотҳои СММ ҳамасола 2,2 млн. одамон дар ҷаҳон бар асари нарасидани об ба беморӣ дучор гашта, вафот мекунанд. Ҳамарӯза 6000 кӯдак аз бемориҳои норасоии об ва ҳолати бади санитарӣ мефавтанд. 40% инсоният дар минтақае зиндагӣ мекунанд, ки дар он ҷо дараҷаи муаммову зиддиятҳои об баланд аст [1, с.268]. Ҳарчанд масъалаи оби нӯшокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути сиёсати дохилии кишвар оид ба истифодаи он баррасишаванда бошад ҳам, Пешвои Миллат ҳисси гуманистиро арзиши волои инсон дониста, муаммои мазкурро дар арсаи ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд. То ин, ки давлатҳои аз оби нӯшокӣ танқисикашанда ҳолати худро беҳтар созанд.

Масъалаи дигари фалсафаи об ин дуруст истифода бурдани он аст. Ҳар як фарде, ки соҳибилму соҳибхирад аст, новобаста аз фаровонии об бояд онро самаранок истифода барад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ин масъала низ мавқеи мустаҳками худро доранд, ки на танҳо мардуми халқи тоҷик, балки ҷомеаи ҷаҳониро ба ин маънӣ даъват менамояд. Зеро дастрасӣ ба энергия маҳз тавассути сарфакорона истифода бурдани об вобаста аст. Дар ин бобат Пешвои Миллат чунин ибрози ақида намудаанд: "Тоҷикистон чун кишвари дорои захираҳои фаровони об ҷонибдори

истифодаи одилонаву оқилонаи ин захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад. Зеро дастрасӣ ба энергия дар роҳи расидан ба ҳадафҳои рушди устувор нақши калидӣ дошта, хусусан, барои кишварҳои тараққикунанда ва куҳистон ба масъалаи муҳимтарини рӯз табдил ёфтааст” [1, с.16].

Иқдомҳое, ки имрӯз аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҳалли масъалаи об дар ҷаҳон равона шудааст, инъикосгари фалсафаи покии ботинӣ ва ҳисси баланди инсонгароӣ мебошад. Об, ки худ нишонаи покист, ҳифз ва истифодаи оқилонаи он хиради олиро тақозо мекунад. Бо ин иқдоми наҷиб Пешвои Миллат бевосита таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро ба ин неъмати бебаҳо ҷалб намуда, истифодаи оқилонаи онро бо тавсияҳои созанда пешниҳод намудаанд.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ва сарфакорона истифода кардани об Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҳуқуқбунёд тавонистааст. 29 ноябри соли 2000 Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул карда, масъалаҳои ҳалталаби обро дар дохили кишвар мавриди баррасӣ қарор бидиҳад. Мақсад аз қабул кардани Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳифзи фонди давлатии об барои беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии аҳолӣ ва муҳити зист, ҳифзи об аз ифлосшавӣ, олудашавӣ, камшавӣ, пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири зараровари обҳо, беҳтар кардани ҳолат ва ҳимояи объектҳои об, таҳкими қонуният ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба истифодабарии об мебошад. Вазифаи Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз танзими муносибатҳои иқтисодӣ дар самти истифодабарию ҳифзи захираҳои об ва таъмини асосҳои ҳуқуқии дастгирӣ, инчунин, рушди оқилона истифодабарии захираҳои об иборат мебошад [10, с.69]. Қабули Кодекси об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар собит месозад, ки давлату ҳукумат бевосита бо сарварии роҳбари кишвар ин масъаларо дар доираи қонун низ мавриди назар қарор додаанд.

Замони муосир ва ҳаёти ҷомеаи шаҳрвандии кишвари соҳибистиқлоли мо ба арсаи рӯзғори нав ибораи нав -“идеяи миллӣ”-ро ворид намуд. Аз ин лиҳоз, идеяи миллии тоҷикон ин сулҳ аст. Биноан, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятӣ – 27- уми январи соли 2017 хотиррасон намуданд: “Зимнан, ваҳдату ҳамзистӣ ва ҳамдигарфаҳмиву эҳтироми ҳамдигар пояи боэътимоди Истиқлолият, тавоноӣ ва шикастнопазирии давлатро тишкил медиҳад ва риояи он, хусусан, дар шароити кунунӣ амри зарурӣ ба ҳисоб меравад [1, с.175].

Иқдомҳои заминавӣ ва шоиставу башардӯстонаи Пешвои муаззами миллат вобаста ба арҷу арзиш ва қимати ҳаётофарии об – ин неъмати ҷонбахш, дар сатҳи байналмилал ба кулли мардуми ҷаҳон барои амалӣ шудани ормонҳои онҳо умед бахшид. Аз ҷониби Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид ва аксари кишварҳои ҷаҳон пазируфта шудани пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи он аст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ фалсафаи Пешвои миллати тоҷиконро пазируфтаанд. Ҳар инсон дар зиндагии худ марому мақсаде дорад. Амали инсон аз нияти ӯ сарчашма мегирад. Пас, иқдомоте, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеш гирифта шудааст, боиси аҳсану таҳсин аст.

Дар баробари амалишавии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба рушди об, истифодаи сарфакоронаи оби нӯшокӣ, таъмини аҳолии кураи Замин бо оби нӯшокӣ имрӯзҳо масъалаи глобалии сарчашмаи он, яъне обшавии босуръати пиряхҳо ба миён омадааст, ки ба омилҳои эндогенӣ ва экзогении муҳити зист вобастагӣ дорад. Дар баробари зиёдшавии истеъмоли об бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ, махсусан, соҳаҳои саноати вазнин минбаъд метавонад ба оқибатҳои бағоят манфӣ оварда расонад.

Бинобар ин, пешниҳодҳои тавсиякардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ боиси дастгирии тамоми намояндагони кишварҳои ҷаҳон гардид. Имрӯз метавон Тоҷикистонро идомадиҳанда ва амаликунандаи фалсафаи об номид, зеро ташаббускори эълон доштани санаи 21 март ҳамчун Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо, соли 2025 ҳамчун соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва дар назди СММ таъсис додани Фонди боварии байналмилалӣ барои саҳмгузорӣ ба ҳифзи пиряхҳо мебошад.

Фалсафаи об, ки маънии амиқу густурда дорад, эҳёи онро мо дар ташаббусҳои инсонгаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебинем. Имрӯз мардуми ҷаҳон дар баробари мардуми фарҳангпарвари тоҷик дарк намуданд, ки масъалаи муҳимми оби ошомиданӣ мавриди ҳаллу баррасӣ қарор гирифтааст. Асри XXI бо сарварии Пешвои муаззами миллат дар саросари олам саҳифаи нави ҳастии обро кушод, ки ба садсолаҳои оянда он боқӣ хоҳад монд. Таърих гувоҳ аст, ки ҳар инсон номи неки худро тавассути амали некаш сабт мекунад ва мо ин саҳифаро аллакай оғоз намудем. Мардуми тоҷик бо роҳбарии сарвари оқилу хирадмандаш дар таърихи инсоният бо арзишҳои воло, маданияти бой, забони шевову зебо, миллати куҳанбунёд то абад боқӣ хоҳад монд. Ташаббусҳои Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат доир ба масъалаи об мисли хусусиятҳои об ҳамеша давра ба давра барои инсоният муҳимму зарур арзёбӣ мешаванд.

**Муқарриз:Сафарова С. –ни.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Аҳмадзода Р. Вилояти Суғд: захираҳои об ва истифодаи онҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2018. – 450с.
2. Бергер, М. Г. Геодинамическая система ледника Колка и вопросы прогнозирования и регулирования ее развития / М.Г. Бергер. - М.: ЛКИ, 2008. - 264 с.
3. Берунӣ Абӯрайҳон. Осор ул боқия. –Душанбе: Ирфон, 1990. -432 с.
4. Гросвальд М.Г.Покровные ледники континентальных шельфов / М.Г.Гросвальд.— М.:Наука, 1983.- 216 с.
5. Дар маърифати Паёми Пешвои миллат. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2023. – 60с.
6. Котляков В.М. Мир снега и льда / В.М. Котляков. - М., 1994.
7. КотляковВ.М.Мир снега и льда / В.М.Котляков. -М.: Наука, 1994.-286 с.
8. Мачерет Ю.Я. Радиозондирование ледников / Ю.Я.Мачерет.-М.: Научный мир, 2006.— 392 с
9. Мещеряков, Александр. Здесь был ледник / А. Мещеряков. - М.: Арго-Риск, Книжное обозрение, 2008. -**475** с.
10. Саидов М. Экология. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайриихтисосии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / М. Саидов, К.Исоев, А.Давлатов, Ҳ. Содиқов. – Душанбе: “ТоРус”, 2018. – 272с.
11. Супруненко, Юрий. Горы, ледники, тайны / Ю. Супруненко. - М.: Тровант, 2010. - 496 с.
12. Таърихи фалсафаи тоҷик. Дар панҷ ҷилд. -Ҷ. 1. –Душанбе: Дониш, 2011. -582 с.
13. Турсунов Акбар. Эҳёи Аҷам. Душанбе: Ирфон, 1989. -240 с.
14. Хоу Вай Лу. История ранних просветительских идей в Китае. -Пекин, 1956. - 480 с.


**МАСЪАЛАИ ОБ АЗ НИГОҲИ ФАЛСАФИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ**


Мақолаи мазкур, дар умум, масъалаи фалсафаи обро дар раванди ташаккулёбии тафаккури инсоният дар бар гирифта, дар радифи он муаллифони мақола кӯшидаанд то мубрамияти обро дар замони кунунӣ тавсиф диҳанд. Агар дар замонҳои қадим об сарчашмаи ҳаёт дониста шуда бошад, пас имрӯз зарурати муҳофизат ва ҳифзи оби тоза ба миён омадааст, ки дар ҳолати раванди манфии онро пешгирӣ накардан камбудии об метавонад ба ҳастии инсоният таҳдид намояд. Бинобар ин, муаллифон қоим ҳастанд, ки маҳз бо пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи ҷаҳонӣ масъалаи об, махсусан, оби нӯшокӣ мубрамият пайдо кардааст ва истифодаи оқилонаи он дар тамоми кураи Замин гарави ҳамбастагӣ ва ягонагиву ҳамдилии мардуми ҷаҳон мешавад. Аз тарафи Пешвои миллат якчанд пешниҳодҳо барои таъмини ҷаҳониён бо оби нӯшокӣ аз минбари СММ садо дод, ки мавриди дастгирии аъзоёни ин ташкилоти бонуфузи дунё гардидааст.



**Калидвожаҳо*:*** об, фалсафаи об, сарчашмаи ҳаёт, ташаббусҳои Пешвои миллат, ҳамдилии мардуми ҷаҳон.

## ВОДНЫЙ ВОПРОС С ФИЛОСОФСКОЙ ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ЛИДЕРА НАЦИИ

В данную статью в целом включен вопрос философии воды в процессе формирования человеческого мышления, а авторы статьи попытались описать проблему воды в настоящее время. Если в древности вода считалась источником жизни, то сегодня существует необходимость защиты и сохранения чистой воды, если не предотвратить негативный процесс, нехватка воды может поставить под угрозу существование человечества. Поэтому авторы убеждены, что именно с предложениями Основателя национального мира и единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, решается вопрос воды, особенно питьевой, стала актуальной на мировой арене, и ее рациональное использование является гарантией солидарности и единства во всем мире, симпатий народов мира. Лидер нации выдвинул на форуме ООН ряд предложений по обеспечению мира питьевой водой, которые были поддержаны членами этой престижной организации.

**Ключевые слова**: вода, философия воды, источник жизни, инициативы лидера нации, симпатии народов мира**.**

**Маълумот дар бораи муаллифон*:*** ***Ҳотамова Муҳайё Ғафуровна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои фалсафа, муаллими калон, кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1.
E-mail**: www.11a.tg@mail.ru**. Телефон **+992 92 700 89 05**
***Абдулатипов Усуф Ҳасанович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, дотсент, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. E-mail: **usuf66@mail.ru/** Телефон: **+992 11 882 -00-11.**
***Холиков Ғафур Абосович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, омӯзгори калон, кафедраи психологии иҷтимоӣ ва касбӣ. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: **92 010-48-45.**

**Сведения об авторах**: ***Хотамова Мухайё Гафуровна*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат философских наук, старший преподаватель, кафедра философии. **Адрес:** 734700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1. E-mail**: www.11a.tg@mail.ru** Телефон **+992 92 700 89 05.**
***Абдулатипов Усуф Хасанович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат философских наук, доцент. **Адрес:** 734700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1. E-mail: **usuf66@mail.ru.** Телефон: **+992 11 882 -00-11.**
***Холиков Гафур Абосович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, старший преподаватель, кафедра социальной и профессиональной психологии. **Адрес:** 734700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1. Телефон: **92 010-48-45.**

**Information about the authors:** ***Khotamova Mukhayo Gafurovna*** – Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Candidate of Philosophy, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue, 1. E-mail: **www.11a.tg@mail.ru** Phone **+992 92 700 89 05.**
***Abdulatipov Usuf Khasanovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of philosophical sciences, associate professor. **Address:** 734700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue, 1. E-mail: **usuf66@mail.ru.** Phone: **+992 11 882 -00-11**.
***Kholikov Gafur Abosovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, senior lecturer, department of social and professional psychology. **Address:** 734700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue, 1. Phone: **92 010-48-45.**

# ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ

**УДК:372.862**

## ПРОГРАММНЫЕ ЦЕЛИ РЕАЛИЗАЦИИ ИННОВАЦИОННЫХ МОТИВАЦИОННО-РАЗВИВАЮЩИХ ТЕХНОЛОГИЙ И ЦЕННОСТНО - СМЫСЛОВОЕ УПРАВЛЕНИЕ ВРЕМЕНЕМ В ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ СРЕДЕ ВУЗА

*Джафарзода С.Ф.*

**Институт технологии и инновационного менеджмента города Куляб**

Применительно к целям и задачам вузов в современных условиях, по мнению одного из основоположников педагогической и психологической науки Блонского П.П. (1884-1941), приводим следующее его высказывание о том что: «вместо антипсихологической школы активного учителя (активного преподавателя, применительно к вузу) и пассивно-внимательных детей (студентов, применительно к вузу) пора переходить к вузу (школе) активных студентов (школьников) и внимательного преподавателя (учителя)» [1, с. 14]. Как приводится в системном материале по проблемам реформы образования [2, с. 16-180], как для индустриально развитых странах, в странах центральной и восточной Европы, в странах с переходной экономикой, в странах СНГ и Балтии, учитывая как пример систему высшего образования Австралии (по этой логике изложены опыт и других стран на основе использования материала данной книги) в процессе реализации программы профессионального образования в качестве ключевых реформ приняты следующие условия: «принятие компетентности в качестве основы подготовки; при этом квалификации присуждаются на основе того, что выпускник умеет делать, а не за количество лет обучения, в Бельгии «наряду с квалификациями бакалавра и магистра предусмотрены также соответствующие продвинутые степени, ориентированные на дополнительную специализацию по профилю предшествующей подготовки», в Италии права педагогов «в образовательных программах различных университетов заметно отличаются друг от друга, считается, что это позволяет университетам работать со студентами, обладающими различными возможностями и готовить специалистов самого высокого уровня, гибко реагировать на рынок труда», в Нидерландах «студенты, которым требуется больше времени для завершения их курсов вне официально отведенного периода обучения, могут взять заем на три ближайших года, если они выполняют установленные требования в зависимости от их успешности обучения, то стипендия на этот год становится невозвращаемой», в Болгарии «создают дополнительные возможности для талантливой молодежи из сельских и отдаленных местностей на получение профессионального образования, на эти цели привлекаются средства муниципалитетов из центрального бюджета», в Китае «образование занимает первое место в списке стратегических приоритетов государства, диверсификация системы образования приводится с учетом потребностей и интересов как страны в целом, так и регионов», в Кореи «большое внимание уделяется развитию и сохранению научно-технического потенциала, для чего признано целесообразным раннее выявление талантливых студентов и подготовка их по особым программам».

Как показывает приведенный анализ, опыт развития стран зависит от механизма привлечения выпускников вуза к решению стратегических задач развития государств [3,4,5], что во многом определяется состоянием системы образования, и в этих условиях становится актуальным подготовка будущих специалистов в соответствии с потребностями инновационной и инвестиционной активности развития и становится важнейшей задачей в условиях динамически-изменяющихся процессов в мире, что, по мнению Пионова Р.С., следует принимать во внимание 4 взаимосвязанных фактора, то есть: «образовательную ⇄ воспитательную ⇄ развивающую и профессиональную» [6, с. 95] и в продолжение к этой мысли далее приводится, что профессиональная

функция, ориентированная на подготовку специалиста… в учебном воспитательном процессе высшей школы приоритетно участвуют 2 типа действующих субъектов – преподаватели и студенты…, как по аналогии мнения Блонского, немецкий ученый И. Герберт считал, что…в процессе обучения активен педагог, студент (школьник) пассивен, он лишь усваивает готовые знания, а задача педагога состоит в том, чтобы как можно полнее передать знание студентам, цель которых во всем объеме их освоить и запомнить» [6, с. 96-97], которые предопределяют стратегические задачи реализации принципов профессионального обучения, то есть «способность человека быстро освоить технические средства, технологические процессы и новые специальности, воспитания потребности постоянно повышать свое образование и квалификацию…принцип соединения обучения с производительным трудом учащихся и студентов, связь теории и практики…принцип моделирования профессиональной деятельности в учебном процессе…принцип экономической целесообразности [7, с. 327-329], так как взаимодействие в условиях получения высшего образования происходит в вузе с учетом влияние окружающей среды и в этом аспекте компоненты мотивационной системы, то есть «мотивационная сфера представляет собой совокупность стойких мотивов (А.А. Реан, Н.В. Бордовская)», а мотивация – «это процесс, в результате которого определенная деятельность для индивида приобретает личностный смысл, создает устойчивость его интереса к ней и превращает внешние заданные цели деятельности в его внутренние потребности (В.П. Беспалков)».

Что касается понятия образовательной компетенции, то это «совокупность взаимосвязанных смысловых ориентаций, знаний, умений, навыков и опыта деятельности ученика по отношению к определенному кругу объектов реальной действительности, необходимых для осуществления личностной и социально значимой продуктивной деятельности» [7, с. 177]. Так как все эти процессы взаимосвязаны и происходят с точки зрения реализации целевых задач подготовки специалистов в вузе, следовательно, в системе управления, вузам следует учитывать системное взаимовлияние этих факторов с учетом влияния внешней среды на формирование личности студента в высшей школе. Как отмечает при этом Гершунский Б.С., именно «образование и только образование в состоянии переломить катастрофически нарастающие негативные тенденции в духовной сфере человечества…неожиданность, сложность и опасность сложившейся ситуации в мире порождает вполне естественный для подобных экстремальных ситуаций вопрос: что делать…единственная надежда на объединительную силу идей духовных ценностей и приоритетов, способных остановить углубляющийся процесс раскола цивилизации, сплотить людей при всех различиях и ментальных предпочтениях» [4, с. 23-32], следовательно, при выборе моделей и систем управления вузами следует адекватно реализовывать те образовательные цели и задачи, которые, с одной стороны, отражают подготовку специалистов новой формации, а также принимались во внимание особенности реализации воспитательных технологий по формированию жизненных идеалов, ценностей и стратегий, учитывая при этом, что влияние внешней среды в условиях глобализации также имеет решающее значение, насколько поставленные цели будут результативными и прогнозируемыми в современных условиях, так как не только меняются требования к знаниям и умениям будущих выпускников, но и в структуре реального производства предусматриваются выполнение ролевых задач, к примеру, формирование адхократической культуры личности, которая означает «корпоративную культуру компании в которой каждый сотрудник является творцом и новатором», и имеет при этом жизненные установки в «представлении человека о жизни, судьбе, мироустройстве…они во многом определяют то, как мы принимаем наши решения, как действуем, чего ожидаем от жизни [8, с. 29].

Эти и другие актуальные вопросы по данной проблематике изложены в работах Кузьминой Н.В., Марковой А.К., Петровской В. и других, в частности, А.К. Маркова отмечает, что «личностная профессиональная компетентность есть владение приемами

личностного самовыражения и саморазвития, средствами противостояния профессиональным деформациям личности, а индивидуальная профессиональная компетентность есть владение приемами самореализации и развития индивидуальности в рамках профессии, готовность к профессиональному росту, способность к самосохранению, умение рационально организовать свой труд» [9, с. 231]. Применительно к нашей постановке задачи интерес представляет концепция профессиональной компетентности Дж. Равина, который под этим термином предлагает понимать «специальную способность человека, необходимую для выполнения конкретного действия в конкретной предметной области, включающую узкоспециальные знания, новые способы мышления и готовность нести ответственность за свои действия [10, с. 227]. Проектируя эти цели, подводя научно-теоретическое обоснование проблематике конкурентоспособности специалиста в образовательном пространстве региона Белоновская И.Д и Ковалев А.Д. приводят следующие составляющие профессиональной компетентности специалиста в виде интегрированной структуры, включающей в себя такие компоненты, как: «аксиологическая, концептуальная, специальная, контекстуальная, операциональная, экстрементальная, адаптивная, социальная, личностная, индивидуальная, коммуникативная» [10, с. 257].

К указанным компонентам формирования конкурентоспособной личности с учетом проведенного выше анализа на наш взгляд следует внести дополнительно такие факторы, как управление знаниями, интеллектом, изменениями во взаимосвязи с построением модели студента, умеющего осознать ценности и смысл управления временем с учетом невозвратимости фактора времени, то есть формирование ответственного отношения к проектированию будущего. Будагов А.С. и группа авторов определяя цели и задачи высшего образования в выполнении миссии по удовлетворению образовательных потребностей общества 21 века в продолжение указанных выше слагаемых оценок профессиональной компетентности личности, отмечает, «что следует внедрять те модели и системы, которые обеспечивают будущим специалистам «умение учиться в условиях концепции открытого непрерывного образования и свободной траектории обучения для решения новых задач, выдвигаемых обществом» [11, с. 3].

Эти требования применительно к программным задачам нашей страны изложены в документе «Цели развития 2030», который на наш взгляд, если представить «это будущее», должны учитывать указанные горизонты предстоящих преобразований при подготовке и формированию профессиональной компетентности будущих специалистов в вузе, где каждая личность, группа студентов, находившихся в разных формах взаимодействия, могут в зависимости от достигнутых успехов и профессионального развития в вузе определить рейтинг вузов, их место и роль в обществе, доминантой в этом процессе выступает понятие управления и формирования человека будущего, то есть функционирующего в будущем, реализуя себя в условиях предъявляемых новых требований на каждом этапе жизненного роста, по мнению Маригодовой В.К. и других – «это человек автономный, свободный в выборе пространства и времени, этот человек оптимальный (эффективный, разумно выбирающий и проявляющий свои потребности, это человек гармоничный)» [12, с. 132].

Представляя это виртуальное будущее, можно представить логическую схему взаимодействия целевых задач, управления процессами, обозначая как признак ЦУ, учитывая все эти модели управления, прежде всего, исходят из выбора жизненных стратегий участников целостного педагогического процесса (ЦУ-1), то в предложенной системе можно констатировать и другие формы управления, управления учебно-воспитательным процессом с учетом достижения системного эффекта по вопросам обученности и воспитанности с учетом выбора образовательного маршрута главных субъектов вуза – студентов-будущих специалистов (ЦУ-2), управление воспитательно-образовательным процессом в образовательной среде вуза (ЦУ3), управление инновационным процессом в условиях системного взаимодействия участников

педагогического процесса (ЦУ4), управление процессом усвоения знаний (ЦУ-5), управление средствами оценивания результатов обучения, то есть по результатам достигнутого уровня компетентности (ЦУ-6), управление профессиональным ростом студентов – будущих специалистов на каждом этапе обучения в вузе (ЦУ-7), управление выбором современных систем и методов развития интеллекта участников целостного педагогического процесса по заданным целям (ЦУ-8), управление и выбор стратегий карьерного роста в ходе проведения тренингов и системного моделирования будущего (ЦУ-9), управление знаниями во взаимодействие с работодателями (ЦУ-10), управление конкурентоспособностью выпускника вуза (ЦУ-11), управление изменениями в контексте ценностно-смыслового управления в вузе (ЦУ-12), управление инновационными образовательными технологиями в вузе по заданным дидактическим целям (ЦУ-13), управление инновационных моделей и систем дуального обучения с работодателями (ЦУ-14), управление учебными достижениями с учетом выбора критериев оценки эффективности приобретаемых знаний и умений по каждой отдельно взятой дисциплине (ЦУ-15), группе дисциплин (ЦУ-16), по мере завершения семестра (ЦУ-17), по мере завершения года обучения (ЦУ-18), прохождения практик (ЦУ-19), выполнение семестровых работ и курсовых проектов (ЦУ-20), инновационных проектов (ЦУ-21), управление методами и системами эффективной презентации достигнутого уровня компетентности в вузе работодателями (ЦУ-22), управление методами и системами технологий личностно-ориентированного обучения (ЦУ-23), управление программами и целевыми задачами нравственно профессионального и интеллектуального воспитания студентов (ЦУ-24), управление рейтинговой оценкой прогнозируемости и результативности реализуемых программ по заданным целям, соответствующих базовым принципам Болонского процесса и управление международной деятельностью вузов (ЦУ-25).

Все указанные целевые задачи в управление каждого условного процесса по отдельности и во взаимосвязи (ЦУ1⇄ЦУ25). На основе данного определения, то есть выбора основных слагаемых инновационных мотивационно развивающих технологий с учетом признаков системы управления процессами можно составить следующую базовую матрицу, позволяющую реализовать эти методы, системы, педагогические технологии и инструментарий в реальной педагогической практике функционирования вузов, состоящих из 25 условных признаков, на основе которых выбираются дидактические цели и задачи мотивационно-развивающих технологий и ценностно-смысловое управление временем в инновационной образовательной среде вуза.

**Таблица: Основные слагаемые (базовая матрица) мотивационно-развивающих технологий и ценностно-смысловое управление временем в инновационной образовательной среде вуза**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ←<br>↑ЦУ1⇄МРТ1↑<br>← | ←<br>↑ЦУ1⇄МРТ1↑<br>← | ←<br>↑V3-T3↑<br>← | ←<br>↑V4-T4↑<br>← | ←<br>↑V5-T5↑<br>← |
| ←<br>↑V6-T6↑<br>← | ←<br>↑V7-T7↑<br>← | ←<br>↑V8-T8↑<br>← | ←<br>↑V9-T9↑<br>← | ←<br>↑V10-T10↑<br>← |
| …………… | …………… | …………… | …………… | …………… |
| …………… | …………… | …………… | …………… | …………… |
| ←<br>↑V21-T21↑<br>← | ←<br>↑V22-T22↑<br>← | ←<br>↑V23-T23↑<br>← | ←<br>↑V24-T24↑<br>← | ←<br>↑V25-T25↑<br>← |

Ранее, система (1) рассматривалась в статье [4] и главной её целью являлась построение фазового портрета системы и исследование точек покоя на устойчивость с помощью простых стандартных команд программы Maple. Был составлен набор небходимых команд программы и далее этот набор команд применялся для решения, исследования поведений решений и построения фазового портрета системы (1), для всех возможных случаев неизолированных точек покоя системы [4].

Данная статья является, в некотором смысле, продолжением этой статьи и посвящена аналогичному вопросу для всех возможных случаев изолированных точек покоя системы (1).

Ниже приведён краткий перечень набор команд из статьи [4]. Этот набор достаточен для того, чтобы представить полную картину поведений решений вокруг точки покоя.

$$with(LinearAlgebra);\ with(DEtools);$$

$a11 := a;\ a12 := b;\ a21 := c\ ;\ a22 := d\ ;$

$CharPol := CharacteristicPolynomial(A, lambda);$

$Eigenvalues(A)$; $Eigenvectors(A)$;

$JordanForm(A)$; $dsolve([sistema])$;

$phaseportrait([sistema],[x(t),y(t)],t = -10..10,[[x(0) = 1,y(0) = 1],[x(0) = 1,y(0) = -1],[x(0) = -1,y(0) = 1],[x(0) = -1,y(0) = -1]],x = -10..10,y = -10..10,stepsize = .5,title = tt,colour = magenta,linecolor = [gold,yellow,blue,black])$

$$DEplot([sistema],[x(t),y(t)],t = 0..20,x = -3..3,y = -2..2, [[x(0).2,y(0) = .2]],title = `grafic`,dirfield = 400, arrows = comet,size = magnitude,numpoints = 505,linecolor = blue,animatecurves = true)$$

Предназначение каждой команды разъяснены в статье [4]. В дальнейшем всюду предполагается, что $detA \neq 0$. В этом случае система (1) имеет единственную точку покоя - тривиальное решение $x(t) \equiv 0, y(t) \equiv 0$. В учебниках имеется подробная классификация всех типов точек покоя. Тип точек покоя зависит от решений и следовательно, от видов фазовых траекторий [14].

Имеют место следующие возможные случаи [11]:

1. Характеристические числа вещественны и различны:

1.1. $\lambda_1 > \lambda_2 > 0$. Характеристические числа оба положительны;

1.2. $\lambda_1 < \lambda_2 < 0$. Характеристические числа оба отрицательны;

1.3. $\lambda_1 < 0 < \lambda_2$. Характеристические числа имеют разные знаки.

2. Характеристические числа вещественны и совпадают;

2.1. $\lambda_1 = \lambda_2 < 0$. Двукратное характеристическое число отрицательное;

2.1.1. У матрицы $A$ имеются две линейно независимые собственные вектора.

2.1.2. У матрицы $A$ имеются один собственный вектор и присоединённый вектор.

2.2. $\lambda_1 = \lambda_2 > 0$. Двукратное характеристическое число положительно:

2.2.1. У матрицы $A$ имеются две линейно независимые собственные вектора;

2.2.2. У матрицы $A$ имеются один собственный вектор и присоединённый вектор.

3. Характеристические числа представляют собой пару комплексно-сопряжённых чисел $\lambda_{1,2} = p \pm q\, i$:

3.1. $p = 0$. Характеристические числа чисто мнимые числа;

3.2. $p > 0$. Действительная часть характеристического числа больше нуля;

3.3. $p < 0$. Действительная часть характеристического числа меньше нуля.

Ниже для каждого из десяти перечисленных, возможных разных случаев приведены примеры и результаты применения приведённых выше набор команд [15].

*Случай 1.1.* $\lambda_1 > \lambda_2 > 0$. Введем, например, следующий набор коэффициентов: $a11 := 0$; $a12 := 2$; $a21 := -3$; $a22 := 5$. Команда $JordanForm(A)$ выдаст жорданову форму матрицы А, которая имеет в данном случае следующий вид: $\begin{pmatrix} 2 & 0 \\ 0 & 3 \end{pmatrix}$. Командой $dsolve([sistema])$ будет выдано общее решение системы

$$\left\{x(t) = _C1\, e^{3t} + _C2\, e^{2t}, y(t) = \frac{3}{2}\,_C1\, e^{3t} + _C2\, e^{2t}\right\}$$

Следующими двумя командами $phaseportrait([sistema]$ и $DEplot([sistema])$будут выданы фазовый портрет и поле направлений системы (1 ) в системе координат *XOY*. Отметим, что в дальнейшем результаты этих команд будут отображены в рисунках для всех возможных случаев, причем рисунок а) соответствует команде $phaseportrait\ ([sistema])$ и является фазовым портретом системы (1), а рисунок б) команде $DEplot([sistema])$ и является полем направлений системы (1).

**Рисунок 1. Неустойчивый узел.**

а) б)

В этом случае матрица коэффициентов $A$ имеет две действительные характеристические числа одного знака, поэтому точка покоя (0, 0) представляет собой узел. Поскольку знак характеристических чисел положителен, то движение по траекториям происходит от начала координат и точка покоя представляет собой неустойчивый узел.

*Случай 1.2.* $\lambda_1 < \lambda_2 < 0$. Введём, например, следующий набор коэффициентов: $a11 := -2$; $a12 := -1$; $a21 := -3$; $a22 := -4$. Команда CharPol := CharacteristicPolynomial(A, lambda) выдаёт характеристическое уравнение матрицы A, CharPol = $\lambda^2 + 6\lambda + 5$, множеством корней которого является множество $\{-1, -5\}$.

Решение системы командой $dsolve([sistema])$ представляется в следующей форме

$$\{x(t) = _C1 \exp(-5\,t) + _C2 \exp(-t),$$
$$y(t) = 3\,_C1\, exp(-5\,t) - _C2\, exp(-t)\}$$

Последними командами изображаются фазовый портрет и поле направлений системы.

**Рисунок 2. Устойчивый узел**

а) б)

В этом случае также у матрицы коэффициентов $A$ имеются действительные характеристические числа одного знака, поэтому точка покоя (0,0) опять представляет собой узел. Поскольку знак характеристических чисел отрицателен, то движение точки по фазовым траекториям происходит в направление к началу координат и следовательно, имеем устойчивый узел.

*Случай 1.3.* $\lambda_1 < 0 < \lambda_2$. Рассмотрим следующий набор коэффициентов: $a11 := 1$; $a12 := -1$; $a21 := -4$; $a22 := 1$. Соответствующими командами будут выявлены характеристическое уравнение и характеристические числа матрицы $CharPol := CharacteristicPolynomial(A, \lambda)$, CharPol = $\lambda^2 - 2\lambda - 3$. $Eigenvalues(A)$, $\{-1, 3\}$.

Решение системы, выданное командой $dsolve([sistema])$ выглядит следующим образом

$$\{x(t) = _C1 \exp(3\,t) + _C2 \exp(-t),$$
$$y(t) = -2\,_C1\, exp(3\,t) + 2\,_C2\, exp(-t)\}$$

Следующими двумя последними командами изображаются фазовый портрет и поле направлений системы.

**Рисунок 3. Седло,**

а) 

б) 

В этом случае имеем характеристические числа разных знаков. Точка покоя такого типа называется седлом. Такая точка покоя всегда неустойчива. Направление движения по траекториям указаны в графиках.

2.1. Характеристические числа действительны, совпадают и отрицательны: $\lambda_1 = \lambda_2 < 0$. Как известно из алгебры, в этом случае имеют место две ситуации, которые качественно отличаются друг от друга.

*Случай 2.1.1.* Рассмотрим случай, когда матрица $A$ обладает двумя линейно независимыми собственными векторами. В качестве коэффициентов исходной системы выбираем: $a11 := -2$; $a12 := 0$; $a21 := 0$; $a22 := -2$. Тогда

$$> A := \begin{bmatrix} -2 & 0 \\ 0 & -2 \end{bmatrix}$$

\>

$$CharPol := \lambda^2 + 4\lambda + 4$$

$$dsolve([sistema]): \{x(t) = _C2\,exp(-2\,t), y(t) = _C1\,exp(-2\,t)\}$$

Результаты последних двух команд отражены в таблице.

**Рисунок 4.** Дикритический устойчивый узел



а) б)

Произвольный ненулевой вектор является собственным вектором для матрицы А. Точка покоя в этом случае называется дикритическим узлом. Так как характеристическое число отрицательно, то точка покоя устойчива.

*Случай 2.1.2.* Матрица $A$ имеет один собственный вектор и присоединённый вектор. При построение общего решения системы (1), используется также присоединённый вектор. Рассмотрим следующий набор коэффициентов: $a11 := -3$; $a12 := 2$; $a21 := -2$; $a22 := 1$. Тогда

$$> A := \begin{bmatrix} -3 & 2 \\ -2 & 1 \end{bmatrix}$$

$$> CharPol := CharacteristicPolynomial(A, \lambda) : CharPol := \lambda^2 + 2\lambda + 1$$

$$> Eigenvalues(A) : \begin{bmatrix} -1 \\ -1 \end{bmatrix}$$

$$> Eigenvectors(A) : \begin{bmatrix} -1 \\ -1 \end{bmatrix}, \begin{bmatrix} 1 & 0 \\ 1 & 0 \end{bmatrix}$$

$$> JordanForm(A) : \begin{bmatrix} -1 & 1 \\ 0 & -1 \end{bmatrix}$$

$dsolve([sistema]);$

$$x(t) = exp(-t)\,(_C2\,t + _C1),$$
$$y(t) = -\exp(-t)\,(2\,_C2\,t + 2\,_C1 + _C2)\,\}$$

Фазовый портрет и поле направлений выглядят следующим образом

**Рисунок 5. устойчивый вырожденный узел, Figure 5. Stable degenerate node**

а)  б) 

В этом случае жорданова форма матрицы системы не является диагональной, и точка покоя (0, 0) представляет собой вырожденный узел. Так как $\lambda = -1 < 0$ то точка покоя устойчива.

2.2. Характеристические числа действительны, совпадают и положительны: $\lambda_1 = \lambda_2 > 0$ .

Следующие два случая аналогичны двум случаям 2.1, поэтому приводим только набор соответствующих коэффициентов, решение системы и графики фазового портрета и поле направлений.

*Случай 2.2.1.* В случае, когда матрица $A$ имеет два линейно независимых собственных векторов, можно ограничится следующим набором коэффициентов: $a11 := 2$; $a12 := 0$; $a21 := 0$; $a22 := 2$. Решение системы даётся формулами

$$\{x(t) = _C2\, exp(2\,t), y(t) = _C1\, exp(2\,t)\}$$

Фазовый портрет и поле направлений приведены ниже

**Рисунок 6. Дикритический неустойчтвый узел**

 а)  б)

Точка покоя такого типа называется, как и в случае 2.1.1. дикритическим узлом. Так как характеристическое число положительно, то движение по траекториям исходит из начала координат и точка покоя не устойчива.

*Случай 2.2.2.* В случае, когда матрица $A$ имеет один собственный вектор и присоединённый вектор, в качестве коэффициентов можно выбрать следующие числа: $a11 := 1$; $a12 := 1$; $a21 := -1$; $a22 := 3$. Жорданова матрица матрицы системы имеет вид: $\begin{pmatrix} 2 & 1 \\ 0 & 2 \end{pmatrix}$. Командой $dsolve([sistema])$ выдаётся решение

$$\{x(t) = \exp(2\,t)\,(_C2\,t + _C1),$$
$$y(t) = exp(2\,t)\,(_C2\,t + _C1 + _C2)\}$$

Фазовый портрет и поле направлений приведены ниже.

**Рисунок 7. Вырожденный неустойчивый узел**

**а)**  **б)** 

В этом случае также как и в 2.1.2. жорданова матрица системы не является диагональной и точка покоя есть вырожденный узел. Так как $\lambda = 2 > 0$ то точка покоя не

устойчива.Рассмотрим теперь случай, когда характеристические числа матрицы А комплексные. Очевидно, что тогда характеристические числа представляют собой пару комплексно-сопряжённых чисел $\lambda_{1,2} = p \pm q\ i$ .

Рассмотрим все возможные случаи:*Случай 3.1*. Введем набор коэффициентов: $a11 := -1; a12 := -5; a21 := 1;\ a22 := 1;$ Характеристические числа матрицы $\pm 2i$. Соответствующими командами выданы решение, фазовый портрет и поле направлений системы:$\{x(t) = _C1 * \sin(2 * t) + _C2 * \cos(2 * t),$

$$y(t) = -(2/5) * _C1 * cos(2 * t) + (2/5) * _C2 * sin(2 * t) - (1/5) * _C1 * sin(2 * t) - (1/5) * _C2 * cos(2 * t)\}$$

**Рисунок 8. Центр**


а)


б)

Очевидно, что корни чисто мнимые, и точка покоя (0, 0) устойчива. Такая точка покоя называется центром.

*Случаи 3.2. и 3.3.* Введем набор коэффициентов $a11 := 1;\ a12 := 1;\ a21 = -2;\ a22 := 3$ для случая 3.2 *и* набор коэффициентов $a11 := -2;\ a12 = 1;\ a21 := -1;\ a22 := -2$ для случая 3.3.

Командой $dsolve([sistema])$получаем решение системы

$$\{x(t) = \exp(2\,t)\,(\sin(t)\,_C1 + \cos(t)\,_C2),$$
$$y(t) = exp(2\,t)\,(sin(t\,)\,_C1 - sin(t)\,_C2 + cos(t)\,_C1 + cos(t)\,_C2)$$

для случая (3.2) и

$$\{x(t) = exp(-2\,t)\,(_C2\,cos(t) + _C1\,sin(t)),$$
$$y(t) = exp(-2\,t)\,(cos(t)\,_C1 - sin(t)\,_C2)\}$$

для случая (3.3). Командами $phaseportrait$ и $DEplot$ получаем фазовый портрет и поле направлений для случаев 3.2.

**Рисунок 9. Устойчивый фокус**


а)


б)

и случая 3.3.

**Рисунок 10. Неустойчивый фокус**


а)


б)

В случае 3.2 имеем $p < 0$, следовательно точка покоя устойчива. Называется она устойчивым фокусом. В случае 3.3 имеем $p > 0$, и поэтому точка покоя неустойчива. Такая точка покоя называется неустойчивым фокусом.

Таким образом, использование системы компьютерной математики в процессе обучения решает множество различных образовательных задач, в частности, повышает мотивацию к учебе у студентов, расширяет и углубляет знания по высшей математике, а также способствует развитию их научного творчества.

**Рецензент: Рахимов А.А. – к.п.н., доцент ПИТТУ имени академика М.С.Осими**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аладьев В.З. Программирование в пакетах Maple и Mathematica: Сравнительный аспект / В.З.Аладьев, В.К.Бойко, Е.А. Ровба. — Беларусь: Гродно: Изд-во Гродненского университета, 2011.— 517 с.
2. Бубнов, В.А. Линейная алгебра: компьютерный практикум / В.А.Бубнов. – М.: ЛБЗ, 2016. – 168 с.
3. Говорухин, В. Компьютер в математическом исследовании: Maple, MATLAB, LaTeX / В.Говорухин, В.Цибулин. – Питер, 2001. – 633 с.
4. Гуломнабиев, С.Г. Исследование устойчивости решений систем линейных дифференциальных уравнений с помощью программы Maple / С.Г. Гуломнабиев // вестник таджикского национального университета, серия естественных наук. . –2021. – № 2– С. 41-52.
5. Гуломнабиев, С.Г. Оид ба тасвири графикии њалли муодилањои дифференсиалии оддї ба воситаи барномаи Maple / С.Г. Гуломнабиев // Паёми донишгоњи омўзгорї. Серияи 2. Педагогика ва психология, методикаи таълими фанњои гуманитарї ва табиатшиносї. –2022.– №2 (12) – С. 75-84.
6. Гуломнабиев, С.Г. О разрешимости одной системы линейных дифференциальных уравнений в пространстве ограниченных на всей оси функций / С.Г. Гуломнабиев // Международный научно-исследовательский журнал. – 2020. – № 6-1(96). – С. 18-22.
7. Гуломнабиев, С.Г. О решениях однородной системы линейных дифференциальных уравнений в пространствах суммируемых функций / С.Г. Гуломнабиев / С.Г. Гуломнабиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2019. – № 2. – С. 91-95.
8. Дьяконов В.П. Maple 6. Учебный курс / В.П. Дьяконов. –Питер, 2001. – 608 с.
9. Егоров, А.И. Обыкновенные дифференциальные уравнения и система Maple / А.И.Егоров. – М.: СОЛОН-Пресс, 2016. – 392 с.
10. Зиёмидинов, Б.М. Предельные решения и условие разрешимости систем дифференциальных уравнений первого порядка в пространствах Степанова / Б.М. Зиёмидинов, С.Г. Гуломнабиев // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. – 2015. – Т. 58. – №9. – С. 780-785.
11. Краснов, М.Л. Обыкновенные дифференциальные уравнения: Задачи и примеры с подробными решениями / Краснов М.Л., Киселев А.И., Макаренко. Г.И. - М.: Ленанд, 2019. - 256 с.
12. Мухамадиев, Э. М. Предельные циклы кусочно-линейных дифференциальных уравнений второго порядка / Э. М.Мухамадиев, И.Д.Нуров, М.Ш.Халилова. Уфимск. матем. журн– 2014. – Т. 6. – №1. – С. 84-93.
13. Понтрягин, Л.С. Обыкновенные дифференциальные уравнения / Л.С. Понтрягин. - М.: Ленанд, 2019. - 336 с.
14. Панин, А.А. Классификация точек покоя двумерных линейных однородных 5.систем дифференциальных уравнений первого порядка. Учебное пособие / А.А.Панин. –М.:Физический факультет МГУ, 2012. –29 с.
15. Савотченко С.Е. Методы решения математических задач в Maple: Учебное пособие / С.Е.Савотченко, Т.Г. Кузьмичева. – Белгород: Изд. Белаудит, 2001. – 116 с.
16. Тихонов, А.Н. Дифференциальные уравнения / А.Н. Тихонов, А.Б. Васильева, А.Г. Свешников. - М.: Физматлит, 2005. - 256 с.


## ИСТИФОДАИ БАРНОМАИ MAPLE ДАР ТАДҚИҚИ НУҚТАҲОИ БЕҲАРАКАТИ ҶУДОШУДАИ СИСТЕМАИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛИИ ХАТТӢ

Ба ҳамагон маълум аст, ки истифодаи системаҳои математикаи компютерӣ (СМК) дар раванди тадриси фанҳои риёзӣ дар вақтҳои охир ба як меъёр табдил ёфтааст. Ба шарофати истифодаи чунин системаҳо метавон самаранокии дарсро ба таври назаррас боло бардошт. Бояд қайд кард, ки дар айни замон шумораи зиёди СМК вуҷуд доранд, ки дар байни онҳо барномаи Maple то андозае маъмултар мебошад. Maple дорои китобхонаи ғании замимаҳо буда, истифодаи он хеле осон аст. Дар мақола имконияти ин барнома барои ҳалли масъалаи мушаххаси таълимӣ аз соҳаи муодилаҳои дифференсиалӣ нишон дода шудааст. Яке аз масъалаҳое, ки дар назарияи муодилахои дифференсиалӣ ба таври кофӣ муфассал омӯхта шудааст, ин ҳал ва омӯхтани системаи ду муодилаи дифференсиалии хаттӣ бо коэффитсиентҳои доимӣ мебошад.Барномаи Maple дорои имкониятҳое мебошад, ки тавассути онҳо ба зудӣ ва ба осонӣ метавон:

А) ҳамаи ҳолатҳои имконпазиреро, ки ҳангоми ҳал ва омӯзиши ин система ба миён меоянд, баррасӣ намуд;

Б) дар мавридҳои зарурӣ барои ин ё он ҳолат бо маҷмуи дигари коэффитсентҳо ҳал ва тадқиқи системаро такрор кард;В) ҳалҳо ва ҷавобҳои худро мавриди тафтиш қарор дод. Дар мақола маҷмуи фармонҳои одии барномаи Maple интихоб карда шудааст, ки бо ёрии онҳо система барои ҳамаи ҳолатҳои имконпазири нуқтаҳои беҳаракати ҷудошуда муфассал омӯхта мешавад. Хусусиятҳои номбаршудаи барномаи Maple метавонанд барои фаҳмиши амиқтари равандҳое, ки ин система тавсиф мекунад, мусоидат намоянд.

**Калидвожаҳо**: системаи муодилаҳои дифференсиалӣ, нуқтаи беҳаракат, таснифи нуқтаҳои беҳаракат, портрети фазавӣ, майдони самтҳо, системаи математикаи компютерӣ, Maple, фармони Maple

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРОГРАММЫ MAPLE ДЛЯ ИССЛЕДОВАНИЯ ИЗОЛИРОВАННЫХ ТОЧЕК ПОКОЯ СИСТЕМ ЛИНЕЙНЫХ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ

Общеизвестно, что применение систем компьютерной математики (СКМ) в процессе обучения математическим дисциплинам стало нормой в последнее время. Благодаря таким системам можно значительно повысить эффективность урока. Следует отметить, что в нынешнее время имеются достаточно много СКМ, среди которых наиболее популярной является программа Maple. Программа Maple обладает богатой библиотекой приложений и очень проста для использования. В статье демонстрируются возможности этой программы для решения конкретной образовательной задачи из области дифференциальных уравнений. В курсе дифференциальных уравнений одной из достаточно подробно изученных задач является решение и исследование системы двух линейных дифференциальных уравнений с постоянными коэффициентами.Программа Maple имеет возможность достаточно быстро и легко:

А) рассматривать все возможные случаи, которые возникают при решении и исследовании этой системы;

Б) в случае необходимости, сделать повтор с другими наборами коэффициентов для того или иного случая;

В) проверить свои решения и полученные ответы.

В статье подобрано множество простых команд программы Maple, с помощью которых подробно исследуется система для всех возможных случаев изолированных точек покоя. Пречисленные возможности программы Maple могут благоприятствовать более глубокому пониманию процессов, которые описываются этой системой.

**Ключевые слова:** система дифференциальных уравнений, точка покоя, классификация точек покоя, фазовый портрет, поле направлений, система компьютерной математики, Maple, команда Maple

## USING THE MAPLE PROGRAM FOR INVESTIGATION OF ISOLATED REST POINTS SYSTEM OF LINEAR DIFFERENTIAL EQUATIONS

It is well known that using of computer mathematics systems (CMS) in the process of teaching of mathematical disciplines has become norm for nowadays. Thanks to such systems, you can significantly increase the effectiveness of the lesson. It should be noted that at the present time there are quite a lot of SCM, among which the most popular is the Maple program. Maple has a rich application library and is very easy to use.The article demonstrates the possibilities of this program for solving a specific educational problem from the field of differential equations.In the course of differential equations, one of the problems studied in sufficient detail is the solution and study of a system of two linear differential equations with constant coefficients.The Maple program has the ability to quickly and easily:

A) consider all possible cases that arise in the solution and study of this system;

B) if necessary, repeat with other sets of coefficients for a particular case;

C) check your decisions and the answers received.

The article contain a set of simple commands of the Maple program, with the help of which the system is studied in detail for all possible cases of isolated rest points. The listed features of the Maple program may favor a deeper understanding of the processes that are described by this system.

**Key words:** System of differential equations, rest point, classification of rest of points, phase portrait, direction field, computer mathematics system, Maple, Maple team

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ғуломнабиев Сардор Ғуломайдарович* -** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои физика ва математика, дотсент, кафедраи математикаи олӣ ва физика. **Суроға:** 735700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **sardor1967@list.ru** Телефон: **93 847 90 40**

**Сведения об авторе:** ***Гуломнабиев Сардор Гуломайдарович*** - Политехнический институт Таджикского технического университета имени М. Осими в городе Худжанде, кандидат физико-математических наук, доцент, кафедра высшей математики и физики, **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Исмоила Сомони, 226. E-mail: **sardor1967@list.ru** Телефон: **93 847 90 40**

.

**Information about authors**: ***Gulomnabiev Sardor Gulomnadarovich*** - Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after M. Osimi, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor, Department of Higher Mathematics and Physics**. Address:**735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Ismoili Somoni Avenue, 226 , E-mail: **sardor1967@list.ru** Phone. **93 847 90 40**

ТДУ:370.1(575.3)

# ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

*Пулодов А.С.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ва собитқадамона ба он ғамхорӣ зоҳир менамоянд, ки яке аз муҳимтарин соҳаҳо ва кафили боэътимоди тараққиёти соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат – маориф рушду густариш ёбад. Бо дарназардошти ин нукта, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили маърифатиро кафолат медиҳад ва ба ин хотир дар моддаи 41 омадааст: «Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро кафолат медиҳад» [5,с.3].

Масъалаи маориф, илму дониш ва таълиму тарбия яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонӣ ба шумор меравад, ки ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ ва хосатан, Сарвари давлат меистад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар муносибати ҷиддӣ ва ғамхоронаи худро нисбати соҳаҳои тақдирсози ҷомеа–маориф ва илм таъкид намуданд: «Дар ин ҷода бори дигар хотирнишон месозам, ки дастгирии соҳои маориф ва баланд бардоштани мақоми омӯзгор, дар навбати аввал, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки аҳли маориф дар рушди неруи инсонӣ саҳми бевосита дошта, яке аз қувваҳои пешбаранда ва фаъоли ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад ва, гузашта аз ин, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба сатҳи рушди маориф вобастагии мустақим дорад» [4,с.12].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз рӯзҳои аввали барқарор шудани сохти конститутсионӣ ва ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардиданаш, маорифро соҳаи афзалиятноки сиёсати давлатдорӣ эълон дошта, пайваста ба ин соҳаи муҳимми ҳаёти фарҳангии халқу кишвар, ки ба фаъолияти босамару босифати он ҳувияти миллӣ ва оояндаи давлату миллат робитаи ногусастанӣ дорад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Роҷеъ ба ин Сарвари давлат хеле мушфиқона изҳор доштаанд, ки «маориф омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат аст» [7,с.3-4].

Баъд аз пош хӯрдани ҳокимияти Шуравӣ ҷумҳуриҳои собиқ, аз ҷумла, Тоҷикистон 9 – уми сентябри соли 1991 Истиқлолияти давлатии худро ба даст овард. Ташкил шудани чунин як давлати нави тозаистиқлол норасоиҳои масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро пеш гузошт. Гузариши Тоҷикистон ба муносибатҳои нави иқтисоди бозаргонӣ дарки назариявии натиҷа ва сабақҳои ислоҳоти доир гардида, омӯзиши проблемаҳои бамиёномада ва дарёфти роҳҳоеро тақозо мекунад, ки ба ислоҳоти нисбатан беосеби ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлат мусоидат менамояд.Баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти кишвар, бахусус, соҳаи маориф дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуқуъ пайваст ва тамоми санаду ҳуҷҷатҳои давлатӣ аз нав таҳия гардиданд. Дар ин росто, пеш аз ҳама, мазмуни таҳсилот таҷдиди назар шуда, зарурати таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот ба миён омад.Дар стандартҳои нави таҳсилот сиёсати давлат дар бораи маориф, талаботи педагогии ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нисбат ба маориф шароити табиию иқтисодии кишвар, хусусиятҳои миллии мардуми кишвар мавқеи аввалиндараҷа касб намуд.

Дар ин раванд Истиқлолияти давлатӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи маорифи Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи санаду ҳуҷҷатҳои давлатӣ оид ба мактаб ва пешрафти он имкониятҳои мусоид фароҳам овард. Аз файзи истиқлоли миллист, ки дар муддати начандон тулонӣ таърихи маорифи кишвар ба комёбиҳои назарас ноил гардид. Дар

як муддати кӯтоҳ стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардиданд, ки дар заминаи беҳтарин анъанаҳои миллӣ таълиф шуданд. Аз ҷумла, бо қарори раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-августи соли 1991 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба табъ расид. Дар он ислоҳоти соҳаи маориф ворид шуда, баъзе тағйирот дар низоми таҳсилот пешниҳод карда шуд. Сипас, ин лоиҳа ба муҳокимаи умум вогузор шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Бинобар сабаби дар ҷумҳурӣ идома доштани ҷанги шаҳрвандӣ муҳокима ва баррасии он хеле тул кашид. Лоиҳаи қонун чаҳор маротиба дар рӯзномаҳои «Омӯзгор», «Садои мардум» ва «Народная газета» ба табъ расид. Ба ҳамаи камбудиҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, 27 декабри соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба мавқеи арҷ гузоштани қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи маориф», дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ қабул гардид [8, с. 6-8].

Мувофиқи он Шурои вазирони ҷумҳурӣ вазифадор карда шуд, ки то 1 апрели соли 1994 тамоми чораҳоро оид ба амалӣ гардонидани қонуни мазкур андешида, санаду ҳуҷҷатҳои лозимаро омода созад ва доир ба марҳилаи мавриди иҷро гузоштани муқаррароти Қонуни мазкур то 1 январи соли 1997 тадбирҳо андешад. Бояд хотирнишон кард, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон ин аввалин қонуни миллӣ доир ба маориф буд [8, с. 8].

Ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, ки дар шароити мушкил тасдиқ гардид, барои кормандони соҳаи маориф, аз як тараф, ёрии амалӣ мерасонид, аз тарафи дигар, барои амалисозӣ вобаста ба авзои кишвар проблемаҳоро пеш меовард. Дар ин марҳилаи ҳассос тамоми кормандони соҳаи маориф дар баробари амалисозии Қонун машғул будан, ҳамчунин, раванди низоми таълимро ба қадри имкон пеш мебурданд. Дар кишвар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯззишгоҳҳои касбӣ–техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва мактабҳои олӣ фаъолият намуда, ба қадри имкон кори таълиму тарбия ба роҳ монда шуда буд.

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти кишвар, бахусус, соҳаи маориф дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуқуъ пайваста, тамоми санаду ҳуҷҷатҳои давлатӣ аз нав таҳия гардиданд. Дар ин росто, пеш аз ҳама, мазмуни таҳсилот таҷдиди назар шуда, зарурати таҳияи стандартҳои давлатии таҳсилот ба миён омад.

Дар стандартҳои нави таҳсилот сиёсати давлат дар бораи маориф, талаботи педагогии ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд нисбат ба маориф, шароити табиию иқтисодии кишвар, хусусиятҳои миллии мардуми кишвар мавқеи аввалиндараҷа касб намуданд. Асоси стандарти давлатии кишвари моро хусусиятҳои миллӣ ва таҷрибаи мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон ташкил медиҳад.

Дар таърихи тулонии худ миллати тоҷик хирадмандону олимони зиёдеро дар соҳаҳои сиёсат, илм, фарҳанг, маданият, санъат ва амсол ба инро ба миён овардааст ва мо имрӯз номи ҳар яке аз он бузургонро бо эҳтиром ба забон оварда, аз чунин фарзандони номбардори миллати тоҷик ифтихор дорем. Шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ бо зиндагӣ ва амали неки худ дар сарнавишти халқу кишвар нақши бориз гузошта, гузаштаи пурғановати халқу миллати худро барои ҷаҳониёни пасомад муаррифӣ мекунад. Дар ин ҷода Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун чеҳраи барҷаста ва маъруфу сиёсии арсаи байналмилалӣ дорои нақшу мақоми хос аст. Аз ҷиҳати мустаҳкам шудани Истиқлолият ва пояҳои давлатдории тоҷикон ва рушду нумуъ ёфтани тамоми бахшҳои ҷомеаи кишвар, аз ҷумла, соҳаи маориф саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат соҳаи маориф дар ҳолати рушди рӯзафзун қарор дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин омили такондиҳандаи пешрафти иҷтимоиро тавсиф намуда, иброз доштанд: «…фақат миллате, ки барои рушду

такомули илму маориф ва фарҳанг ғамхорӣ мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст» [6,с.4]. Пешвои муаззами миллат дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои мактабу маориф сухан ронда, таъкид мекунанд, ки «Таълиму тарбия ва ба воя расонидани насли дилсӯзи Ватан, халқу ҷамъият, насле, ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддасоти сохтори маорифи мост» [2,с.2-3]. Маорифро омили асосии таҳкими давлат ва наҷоти миллат тавсиф намудани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баёнгари таваҷҷуҳи хосаи он кас ба ин соҳаи муҳим мебошад, ки аз фаъолияти он ҷою макони давлати тоҷикон ва миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ вобаста аст.

Дар тули 30 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти таълиму тарбия дар баробари ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва тарҳандозии низоми нави иқтисодии кишвар аз рукнҳои бунёдгузории давлатдории миллӣ шинохта шуд. Ҳамбастагии низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ се омилест, ки пояҳои давлатдории навини тоҷиконро устувор гардонид, бо ислоҳоти фарогири соҳаи маориф пайвастагии комил пайдо намуд. Дар консепсияи меъмори ҷомеаи нав, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарҳрезӣ намудаанд, аз оғоз то имрӯз масъалаи маориф ва таҷдиди низоми омӯзишу тарбия, масъалаи тарбияи зеҳнӣ ва ахлоқии шахсият ба ҳайси омили муҳимме, ки заминаҳои пешрафти давлату миллатро фароҳам меоварад, аз аҳаммияти хосае бархурдор буд. Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон худ таъкид сохта буданд: «Бояд дар назар дошт, ки муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф, дар сатҳи сиёсати давлатӣ ба миён гузоштан ба ҳалли проблемаҳои ҷойдошта аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангӣ дорад» [4,с.12-13].

Маориф дар фаҳмиши васеъ ва имрӯза яке аз проблемаҳои муҳимми ҳаётӣ ва глобалии асри XXI мебошад. Дар ин ҷода ҳар яки моро водор месозад, ки ба он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, бо масъулияти баланд муносибат намоем. Чунки инкишофи ҷомеа, тараққиёти устувори иқтисодӣ, таъмини амнияти милливу давлатӣ ва умуман, ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, техника, технология ва илму фарҳанг, пеш аз ҳама, ба рушди босуботи таҳсилоти шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста мебошад. Ҳар як миллат тавассути таълим ва тарбия, фарҳанг ва ёдгории маънавии худро ҳифз менамояд, арзишҳои онҳоро боз ҳам баланд мебардорад ва ба наслҳои оянда боқӣ мегузорад.

Ба таври куллӣ ҳадафи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тарбия ва ба камол расонидани насли худшинос ва худогоҳу ватандор, қодир ба баровардани армонҳои миллии тоҷикон мебошад.Таваҷҷуҳи Ҳукумату давлат нисбат ба соҳаи тақдирсози ҷомеа маорифу таҳсилот, махсусан, дар даврони соҳибистиқлолии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле зиёд гардида, талабот ба сифату самараи таҳсил дар муассисаҳои таълимии кишвар ва сатҳи таълиму тарбияи насли наврас бештар гардид. Ҳамзамон, бо тақозои замон дар ҳамоҳангӣ бо фазои таҳсилотӣ масъалаи таҳия ва такмили мазмуни таҳсилот тахия ва такмили стандартҳои давлатии таълимӣ, инчунин, таҳия ва такмили нақшаю барнома ва китобу маводҳои таълимӣ ба миён омад.

Дар нимаи аввали солҳои 90–95–уми қарни гузашта фаъолияти донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ хеле коста гардида буд. Аз вазъияти ноороми кишвар истифода бурда, миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёд шуда, шумораашон аз 13 адади соли 1991 дар соли 2021 ба 43 адад расонида шуд, яъне қариб 3 баробар зиёд карда шуд. Новобаста аз ин, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ нигаронихои дигар низ мавҷуд буд, ки барои бартараф кардани онҳо зарурияти таҳияи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ба миён омад. Ба ин хотир ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии нав оид ба муассисҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шуд [6,с.13-14].

Хусусан, таҳия ва тасдиқи «Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Тартиби таҳия, тасдиқ ва мавриди истифода қарор додани стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Стандарти давлатии маълумоти олии касбӣ» роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти

олии касбиро водор намуд, ки ҷиҳати ислоҳоти соҳа чораҳои зарурӣ андешанд. Ғайр аз ин санадҳо дар давраи солҳои 1991, 2000 ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии зинаи таҳсилоти олии касбии зиёде, аз ҷумла, Низомномаи Шурои ректорони муассисаҳои олии касбӣ (1995), Низомномаи Шурои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), Низомнома дар бораи имтиҳони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995), Низомнома дар бораи имтиҳони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996) таҳия гардиданд.

Солҳои 2001 – 2021 барои соҳаи маориф ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи таҳаввулот ва дигаргунсозиҳои куллӣ маҳсуб меёбад. Барои амалӣ шудани ин мақсаду ниятҳо Ҳукумати мамлакат як зумра қонуну ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро қабул намуд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, № 1004, силсилаи Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси олии кишвар тайи солҳои 2010-2021, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» аз 19.05.2009, № 531, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» аз 15.07.2004, № 52, «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3.03.2006. №94, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2.08.2011, №762, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 22.12.2002 №620, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02.04.2009 №206, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2021» аз 10.02.2016 №66, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2022» аз 23.02.2018, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2011-2020 аз 30 апрели соли 2011, №227, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020» аз 3 декабри соли 2012, № 687, Қарори Ҳукумати Ҳумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» аз 30 июни соли 2012, №334, Қонуни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи Низомномаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1995 ва ғайраҳо таълиф гардидаанд. Дар қонуну қарорҳо ва ҳуҷҷатҳои мазкур қайд шудааст, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушду тараққиёти соҳаи маориф, пеш аз ҳама, ба беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, тайёрии тахассусии муаллимони оянда, такмили мазмун ва методҳои фаъоли таълим, таълифи китобҳои дарсии хушсифат ва дастуру роҳнамоиҳои таълимию тарбиявӣ, инчунин, дар падару модарон тарбия намудани ҳисси масъулиятшиносӣ нисбат ба фарзанд, пуртаъсиру ба талаботи замон мувофиқ будани чорабиниҳои тарбиявӣ ва ғайраҳо вобаста мебошад.Соҳаи маориф чун омили рушду инкишофи давлату ҷомеа ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан, Асосгузори сулҳу ваҳати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Сарвари давлат соҳаи маорифро ҳамчун соҳаи афзалиятнок эълон намуда, ба вазъи соҳаи маориф ва рушду инкишофи он, сифати тайёр кардани кадрҳои баландихтисос, сатҳу сифати донишандӯзии хонандагону донишҷӯён ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ (русию англисӣ) дар ҳама зинаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Танҳо соли гузашта беш аз 9 маротиба зимни баромадҳояшон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои умдатарини соҳаи маорифро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аз бурду бохти соҳаи маорифи кишвар изҳори ақида намуданд ва оид ба беҳтар шудани сифати таълим, амалӣ

гардидани Консепсияи миллии маълумот, Консепсияи миллии тарбия ва Консепсияи миллии маълумот миёни наврасон ва ҷавонон, робитаи волидайн ба мактаб, ҳарчи бештар омӯхтани забонҳои хориҷӣ (русию англисӣ), аз бар кардани илмҳои муосир, истифодаи техникаю технологияҳои коммуникатсионӣ дар ҷараёни таълим, ташаккули тафаккури техникӣ ва ба низоми таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид шудани муассисаҳои таълимӣ ва дастгирии молиявии соҳаи маориф ва амсоли инҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар баробари ин, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани соли 2010 «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» аз таваҷҷуҳ ва ғамхории Сарвари кишвар ба соҳаи маориф шаҳодат медиҳад. Ба тасвиб расидани Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид ва тасдиқ гардидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба амалӣ гардидани Фармоиши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба эълон шудани соли 2010 – Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» бори дигар аз таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба рушди соҳаи маориф далолат мекунад.

Дар замони Истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қуллаи баланди илм, маориф ва фарҳанг рафта расид. Дар мамлакат мухри бесаводӣ қариб барҳам дода шуд.

Истиқлолияти давлатӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи маорифи Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи санаду ҳуҷҷатҳои давлатӣ оид ба мактаб ва пешрафти имтиҳонот имконият фароҳам овард. Файзи истиқлоли миллӣ буд, ки дар муддати начандон тулонӣ таърихи маорифи кишвар ба комёбиҳои назаррас ноил гардид. Дар як фурсати кӯтоҳ стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия гардиданд, ки дар заминаи беҳтарин анъанаҳои миллӣ таълиф шудаанд.

Ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз, ки дар шароити мушкил тасдиқ гардид, барои кормандони соҳаи маориф аз як тараф ёрии амалӣ мерасонид, аз тарафи дигар тавассути амалисозиаш вобаста ба авзои кишвар проблемаҳоро тадриҷан ба ифоқа меовард. Дар ин марҳилаи ҳассос тамоми кормандони соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ тавассути амалисозии қонун раванди низоми таълимро ба қадри имкон пеш мебурданд.

Ҳалли муваффақонаи мушкилоти соҳаи маориф мутобиқи принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ ва демократикунонии ҷомеа тағйироти назарраси соҳаи маорифро тақозо менамояд. Барои таъмини таҳсилоти хушсифат, баробар дастрас будани он барои ҳамаи шаҳрвандон бояд бозсозии институтсионалии ҳамаи зинаҳои маориф дар асоси ҳамкории мутақобилан судманд бо бозори меҳнат анҷом дода шавад. Вобаста ба ин нақш ва аҳаммияти соҳаи маориф, захираҳои инсонӣ ҳамчун омили сатҳи рушди ҷомеа, иқтидори иқтисодӣ ва амнияти миллии кишвар афзоиш хоҳад ёфт. Таҳаввулот дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ба маориф таъсир расонида, аз он зудамалӣ, додани посухи дахлдор вобаста ба воқеияти давраи нави таърихӣ ва мувофиқат ба эҳтиёҷоти рушди иқтисодиро талаб менамояд.

Таҳлили вазъ дар соҳаи маориф гувоҳӣ медиҳад, ки проблемаҳои (масъалаҳои) асосии бахш аз инҳо иборатанд: номукаммалии низоми идоракунӣ дар соҳаи маориф ва неруи заиф, ки дар маҷмуъ ба нокифоягӣ ва истифодаи ғайри самарабахши захираҳо дар соҳа ва иштироки нокифояи бахши хусусӣ ҷиҳати фароҳам овардани хизматрасониҳои таҳсилотӣ зоҳир мегардад; таназзули сифати таҳсил вобаста ба сатҳи пасти музди меҳнати муаллимони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, нарасидани муаллимон ва тахассуси нокифояи ҳайати омӯзгорон, махсусан, омӯзгорони забонҳои русию англисӣ ва технологияҳои информатсионӣ дар шаҳру ноҳия ва деҳоти мамлакат; усули кухнаи таълим ва маводи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ дар шаҳру ноҳия ва деҳоти мамлакат; фарсудашавӣ ва нокифоягии ҷойгирнамоии инфраструктураи физикии муассисаҳои таълимӣ; нарасидани маводи таълимӣ ва адабиёт оид ба фанҳои алоҳида; мушкилоти дастрасии таҳсил барои кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва аз нигоҳи иҷтимоӣ ниҳоят осебпазири аҳолӣ, пурра фаро нагирифтани духтарон ба таҳсилоти миёнаи умумӣ; интиқоли маҳдуди барқ имкон

намедиҳад, ки машғулият оид ба омӯзиши асосҳои кор бо компютер гузаронида шавад; ҷалби нокифояи аҳли ҷомеа ба идоракунии мактабҳои таҳсилоти умумӣ; баҳисобгирии нокифояи банақшагирии тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ барои ақаллияти миллӣ:

Ҳаллу фасли амиқи мушкилоти зикршуда, албатта, дар доираи як мавзуъ имконнопазир аст. Аз ин рӯ, мо кӯшиш менамоем, ки бештар ба масоили ислоҳоти низоми идоракунӣ ва сохтории маориф диққат дода истода мушкилоти дигари ин бахшро аз диди менеҷменти муосир пайгирӣ намоем.

Дар кишвар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти умумӣ, омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва донишкадаю муассисаҳои олӣ фаъолият намуда, ба қадри имкон кори таълиму тарбияро ба роҳ мемонанд.

Гузаронидани семинар, маҳфилҳо, озмунҳо ва олимпиадаҳо аз фанҳо ва мавзуъҳои мухталиф миёни тарбиятгирандагони ясливу боғчаи бачагона, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишҷӯёни донишкадаҳою донишгоҳҳои олӣ барои дарёфти беҳтарин наврасону ҷавонони болаёқати кишвар, таъмин намудани хонандагони болоёқату аълохони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишкадаю донишгоҳҳои олӣ бо Стипендияи раиси шаҳр, раиси вилоят ва Президентӣ ҷудо карда шудааст. Ҳамчунин, давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсия барои донишҷӯён таълими ройгонро кафолат додааст. Дар баробари ин, гузаронидани озмунҳо миёни мураббиёни боғчаи бачагон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, устодони донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, аз қабили «Мураббии сол», «Муаллими сол», «Мактаби сол», «Мактаби беҳтарин», «Олими сол», «Корманди шоиста», «Аълочии маориф», гирандаи Сипоснома ва Ифтихорнома аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ, раисони шаҳру ноҳияҳо ва ғайра ба ҳукми анъана даромадаанд, ки барои тараққии соҳаи маориф таъсири мусбии худро расонида меистад.

Дар соҳаи пешрафти илму маориф, зимни суханрониаш Сарвари давлат дар Паёми навбатии худашон ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид карданд, ки «илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ ва тамоми имкониятҳоро истифода кард, то ба рушди илмҳои техникиву табиатшиносӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дод. Доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самараноки фаъолияти омӯзгорон ва такмили малакаи педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад» [4,с.13].

Хулоса, маориф асоси рушду тараққиёти ҳар як давлату миллат мебошад. Зеро рушду нумуи ҷомеа, таъмини амнияти ҷомеаву давлат ва ноил шудан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисод, татбиқи дастовардҳои техника ва технологияи муосир бевосита ба рушди соҳаи маориф, ташкили раванди бонизом ва босифати таълиму тарбияи хонандагону донишҷӯён, ба сатҳи саводи миллат вобаста мебошад.

Ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зарур аст, ки барои олимон ва донишҷӯёне, ки дар самти рушди истеҳсолот таҳқиқоти илмӣ мебаранд, шароити мусоиду созгор муҳайё намоянд.Дар баробари пешравиҳои муайян дар соҳаи маориф як қатор проблемаву мушкилоте мавҷуданд, ки сари вақт бартараф сохтан ва ҳаллу фасл намудани онҳо вазифаи роҳбарону масъулони кор мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти марказҳои назорати сифати таълим ба сатҳи донишандӯзии хонандагону донишҷӯён таъсири амиқ расонида натавониста истодааст. Аз ин рӯ, ба роҳбарони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, макотиби олӣ ва сохторҳои дахлдори Вазорати маориф зарур аст, ки дар ҳар шаш моҳ сифати таҳсилотро санҷида, барои беҳтар намудани он чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Яке аз роҳҳои ҷорӣ намудани низоми ҷаҳонии таҳсилот таъсиси Маркази миллии тестӣ буд, ки чунин сохтор бо қарори Ҳукумати мамлакат моҳи майи соли 2011 ташкил карда шуд ва ба фаъолият оғоз намуд.

Акнун зарур аст, ки маркази мазкур бо истифода аз тамоми имконияти худ ба беҳтар шудани сифати таълим ва баланд бардоштани сатҳи он мусоидат намояд.

Дигар масъалаи муҳимми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳамгироии илм бо истеҳсолот мебошад, ки ба он то ҳанӯз аз тарафи роҳбарону масъулони соҳа таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда намешавад. Бо вуҷуди назаррас будани дастовардҳои илмии олимони донишкадаву донишгоҳҳои олии мамлакат татбиқи онҳо дар истеҳсолот қонеъкунанда нест ва ҳамкории сохторҳои илмию озмоишии муассисаҳои олӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва ташкилоту муассисаҳои кишвар дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст. Ташвишовар аст, ки дар фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти ба тасвиб расидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи манъ намудани хонандагону донишҷуён бо мошинҳои шахсӣ, телефонҳои мобилӣ ва либосҳои ғайрирасмӣ» ҳанӯз ҳам ҷой доштани қонуншиканиҳо ва ҳодисаҳои бо мошинҳои шахсӣ, телефонҳои мобилӣ ва бо либоси ғайримактабӣ (ғайрирасмӣ) ба муассисаҳои таълимӣ омадани хонандагону донишҷӯён мебошад, ки ба ҷараёни дарсҳо, сифати таълим ва донишандӯзии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

**Муқарриз: Мирзоев А.Р. – д.п.н., профессор ДБССТ**

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22.07.2013, №1004.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» аз 30 июни соли 2012, №334.
3. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин / М. Лутфуллоев. -Душанбе, 2006.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар. Душанбе– 22.12.2019, 26.12.2020, 21.12.2021
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар ш. –Душанбе, 26. 12. 2018.
6. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати милӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар соли ш. –Душанбе, 26. 12. 2018.
7. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 06.11.1994.
8. Смирнов А.А. Возрастная и психологическая педагогика/ Избранные психологические труды / А.А. Смирнов. – Москва: Педагогика, 1987. - С. 240.
9. Стандарти таҳсилоти ибтидоии забони модарӣ барои синфҳои 1 – 4, -Душанбе, 2012.
10. Фархуддинов И. Рушди системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ / И. Фархуддинов, Б.Шарипов. - Душанбе, 2019.
11. Афзалов Х. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик / Х.Афзалов, Б. Раҳимов. –Душанбе,1994.
12. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ / Ф.Шарифзода, А.Мирализода. - Душанбе: Ирфон, 2011.
13. Шарифзода Файзулло. Таҳқиқи асрори таҳсилот ва таълим. – Душанбе: Ирфон, 2020.
14. Шарифзода Файзулло. Педагогикаи ҳамгиро. –Душанбе: Ирфон, 2011.
15. Ёрматов А. Ҷ. Асосҳои педагогикаи ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо оила дар ташаккули тарбияи ахлоқи ва худшиносии млӣ / А. Ҷ.Ёрматов. - Душанбе: Матбаа, 2022.


## ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ


Муаллиф дар мақолаи худ оид ба масъалаи маориф, илму дониш ва таълиму тарбия, ки яке аз рукнҳои муҳимми давлатдорӣ ва манбаи асосии ташаккули захираҳои инсонӣ ба шумор меравад, маълумот додааст. Масъалаи мазур ҳамеша дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ ва хосатан, Сарвари давлат меистад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятнок ва муҳимми ҷомеа ҳисобида, барои рушду нумуи он пайваста кӯшишу ғамхориҳои зиёд зоҳир менамоянд. Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар соҳаҳои муҳимми ҷомеа соҳаи маориф низ рушд намуда, дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта ба истифода дода шуд. Аз ҷумла, 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби Президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ки дар онҳо 150 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст. Барои таъмини таҳсилоти хушсифат, баробар дастрас будани он барои ҳамаи шаҳрвандон бозсозии институтсионалии ҳамаи зинаҳои маориф дар асоси ҳамкории мутақобилан судманд бо

бозори меҳнат анҷом дода шуд. Вобаста ба ин, нақш ва аҳаммияти соҳаи маориф, захираҳои инсонӣ ҳамчун омили сатҳи рушди ҷомеа, иқтидори иқтисодӣ ва амнияти миллии кишвар афзоиш ёфт.

**Калидвожаҳо:** муаллим, хонандагон, истиқлолия, таълим, тарбия, дониш, маҳорат, малака, маориф, масъулият.

## ДОСТИЖЕНИЯ СФЕРЫ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Автор в своей статье, посвященной проблеме образования, науки, знаний и образования, отмечает, что образование является одной из важных сферы государственности и основным источником формирования человеческих ресурсов, который всегда находится в центре внимания Правительства Республики и особенно главы государства.Основатель мира и национального единства, Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон считает сферу образования одной из приоритетных и важных сфер жизни общества, постоянно проявляет большие усилия и заботится о его развитии.За годы независимости Республики Таджикистан, наряду с другими важными отраслями общества, развивалась и сфера образования, и за 30 лет государственной независимости было построено и введено в эксплуатацию 3 240 новых учебных заведений, в которых обучается 1 400 000 учащихся. В их числе построено 173 общеобразовательных учреждения нового типа - лицей, гимназия, Президентская школа, международная школа и образовательные учреждения для одаренных учащихся, а также 196 частных дошкольных и общеобразовательных учреждений, в которых обучается 150 тысяч учащихся. Сейчас общее количество учащихся в общеобразовательных учреждениях страны достигло 2 миллионов 200 тысяч человек.Для обеспечения качественного образования, его равного доступа для всех граждан проводилась институциональная перестройка всех уровней образования на основе взаимовыгодного сотрудничества с рынком труда. Благодаря этому возросла роль и значение образования, человеческих ресурсов как фактора уровня развития общества, экономического потенциала и национальной безопасности страны.

**Ключевые слова:** учитель, учащиеся, самостоятельность, образование, воспитание, знания, умения, навыки, образование, ответственность.

## ACHIEVEMENTS IN THE SPHERE OF EDUCATION IN TAJIKISTAN IN THE PERIOD OF INDEPENDENCE

The author in his article devoted to the problem of education, science, knowledge and education is one of the important spheres of statehood and the main source of the formation of human resources, which is always in the center of attention of the Government of the Republic and especially the head of state.The founder of peace and national unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, considers the education sector one of the priority and important areas of society, constantly makes great efforts and takes care of its development.During the years of independence of the Republic of Tajikistan, along with other important sectors of society, the education sector has also developed, and over the 30 years of state independence, 3,240 new educational institutions have been built and put into operation, in which 1,400,000 students study. Among them, 173 general educational institutions of a new type were built - a lyceum, a gymnasium, a Presidential School, an international school and educational institutions for gifted students, as well as 196 private preschool and general educational institutions with 150,000 students. Now the total number of students in general educational institutions of the country has reached 2 million 200 thousand people.To ensure quality education, its equal access for all citizens, an institutional restructuring of all levels of education was carried out on the basis of mutually beneficial cooperation with the labor market. Thanks to this, the role and importance of education, human resources as a factor in the level of development of society, economic potential and national security of the country has increased.Indeed, the sphere of science and education requires high responsibility and serious attitude, and when significant results are achieved, it leads to the development of the intellectual power of each nation.

**Key words:** teacher, students, independence, education, upbringing, knowledge, skills, skills, education, responsibility.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пулодов Амирҳамза Сайфуллоевич* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими он, ассистент. , **Суроға:** 735360, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи С.Сафаров, 16.

**Сведения об авторе:** ***Пулодов Амирхамза Сайфуллоевич*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кафедра гуманитарных наук и методики их преподавания, ассистент. . **Адрес:** 735360, г.Куляб, Республика Таджикистан, улица С.Сафарова, 16.

**Information about authors**: ***Pulodov Amirkhamza Saifulloevich* -** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Department of Humanities and Teaching Methods, Assistant. **Address:** 735360, Kulyab,Republic of Tajikistan, S. Safarov street, 16.

ТДУ:37.04

# МАКСИМАЛИЗМ ВА РАДИКАЛИЗМИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ОМИЛИ ЗУҲУРИ ГУРӮҲҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ

*Ашуров Р. Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Наврасони дорои рафтори девиантӣ, аз ҷумла онҳое, ки ба майзадагӣ, нашъамандӣ, майхорагӣ, ҷинояткорӣ майл доранд, аз рӯйи сатҳи инкишофи шахсият аз наврасони «бомеъёр» сифатан фарқ мекунанд, наврасони девиантӣ «тамоюли ретроспективии муваққатӣ» доранд, яъне ба гузашта дода шудаанд. Дар баробари ин гузашта, имрӯз ва ояндаи онҳо бо ҳам суст алоқаманд аст. Муоширати табиии гурӯҳӣ хоҳиши фирор аз масъулияти шахсӣ, ба дигарон гузоштани масъулият барои рӯйдодҳои ҳаёти худро ба вуҷуд меорад [11, с.201].

Психологияи муошират дар айёми наврасӣ ва ҷавонӣ дар заминаи ба ҳам пайвастани ду ниёзи бо ҳам мухолиф: мустақилият ва аффилиатсия (яъне ниёз ба мансубият, шомил шудан ба гурӯҳ ва ҷомеа) ташаккул меёбад.

Эҳтиёҷоти шадид ба муошират ва мансубият ба гурӯҳ барои бисёре аз бачаҳо ба эҳсоси мағлубнашаванда табдил меёбад: онҳо на танҳо як рӯз, балки ҳатто як соат берун аз гурӯҳи худашон, ва агар гурӯҳи худашон набошад, берун аз дилхоҳ гурӯҳи дигар буда наметавонанд. Ин талабот махсусан дар писарон хеле зиёд аст.

Дар сурати бо ҳам мувофиқ будани рафторҳои иҷтимоӣ, ангезаҳои амиқи ниёзи ҷавонон ба мансубият инфиродӣ ва гуногун мешаванд. Касе ба таҳкими эҳтироми худ, эътирофи арзиши инсонии худ дар ҷомеаи ҳамсолонаш талош мекунад. Барои каси дигар, эҳсоси мансубияти эмотсионалӣ, пайвастан бо гурӯҳ муҳим аст. Сеюмӣ барои касби малакаҳои иттилоотӣ ва иртиботии гумшуда талош мекунад. Чорумӣ эҳтиёҷоти ҳукмронӣ кардан, ба дигарон фармон доданро қонеъ мекунад. Дар аксар маврид ин ангезаҳо бо ҳам печидаанд ва дарки ҷудогонаи онҳо душвор аст.

Гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои ҷавононро на аз рӯйи як, балки аз рӯйи якчанд параметрҳои худмухтор муқоиса ва баҳо додан мумкин аст.

Аз рӯйи мақоми ҳуқуқӣ ва мавқеи худ дар низоми иҷтимоӣ гурӯҳҳои ҷавонон ба инҳо тақсим мешаванд:

- расмӣ, яъне аз ҷониби ҷомеа эътирофшуда, бо баъзе ташкилотҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ алоқаманд ва ғайрирасмӣ;

- муташаккил, аз тарафи калонсолон офарида ва роҳбаришаванда, худфаъолият;

-институтсионалӣ (дорои сохтори муайяни ташкилӣ ва узвият) ва стихиявӣ.

Аз рӯйи вазъи иҷтимоию равонӣ онҳо ба гурӯҳҳои мансубият, ки фард воқеан ба онҳо тааллуқ дорад (мактаб бошад, маҳфили дӯстон) ва гурӯҳҳои истинодӣ, ки шахс ба онҳо тааллуқ надорад, вале ба онҳо самтгирӣ намуда, рафтори худ ва худбаҳодиҳиашро ба фикррони онҳо мувофиқ мегардонад, ҷудо мешаванд.

Ба ҳайати гурӯҳҳои наврасону ҷавонон чунин аломатҳо ва хусусиятҳо хос мебошанд: синну сол (баръакси синфҳои мактабӣ, ки хонандагони ҳамсолро муттаҳид мекунанд, аксари гурӯҳҳои ба таври табиӣ пайдошаванда наврасони синну соли гуногунро дар бар мегиранд), гендерӣ (гурӯҳҳои наврасони хурдсол аксаран ҳамҷинс мебошанд, дар наврасӣ тадриҷан омехта мешаванд) ва ҳайати иҷтимоӣ (танҳо мактаббачагон ё дигарон).

Мувофиқи дараҷаи устуворӣ, давомнокии мавҷудияти худ, гурӯҳҳои наврасону ҷавонон метавонанд доимӣ, муваққатӣ, нопойдор, якдафъаина, тасодуфӣ бошанд - бачаҳоро ягон ҳодиса, манфиатҳои умумӣ ва шабоҳату ягонагии фикру андеша дар бораи зиндагӣ ба ҳам мепайвандад.

Аз рӯйи намуди роҳбарӣ онҳо ба демократӣ ё авторитарӣ тақсим мешаванд.

Аз рӯйи тамоюли ақидавӣ онҳо метавонанд просотсиалӣ (аз ҷиҳати иҷтимоӣ мусбат), ғайриҷамъиятӣ (дар канори масоили асосии иҷтимоӣ истода) ва зиддиҷамъиятӣ бошанд.

Инчунин, ба гурӯҳҳои ҷавонону наврасон максимализм (талаб кардани дигаргуниҳои куллӣ, азнавсозии куллии ҷаҳони атроф) ва майли ба корнамоии каҳрамонона хос аст. «Максимализм хусусияти ҷудонашавандаи қаҳрамонист» [1, с.40]. Ин хусусияти равонии давраи наврасию ҷавониро сарварони гурӯҳҳои экстремистию террористӣ дар ҳалли масъалаҳои ақидавӣ истифода мебаранд. Дараҷаи шадиди идеологизатсияи ифротгароӣ як навъи махсуси равонии ифротгароёнро ба вуҷуд меорад, ки аксар вақт ба худписандӣ, аз даст додани назорат аз болои рафтори худ майл доранд [4, с.174].

Сахтии ба назар намоёни зинанизом (иерархия), мушаххас будани вазифаҳои нақшавӣ, нуфузи роҳбарон дар ин ё он марҳалаи фаъолияти гурӯҳи экстремистӣ тасаввуроти барғалат дар бораи расмӣ будани он гурӯҳро ба вуҷуд меорад. Аммо шароити тағйирёбандаи мавҷудият тамоми системаи дастурҳои рафторро дар бар мегирад ва онҳоро новобаста аз он ки наврасон барои риоя ва иҷрои онҳо аҳд бастаанд, тағйир медиҳад. Ҳамин тариқ, сухан дар бораи иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ меравад, ки сохтори сатҳи олии мутобиқшавӣ доранд ва ба ҳама гуна тағйирот дар талаботҳои муҳити иҷтимоӣ бо таҷдиди дохилии қувваҳо зуд ҷавоб медиҳанд.

Максимализм ва радикализми ҷавонон яке аз омилҳои ҳалкунандаи зуҳури ҳаракатҳои экстремистӣ буда, зимнан максимализм на воситаи идеологӣ, балки як воситаи сирф равонӣ, воситаи амалисозии экстремизм мебошад. «Ин ба ягон ҳизб тааллуқ надорад, не — ин худи руҳи қаҳрамонӣ аст, зеро қаҳрамон ба майда-чӯйдаҳо тамоман тоқат намекунад». Хусусиятҳои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури абстрактии экстремистӣ ба ҳамин вобаста аст: «Ҳарчанд ӯ имкони дар ҳоли ҳозир амалӣ намудани ин ифротро набинад ва ҳеҷ гоҳ натавонад дид, дар андешаҳояш танҳо бо онҳо банд аст. Вай дар тахайюли худ ҷаҳиши таърихӣ мекунад ва бо шавқу ҳаваси кам ба пайраҳаи тайкардааш нигоҳашро ба нуқтаи дурахшони канори уфуқи таърихӣ медӯзад. Чунин ифротгароӣ аломатҳои васвасаи идеологӣ, худгипнозӣ дорад, фикрро банд намуда, фанатизмро коркард менамояд [5, с.45].

Муҳити равонӣ, ки ифротгароии ҷавононро бо ҷаҳонбинии ҳоло шакл нагирифта муттаҳид месозад, фазоеро эҷод мекунад. Ҷавонон бештар ба ёрии иҷтимоию педагогӣ эҳтиёҷ доранд, на ба муаллим, мураббие, ки дар нақши идеолог баромад менамояд. Наврас ба шахсе ниёз дорад, ки барои таҳрик додани "роҳнамо"-и зиндагии худ ба амри ахлоқии худ кумак кунад.

Мутаассифона, маориф дар баробари тиб, фарҳанг, илм ва дигар соҳаҳои буҷетӣ кайҳо гаравгони бӯҳрони иқтисодӣ шудааст. Дар байни муҳимтарин камбудиҳои системаи муосири маориф, ки боиси паст будани таъсири он мегардад, инҳоро бояд қайд кард: чандирии нокифоя ва набудани мустақилият ва аз ин рӯ, маҳдуд будани фаъолияти муассисаҳои он; бартарӣ доштани фаъолияти таълимӣ бо иштироки кам дар меҳнати истеҳсолӣ; суст инкишоф ёфтани худидоракунӣ дар коллективҳои тарбиявӣ; ки фаъолияти пасти гурӯҳҳои ҷавонон, ки аксаран дар раванди тайёр кардан ва қабули қарорҳо оид ба масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти муассисаи таълимӣ иштирок намекунанд; иваз кардани принсипи фаъолият бо таълими шифоҳӣ, канорагирӣ аз мушкилоти воқеӣ дар назария; майл надоштан ба дигаргуниҳои шуур ва рафтори ҷавонон. Тафовути муайяни байни таҳсилоти мактабӣ ва тамоюлҳои рушди иҷтимоӣ дар ниҳояти кор ба он оварда мерасонад, ки ҷавонон ба тамоюлҳои маъмул ва мӯди ҷавонон дар амал татбиқ кардани андешаҳои ифротиро надорад, вале фикраш танҳо бо онҳо банд аст. Ӯ хаёлан ҷаҳиши таърихӣ мекунад ва ба роҳи тайкардааш таваҷҷуҳ накарда, ба нуқтаи равшане назар мекунад, ки дар канораи уфуқи таърихӣ медурахшад» [6, с.67].

Суръати баланди дигаргуниҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба мавқеъ ва инкишофи ҷавонони мо таъсир мерасонад. Имрӯз аён аст, ки дар муҳити ҷавонон равандҳои тафриқаандозӣ бартарӣ доранд ва омилҳои тафриқакунанда нисбат ба

ҳамгирои̣ бештар ба назар мерасанд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки дар шароити дигаргунсозии куллии ҷомеаи мо дар табақабандии иҷтимоии он дигаргуниҳои амиқ ба амал меоянд, ки яке аз хусусиятҳои он табақабандии моликият мебошад.

Ба ғайр аз табақабандӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, тамоюли вусъати ҷараёни ғайрииҷтимоӣ ва маргинализатсияи ҷавонон мушоҳида мешавад. Бо сабабҳои гуногун шумораи ҷавононе, ки тарзи ҳаёти ғайриодӣ ва бадахлоқона доранд, меафзоянд. Ба инҳо дохил мешаванд: майзадагон, оворагон, «гадоёни касбӣ», шахсоне, ки дар муассисаҳои меҳнатӣ-ислоҳӣ ба адои ҷазо машғуланд ва барои шаҳрванди шоиста ва хуби ҷамъият шудан кӯшиш мекунанд, вале бинобар шароити иҷтимоӣ ба ин сазовор шуда наметавонанд. Дар натиҷаи ин ҳама люмпенизатсия ва ҷинояткор шудани як қисми ҷавонон ба амал меояд.

Бозори ватании меҳнат, ки ба равандҳои навсозӣ ҷавоб медиҳад, бо азнавтақсимкунии ҷараёни меҳнат аз давлат ба бахши ғайридавлатии иқтисодиёт тавсиф мешавад. Ҳамин тариқ, бо гузаштан ба соҳае, ки қувваи кории беихтисосро талабгор аст (савдо, унсурҳои хизматрасонии маишӣ), ҷавонон некуаҳволии оянда худро зери хатар мегузоранд, ҷамъшавии моликияти зеҳнӣ ва худмуайянкунии касбиро таъмин намекунанд. Илова бар ин, ин соҳаи шуғл бо дараҷаи хеле баланди ҷинояткорӣ тавсиф карда мешавад.

Тадқиқоти сосиологӣ солҳои охир собит мекунанд, ки дар ҳавасмандгардонии меҳнати ҷавонон на ба меҳнати пурмазмун, балки ба меҳнате, ки барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ нигаронида шудааст, афзалият дода мешавад. "Музди баланд" ҳангоми интихоби ҷойи кор ҳалкунанда мегардад.

Аз тарафи дигар, ҷавонон бояд таъсири ҷинояти ҳамсолони худро эҳсос кунанд: 78% ҷавонони пурсидашуда дар ду соли охир ба навъҳои гуногуни ҳуқуқвайронкуниҳо дар байни ҷавонону наврасон дучор шудаанд. Дар байни ҳуқуқвайронкуниҳо ҷиноятҳои тамаъҷӯёна зиёданд - дуздӣ, ситонидани пул, қаллобӣ. Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки дар давраи ҳозира ҳаҷми ҷиноятҳои мазкур босуръат меафзояд.

Мушкилоти рафтори хашмгинона ва ифротгароёнаи ҷавонон рӯз то рӯз аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Дар инфрасохтори пешрафтаи шаҳрӣ, ки дар он ҷо тафриқаи иҷтимоӣ ва мушкилоти шаҳрӣ хеле шадидтар эҳсос мешаванд, ҷавонон бештар ошкоро ва бетаваҷҷуҳона муносибат мекунанд. Аҷиб аст, ки рафтори ифротгароёнаи ҷавонон дар пасманзари бефарҳангӣ ва фароғати ибтидоӣ ташаккул меёбад. Бештари вақт, кӯдакони оилаҳои камбизоат, ки сатҳи фарҳангӣ ва зеҳнии паст доранд, ба он меафтанд [6,с.230].

Сабабҳои асосии зуҳуроти ифротгароӣ дар байни ҷавононро олимон дар нобаробарии ошкори иҷтимоӣ, муносибатҳои истеъмолӣ, ки тавассути ВАО бо имкониятҳои нобаробар барои қонеъ гардонидани онҳо ташаккул ёфтаанд, зиддиятҳои байни афзоиши неру, рушди босуръати қувваҳои ҷисмонӣ, зеҳнӣ, эҳсосотӣ, хоҳиши худро дар олами калонсол дидан ва камолоти нокифояи иҷтимоӣ, таҷрибаи нокифояи касбӣ ва ҳаётӣ ва дар баробари ин мақоми нисбатан пасти иҷтимоӣ (номуайян, маргиналӣ) мебинанд.

Ҷавонони муосир аксар вақт дар ташкилотҳои субфарҳангӣ, ҷамоатҳо муттаҳид мешаванд. Ҷомеаҳое, ки аз рӯйи меъёрҳо, арзишҳо, намунаҳои рафтор бартарӣ доранд, зерфарҳангҳои арзишӣ-меъёриро ташкил медиҳанд. Зерфарҳанг дар натиҷаи ҳамгироии одамоне ташаккул меёбад, ки фаъолият ва тарзи ҳаёти онҳо ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ-иҷтимоии ҳукмрон дар ҷомеа мухолиф аст (мувофиқат намекунад) ва бинобар ин аз ҷониби онҳо рад карда мешавад.

Ҷамъиятҳои зерфарҳангӣ ҳар қадар муттаҳидтар мешаванд ва аз фарҳанги ҳукмрон фарқ мекунанд, ҳамон қадар шадидтар ва сахттар рад карда мешаванд. Наврасон ва ҷавонон нисбат ба калонсолон бештар ба гурӯҳҳои зерфарҳангӣ дохил мешаванд. Ин нукта бо хоҳиши табиии муттаҳидшавӣ дар шароити бетаваҷҷуҳии калонсолон, иртиботи ногусастанӣ ва меҳру муҳаббати дӯстонаи ҳамсолон,

якдигарфаҳмии ҳамсолон ва наврасону ҷавононро нафаҳмидану нашунидани калонсолон шарҳу асоснок мегардад. Бисёре аз гурӯҳҳои ҷавонон аз нигоҳи иҷтимоӣ бетарафанд ё аз ҷониби ҷомеа ҳамин тавр қабул карда мешаванд. Дигарон хосияти намоёни зиддиҷамъиятӣ доранд.

Хусусияти хосси иттиҳодияҳои ифротгароӣ байни ҷавонон талқинпарастӣ ва рафоатпарастӣ мебошад. Аъзоёни «рама», чун қоида, аз оилаҳои низоъдор (ҷанҷолӣ) ва аз ин рӯ дорои сатҳи содаи тафаккур пайдо мешаванд. Дар гурӯҳ наврас аз мактаби коллективизми бардурӯғ, таваккалпараст, бадкирдор ва бераҳмӣ мегузарад. Дар ин ҷо ӯро аз ҷиҳати моддӣ дастгирӣ мекунанд, ӯро бовар мекунонанд, ки «аз уҳдаи ҳар кор мебарояд». Чунин «рама»-ро ба таври асоснок дастаҳои ҷавонон меноманд. Наврас дар ин ҷаҳони бераҳм нисбат ба кӯдакӣ хеле камтар ҳифз шудааст. Аз ин рӯ, аксар вақт услуби муносибатҳоро дар гурӯҳ қабул карда, маҷбур мешавад, ки дар он бошад. Дар акси ҳол, ӯ бегона аст, зеро барои наврас муҳимтар аз ҳама муоширaт, эҳсоси «мо» ва огоҳии «ман»-и худ дар ин «мо» аст.

Дар гурӯҳҳои наврасон чунин хислатҳои шахсӣ, ба монанди ҳассосият, бодиққатӣ, масъулятшиносӣ ва меҳрубонӣ аксар вақт масхара карда мешаванд, зеро сифатҳои умумибашарии инсонӣ инкор карда мешаванд. Аз ин ҷост ин ҳама бераҳмӣ, таҳқир, дашномҳои зишт нисбат ба «писарону духтарони покиза», ки дар хона нишаста, китоб мутолиа намуда, хуб мехонанд. Ҳамин тавр, бечунучаро итоат кардан ба «роҳбарон» ва «пешвоён»-и гурӯҳҳои кӯчагӣ тасдиқ мешавад, хоҳиши «пешво» ба онҳо бор карда мешавад. Набудани робитаҳои гарму эҳсосӣ бо волидон дар оила метавонад боиси ихтилоли зарурӣ дар руҳияи кӯдак ва баъдан рафтори хашмгинона гардад.Афзоиши шумораи гурӯҳҳои ифротгаро, ки такягоҳи онҳоро насли наврас ташкил медиҳад, як қатор мушкилоти иҷтимоӣ ба миён овардааст:

- вайрон шудани системаи интегралии кори таълиму тарбия дар мактабҳо ва муассисаҳои таълимӣ;
- вазъияти буҳронӣ бо арзишҳои идеологӣ ва маънавӣ;
- гум кардани самтҳои ҳаёт;
- тиҷоратикунонии марказҳои фароғатӣ;
- дастнорас будани объектҳои иҷтимоию маданӣ;
- табақабандии ҷавонон аз рӯйи нишондодҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бекорӣ;
- хоҳиши зуд расидан ба некуаҳволии моддӣ;
- заминаи сусти моддию техникии таъминоти иттилоотии ҷавонон;
- паст шудани сатҳи зиндагӣ;
- таҳдид ба амнияти иҷтимоӣ;
- афзоиши нашъамандӣ ва машруботпарастӣ;
- таъсири манфии воситаҳои ахбори омма ба ҷаҳонбинии насли наврас.

Умуман, ба ташаккули шахсияти ҷавон ин омилҳо таъсири ҳалкунанда мерасонанд:

- таъсири мақсадноки ҷомеа ба шахсият, яъне тарбия ба маънои васеи сухан;
- муҳити иҷтимоӣ, ки инсон пайваста дар он ҷойгир, тарбия ва ташаккул меёбад;
- фаъолияти худи шахсият, мустақилияти он дар интихоб ва дарку азхудкунии дониш;
- иштироки фаъолона дар чорабиниҳои амалии дигаргунсозӣ.

Байни донишҷӯёни як қатор донишгоҳҳо мониторинги тадқиқоти муқоисавӣ гузаронида шуд. Ба донишҷӯён савол дода шуд: «Дар байни ҷавонон кадом омил сабаби авҷ гирифтани рафтори ифротгароӣ ва ғайриқонунӣ гардидааст?».

Ба гуфтаи донишҷӯёни пурсишшуда, сабаби афзоиши рафтори ифротгароӣ ва ғайриқонунӣ дар байни ҷавонон ин «таълими паст, бефарҳангӣ, дастури нодурусти зиндагӣ, хоҳиши зуд пул кор кардан, камтаваҷҷуҳӣ ба ҷавонон аз ҷониби давлат, ғаризаи «тӯда», тақлид ба дӯстон, тамоюл ба шароит ва ҳолатҳои муташанниҷ» мебошанд.

Беназоратии шуури ҷавонон боиси бераҳмӣ ва хашмгинии шахсияти ҷавони муосир мегардад. Дар ҷомеаи мо низ, мутаассифона, падидаҳои номатлуби иҷтимоӣ, аз қабили гадоӣ, оворагардӣ, беэътиноииноболиғон, аз ҷониби падару модарон истифода бурдани кӯдакон бо ҳадафҳои мавҷудияти паразитӣ паҳн шудааст [15, с.26].

Сабабҳои иҷтимоию иқтисодии рафтори девиантии наврасон аз инҳо иборатанд: дар муҳлати тулонӣ вайрон кардани тарзи кор, шаклдигаркунии ҳаёти одамон, бӯҳрони иқтисодӣ, бекорӣ, равандҳои пуршиддати муҳоҷират дар робита бо низоъҳои ҳарбӣ.

Сабабҳои равонӣ бо афзоиши шумораи кӯдакони дорои аномалияҳои барҷастаи психофизикӣ, хусусиятҳои рафтори зиддииҷтимоӣ алоқаманданд. Баъзе олимон онҳоро бо майли генетикӣ алоқаманд мекунанд. Дар байни насли наврас чунин кӯдакон як гурӯҳи 3-5% -ро ташкил медиҳанд [12,с.123].

Натиҷаҳои таҳқиқоти зиёд нишон медиҳанд, ки худи ҷавонон аксаран худро барои ҷомеа ва давлат нодаркор эҳсос мекунанд, аз ҷониби ниҳодҳои ҳокимият нисбаташон беэътиноӣ зоҳир мегардад, ки ин боиси авҷи хашмгинии онҳо мегардад. Дар натиҷа ҷавон ва баъзан рафтори зиддиҷамъиятии бадахлоконаро афзалтар медонад. Корҳои фарҳангию истироҳатӣ бо ҷавонон аксар вақт ба таври стихиявӣ ва бератибона анҷом дода мешаванд. Аксар вақт ин ба ҷойи кори ҳаррӯзаи инфиродӣ бо кӯдакон ва ҷавонон дар ҷойи истиқомат, таҳсил ё кор, ба ташкили чорабиниҳои гаронбаҳои оммавии фарҳангию фароғатӣ, шоу-барномаҳо, гала-консертҳо, баррасиҳои расмӣ ё фестивалҳо, дигар чорабиниҳо, ки мақсади дастгирии оммавии ҷавононро надоранд, оварда мерасонад.

Имрӯз дар ҷомеаи мо як қатор лоиҳаҳо амал мекунанд, ки вазифаҳои онҳо бартараф кардани нобаробарии қавмӣ ва пешгирии зуҳуроти ифротгароӣ дар байни насли наврас мебошанд.

Дар давраи хатари терроризми байналмилалӣ дар асоси вазифаҳои дар нишасти G8 дар соли 2003 ба миён гузошта шуда, СММ (ЮНЕСКО), Фонди умумиҷаҳонии хайрияи «Кӯдакон ва ҷавонон – зидди терроризм ва ифротгароӣ» бо мақсади муттаҳид сохтани ҷавонони кишварҳо дар саросари ҷаҳон бо ташаббуси таъсиси Ҳаракати умумиҷаҳонии ҷавонон бар зидди терроризм ва ифротгароӣ баромад намуд, ки аз ҷониби бисёр созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо мусоидати СММ, ЮНЕСКО, дастгирӣ ёфт. Ҳаракати мазкур ҳадафҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, илмию сиёсиро ба манфиати мубориза бо таассуби миллӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ, тарбия намудани насли наврас дар руҳияи таҳаммулпазирӣ, табдил додани рафтори ифротӣ ба ташаббусҳои созанда амалӣ менамояд.

Имрӯз бисёр иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон вуҷуд доранд, ки ба ҳамсолон таъсири мусбат мерасонанд, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳоро ҳимоя мекунанд: Ташаббусҳои ҷамъиятии кӯдакон ва ҷавонон, Иттифоқи ҷавонон, Пайравони Пешвои миллат ва ғайра, форумҳои ҷавонон. Бозиҳои варзишӣ низ баргузор мегарданд, ҳаракатҳои маънавию ватандӯстӣ инкишоф меёбанд, ки онҳоро дастгирӣ ва инкишоф додан лозим аст.

Мо итминони комил дорем, ки самаранокии барномаҳои рушди иҷтимоию фарҳангӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон ба ҳамкории муваффақонаи мақомоти давлатӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ вобаста аст, аз ин рӯ, дар соҳаи таъмини кадрҳои кор бо ҷавонон омода намудани роҳбарону мутахассисони ҷавони боистеъдод ба мақсад мувофиқ аст.Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ, шароит ва кафолатҳо барои ташаккули шахсияти ҷавонон, амалӣ гардонидани неруи эҷодии он ба манфиати инкишофи шахсият ва умуман ҷамъият, бозсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон ҳамчун ҷомеаи озод мебошад, ки бо алоқаҳои таърихии мавҷудияти якҷояи миллӣ-давлатӣ алоқаманд аст.

Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ аз инҳо иборатанд:

– таҳия ва қабули қонунҳо, барномаҳои давлатӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавие, ки ба фароҳам овардани шароити зарурии инкишофи озодонаи ҷавонон мусоидат мекунанд;

- маблағгузории барномаҳои давлатӣ ва дигар чорабиниҳое, ки ба фароҳам овардани ин шароит нигаронида шудаанд;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли мушкилоти ҷавонон;

- ҳавасмандгардонӣ, аз ҷумла, маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки ба таъмини шуғли ҷавонон, баробар кардани имкониятҳои ибтидоии категорияҳои гуногуни ҷавонон (деҳот, коргар ва ғайра) дар соҳаи меҳнат, маориф, фарҳанг, таъминоти иҷтимоӣ нигаронида шудаанд.

Ояндаи кишвар бештар аз қобилиятҳои навоваронаи ҷавонон вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон на танҳо тавассути тадбирҳои танзими ҳуқуқӣ, балки тавассути рушди истеъдод ва ташаббусҳои иҷтимоӣ ба манфиати давлат бояд амалӣ карда шавад.

**Муқарриз: Маҳмадизода Н.Д. – д.и.ф., профессори ДМТ**

## АДАБИЁТ


1. Булгаков С. Н. Героизм и подвижничество // Вехи. - М., 1909. - С. 40.
2. Бердяев Н.А. Философия свободы. Смысл творчества / Н.А. Бердяев. - М.: Изд-во «Правда», 1989. - С.26-34.
3. Давыдов Ю. Н. Критика социально-философских воззрений Франкфуртской школы / Ю. Н.Давыдов. - М.: Наука, 1977. -С.225-234.
4. Зокиров Г.Н. Ифротгароӣ. Донишномаи сиёсӣ. Зери тахрири Зокиров Г.Н / Г.Н. Зокиров. - Душанбе, 2017. -С.385-390.
5. Махмадизода Н.Д. (Махмадиев). Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Дис.канд.филос.наук. -Душанбе, 2012. – С.45.
6. Маҳмадизода Н.Д. (Махмадиев). Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: таҳлили иҷтимоӣ – фалсафӣ. Дис.док.илм.фалсафа. - Душанбе, 2020. – С.67.
7. Маҳмадизода Н.Д. Зоҳиршавии ифротгароии динӣ – сиёсӣ дар шароити инкишофи ҷомеаи тоҷик ва роҳҳои пешгирии он: Монография / Душанбе, 2022. – С.230.
8. Махмадизода Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане: дис. канд. филос. наук / Н.Д. Маҳмадизода. -Душанбе, 2012. – С.16.
9. Ольшанский Д.В. Психология терроризма / Д.В. Ольшанский. - СПб.: Питер, 2002. - С. 174.
10. Ольшанский Д.В. Афганистан на рубеже национального примирения: борьба за расширение социальной базы революционной власти / Д.В.Ольшанский. (Политико -психологический и страноведческий очерк). -М.: ИНИОН, 1998. -С.69-71.
11. Психология подростка. Полное руководство. Под ред. члена-корреспондента РАО А.А. Реана. - СПб.: Прайм-Еврознак, 2003. - С. 201.
12. Раҷабов Н.М. Фаҳмиши фалсафӣ – иҷтимоии моҳияти каҷрафтори дар наврасон ва усулҳои пешгирии он / Н.М. Раҷабов. - Душанбе, 2018. – С.123.
13. Суртаев В.Я. Миры культуры глазами молодых: Учебное пособие / В.Я. Суртаев. -СПб.: изд-во Санкт-Петербургского государственного университета культуры и искусств, 2004. - С.4.
14. Философский энциклопедический словарь. - М.: Сов. энцикл., 1989. - С.536-540.
15. Худойкулова К.ДЖ. Особенности профессионального развития учителя в условиях сельской социкультурной среды. Дис.канд.пед.наук / К.ДЖ. Худойкулова. - Душанбе, 2010. – 26 с.
16. Холиқов А.Қ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» / А.Қ. Холиқов. -Душанбе, 2014. - С.14.


## МАКСИМАЛИЗМ ВА РАДИКАЛИЗМИ ҶАВОНОН ҲАМЧУН ОМИЛИ ЗУҲУРИ ГУРӮҲҲОИ ЭКСТРЕМИСТӢ


Дар мақола муаллиф максимализм ва радикализми ҷавононро ҳамчун омили зуҳури гурӯҳҳои экстремистӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки самаранокии барномаҳои рушди иҷтимоию фарҳангӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон ба ҳамкории муваффақонаи мақомоти давлатӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ вобаста аст, аз ин рӯ, дар соҳаи таъмини кадрҳои кор бо ҷавонон омода намудани роҳбарону мутахассисони ҷавони боистеъдод ба мақсад мувофиқ аст. Мақсади асосии сиёсати давлатии ҷавонон фароҳам овардани заминаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, маънавӣ ва фарҳангӣ, шароит ва кафолатҳо барои ташаккули шахсияти ҷавонон, амалӣ гардонидани неруи эҷодии он ба манфиати инкишофи шахсият ва умуман ҷамъият, бозсозӣ ва инкишофи Тоҷикистон ҳамчун ҷомеаи озод мебошад, ки бо алоқаҳои таърихии мавҷудияти якҷояи миллӣ-давлатӣ алоқаманд

аст. Оядаи кишвар бештар аз қобилиятҳои навоваронаи ҷавонон вобастагӣ дорад, аз ин рӯ, пешгирии ифротгароӣ дар байни ҷавонон на танҳо тавассути тадбирҳои танзими ҳуқуқӣ, балки тавассути рушди истеъдод ва ташаббусҳои иҷтимоӣ ба манфиати давлат бояд амалӣ карда шавад.

**Калидвожаҳо:** вазифаҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон, фароҳам овардани шароити зарурии инкишофи озодонаи ҷавонон, - ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ҳалли мушкилоти ҷавонон, ҳавасмандгардонӣ.

## МАКСИМАЛИЗМ И РАДИКАЛИЗМ МОЛОДЕЖИ КАК ФАКТОР ПОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИСТСКИХ ГРУПП

В статье автор рассматривает максимализм и радикализм молодежи как фактор возникновения экстремистских группировок. Автор отмечает, что эффективность программ социально-культурного развития в сфере молодежной политики зависит от успешного сотрудничества органов государственной, региональной и городской власти, поэтому целесообразно готовить к работе талантливых молодых руководителей и специалистов в области кадрового делопроизводства. с молодежью. Основная цель государственной молодежной политики – создание социально-экономических, политико-правовых, духовных и культурных основ, условий и гарантий для формирования личности молодежи, реализации ее творческой энергии на благо развития общества. личности и общества в целом, восстановление и развитие Таджикистана как свободного общества, что связано с историческими отношениями совместного национально-государственного существования. Будущее страны в большей степени зависит от инновационных способностей молодежи, поэтому профилактика экстремизма среди молодежи должна осуществляться не только через меры правового регулирования, но и через развитие талантов и социальные инициативы на благо государства.

**Ключевые слова**: основные задачи государственной молодежной политики, создание необходимых условий для свободного развития молодежи, - координация деятельности государственных учреждений и общественных организаций по решению проблем молодежи, мотивация.

## MAXIMALISM AND RADICALISM OF YOUTH AS A FACTOR IN THE APPEARANCE OF EXTREMIST GROUPS

In the article, the author examines the maximalism and radicalism of youth as a factor in the emergence of extremist groups. The author notes that the effectiveness of socio-cultural development programs in the field of youth policy depends on the successful cooperation of state, regional and city authorities, therefore it is advisable to prepare talented young managers and specialists in the field of personnel records management for work. with youth. The main goal of state youth policy is the creation of socio-economic, political-legal, spiritual and cultural foundations, conditions and guarantees for the formation of the personality of young people, the realization of their creative energy for the benefit of the development of society. individuals and society as a whole, the restoration and development of Tajikistan as a free society, which is associated with the historical relations of joint national-state existence. The future of the country largely depends on the innovative abilities of young people, therefore, the prevention of extremism among young people should be carried out not only through legal regulation measures, but also through the development of talents and social initiatives for the benefit of the state.

**Key words**: main tasks of state youth policy, creation of necessary conditions for the free development of youth, coordination of the activities of state institutions and public organizations to solve youth problems, motivation.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович* –** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, шаҳри Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **900-21-26-28.**

**Сведения об авторе:** ***Ашуров Ромиш Шерафганович* -** Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра педагогики, соискатель. **Адрес** 734025, город Душанбе, РеспубликаТаджикистан, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 900-21-26-28.**

**Information about the author:** ***Ashurov Romish Sherafganovich* -** Tajik National University, University-wide Department of Pedagogy, Applicant. **Address** 734025, Dushanbe city, Republic of Tajikistan, Rudaki avenue 17. Phone: **900-21-26-28.**

ТДУ:371.3

# ОИЛА ҲАМЧУН НИҲОДИ ТАЪСИРРАСОН ДАР РУШДИ ҲИССИЁТҲОИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

*Юнусова Н.М., Бобоҷонова Н.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Мусаллам аст, ки ниҳоди оила яке аз институҳое мебошад, ки бевосита дар раванди тарбияи наврсон таъсиррасон аст. Ин раванд дар ҳамаи синну соли фарзандони оила мушоҳида мешавад. Азбаски синну соли наврасӣ хело ҳассос аст, таъсири институти оила дар ин синну сол ва тамоми ҳаёти инсонӣ давом мекунад. Тавре ки И.С.Кон нишон медиҳад: "Нақши оиларо ҳамчун хуҷайраи ибтидоии ҷомеа ва омили муҳимми иҷтимоишавӣ муболиға, яъне аз ҳад зиёд нишон додан мушкил аст, чунки меҳру муҳаббат ва ғамхории бевоситаи волидайн метавонанд ҳамон меҳрубониву навозишкории ҳиссиётӣ - ҳиссиёти табиии инсониро таъмин созанд, ки фардро ҳамчун шахсият мукаммал ва бой месозад, оила ҳамчун гурӯҳи ибтидоӣ баромад менамояд" [6, с.108]. Дар ҳақиқат, муносибати дуҷониба, яъне оила ба наврасон ва наврасон ба оила муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин бобат таҳлили оила аз мавқеи наврас ва баҳодиҳӣ ба рафтору кирдор ва фаъолияти волидайн аз нигоҳи наврас зарур буда, ба ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон омили таъсиррасон ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон кадом омилҳо ба таври мусбӣ ё ба таври манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд, дар равоншиносӣ яке аз масъалаи пурбаҳс мебошад. Олимон бештар доир ба тағйироти таркиби оила, афзоиши миқдори оилаҳо бо як волидайн, шумораи талоқ, ҳолатҳои истиқомати алоҳидаи волидайн, ки дар оянда оилаи навро бунёд месозанд, кори тадқиқотӣ бурда, нишон доданд, ки имрӯзҳо чунин оилаҳо ба мисли "омехта", "барқароршуда", "қабулшуда" афзун гаштаанд [7, с.49]. Муносибати байни аъзоёни оила дар чунин оилаҳо ба тарз ва хислатҳои мухталиф арзёбӣ гардида, на дар ҳама ҳолатҳо якдигарфаҳмӣ ва дастгирии ҳамдигарӣ ба назар мерасад. Зеро ки дар чунин оила фарзандон аз оилаҳои пешина ва фарзанди умумии оиларо фаро мегирад. Аз ин ҷо, оилаи омехта аз нуқтаи назари фарзандон аз оилаҳои пешин "қабулшуда" ва фарзанди умумии оилаи навбунёд – оилаи комил эътироф мегардад.

Олимон ишора менамоянд, ки дар тадқиқоти худ Кларк-Стюарт муносибатҳои сетарафаро дар аксари оилаҳо нишон дода, таъкид намудааст, ки таъсири модар ба фарзанд хислати бевоситаро дорост, ҳол он ки падар ба фарзанд бештар тавассути модараш, яъне ғайримустақим таъсир мерасонад. Фарзанд бошад, бештар ба ҳар ду - падару модар ба таври мустақим таъсир мерасонад [6, с.110]. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки фарзандон ба меҳру муҳаббат ва ғамхории волидайн ниёз доранд ва дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии онҳо ҳамчун меъёри асосӣ баромад мекунад.

Замони ҳозира пур аз тазод, гуногунрангии ҳаёти инсонӣ, тақдири эшон, масъулияти гуногуни волидайн нисбати фарзандони хеш арзёбӣ мегардад. "Аксари падару модарон доир ба муносибати боварибахш бо наврасон андеша менамоянд. Чунин муносибати дуруст ба наврас имконият медиҳад, ки мушкилиҳои бавуҷудояндаро паси сар намояд. Дар ин ҳолат дар синну соли наврасӣ ӯ тамоми хушбахтӣ ва хурсандиҳо, инчунин бадбахтиҳои худро бо ҳам мебинанд. Муҳиммаш он аст, ки дар ӯ ҳиссиёти аз ҳама муҳим – ҳиссиёти муҳофизатӣ пайдо мешавад" [8, с.7].

Намуди муошири озод нигоҳи наврасро дигаргун сохта, онҳо дар симои падару модар идеалҳои худро мебинанд ва кӯшиш мекунанд, то ба онҳо монанд шаванд. Г.Юнусова қайд менамояд, ки "наврас муошират намуда, маҳорати иртиботиро инкишоф медиҳад, санъати мухталифи муоширатро тадқиқ менамояд ва якеи онро интихоб мекунад, ки ба худаш мувофиқат мекунад" [15, с.757-760]. Дар

ҳақиқат, дар замони муосир ҷустуҷӯ ва истифодаи санъати муошират аз ҷониби наврасон ба таври мухталиф арзёбӣ мегардад. Бархе аз онҳо бо истифода аз чорчӯбаи ахлоқ муоширатро бо ҳамсолон ва калонсолон ба роҳ мемонанд, бархе аз онҳо меъёрҳои ғайриахлоқии рафтору кирдорро мавриди истифода қарор медиҳанд. Маҳз муносибати наврас дар оила аввал аст: "Оила кӯдакро, пеш аз ҳама, ба аъзои оила ва хешовандони хунӣ равона мекунад ва танҳо он вақт ба муҳити иҷтимоии ҷомеа ба умум равона мекунад"[2, с.128-129].

Агар наврас дар тарбияи хеш насиҳатҳои калонсолони оиларо қабул намояд ва дар амал иҷро кунад, он гоҳ ӯ дар оянда мавқеъ ва манзалати худро бе ягон монеа муайян месозад ва мушкилиҳои зиндагиро паси сар мекунад. Дар чунин ҳолат Крайг қайд кардааст, ки нақши бибӣ ва бобо махсусан дар оилаҳои нопурра ва дар он ҳолате, ки агар модар барои кор кардан маҷбур шавад, муҳим мебошад [6, с.131].

Ҳолате ки наврас дар оилаҳои дуюми падар ё модар бошад, муаммоҳои зиёд бо мушкилиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Ҳаёт собит намудааст, ки пас аз вафоти модар фарзандони мард нисбати зани дуюми падари хеш ноҳурматӣ ва нописандӣ зоҳир мекунанд. Онҳо дар симои зан гунаҳкореро мебинанд, ки ҷойи модари онҳоро гирифтааст. Дар ҳолате ки падар ё хешовандони ӯ ба фарзандон бегуноҳии занро собит насозанд, чунин вазъ шуданаш мумкин аст, ки зани дуюм низ бо фарзанди хеш чунин оиларо партофта меравад. Яъне, оилаи дуюм низ пароканда мешавад. Падар то барпо намудани оилаи дуюм бояд аз ҷиҳати равонӣ фарзандонашро омода намояд ва огоҳ созад, ки зани дуюми ӯ барои фарзандонаш ҳамчун модар мебошад, ки ҳангоми зиндагии умумӣ доштан ба нигоҳубини хона - тозагӣ, пухтупаз, тарбияи фарзанд, дарстайёркунӣ, ҳангоми беморӣ ва амсоли инҳо аҳаммият дода, муҳити созгорро дар оила ба вуҷуд меорад.

Чунин ҳолатҳо бештар ба назар мерасанд. Азбаски барои зан ҷудо шудан аз оилаи дуюм ору номус мебошад, дар аксари ҳолатҳо онҳо ба чунин мушкилӣ ва муаммоҳои оилавӣ тоқат ва таҳаммул мекунанд. Аз мисоли овардашуда, аён мегардад, ки наврасон аз шахсони бузург ва наздики оилаи хеш бештар муносибати нодуруст ва муошират берахмона дучор мегарданд. Аз ин ҷо, бо боварии комил гуфтан метавон, ки мавқеи оила дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон муҳим арзёбӣ гардида, дар чунин вазъият таъсири манфии он дар ташаккули шахсияти наврас ба назар мерасад.

Д.Балико чунин қайд намудааст: "Аксари падару модарон аз рӯйи принсипи зерин амал менамоянд: агар аз инсон ҳама чизро кашида гирӣ, сипас нимашро баргардонӣ, он гоҳ ӯ ба ту тамоми умр миннатдор мешавад. Дар ҳақиқат, аксарият бо чунин тарз ба муҳаббат ва сипосгузорӣ муваффақ мешаванд. Волидайн фарзандони худро намешунаванд. Дар волидайн ҳамеша ҳадафҳои созанда вуҷуд доранд, ба мисли бедор кардани шавқи китобхонӣ ё дарсомӯзӣ, маҷбур намудан бахри мадад расонидан ба модар дар иҷрои корҳои хонагӣ, бо медал мактабро хатм намудан, боинтизомӣ, покизакорӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳадафмандӣ, содиқӣ, вафодориро омӯзонидан. Аммо аз рӯйи ин меъёрҳо на ҳамаи ҳадафҳо амалӣ карда мешаванд, ё ки тамоман баръакс мешавад. Дар наврас ҳиссиёти бадбинӣ ба хониш, ба меҳнати хонагӣ, гирифтани маълумот, фарҳанг, маънавиёт ва худи ҳаёт пайдо мешавад. Лекин наврас ин холигиро пурра намуда, машғулияти дигар - интернет, компютер, телевизор, маводи мухаддир ва ғайраро пайдо мекунад"[3, с.14]. Дар ҳақиқат, агар наврасон зарурати иштирок ва дарки манфиатҳояшро дар муносибат бо волидайн дар оила ҳис накунанд, ҳиссиёти ногувор, эътироф нагардидан, бадбинӣ дар эшон ба вуҷуд меояд. Ғамхорӣ ва меҳру муҳаббати оилавиро дарк нанамуда, дар онҳо кинаю адоват, номеҳрубонӣ нисбати волидайн ва ҳадафҳои созандаи онҳо ба вуҷуд меояд. Ворид шудан ба ҳар гуна гурӯҳҳои "шубҳаовар" ва дӯстони "ғараздошта" ба он оварда мерасонад, ки на танҳо оила, балки тамоми ҷамъият онҳоро маҳкум менамоянд.

Наврасон кӯшиши наздик будан бо падару модар, хоҳару бародар, дӯстону наздикон дошта, итминон доранд, ки дар оила фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирӣ

ҳукмфармо мегардад. Мисол, В.Н. Дружинина чунин фарзияро пешниҳод мекунад: “Кӯдак бештар аз ҷиҳати зеҳнӣ ба он волидайн монанд мешавад, ки бо вай аз ҷиҳати эҳсосот наздик мебошад ва доим муомила мекунад ва пайравӣ менамояд” [5, с.132]. Аммо на ҳама вақт муоширaт дар оила ҳисси қаноатмандиро дар наврасон ба вуҷуд меорад.

Дар тадқиқоти М.В.Оршанская маълумотҳое оварда шудаанд, ки маънои оилаи хубро дар ҷаҳонбинии наврас инъикос менамоянд, ки дар он наврасон ҳиссиёти қаноатмандиро нишон медиҳанд [12, с.18]. Волидайн кӯшиш менамоянд, ки вақти холии худро бо ҳамроҳии фарзандон гузаронанд, ба театр, музей, дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва истироҳатӣ ҳамроҳ раванд. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки падару модарон фаъолияти ҳамҷоя бо фарзандони хешро доранд - китоб мутолиа мекунанд, ҳамроҳ дарс меомӯзанд, ба онҳо мадад мерасонанд, муҳофизат менамоянд. Табиист, ки чунин таъсироти мутақобилаи волидайн ва наврасон ба наздикшавии муносибати байни онҳо оварда мерасонад, вазъияти оромиву осудагӣ, амният ва бехатарӣ, боварӣ ба муваффақиятҳои назаррас, имони комил ба оянда ба вуҷуд меояд [7, с.51].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки муносибати мусбӣ дар оила асоси иҷтимоишавии мусоид ба ҳисоб рафта, маҳз он наврасро аз вазъиятҳои дохилӣ ва берунии вазнину асабонӣ муҳофизат менамояд. Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз вобастагии муҳим ин кӯшиши чун волидайн эътироф гардидан, будан ва қабул гардидани ӯ ба ҳисоб меравад. Ин ҷузъиёти зарурии ташаккули шахсияти наврас шуморида мешавад. Наврасон аз ҳолати ҳиссиётии волидайн вобастагӣ доранд. Рад намудан, эътироф накардан, низоъҳои оилавӣ, кайфияти бад ва ногувори калонсолон дар наврасон вазъи номусоидро ба вуҷуд меорад.

В.Г.Казанская вобастагии наврасро аз оила, яъне падару модар инъикос намудааст [7, с.52]. Наврасон кӯшиши аз вобастагии волидайн раҳо шуданро доранд, қариб 35%-и онҳо иқрор мешаванд, ки ҳатто агар ҷазо гиранд ҳам, ба нияти худ мерасанд. Наврасон боварӣ доранд, ки амали нолозимаро иҷро намекунанд. Наврасон эътимод доранд, ки падару модарон доир ба манфиат ва шакли машғулияти онҳо ягон маълумоти кофӣ надоранд. Чунин эътирозҳо сол аз сол афзуда, бегонашавиро дар наврасон ба вуҷуд меорад. Барои 65% -и наврасон кӯшиши ба даст овардани маблағи иловагӣ ва итминону боварӣ ба худ ба вуҷуд меояд [7, с.53].

Дар ҳақиқат, оила сарчашмаи муносибатҳои наврас ба ҳаёт эътироф гардидааст. Дар мисоли волидайн ва воридшавӣ ба фаъолияти ҳамҷоя бо онҳо наврасон тарзи ҳаёти онҳоро дар аксар ҳолат такрор менамоянд. Дар заминаи арзишҳои оилавӣ ва қоидаҳои иҷтимоии рафтор мутобиқшавии иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд.

“Хеле аҷиб аст, ки аксарияти падару модарони ғамхор ва бомасъулият чунин андеша доранд, ки “ман туро ҳақорату дашном ва сарзанишу маломат мекунам, зеро ки дӯст медорам”. Аммо наврасон ба чунин тарзи муносибат ҳарчанд зоҳиран ризогӣ диҳанд ҳам, итминони комил надоранд. Ба мо ва ба фарзандонамон низ танқид шунидан писанд намеояд. Мо ҳеҷ гоҳ боварӣ ҳосил намекунем, ки роҳбаре, ки ҳама вақт моро танқид менамояд, дар асл эҳтиром ва ба таври хуб ба мо муносибат мекунад. Бо фарзандон ва волидайн низ чунин аст. Ҳиссиёти манфӣ, ки дар натиҷаи танқид ба вуҷуд меояд, на мо ва на фарзандонамонро далелнок намесозад, баръакс таъсироти мухолифро ба вуҷуд меорад. Хулоса, фарзандонро кам танқид ва сарзаниш намудан лозим аст. Танқиди мунтазам ва танбеҳ раванди нохуш ва ногувор ба ҳисоб меравад, ки фарзандонро хеле ғамгин ва парешон, кайфиятро вайрон, хушиҳои зиндагиро заҳролуд месозад ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ва матлуб намеорад. Азбаски муаммоҳо ба таври мунтазам ба вуҷуд меоянд, бинобар ин мо онҳоро ба тарзи дигар ҳал намуданамон лозим аст” [10, с.10]. Албатта, сарзаниш ва танқидҳои мунтазам доираи амал ва рафтору фаъолияти наврасонро маҳдуд месозад. Наврасон ҳиссиёти бадбинона пайдо намуда, нисбати падидаҳои мухталиф аз нигоҳи манфӣ баҳо медиҳанд. Дар ин ҳолат волидайн бо нигоҳи нек ва суханҳои нек ба наврасон

бештар суҳбатҳо доир намуда, бо мисолҳои мушаххаси ҳаётӣ ва таҷрибаи зиндагии хеш бояд фаҳмонанд, то ки онҳо ҷаҳонбинии васеъ ва кайфияти хуб дошта бошанд, оқибати рафтору кирдори худро дарк намуда, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва боварибахш дар оила ҳукмфармо бошад.

Н. Литвак чунин қайд намудааст: "Агар мо аз ягон гапи ночиз муаммо созем, он гоҳ фарзандон одат мекунанд, ки ягон амали онҳо писанди мо нест ва дар лаҳзаи ба вуҷуд омадани муаммои ҳақиқӣ, онҳо комилан боварӣ пайдо намекунанд ва намефаҳманд, ки дар ҳақиқат вазъият ҷиддӣ мебошад. Аммо вақте ки наврас боварӣ дорад, ки ба ӯ беҳуда хӯрдагирӣ намекунанд, он гоҳ дар шумо имконияти бештар пайдо мешавад, ки дар лаҳзаи мураккаб наврас ба танқид ва сарзаниши шумо гӯш диҳад. Нисбати хулқу хӯ ва тинати фарзандони хеш некбинона рафтор намоед" [10, с.12]. Шахсияти наврасро эътироф намуда, нисбати ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккур, маънавиёт ва эҳсосоти ӯ аҳаммияти ҷиддӣ дода, муносибати некбинона ва боварии ҳамдигарӣ аз ҷониби аъзоёни оила зарур мебошад. Дар ин ҳолат назари наврас нисбати волидон дигаргун гашта, фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром байни онҳо ба вуҷуд меояд.

Эрих Фромм чунин таъкид кардааст: "Яке аз шартҳои муҳим он ба шумор меравад, ки инсони дар ҳаёти наврас нақши муҳимро ишғол намуда, бояд ба имкониятҳои ӯ боварӣ дошта бошад. Мавҷудияти чунин боварӣ тарбия ва фиребгариро тафриқаандозӣ менамояд. Тарбия ин мададрасонӣ ба наврас баҳри амалишавии қобилиятҳои ӯ мебошад. Фиребгариву қаллобӣ баръакси тарбия ба ҳисоб меравад. Чунки ба вуҷуд надоштани боварӣ ва эътиқоди он ки наврас хуб ба воя мерасад, агар калонсолон ба ӯ амалҳои матлуб ворид созанд ва руҳафтода месозад, агар ба ӯ чизи бефоида ва номаъқул диҳанд" [14, с.59]. Дар ҳақиқат, истифодаи механизмҳои созанда ва мусбӣ дар тарбияи наврасон ва бунёди фазои боварии мутақобила дар оила кафолати он аст, ки заминаи мустаҳкам ва бунёдӣ дар ташаккули шахсияти наврасон гузошта мешавад. Муносибат ва муошират нек бо наврасон ҳиссиёти эҳтироми ҳамдигарӣ ва фазои боэътимодро ба вуҷуд меорад. Ва баръакс. Агар аз ҷониби волидайн муносибати дағалона, дашном ва таҳқирҳо нисбати наврасон истифода гардад, ҳиссиёти беэҳтиромӣ, бадбинӣ, душманӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҳолат наврасон аз ҷаҳони ботинии худ калонсолонро огоҳ намесозанд, ягон хел иртиботи созанда ба вуҷуд намеояд, масофаи байни волидайн ва наврасон торафт афзун гардида, фазо ва муҳити носозгор ба амал меояд, ки чунин вазъият дар оила силсилаи муаммоҳоро ба вуҷуд меорад.

Э.Фромм қайд менамояд, ки бодиққатӣ дар муносибат бо одамони дигар, дар навбати аввал, маҳорати гӯш кардан мебошад [Нигаред: 14.54]. Агар волидайн наврасонро гӯш карда, хулосаҳои зарурӣ бароварда тавонанд, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар муносибати мутақобилаи онҳо муҳити ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд меояд. Аксари падару модарон умуман ба фарзандони худ гӯш надода, маслиҳату насиҳатҳои нолозима медиҳанд, манфиат ва ҳадафҳои фарзандони худро дарк намекунанд. Ин ҳолат боис мегардад, ки наврасон ба калонсолони оила ҳиссиёти боривариро гум намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки наврасон ҳамаи он амалу рафторҳое, ки бузургони оила-падару модарон иҷро мекунанд, такрор месозанд. Дар урфият мегӯянд, ки "падару модар барои фарзандон намунаи ибрат ҳастанд". Ин ҳақиқатест, ки дар масири таърихи инсонӣ комилан собит гардидааст. Аз ин ҷо, хулоса кардан мумкин аст, ки падару модар чӣ гуна тифоқона ҳамроҳ зиндагӣ намоянд, фазои оилавӣ соф бошад, ҳамон қадар наврасон арзишҳои оилавиро хуб дарк менамоянд. Агар дар оила муҳити созгор ҳукмфармо бошад, он гоҳ фарзандон низ арзишҳои оилавӣ ба мисли меҳру муҳаббат, эҳтироми ҳамдигарӣ, меҳнатдӯстӣ, иттифоқӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва хислатҳои дигари ҳамидаро аз худ менамоянд. Баръакси ҳол, агар фазои оилавӣ номусоид бошад, ҷанҷолҳо байни аъзоёни оила ба таври тезутунд сурат гиранд, ҳар як узви оила вазифа ва уҳдадории худро ба субот нарасонад, бемасъулиятии калонсолон зоҳир гардад, он гоҳ ояндаи неки чунин наврасонро андеша намудан

ғайриимкон мегардад. Наврасони дар чунин оилаҳои носозгор ба воя расида, аз ҷиҳати равонӣ ва ахлоқӣ суст инкишоф ёфта, дар ҷомеа мақом ва мавқеи худро муайян карда наметавонанд. Ин вазъият боис мегардад, ки аз чунин наврасон шахсони ба оила ва ҷамъият нолозим ба воя мерасанд. Онҳоро мунтазам маҳкум, танқид ва сарзаниш менамоянд.

Падару модарон бо наврасон бештар суҳбатҳои инфиродӣ доир намуда, ҳолати ботинии онҳоро пурсон шуданашон зарур аст. Дар ин бобат З.Некрасова чунин таъкид намудааст: "Бадбахтии қариб тамоми волидайн дар он аст, ки мо ба таври хуб гуфтугӯ менамоем, аммо ба таври бад мешунавем. Барои наврас муҳим аст, ки ӯро шунаванд. Фикру мулоҳизаҳои шуморо вай ба таври кифоя гӯш кардааст, акнун ба ӯ зарур аст, ки андешаи худро иброз намояд. Ва ба таври ҳаққонӣ наврас шуморо гӯш карда метавонад, танҳо пас аз он ки ҳамаи он чизе ки дар ботинаш ҳаст, баён созад. Гӯш кардани фикру андешаи ӯро ёд гиред ва ӯ аз сари нав ба суханҳои шумо гӯш медиҳад" [11, с.268]. Дарвоқеъ ҳаёти имрӯза нишон медиҳад, ки муносибат бо наврасон бештар ба таври яктарафа сурат мегирад, яъне фақат падару модарон фикру мулоҳизаҳо, сарзаниш ва танқидҳои хешро баён месозанду бо ҳамин гӯё ки муаммо ҳал мешавад. Аммо воқеият чунин нест, мушкилиҳо ва муаммоҳои ботинии наврасон ногуфта мемонанд. Савол ба вуҷуд меояд, ки чӣ тавр, бо кадом усул фазои якдигарфаҳмӣ дар оила барқарор карда шавад. Дар чунин ҳолат З.Некрасова истифодаи усулҳои зеринро тавсия медиҳад. Ба мисли дарёфти лаҳзаҳои зарурӣ-агар наврас худаш суҳбатро оғоз намояд ва дар бораи худ ва дӯстонаш андешаашро иброз намояд, он гоҳ ба волидайн лозим аст, ки ҳама корҳояшро партофта, ба фарзандаш гӯш диҳад [11, с.267].

Қобили қайд аст, ки тарзи тарбияи писарон аз духтарон фарқ дорад. Дар тарбияи писарон ба падар мақоми хосса вогузошта мешавад. Муҳиммияти шахсияти падар, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки барои писар ӯ ҳамчун ибрати мардӣ эътироф мегардад [6, с.111]. Тарбияи оқилона ва ғамхоронаи падарӣ ба ташаккули ҷасорату мардӣ дар писарон ва назокату нафосати духтарон мусоидат менамояд. Қайд намудан бамаврид аст, ки ҳолати равонии писари дар синну соли хурди наврасӣ падараш партофта рафта, нисбат ба оилаҳои комил, аз ҳамсолони худ бештар вобаста гардида, ба худ боварии пастро дорад. Инро И.С.Кон низ тасдиқ менамояд ва ӯ менависад: "Писарон аз оилаи нопурра бо ҳамсолонашон робитаро мушкилтар барпо мекунанд. Набудани падар ба пешравии дарсомӯзӣ ва худҳурматии фарзандон таъсири манфӣ мерасонад, хусусан ба писарон" [9, с.282].

Агар писар ба шакли омодаи рафтори падарӣ такя намояд, он гоҳ рафтор ва вазъияти руҳии ӯ бештар устувор мегардад. Дар духтарон набудани падар дар синну соли наврасӣ бештар арзёбӣ мегардад ва онҳо онро ба таври мушкил мегузаронанд. Падарони хуб қобилият ва хоҳиши мадад расонидан ба духтарони худро доранд. Аз ин ҷо, модар фарзандашро дар хона зиндагӣ намуданро меомӯзад, падар бошад баҳри баромадан ба ҷаҳон мадад мерасонад. Яъне, модар дар дилбастагии пуртаъсир, падар бошад, дар мустақилияти муассир масъулияти хосса дорад. Агар дар оила ба таври мунтазам ҷанҷолҳо рух диҳанд ё яке аз волидон вуҷуд надошта бошад, наврас тарбияи комилро гирифта наметавонад [6, с.113].

Тарбияи наврасони муосир аз пешина фарқ дорад. Дар ташаккули ахлоқи наврасон дар замони муосир якчанд тамоюли мусбӣ ва манфӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Ҳарчанд меъёр ва принсипҳои тарбия дигаргун нашуданд, аммо сатҳ ва дараҷаи қабул ва истифодаи он аз ҷониби наврасон ҳархела мебошад. Имрӯзҳо истифодаи интернет аз ҷониби наврасон нисбат ба дигар намуди машғулият, масалан мутолиаи китоб бештар гардидааст. Волидайн баҳри назорати дар кадом макон будани фарзандони худ ба онҳо телефони мобилӣ харидорӣ мекунанд, ки ин амали эшон натиҷаи мусбӣ ва манфӣ низ дорад. Ба ғайр аз телефони мобилӣ, таҳсил дар мактабҳои хусусии беҳтарин, марказҳои забономӯзӣ, харидории мошинаҳои шахсӣ ва ҳуқуқи истифодаи он, саёҳат дар давлатҳои хориҷа як қисми он шароитҳо мебошад, ки волидайн баҳри фарзандонашон муҳайё месозанд. Оилаҳое

ҳастанд, ки бо меҳнати ҳаррӯзаи худ зиндагии худро пеш мебаранд ва дар ин ҳолат шароити дар боло номбаршуда муҳайё намегардад. Наврас маҷбур ҳаст, ки барои дарёфти маблағ бо корҳои мавсимӣ машғул гардад.

Дилхоҳ рафтори калонсолон, ки дар фарзандон ҳиссиёти хунукназарӣ ва беаҳамиятиро ба вуҷуд меорад, ба талафи мустақилият ва беқобилиятӣ ба ҳамкорӣ оварда мерасонад. А.Адлер манфиати иҷтимоиро чун нишондиҳандаи солимии равонии шахсият эътироф намудааст. Инкишоф наёфтани онро бошад, сабаби асабоният меҳисобад [6, с.114].

Ҳисси ифтихор аз падару модар ва оилаи худ маҳз дар синну соли наврасӣ ташаккул меёбад. Баръакси ҳолат низ ҷой дорад. Ҳисси бадбинӣ ва хусумат нисбати волидайн, беэҳтиромӣ ва эътироф накардани онҳо аз тарзи муомилот ва муошират бо фарзандон сурат мегирад. Аз ин ҷо, хулоса баровардан мумкин аст, ки агар фазои оилавӣ солим бошад, он гоҳ дар чунин муҳит ҷаҳонбинии наврасон низ ба таври мусбӣ арзёбӣ мегардад. З.Некрасова чунин қайд кардааст: “Ду амалиёти мухолиф (сахт нигоҳ доштан ё тамоман дур шудан) аз рӯйи мазмуни худ як хел мебошанд. Ин хоҳиши озод шудан, яъне озодсозии худ аз масъулият аст. Ва дар навбати аввал, он кулли падару модарони серташвиш ва мондашударо фаро мегирад, ки таваҷҷуҳро на ба наврас, балки ба ҳиссиёт ва таассуроти худ медиҳанд. Баръакс амал намоед. Дар навбати аввал доир ба фарзанди эътирозкунанда, доир ба ҳолат ва муаммоҳои ӯ андеша ронед, танҳо пас аз он мушкилиҳои худро фикр кунед. Ҳар ду аломатро ҳамҷоя созед. Он гоҳ шумо метавонед сар диҳед, вале ҳамроҳӣ кунед, боздоред доред, аммо боварӣ ва ҳамдигарфаҳмиро нигоҳ доред. Идора накунед, балки равона намоед”[11, с.265]. Аксари падару модарон нисбати фарзанди наврас бепарвоӣ зоҳир менамоянд. Тақдири онҳоро ба одамони бегона вомегузоранд, наврасон дар кӯча тамоман аз меъёрҳои ахлоқӣ дур ба воя мерасанд. Бархе аз волидон бошанд, тамоми шароитҳоро бахри фарзандон муҳайё месозанд. Қобили қайд аст, ки ҳар як усули истифодашуда дар ташаккули ҳиссиёти ахлоқии наврасон самара ва натиҷаи худро мегузорад.

**АДАБИЁТ**


1. Адамовская, О. Н. Особенности нейровегетативного, гормонального и психоэмоционального статуса подростков на начальных этапах полового созревания / О. Н. Адамовская, И. В.Ермакова, Н. Б. Сельверова // Новые исследования. – 2015. – № 3 (44). – С. 27-42.
2. Антонов А.И. Социология семьи / А.И.Антонов, В.М. Медков. - М., 1996.
3. Балыко Д. НЛП для родителей: 11 законов эффективного воспитания подростка / Д.Балыко. - Москва, 2009.
4. Водяха С.А. Особенности отношения подростков к родителям.-//Психология семьи в современном мире / С.А.Водяха, Е.С. Дадакина //Материалы Международной научно-практической конференции 18-19 октября 2017г.-Екатеринбург, 2017.-С.103-120.
5. Дружинин В.Н. Психология семьи / В.Н. Дружинин. - Екатеринбург, 2006.
6. Жукова М.В. Психология семьи и семейного воспитания: конспекты лекций / М.В. Жукова, В.Н.Запорожец, К.И. Шишкина. -Москва, 2014.
7. Казанская В.Г. Подросток: социальная адаптация. Книга для психологов, педагогов и родителей / В.Г. Казанская. - Санкт-Петербург, 2011.
8. Самое важное о воспитаниии подростка. Брошюра ЮНИСЕФ.-Минск, 2016.
9. Кон И. С. Ребёнок и общество / И. С. Кон.— М.: Академия,2003.
10. Литвак Н. Наши хорошие подростки / Н. Литвак. -Москва, 2010.
11. Некрасова З. Перестаньте детей воспитывать, помогите им расти / З. Некрасова. -Москва, 2011.
12. Оршанская М. В. Влияние фрустраций на социализацию подростков: Автореф. дис. канд. психол. наук / М. В. Оршанская. – СПб., 2003.
13. Фромм Э. Искусство любви / Э. Фромм. – М.: Класс, 1990.
14. Юнусова Г. Особенности взаимоотношений родителей с детьми-подростками в полных и неполных семьях / Г. Юнусова // Молодой ученый. – 2015. – № 13. – С. 757-760.
15. Michaels, G. Y., Meese, L. A., Stollak, G. E. Seeing parental behavior through dif-ferent eyes: Exploring the importance of person perception processes in parents and children // Genetic Psychology Monographs. – 1983. – № 107. – P. 3-60.
16. Sherer, D. G., Melloh, T., Buyck, D., Anderson, C., Foster, A. Relation between children’s perceptions of maternal mental illness and children’s psychological adjustment // Journal of Clinical Child Psychology. – 1996. – № 25. – P. 156-169.

## ОИЛА ҲАМЧУН НИҲОДИ ТАЪСИРРАСОН ДАР РУШДИ ҲИССИЁТҲОИ АХЛОҚИИ НАВРАСОН

Оила яке аз ниҳодҳои муҳимми тарбия ва иҷтимоишавии фарзанд ба ҳисоб меравад. Аз мавқеи волидон дар оила, муносибати онҳо байни якдигар ва бо наврасон тарбияи ҳиссиёти ахлоқии онҳоро муайян мешавад. Наврас дар оила барои худ намунаи ибратро интихоб мекунад ва писар ва духтар дар ин маврид намунаи ба худ хосро доранд. Дар оилаи пурра ва нопурра низ тарбияи наврас гуногун мегардад. Агар писар дар оила бе падар тарбия шавад, пас ӯ бо ҳамсолони худ муносибати хуб ба роҳ монда наметавонад. Дар оилаи дуюм муносибати наврасон бо модари нав вазнинтар мешавад, аммо ҳамин тавр низ мавқеи наврас бо падари нав мушкил мешавад ва муаммоҳои дар муносибати наврас ва модари нав, падари нав мавҷуд буда дар равандҳои гуногуни равоншиносӣ таҳқиқ шудааст. Дар оилаи нопурра ва дуюм фарзандони тарбияёфта аз волидони худ муносибати гарм ва самимиро пайдо карданашон душвор мешавад ва дар ин муддат ба онҳо намунаи ибрат дигар ашхос мешаванд ва заминаи каҷрафтории онҳо мешавад. Наврас ҳангоми аз волидонаш барои худ посухҳои заруриро дарёфт карда натавонистан, дар ин ҳолат чунин холигиро шабакаи интернет пурра мекунад. Дар тарбияи ахлоқии наврасон боз таъсири бобо ва бибии онҳо дида мешавад, ки бештар чунин намуд дар оилаҳои нопурра дида мешавад, ки модар ё падар оилаи дуюмро сохтааст.

**Калидвожаҳо:** оила, тарбия, ҳиссиёти ахлоқӣ, наврас, волидон, рафтори муносиб, намунаи рафтор, пайравӣ.

## СЕМЬЯ КАК ИНСТИТУТ, ВЛИЯЮЩИЙ НА РАЗВИТИЕ МОРАЛЬНЫХ ЧУВСТВ ПОДРОСТКОВ

Семья является одним из главных институтов воспитания и социализации ребенка. Положение родителей в семье, их отношения между собой и с подростком влияют на этические чувства ребенка. Подросток выбирает для себя образец поведения и подражания согласно своему воспитанию. В полной и неполной семье воспитание ребенка также отличается. Если парень воспитывается в семье без отца, то ему будет сложно выстроить хорошие отношения со своими сверстниками. Во второй семье отношения между подростками и новой мамой усложняются, но также положение подростка усложняется и в отношении нового отца, проблемы и сложности в отношениях между новой матерью и новым отцом исследуются в различных направлениях психологии. Детям, воспитанным в неполной семье, и во второй семье будет сложно выстраивать теплые и искренние отношения, и в этом случае образцом подражания для них могут стать совсем другие люди, что будет основанием девиантного поведения. Когда подросток не сможет найти подходящего ответа на вопсросы и проблемы, которые его волнуют, он будет обращаться в интернет, который будет заполнять пустоту в отношениях и для него станет источником получения информации. На этическое воспитание подростка также оказывают влияние дедушки и бабушки, и такая форма отношений в большинстве случаев наблюдается в неполных семьях или когда создается вторая семья матерью или отцом.

**Ключевые слова:** семья, воспитание, этические чувства, родители, поведение подобающее, образец поведения, последовательность.

## FAMILY AS AN INSTITUTION INFLUENCING THE DEVELOPMENT OF MORAL FEELINGS OF ADOLESCENTS

The family is one of the main institution of upbringing and socialisation of kids. The condition of parents in family their relationship between them and with teenagers is defined ethical feeling of children. Teenager chooses a pattern of behaviour and imitation but girls or boys choose for themselves in accordance with their upbringing. In full and non-full family an upbringing of children also id differ. If boy is upbrought in family without father then for him will be difficult to built good relation with their siblings. In second family the relationship of teenager with mother- in-law also is difficult, but also a condition of teenager will be difficult with father-in-law. Difficulties of problems in relationship between mother-in-law and father-in-law is researched in different trends of psychology. Kids, upbrought in non-full family and second family will be difficult to find a warm and sincere relations and in this case a pattern of imitation for them will be other people that will be a reason of deviant behaviour. When teenager cannot find relevant response for problems and questions which is worried him, he will appeal to Internet which is full out a hole in relations and for him will be source of receiving an information. In ethical upbringing of teenagers also make an influence grandfathers and grandmothers and such form of ralations in major situation is observed in non-full families or when second family wll be built by mather or father.

**Key words:** family, upbringing, ethical feeling, parents, relevant behaviour, behaviour pattern, consistence.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, кафедраи умумидонишгоҳии педагогика. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail**: nafisa48@mail**. Телефон: **907 97 48 07**
***Бобоҷонова Назира Дадоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бободҷон Ғафуров, омӯзгор, кафедраи умумидонишгоҳии психологияи умумӣ. **Суроға:** 734700, шаҳри Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Мавлонбеков, 1. Телефон: **92 777-34-69.**

**Сведения об авторах:** ***Юнусова Нафисахон Муродовна*** – Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, профессор, общеуниверситетская кафедра педагогики**. Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 121. . E-mail**: nafisa48@mail**. Телефон: **907 97 48 07**
***Бободжонова Назира Дадоевна*** – Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, преподаватель, общеуниверситетская кафедра общей психологии. А**дрес:** 734700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова, 1.Телефон: **92 777-34-69.**

**Information about the authors**: ***Yunusova Nafisakhon Murodovna*** – Tajik National University, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor, University Department of Pedagogy.**Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121. E-mail: **nafisa48@mail.ru**. Phone**: (+992) 907 97 48 07**
***Bobodjonova Nazira Dadoevna*** - Khudzhand state university named after academician Bobodzhon Gafurov, teacher, Department of Psychology. **Address:** 734700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1. Phone: **92 777-34-69.**

ТДУ:372.811

# МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ЛАЁҚАТМАНДӢ ДАР АДАБИЁТИ ФАЛСАФИЮ ПЕДАГОГӢ

*Ҳошимова Г. Г.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Тибқи иттилои адабиёти фалсафӣ мафҳуми лаёқатмандӣ ҳамчун қобилияти зеҳнӣ ҳанӯз асрҳои IV-V то милод (Ҳиндустон, Хитой) арзи вуҷуд намуда буд. Аз ҷониби файласуфон таъкид гардидааст, ки доираи тафовутҳои ақлонӣ фаррох буда, он аз дараҷаи баланди лаёқатмандӣ то ҳудудҳои ниҳоии ақибмонии ақлониро фаро мегирад. Азбаски ин тафовутҳо ҳанӯз дар айёми тифлӣ зуҳур мекунад, муҳаққиқон аз замонҳои қадим ба масъалаи пайдоиши ин тафовутҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд.

Мувофиқи хулосаҳои файласуфони давраи қадим, лаёқатмандӣ падидаи худодод дониста шуда, муддати дароз онро ҳамчун ҳадяи илоҳӣ баррасӣ мекарданд. Рисолаҳои Афлотун, Арасту ва пайравони онҳо дар бораи нубуғи файласуфон мушоҳидаву қонунияти пайдошавии нубуғро дар бар мегиранд.

Ба андешаи файласуфи Юнони қадим Суқрот, одамон аз якдигар бо он фарқ мекунанд, ки то кадом андоза барои шуғл варзидан ба худшиносӣ қобилият доранд. Бинобар ин, ӯ чунин мепиндошт, ки танҳо «одамони наҷиб» метавонанд ба дониш даъво бикунанд. Аммо «кишоварзон ва коргарони дигар аз он хеле дуранд, то ки худро бишиносанд… зеро онҳо танҳо ҳаминро медонанд, ки ба ҷисм тааллуқ дошта, ба он хизмат мекунад… Бинобар ин, агар шинохтани худ нишонаи боақлӣ бошад, ҳеҷ кадоме аз ин одамон бо пешаи худ боақл буда наметавонад». Аз ин ҷо, ба коргар, косиб, кишоварз, яъне ба тамоми халқ (дар бораи ғуломон ҷойи гап ҳам нест) дониш дастнорас мебошад [12, с.83]. Албатта, Суқрот таъкид накардааст, ки хирад - як чизи усулан даркнашаванда аст. Ӯ чунин мешуморид, ки «дар умқи психикаи ғуломбачаи бесавод ҳам қобилият ба физика, математика ва тамоми чизҳои дигар нуҳуфтааст, танҳо бо хирад ва бо муҳаббат ин қобилиятро бедор ва ошкор бояд кард» [12, с.87]. Қоидаи маъруфи Суқрот «Ман фақат ҳаминро медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам, дигарон бошанд, ҳатто ҳаминро ҳам намедонанд» чунин маъно дорад, ки мутафаккири афинагӣ кӯшиш мекард, ки бештар ва амиқтар донад. Питирим Сорокин гуфтори Суқротро чунин шарҳ медиҳад: «Касе, ки надонистанашро дарк намудааст, аллакай чизеро медонад ва метавонад бештар дониста бошад, ки ин ба заҳмати ақлонии ӯ вобаста аст» [12, с.89].

Дар Шарқ оид ба тафовутҳои ақлонӣ Абунасри Форобӣ навишта буд. Ба андешаи ӯ, зеҳн - қисми наҷибтарини руҳ аст, ки мавҷуди мукаммал мебошад. Ба шарофати он одамон омилҳо ва таъсироти берунаро дуруст дарк намуда, аз онҳо таассур мепазиранд. Аммо на ҳар кас ин лаёқатро дорад. Бачагони болаёқат - файласуфон, хирадмандон, авлиёҳои оянда, ҷавоҳироти зиндаи миллату халқ, ки дорои на танҳо наҷобати руҳ, балки имкони ба даст овардани сатҳи шуури олӣ: дарки томи ҳаёт, ҳамчун идомати ниёгон, рушди созгории ақл ва қалб, ҷон ва руҳ мебошанд, ки ба онҳо озодона эҷод карданро бо гирифтани иттилоот тариқи шабакаи фаросатӣ (интуитивӣ) имкон медиҳад [2, с. 234].

Аммо ин ҷо бояд тазаккур дод, ки ин ғояҳо ҷудо аз амалияи педагогӣ баррасӣ мешуданд. Истеҳсоли ҷамъиятӣ, аз ин ҷо, худи амалияи педагогӣ тафриқабахшии дақиқ ва ташхиси қобилиятро талаб надоштанд, бинобар ин, ба муаммои нобиғагӣ муҳаққиқон то асри XIX бо мақсади ошкор намудани муаммоҳои умумифалсафии эҷод муроҷиат мекарданд. Соҳаҳои асосии татбиқи «нубуғ» танҳо санъат ва илм ба ҳисоб мерафтанд. Ишораҳо дар бораи лаёқатмандии амалӣ (сиёсатмадорон, сарлашкарон) аллакай дар таълифоти Арасту вомехӯранд, аммо ин масъала танҳо дар асри XX мавзуи таҳқиқоти ҷиддӣ қарор гирифт.

Тафовутҳои ақлонии байни одамонро Кант низ ба мушоҳида гирифта буд. Ба ақидаи ӯ, дар ҳар як инсон аломатҳои ибтидоӣ, объективии қобилият, ки ба табиати

инсон хосанд, вуҷуд доранд. Инҳо, пеш аз ҳама, «аломатҳои ҳайвонии инсон ҳамчун махлуқи зинда мебошанд» [6, с.122]. Ба онҳо Кант тамоми фаъолияти ҳаётии организми зиндаро мансуб медонад, зеро он бидуни иштироки ақл анҷом меёбад ва бинобар ин озод нест. Ӯ қобилияти дарки эҳтиром ба қонуни ахлоқро аломатҳои шахсият меномад. Мафҳуми шахсият ҳамин тавр бо мафҳуми субъекти ахлоқӣ мувофиқат пайдо мекунад.

Аломатҳои зикрёфта, ки хосси табиати инсонанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Кант ба андозаи пурра ҷиҳатҳои объективии моҳияти инсонро ба ҳисоб мегирад. Аксари онҳо инсонро ҳамчун падидаи табиат тавсиф менамоянд, ки ба қонунҳои он тобеъ мебошад.

Гегел қисман бо ақидаи Кант розӣ буда, эътироф менамояд, ки инсон як ҷузъи табиат буда, маҳз табиат ба ҳар як кас фардият мебахшад. «Мафҳуми фардият воқеият аст, он ҳанӯз ҳаракати худро зоҳир накардааст ва ин ҷо бевосита ҳамчун ҳастӣ дар худ ошкор шудааст» [4,с.126]. “Фардияте, ки табиат замина гузоштааст, - таъкид мекунад Гегел, - дар воқеияти бошуурона (аввал фикран, сипас мушаххас) инкишоф меёбад. Ҳамин тавр, пеш аз ҳама, табиати аз ибтидо муайяншудаи фардият, моҳияти бевоситаи он ҳанӯз бо табиати амалкунандаи он муқаррар нашудааст ва дар ин ҳолат он қобилияти махсус, истеъдод номида мешавад» [4,с.129]. Манбаъҳои истеъдод, ба ақидаи Гегел, дар шавқу рағбатҳо ба фаъолият нуҳуфтаанд. «Фард намедонад, ки чист, то он вақте ки тариқи амал худро дар воқеият татбиқ накунад. Истеъдод чизи дигаре нест, ба ҷуз фардияти муайяни ибтидоӣ, ки ҳамчун воситаи ботинӣ ё гузариши ҳадаф ба амал баррасӣ мегардад» [4, с.226].

Ҳамин тариқ, маҳз шавқмандӣ, худи фаъолияти амалӣ на танҳо ба ошкоршавии лаёқатмандӣ ва истеъдод, балки ба рушди онҳо низ мусоидат менамояд. Аммо оид ба рушди лаёқатмандӣ Гегел мулоҳизаи комилан қатъӣ дорад. Ӯ мавҷудияти лаёқатмандиро эътироф менамояд, аммо такмил додани онро комилан рад мекунад. Ӯ боз ҳам ба табиат умед мебандад: чи тавре ки он ҳал кунад, ҳамон хоҳад буд - агар дар тақдири кӯдак нобиға шудан бошад, ӯ бидуни дахолати низоми таҳсилот низ нобиға мегардад [30,с.89].

Файласуфони Давраи маърифат (Ҷ.Локк, Д.Дидро, Г.Гелветсий) ба он исрор менамуданд, ки табиат ҳадяҳояшро баробар тақсим мекунад. Ҳар як инсон метавонад то дараҷаи баландтарини нубуғ рушд ёбад, ки ин ба шароити таълиму тарбия вобаста аст. Таъсироти тарбиявиро онҳо то дараҷаи неруи олие бардоштанд, ки аз одамон чизи дилхоҳро сохта метавонад [9].

Ҳамин тавр, файласуфони томарксистӣ сари тафовути муҳимтарини одамоне андеша меронданд, ки ҳатто ба айни ҳамон гурӯҳҳои иҷтимоӣ мансубанд. Аммо сабабҳои ин тафовутҳо ба ғайримуқаррарӣ ва нотакрор будани сифатҳои психикию ҷисмонии онҳо марбут дониста мешуданд. Зимнан дар идеализм диққати махсус ба тафовути қобилияти маънавӣ ва талаботи онҳо, дар материализми томарксистӣ - ба тафовутҳои табиию фитрӣ, ҷисмонии одамон дода мешуд. Мавҷудияти синфҳои муқобил дар ҷомеа бо тафовутҳои байни одамон маънидод мегардид: аз як тараф, онҳое, ки табиатан «боғайрат» буда, ба зинаи болоии табақаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфтаанд, аз тарафи дигар, одамони «беқобилият», ки камбағал мемонанд.

Фалсафаи марксистӣ оид ба ин масъала нуқтаи назари дигар дошт. Классикони марксизм таъкид менамуданд, ки қобилияти инсон дар фаъолияти меҳнатӣ муайян гардида, инкишоф меёбад [14,с.30].

Аҳаммияти махсуси фаъолияти меҳнатиро дар раванди ташаккули тафаккури инсон ошкор намуда, К.Маркс дар «Капитал» чунин қайд кардааст, ки инсон танҳо ба шарофати фаъолияти меҳнатӣ аз олами ҳайвонот ҷудо шуд, ҳамчун узви ҷомеа ташаккул ёфт, тафаккур ва забонашро инкишоф дод. Дар раванди истеҳсолот инсон ба табиат фаъолона таъсир расонида, онро ба эҳтиёҷоти худ мутобиқ мегардонад ва ба ҳамин васила худро тағйир медиҳад, қобилият ва тафаккурашро инкишоф медиҳад [14, с.51].

Марксистон таъкид месохтанд, ки меҳнат фаъолияти ба мақсад мувофиқи инсон аст. Бинобар ин, дар раванди фаъолияти предметӣ инсон на танҳо моддаҳои табиат, муносибатҳои ҷамъиятии худро мувофиқи мақсадаш дигаргун месозад, балки худро аз предмети фаъолияташ тафовут мебахшад, яъне худро субъект, табиатро - объекти фаъолияти худ меҳисобад. Дар рафти ин таъсироти мутақобил инсон ҷараён ва натиҷаи фаъолияташро дарк менамояд, ки дар натиҷаи маърифати инсонӣ имконпазир мегардад.

Барои назарияи ленинии инъикос фаҳмиши маърифат ҳамчун раванди фаъоли дар заминаи фаъолияти амалии одамон анҷомёбанда хос мебошад. Ишора ба ягонагии ботинии инъикоси маърифатӣ ва амалия табиати фаъолона, эҷодии раванди маърифатро асоснок менамояд. «Нуқтаи назари ҳаёт, амалия, - таъкид намудааст В.И.Ленин, - бояд нуқтаи назари аввалин ва асосии назарияи маърифат бошад» [13, с.145]. Аз ин ҷо хулосае бармеояд, ки раванди маърифат низ бояд аз нуқтаи назари амалия баррасӣ гардад, яъне нақше, ки он дар фаъолияти одамон бозида, мавҷудияти онро таъмин менамояд.

Аҳаммияти амалия дар маърифат, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар фаъолияти инсон, дар таъсироти мутақобили моддии ӯ бо олам объекти маърифат ҷудо карда мешавад, қобилияти маърифатӣ инкишоф ёфта, объекти маърифат ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, лаёқатмандӣ дар фаъолияти амалӣ пайдо шуда, инкишоф меёбад.

Бояд тазаккур дод, ки марксизм тафовутҳои фитрии одамонро рад намесозад. Таҳлили корҳои классикони марксизм нишон дод, ки тафовути нишонаҳои қобилияти фитрӣ, лаёқатмандии субъект ҳам ба интихоби фаъолияти касбӣ, ҳам ба роҳи меҳнатии инсон, ба мундариҷаи ҳаёти инфиродии ӯ ва ба тақдираш таъсиргузоранд.

Файласуфи дигар Л.Н.Коган дар он ақида буд, ки лаёқатмандии инсон ва такомули он ба шароити иҷтимоӣ вобаста мебошад. Ӯ менависад, ки «кашфи фаҳмиши материалистии таърих имкон дод, то аз ҷиҳати илмӣ исбот шавад, ки бо вуҷуди аҳаммияти қобилияту хусусиятҳои фитрии одамон, мавқеи онҳоро дар ҷомеа, пеш аз ҳама, ҷойгоҳи ӯ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиби азхудкунии онҳо аз ҷониби шахсият, ҷаҳонбинӣ, дониш, меҳнатдӯстии ӯ, яъне сабабҳои иҷтимоӣ муайян мекунанд» [8, с.45].

Ба ақидаи Б.М.Кедров, одамон, якум, аз рӯйи машғулиятҳои мушаххас дар ин ё он навъҳои фаъолияти иҷтимоию амалӣ аз якдигар фарқ мекунанд. Маҳдудияти амалияи инфиродии онҳо бо як соҳаи муайян нобаробарии ташаккули неруҳои фитрии онҳоро тайин менамояд. Дуюм, ҳар як фард муносибатҳои ҷамъиятиро нопурра, қисман аз худ мекунад, зеро амалияи инфиродӣ ҳамеша маҳдуд мебошад. Сеюм, муносибатҳои шахсиятӣ метавонанд бо муносибатҳои ҳукмрони ҷамъиятӣ ихтилоф дошта бошанд. Чорум, одамон аз ҳамдигар аз рӯи қобилияти фитрӣ фарқ мекунанд, бинобар ин, онҳо корҳои мухталифро ба тарзи гуногун иҷро менамоянд [7, с.265]. Ин андешаро ҳанӯз В.И.Ленин такмил дода буд. Ӯ зарбулмасали лотинии «Вақте ки ду нафар айнан як корро иҷро мекунанд, он аллакай айнан ҳамон чиз нест»-ро оварда, чунин шарҳ медиҳад: «Байни ин ду нафар тафовути азалӣ ҳаст ва ин тафовут дар воситаи иҷрои айнан як кор зоҳир нашуда наметавонад» [13, с.265]. В.И.Ленин борҳо андешаеро, ки дар давраи коммунизм одамон аз рӯйи қобилияташон монанд хоҳанд шуд, «сухани пучтарин» номида буд [13, с.269]. Чунонки Б.М.Кедров қайд мекунад, эҳтиёҷоти афрод низ якхела нестанд: «Агар афрод эҳтиёҷоти якхела медоштанд, байни онҳо ҳеҷ гуна муносибати ҷамъиятӣ пайдо намешуд» [13, с.211].

Ҳамин тавр, метавон хулоса баровард, ки имконоти афрод ҳеҷ гоҳ якхела набуд ва якхела шуда ҳам наметавонанд. Ҳатто одамоне, ки ба ҳамон як гурӯҳи иҷтимоӣ мансубанд, дар шароити мухталифи микромуҳити иҷтимоии ба онҳо ба таври гуногун таъсиррасон зиндагӣ мекунанд. «Бинобар ин, шахсият ҳастӣ ва ченаки инфиродии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» [13, с. 276].

Нуктаҳои тазаккурёфтаи иҷтимоӣ, ки моҳияти фардиятро ташкил мекунанд, ба хусусиятҳои нотакрори психикию физиологии фард, қобилияти фитрии ӯ, миҷоз, вазъи саломатиаш ва ғайра асар мегузоранд. Дар ягонагӣ ҳамаи онҳо тамомияти нотакрор - фардиятро ба вуҷуд меоранд, ки ҳар як инсонро аз одамоне, ки зиндагӣ мекарданд ва ҳоло зиндагӣ мекунанд, тафовут мебахшад. Чи қадаре ки маҷмуи неруҳои иҷтимоӣ ва табиӣ ғанӣ бошад, ҳамон қадар фардият барҷаста гардида, лаёқатмандии фард неруманд ифода меёбад, чи қадаре ки он камбағал бошад, худи инсон низ ҳамон қадар содатар аст.

Гузашта аз ин, масъалаи лаёқатмандии фардро файласуфони муосир аз дидгоҳи ҳалли муаммои куллии ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ баррасӣ менамоянд. Дар таълифоти А.М.Коршунов ва В.В.Мантатов зарурати ҳифзи тамаддун, бо тамоми душвориҳо ва ихтилофҳои он, барои ҳаёт, барои инсон таъкид мегардад. Зимнан «потенсиали зеҳнии шахсиятҳои лаёқатманд, кашфиёт ва технологияҳои илмиро барои расидан ба ин ҳадаф равона бояд кард» [11, с.372]. Ба ақидаи муаллифон, дар муносибатҳои мутақобили илм ва ҷомеа лаҳзаи бuҳроние наздик аст, ки ба шароити ҳастии ҳам инсон ва ҳам табиат бебозгашт дахолат карда мешавад. Фаъолияте, ки талаботи тарзи тафаккури фалсафии инсонгароёнаро татбиқ намекунад, имрӯз барои инсон, барои биосфера, барои коинот на танҳо нодаркор, балки хатарнок аст, бинобар ин, потенсиали шахсиятҳои лаёқатмандро ҷиҳати пойдоршавии тарзи нави тафаккур татбиқ намудан басо муҳим аст.

Ин андешаро қаблан В.Г.Афанасев [3, с.24], Э.В.Иленков [5, с.55] ва П.В.Копнин [10, с.6] изҳор карда буданд. Онҳо таъкид месохтанд, ки тафаккури нави иҷтимоӣ - азхудкунии моҳияти раванди инсонгароёна намудани тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ аст. Чунончи, П.В.Копнин ишора кардааст, ки дар соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ тафаккури нав маънои иҷрои талаботи идоракунии халқӣ, ҳадди аксари демократизми ҳаёти ҷамъиятиро дорад, вақте ки инсон худро бунёдкор эҳсос намуда, барои татбиқи қобилият, истеъдодаш ба манфиати ҷомеа кӯшиш мекунад. Шартҳои татбиқи талаботи мазкурро муайян намуда, ӯ навиштааст: «Ташаббус ва эҷодкории оммаро баланд бардошта метавонем, агар ба ягонагии табиии манфиатҳои ҷамъиятӣ, дастҷамъона ва шахсӣ ноил гардем, агар ҳар як инсон барои вазъи корҳо дар коллектив, дар ҷомеа масъулият ҳис намояд, агар таъсири методҳои фармондиҳӣ - маъмуриро безарар намудан муяссар гардад. Охир, камбудии асосии ин методҳо дар он аст, ки онҳо зуҳуроти эҷодкорӣ, ташаббус ва масъулиятшиносиро маҳдуд мекунанд; қобилияту истеъдоди ҳам шахсияти алоҳида, ҳам ҷомеаҳои меҳнатиро фурӯ менишонанд» [10, с.87].

Ин ақида аз ҷониби К.А.Абишев дастгирӣ ёфтааст. Ба андешаи ӯ, имрӯз ҳамчунин муаммои соҳаи корҳои ғоявию тарбиявӣ оид ба ташаккули тафаккури нав - муносибати бодиққат ба инсони воқеӣ, ба ҳисоб гирифтани манфиату қобилияти ӯ, яъне фаъолгардонии омили инсонӣ муҳим аст. «Он чизе, ки мо зери мафҳуми фаъолгардонии омили инсонӣ мефаҳмем, маънои гардиши сиёсати иҷтимоиро на танҳо ба сӯйи омма, балки нисбат ба ҳар як шахс ифода менамояд» [1, с.112]. Аз ин ҷо, ҳалқаи асосии занҷири идоракунии иҷтимоӣ фаҳмидан ва бомаҳорат истифода бурдани қобилият, ангезаҳо ва эҳтиёҷоти ҳар як корманд, рушди ҳамаҷонибаи худи инсон, ошкор намудани боигарӣ ва хусусияти ба худ хосси фардият, истеъдод ва лаёқатмандии ӯ, дар ин замина муттаҳидкунии манфиатҳои ҷомеа, коллектив ва шахсият мегардад.

Ҳамин тавр, таҳлили мафҳуми лаёқатмандӣ дар таълифоти фалсафӣ нишон дод, ки ба пайдоиш ва инкишофи хориқаи мазкур се омил таъсир мерасонанд: ирсият, муҳит ва тарбия. Ба ҷуз ин, тарбия, рушд ва кори ҳадафмандона махсусан ҳангоми кор бо бачагони болаёқат заруранд. Барои баррасии механизмҳои инкишофи лаёқатмандии мактаббачагони хурдсол дар раванди педагогӣ идома додани таҳлил дар соҳаҳои психология ва педагогика тақозо мегардад.

**Муқарриз: Шаропов Ш.А. – д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

## АДАБИЁТ


1. Абишев К.А. Проблема субъекта и объекта в марксистской философии / К.А. Абишев. - Алматы: Казахстан, 1975. - 192с.
2. Аль-Фараби. Философские трактаты. - Алма-Ата, 1970. – 356 с.
3. Афанасьев В.Г. Человек как система и система деятельности человека / В.Г. Афанасьев. - М.: Мысль, 1976, 387с.
4. Гегель Г. Наука логики / Г.Гегель. -М.:Мысль,1972. -Т.3. - 371с.
5. Ильенков Э.В. Диалектическая логика. Очерки истории и теории / Э.В. Ильенков. - М.: Политиздат, 1984. - 320с.
6. Кант И. Из рукописного наследия / И.Кант // Материалы к "Критике чистого разума". - М.: Прогресс - Традиция, 2000. - 752с.
7. Кедров Б.М. Диалектика и логика, законы мышления / Б.М. Кедров. - М.: Изд-во АН СССР, 1962.- 336с.
8. Коган Л.Н. Человек и его судьба / Л.Н. Коган. -М.: Мысль, 1988.- 283с.
9. Константинов Н.А. Таърихи педагогика / Н.А. Константинов, Е.Н. Медынский, М.Ф. Шабаева. – Душанбе: Маориф, 1982. - 504 с.
10. Копнин П.В. Гипотеза и её роль в познании / П.В. Копнин. - М.: Знание, 1985. - 240с.
11. Коршунов А.М. Диалектика социального познания / А.М. Коршунов, В.В. Мантатов. - М.: Политиздат, 1988.-383с.
12. Қодиров Қ.Б. Таърихи тарбия аз аҳди бостон то замони Сомониён / Қ.Б. Қодиров. - Душанбе, 2012.-240 с.
13. Ленин В.И. Материализм и эмпириокритицизм / В.И. Ленин // Пол. собр. соч., - М.: Политиздат, 1976. -Т. 18. - 525с.
14. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии / К.Маркс, Ф. Энгельс Соч., 2-е изд. - Т.23. - М.: Политиздат, 1975. - 907с.


## МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ ЛАЁҚАТМАНДӢ ДАР АДАБИЁТИ ФАЛСАФИЮ ПЕДАГОГӢ


Дар мақола оид ба ҷанбаҳои фалсафию педагогии рушди лаёқатмандӣ, қонунияти пайдошавии нубуғ, инсон ҳамчун падидаи табиат, тафовутҳои ақлонии байни одамон, нобаробарии ташаккули неруҳои фитрии одамон, потенсиали шахсиятҳои лаёқатманд, имкониятҳои пойдоршавии тарзи нави тафаккур сухан меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки андешаҳои файласуфони давраҳои гуногуни таърихиро оид ба пайдоиш ва рушди лаёқатмандии инсон гирд оварда, шарҳу эзоҳ диҳад. Ҳамчунин, ақидаҳои файласуфи Юнони қадим Афлотун, Арасту ва Суқрот - "лаёқатмандӣ ҳамчун ҳадяи илоҳӣ", мутафаккири бузурги Шарқ Абунасри Форобӣ - "зеҳн - қисми наҷибтарини рух аст", файласуфон Гегел ва Кант – "инсон як ҷузъи табиат буда, маҳз табиат ба ҳар як кас фардият мебахшад", файласуфони Давраи маърифат Ҷ.Локк, Д.Дидро, Г.Гелветсий –"табиат ҳадяҳояшро баробар тақсим мекунад, аммо ҳар як инсон метавонад то дараҷаи баландтарини нубуғ рушд ёбад", Афанасев В.Г., Иленков Э.В. ва П.В.Копнин – "тафаккури нави иҷтимоӣ - азхудкунии моҳияти раванди инсонгароёна намудани тамоми ҳаёти ҷамъиятӣ аст" ва ғайраҳоро муаллиф аз нуқтаи назари педагогӣ шарҳу эзоҳ додааст, ки имкониятҳои истифодаи онро дар шароити воқеии таҳсилот ифода менамояд. Ҳамин тавр, метавон хулоса баровард, ки имконоти потенсиалии афрод ҳеҷ гоҳ якхела набуд ва якхела шуда ҳам наметавонад. Аз таҳлили мафҳуми лаёқатмандӣ дар таълифоти фалсафӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки барои пайдоиш ва инкишофи феномени мазкур се омил таъсир мерасонанд: ирсият, муҳит ва тарбия. Ба ҷуз ин, тарбия, рушд ва кори ҳадафмандона махсусан ҳангоми кор бо бачагони болаёқат заруранд.



**Калидвожаҳо:** тафовутҳои ақлонӣ, инкишофи лаёқатмандӣ, қобилияти фитрӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, фаъолияти амалӣ, потенсиали шахсият, фаъолгардонии инсон, маърифат ва меҳнат.


## ВОПРОСЫ РАЗВИТИЯ КОМПЕТЕНТНОСТИ В ФИЛОСОФСКОЙ И ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ


В данной статье рассматриваются философско-педагогические аспекты развития таланта, закономерности возникновения гениальности человека как природного явления, интеллектуальные различия между людьми, неравенство формирования врожденных сил человека, потенциал одаренных личностей, возможности сохранения нового образа мышления.Автор попытался собрать мнения философов разных исторических периодов о происхождении и развитии человеческих способностей и объяснить их, а также идеи древнегреческих философов Платона, Аристотеля и Сократа: «талант как божественный дар», великого мыслителя Востока Абу Насра аль-Фараби – «ум есть благороднейшая часть души», философов Гегеля и Канта - «человек есть часть природы, и именно природа каждому придает индивидуальность», философы эпохи Просвещения Ж. Локк, Д. Дидро, Г. Гельвеций - «природа распределяет свои дары поравну, но каждый человек может развиться до высшей степени гениальности», В.Г. Афанасьев, Е.В. Ильенков и П.В.Копнина - "новое общественное мышление есть овладение сущностью процесса гуманизации всей общественной жизни" и др., разъяснены автором с педагогической точки зрения, что показывает возможности его использования в реальных условиях образования. Таким образом, указанные моменты приводят к выводу, что потенциальные возможности индивидов никогда не были одинаковыми и

не могут быть одинаковыми. Из рассмотрения и анализа понятия таланта в философских сочинениях автор приходит к выводу, что на возникновение и развитие этого явления влияют три фактора: наследственность, среда и воспитание. Кроме того, обучение, развитие и целенаправленная работа особенно необходимы при работе с одаренными детьми.

**Ключевые слова**: интеллектуальные различия, развитие талантов, природные способности, социальные отношения, практическая деятельность, личностный потенциал, человеческая активность, знания и труд.

## ISSUES OF COMPETENCE DEVELOPMENT IN PHILOSOPHICAL AND PEDAGOGICAL LITERATURE

The article discusses the philosophical and pedagogical aspects of the development of talent, the regularity of the emergence of genius, a person as a natural phenomenon, intellectual differences between people, the inequality of the formation of a person's innate forces, the potential of gifted individuals, the possibility of maintaining a new way of thinking.The author tried to collect the opinions of philosophers of different historical periods on the origin and development of human abilities and explain them.As well as the ideas of the ancient Greek philosophers Plato, Aristotle and Socrates - "talent as a divine gift", the great thinker of the East Abu Nasr al-Farabi - "the mind is the noblest part of the soul", the philosophers Hegel and Kant - "man is a part of nature, and it is nature for everyone gives personality, philosophers of the Enlightenment J. Locke, D. Diderot, G. Helvetius - “nature distributes its gifts equally, but each person can develop to the highest degree of genius”, Afanasiev V.G., Ilyenkov E.V. and P.V. Kopnin - "new social thinking is the mastery of the essence of the process of humanization of all social life", etc. are explained by the author from a pedagogical point of view, which shows the possibility of its use in the real conditions of education.Thus, these points lead to the conclusion that the potentialities of individuals have never been the same and cannot be the same.From the consideration and analysis of the concept of talent in philosophical writings, the author comes to the conclusion that three factors influence the emergence and development of this phenomenon: heredity, environment and upbringing. In addition, training, development and purposeful work are especially necessary when working with gifted children.

**Key words:** intellectual differences, talent development, natural abilities, social relations, practical activities, personal potential, human activity, knowledge and work.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Ҳошимова Гулшан Гадойбоевна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсус, номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калон. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 E-mail: **khoshimova.gulshan@mail.ru** Телефон: **92 762 19 72**

**Сведения об авторе:** ***Хошимова Гулшан Гадойбоевна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова**,** кафедра социальной и профессиональной педагогики факультета начального образования и специальной педагогики, кандидат педагогических наук, старший преподаватель. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1 E-mail: **khoshimova.gulshan@mail.ru** Телефон: **92 762 19 72**

**Information about the author:** ***Goshimova Gulshan Gadoyboevna*** - Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Department of Social and Professional Pedagogy, Faculty of Primary Education and Special Pedagogy, Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1 E-mail: **khoshimova.gulshan@mail.ru** Phone: **(+992) 92 762 19 72**

ТДУ:370.34(575.3)

# ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮЁН БО ИСТИФОДА АЗ ИМКОНОТИ САЙЁҲИИ ТОҶИКИСТОН


*Азимова М.А.*

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Кишвари зебоманзари Тоҷикистон дар рушди соҳаи сайёҳӣ қадамҳои нахустин ва устувори худро мегузорад. Дар ин раванд омӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тарғибу ташвиқи захираҳои сайёҳии мамлакат хело муҳим аст, зеро соҳаи сайёҳӣ ба сифати суръатбахши рушди иқтисодии кишвар ва минтақаҳо баромад намуда, ҳамзамон, худ низ соҳаи зудинкишофёбанда ва ояндадор мебошад. Аҳаммияти иқтисодии сайёҳӣ пеш аз ҳама, дар талабот ва тақозои сайёҳӣ зоҳир мегардад.

Минбаъд дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар ҷумҳурӣ таълим, тарбия ва омӯзиши донишҷӯён, ҳамзамон омодасозии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ мавқеи муҳимро ишғол хоҳад кард, зеро сайёҳӣ то рафт ба соҳаи баландтехнология табдил ёфта, барои рушди он мутахассисон бояд маълумоти хуб, муоширати баланди касбӣ дошта бошанд ва бо якчанд забон ҳарф зада тавонанд. Ҳалли масъалаҳои омӯзиши донишҷӯён ва омода кардани мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсади зерин амалӣ карда мешавад: пайдо кардани дониш бо мақсади истифода аз имконоти мавҷудаи сайёҳӣ ва хуб донистани соҳаи сайёҳии кишвар.

Қайд кардан зарур аст, ки педагогикаи сайёҳӣ бо дарназардошти омилҳои миллӣ, ҷуғрофӣ, минтақавӣ ва этнографӣ то ҳол суст рушд ёфтааст. Таълими донишҷӯёну мутахассисони соҳаи сайёҳӣ оид ба имконот ва иқтидори сайёҳии кишвар бидуни дастовардҳои муосир дар назарияи педагогикаи умумӣ ва таҳлили иҷтимоию таърихии рушди маориф дар Тоҷикистон ҳал карда намешавад. Таълими менеҷерони сайёҳӣ самаранок ва аз ҷиҳати педагогӣ асоснок хоҳад буд, чунончи:

- талабот ба донишу омӯзиши донишҷӯён ва малакаи касбии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ таҳия гардида, вазифаҳои рушди сарчашмаҳои сайёҳӣ дар кишвар асоснок карда шаванд;
- принсипҳои ташкили таълими омӯзиши донишҷӯёни соҳаи сайёҳӣ дар иқтидорҳои захираҳои табиӣ таҳия гардида, вазифаҳои сайёҳии экологӣ муайян карда шаванд, ки ба рушди муносибати эҳтиёткорона ба муҳити зист дар ҷумҳурӣ мусоидат мекунад, инчунин ҳангоми таҳияи меъёрҳои самаранокии ташкили омодагии омӯзиши донишҷӯёни соҳаи сайёҳӣ ба инобат гирифтани неруи табиии сайёҳӣ зарур аст [1].

Мувофиқи шартҳои дар боло зикршуда вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

1. Дар асоси ошкор намудани талабот ба омӯзиши донишҷӯён ва донишу малакаи касбии мутахассисоне, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият мекунанд, вазифаҳои рушди иқтидори табиии сайёҳии кишварро асоснок кардан.
2. Таҳия ва коркарди амсила (модел)-и педагогии таълими омӯзиши донишҷӯён дар асоси истифодаи иқтидори табиӣ-сайёҳӣ.
3. Ошкор намудани вазифаҳои сайёҳии экологӣ ва таҳия кардани меъёрҳои самаранокии ташкили омодагии донишҷӯён, мутахассисони касбии менеҷерони соҳаи сайёҳӣ тавассути имкониятҳои табиию сайёҳӣ.
4. Асоснок кардани шартҳои педагогӣ барои ташкили омодагии мутахассисони касбии менеҷерҳо бо истифода аз захираҳову нерӯҳои табиию сайёҳӣ.

Тамоюли асосӣ дар ин робита, гузариш аз муносибатҳои субъективӣ–объективӣ ба муносибатҳои субъектӣ-субъективӣ, аз намуди репродуктивии муносибатҳои раванди таълимӣ ба эҷодӣ мебошад. Яке аз омилҳои муҳимтарини муваффақият дар таълими касбии донишҷӯён сатҳи донишу салоҳияти омӯзгор мебошад. Омӯзгоре, ки худаш дорои дараҷаи баланди ҳавасмандӣ барои ба даст овардани муваффақият дар фаъолият мебошад, раванди таълимро дар заминаи

дониши амиқи методологӣ амалӣ менамояд, раванди таълимро дар соҳаи сайёҳӣ самарабахштар месозад. Омили ташаккулдиҳандаи амсила (модел) сифатҳои шахсии аз ҷиҳати касбӣ муҳимми донишҷӯён ва мутахассисони соҳаи сайёҳӣ мебошад: фарҳанги муошират, ҷомеапазирӣ, фаъолнокӣ, мустақилият, ирода, ҳатмият, боинтизомӣ, қобилияти корӣ доштан, қобилияти истифода бурдани ҳалли ғайристандартии масъалаҳо дар ҳолатҳои фавқулода, рафтори экологии оқилона.

Барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи донишҷӯён ва омода намудани мутахассисону менеҷерони соҳаи сайёҳӣ, системаи кредитӣ, яке аз самтҳои нави фаъолияти макотиби олӣ дар соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад.

Ҳадафи ҷорӣ намудани системаи кредитии таълим – ҳамгироии низоми миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо низоми маорифи ҷаҳон, фароҳам овардани шароит барои конвертатсиякунонии дипломҳо, ки ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд ва талаботи онҳо дар бозори меҳнат мавҷуд мебошад.

Низоми кредитии таълим барои баланд бардоштани сатҳи худомӯзӣ ва азхудкунии эҷодии дониш дар асоси фардикунонӣ, интихоб карда тавонистани роҳи таълимӣ дар доираи танзиму раванди таълим ва баҳисобгирии ҳаҷми дониш дар шакли кредитҳо нигаронида шудааст. Дар бозори байналмилалии сайёҳӣ Тоҷикистон то ҳол ҳамчун кишвари таъиноти сайёҳӣ қабул карда нашудааст, ба истиснои соҳаи хеле ками махсусгардонидашуда (сайёҳӣ ба баландкӯҳҳо, омӯзишӣ, сайёҳати саргузаштӣ, асосан дар якҷоягӣ бо маҳсулоти сайёҳии мамлакатҳои ҳамсоя). Бахши хусусӣ тараққӣ накардааст, фазои мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ то ҳол ташаккул наёфтааст. Яке аз мушкилоти аввалини фарқиятҳои номуайян дар байни лоиҳаҳо рушд ва фаъолияти операторони сайёҳӣ – ин ҳолат бо рақобати нобаробар мебошад.

Дар самти рушди сайёҳӣ надоштани тасаввуроти возеҳ, хатари баланди оғози раванди динамикӣ ба сармоягузории байналмилалӣ, ки аз манфиатҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ боло меистанд, нопурра омода будани бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ҷиҳати рушди сайёҳӣ, инкишофи ин соҳаро бозмедорад.

Дар рушди сайёҳӣ ташкили низоми омода намудани мутахассисон ва такмилу баланд кардани ихтисоси кадрҳо, баланд бардоштани донишу малакаи донишҷӯён низ, нақши муҳим дорад. Норасоии кормандон ё набудани тахассуси корӣ, боиси паст шудани сифати хизматрасонӣ мегардад. Хусусан, сатҳи пасти тахассусии кормандон дар корхонаҳои соҳаҳои хизматрасонӣ ва хӯрокворӣ қайд карда мешавад. Дар аксар корхонаҳои сайёҳӣ роҳбарон ва мутахассисон маълумоти олӣ ё миёнаи махсус надоранд.

Дар айни замон, масъалаи муҳим на танҳо қонеъ гардонии эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисоси сайёҳӣ, балки инчунин баланд бардоштани сифати омодакунии кадрҳо мебошад [2].

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи давлатии рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014", инчунин "Консепсияи рушди соҳаи сайоҳӣ дар солҳои 2009-2019" қабул гардид, ки дар натиҷаи амалисозии ҳуҷҷатҳои мазкур, дар Тоҷикистон 7 муассисаи таҳсилоти олӣ барои тайёр кардан ва бозомӯзии мутахассисон дар соҳаи сайёҳӣ ташкил гардид. Барномаҳо имкон доданд, ки равишҳои куллан нави таълими касбӣ дар соҳаи сайёҳӣ, ки дар асоси ҳамкории мақомоти таълимии давлатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва корхонаҳои саноатӣ татбиқ карда мешаванд, фароҳам оварда шаванд. Барои он ки ин равишҳо натиҷаи дилхоҳ диҳанд, пеш аз ҳама, вазифаҳои зеринро ҳал кардан зарур аст: омода кардан ва бозомӯзии ҳайати профессорону муаллимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки ба омода кардани мутахассисҳои соҳаи сайёҳӣ машғуланд; таҳия ва сохтани стандартҳои касбӣ; ташаккули заминаи таълимию методӣ; ташкили низоми ягонаи омӯзиши муттасил барои кормандони соҳаи сайёҳӣ; истифодаи принсипи таълими пешрафта; истифодаи шаклҳои рӯзона ва ғоибона ва низоми таҳсилоти фосилавӣ; ташкили таҷрибаомӯзии истеҳсолии донишҷӯён; ҳавасмандкунии корхонаҳое, ки

барои хатмкунандагони муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус ҷойҳои кории мақсаднок таъсис медиҳанд.

Низоми маориф, ки омӯзиши мутахассисҳои соҳаи сайёҳиро таъмин менамояд, ҳанӯз ҳам суст инкишоф ёфтааст. Тахминан ҳар сол муассисаҳои онро шумораи зерини мутахассисон хатм мекунанд: тақрибан 50 – бо маълумоти олии заминавӣ (сайёҳӣ); тақрибан 20 - бо маълумоти миёна ва зиёда аз 100 нафар бо шаҳодатномаҳои хатмкунии курсҳои кӯтоҳмуддати такмили ихтисос. Мутаассифона, шабакаи мавҷудаи таълимӣ, ки дар як сол 170 мутахассис омода мекунад, талаботи мавҷудаи соҳаро дар кишвар қонеъ карда наметавонад.

Дар айни замон, барои Тоҷикистон самтҳои рушди соҳаи сайёҳӣ, бояд самтҳои афзалиятноки зерин бошанд:

- сайёҳии осоишгоҳӣ ва рекреатсионӣ, сайёҳии саргузаштии кӯҳӣ ва кӯҳнавардӣ;
- сайёҳии экологӣ, зиёратӣ, фарҳангӣ, инчунин сайёҳии дохилӣ ва сайёҳӣ бо мақсади конфронсҳо ва семинарҳо;
- ташкили низомҳои нави ҷойгиронии маҷмааҳои истироҳатӣ ва фароғатӣ.

Таҳияи нақшаи нави рушд ва ҷойгиронии маҷмааи фароғатӣ вазифаи басо муҳим мебошад. Дар айни ҳол, монеаҳои рушди сайёҳӣ дар ҷумҳурии мо таҳияи нақшаи нави рушд ва ҷойгиронии маҷмааи фароғатӣ мебошад, чунки рушди хоҷагидории рекреатсионӣ ин вазифаи маҷмуӣ аст, ки дар он бояд муаммоҳои тиббӣ, курортшиносӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофӣ, меъморӣ ва ғайра, бояд ҳал карда шаванд [2]:

- ташкили шабакаи маҷмааҳои осорхонаҳо ва ташкили хатсайрҳои нав дар асоси онҳо;
- бунёди иншооти нави фароғатӣ дар мавзеи камаҳолӣ ва беаҳолӣ, вале ҷойҳои боздидшаванда (ҷойҳои манбаъҳои обҳои ҳарорати баланд дошта ва маъданашон зиёд, регҳои шифобахш ва ғайра);
- рушд намудан, намоиш додан ва ба фурӯш баровардани маҳсули ҳунарҳои мардумӣ ва косибии миллӣ, маҳсулоти ғизоии миллӣ, истеҳсол ва фурӯши армуғон барои сайёҳон;
- рушди ҳамкориҳои минтақавӣ;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳамкориҳои минтақавӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя ва дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ дар соҳаи рушди сайёҳӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳаммияти минтақавӣ.

Стандартҳои касбӣ барои корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ бори нахуст дар Тоҷикистон бо назардошти сармоягузории мақсадноки хориҷӣ аз ҷониби Фонди Таълимии Аврупо (ФТА) таҳия карда шудаанд. Минбаъд стандартҳо такмил дода шуда, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Вале, бо вуҷуди ин тавсифоти тарифӣ-тахассусии касбҳои коргарон ва вазифаҳои мутахассисон ва кормандон ҳанӯз эътибор дорад. Чунин номуайянӣ раванди истифодаи стандартҳои касбиро бозмедорад.

Ба бахши сайёҳӣ ғояҳо, муносибатҳо ва афзалиятҳои фаъолияти идоракунӣ, ки дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт таҳия шудаанд, ворид карда мешаванд. Таҳлили бозори хидматрасонии сайёҳӣ ва маҳсулоти сайёҳӣ имкон фароҳам овард, ки талабот нисбати мутахассисони дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияткунанда аз рӯйи донишу малакаҳои касбиашон ташаккул дода шавад.

Бо мақсади фаъолияти бомуваффақият дар бозори воқеӣ мутахассис, бояд донишу малакаҳои зеринро дошта бошад: тарзу усулҳои таҳқиқоти таҳлилӣ, асосҳои умумии таҳлили бозори сайёҳӣ, таҳлили пешгӯйии муҳити маркетингӣ ва бозори хидматрасониҳои сайёҳӣ, масъалаҳои нархгузорӣ ва таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ ва ғайра.

Дар баробари дониши назариявӣ мутахассис, бояд малакаҳои амалиро дар соҳаи зерин дошта бошад: этика ва услуби (стилистикаи) гуфтугӯйи корӣ, психологияи муошират, муқаррар кардан ва густариши робитаҳои корӣ, қобилияти

тафаккури таҳлилӣ доштан, қобилияти таҳия кардан ва қабули қарорҳо, дар шароити бозор вазъиятро хуб дарк кардан, банақшагирӣ, назорат, идоракунии ҳамлу нақл, амалиётҳои моддӣ ва ғайримоддиро, ки дар ҷараёни фаъолияти сайёҳӣ дар раванди истеҳсол ва ба истеъмолкунанда пешниҳод кардани маҳсулоти сайёҳӣ ба вуҷуд меояд, анҷом дода тавонад, нигоҳдорӣ ва коркарди иттилооти мувофиқро баҷо орад, малакаи гузаронидани таҳқиқоти бозор ва таблиғ карданро дошта бошад.

Чунин сифатҳо, ба монанди масъулият, диққат, коршоямӣ, фаъолнокии корӣ, қобилияти соҳибкорӣ ва мустақилият, бояд ташаккул дошта шаванд. Таснифоти вазифаҳои умумии педагогӣ ва махсуси таълими касбии сайёҳӣ аз омилҳои рушддиҳанда, таълимӣ, тарбиякунанда, ҳамоишкунанда, иҷтимоӣ, ташкилию ба низомдароранда, худомӯзӣ ва ҳамоҳангсозанда иборат аст [3]. Солҳои охир фаъолияти соҳаи саёҳӣ дар Тоҷикистон босуръат рушд карда истодааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ мақоми афзалиятнок додааст, зеро ин ба мавҷудияти кофии имкониятҳову неруҳои сайёҳӣ дар кишвар тавсиф дода мешавад, ки ба хусусиятҳои иқлимӣ, фарҳангӣ ва таърихии ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

Вазифаи таълими касбӣ на танҳо ҷавобгӯйи ниёзҳои бозори дохилӣ будани мутахассисон (кадрҳо) аст, балки омода кардани мутахассисон мебошад, то ки чунин нашавад, ки соҳа вуҷуд дорад, аммо кадрҳои баландихтисос вуҷуд надоранд. Ин вазифаро донишгоҳҳое, ки ихтисосҳои сайёҳӣ доранд, анҷом медиҳад. Дар донишгоҳҳое, ки ихтисосҳои сайёҳӣ доранд, барномаҳои таълимиро тибқи стандартҳои давлатӣ дар самтҳои «Менеҷменти сайёҳии байналмилалӣ», «Иқтисодиёт ва менеҷмент дар соҳаи сайёҳӣ», «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои маҷмааи меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо», «Саёҳат ва меҳмондорӣ», «Географияи сайёҳӣ» ва ғ. амалӣ мекунанд [3].

Аслан, сифати муҳимми касбии шахсияти менеҷер рафтори аз ҷиҳати экологӣ босалоҳият мебошад, ки он аз баҳодиҳии дурусти ғунҷоиши маҷмааҳои табиӣ: субот, бароҳатӣ, гуногунрангӣ иборат аст. Пас аз пешгӯйиҳои мусоид, вай барои таҳияи барномаҳо оид ба сайёҳии солимгардонӣ, варзиш, маърифатӣ, бояд қарори дурустро қабул бикунад. Малака ва маҳоратҳои умумии зеҳнӣ, амалӣ, ҳамчун ҷузъи он таҷриба, асоси фаъолияти мушаххасро ташкил дода, қобилияти насли ҷавонро дар нигоҳ доштани фарҳанги иҷтимоии мардум рушд мекунад. Дар ин ҳолат, ангезаҳо, ташаккули майлу хоҳиши донишҷӯён барои гирифтани ихтисоси менеҷери сайёҳӣ аҳаммияти муҳим доранд.Хулоса, дар соҳаи сайёҳӣ, дар зинаи таҳсилоти олӣ ба чор ихтисоси асосӣ талабот мавҷуд аст: менеҷери сайёҳӣ, ки таҳия ва рушди хатсайрҳо ва ташкили хидматрасонии сайёҳиро дар самтҳои сайёҳӣ таъмин менамояд; иқтисоддон (менеҷери молиявӣ), ки банақшагирии тиҷорат ва ташкили фаъолияти тиҷоратии корхонаю ширкатҳои сайёҳиро таъмин мекунад; аниматор - мутахассис оид ба ташкили фаъолияти сайёҳӣ дар гурӯҳҳои сайёҳӣ. Мафҳуми "аниматсия" барои сайёҳии оммавӣ, мафҳуми нисбатан нав аст ва онро ҳамчун ташкили фароғат ва истироҳати варзишии сайёҳон метавон маънидод кард.

Мавҷуд набудани маҷмуи стандартҳои таълимӣ, оид ба омода кардани мутахассисон аз рӯйи ихтисосҳо ва тахассуси сайёҳӣ монеаи рушди соҳаи сайёҳӣ ва фаъолияти сайёҳӣ мегардад [4].

Дар айни замон, дар соҳаи сайёҳӣ норасоии бузурги мутахассисони илмию педагогӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, барои ҳалли муаммоҳои дар боло зикршуда, тавсияҳои зерин дода мешаванд:

- мувофиқ кардани стандартҳои касбии Тоҷикистон бо стандартҳои шабеҳи байналмилалӣ;
- такмили низоми мавҷудаи омода кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар соҳаи сайёҳӣ;
- фароҳам овардани замина барои таҳияи стандартҳои муосири таълимӣ ва махсусгардонии онҳо дар соҳаи сайёҳӣ, инчунин таҳияи барномаҳои таълимӣ оид ба

омода кардан ва такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи сайёҳӣ. Дар хотима бояд қайд кард, ки масъалаҳои зеринро таҳқиқ кардан зарур аст:

- асосҳои иҷтимоию педагогии ташаккули сохтори минтақавию кишваршиносии таҳсилоти касбии сайёҳӣ;
- асосҳои ташкилию методии бунёди низоми минтақавии таҳсилоти муттасил ва бисёрсатҳаи соҳаи сайёҳӣ;
- таҳсилоти фосилавии менеҷерҳо бо истифодаи низоми блок- амсилаи (модул)- и иттилоотӣ;
- асосҳои дидактикии таҳияи маҷмуи таълимию методӣ, оид ба омода кардани мутахассисони касбии соҳаи сайёҳӣ;
- мониторинг кардани сифати таълими донишҷӯёни ихтисосҳои донишгоҳи сайёҳӣ;
- ташаккули фарҳанги иттилоотии менеҷери сайёҳӣ дар ҷараёни омодагии касбӣ ва ғайра.

Аз ин ҷо, зарурати бунёди шароитҳои муосири истифодаи технологияҳои пешқадами педагогии марбут ба рушди бозори сайёҳӣ ва татбиқи ҳамаҷонибаи он дар раванди таҳсилоти тахассусӣ ва такмили ихтисоси кормандон зарурат касб менамояд.

**Муқарриз:Қодирова М. Э.-н.и.п., дотсенти ДБССТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдалимов А. Иқтисодиёти туризм / А.Абдалимов, М.И. Қодирова. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 218с.
2. Азимова М.А. Ташкили хизматрасонӣ / М.А.Азимова, М.И. Қодирова. – Душанбе: Ирфон, 2014.- 240с.
3. Ашуралиев М.И. Асосҳои меҳмондорӣ / М.И.Ашуралиев, М.И. Қодирова. –Душанбе: Ирфон, 2013. -3003с.
4. Ашуралиев М.И. Ташкили туризми барномавӣ / М.И. Ашуралиев. - Душанбе: Ашуриён, 2018.- 168с.
5. Диловаров Р.Д. Асосҳои туризм / Р.Д.Диловаров, Ҷ.Н.Ёров, Н.Н. Сайфуллоев. – Душанбе, 2013. – 244с.
6. Жукова М.А. Индустрия туризма: менеджмент организации / М.А. Жукова. – М.: Финансы и статистика, 2007. - 200с.
7. Зорин И.В. Энциклопедия туризма: Справочник / И.В.Зорин, В.А. Квартальное. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 363с.
8. Ильина Е.Н. Основы туристической деятельности / Е.Н. Ильина и др. – М.: Академия, 2007. – 434с.
9. Кабушкин Н.И. Менеджмент гостиниц и ресторанов / Н.И.Кабушкин, Г.А.Бондаренко. - М.: Новое знание, 2002.
10. Кадырова М.И. Перспективы развития туризма в Таджикистане / М.И. Кадырова //Сборник материалов Республиканского научного семинара «Современное состояние и проблемы образования туризма». – Душанбе, 2010. (г. Душанбе. 6 июля 2010 г.). (1 п.л).
11. Карнаухова В.К. Сервисная деятельность / В.К. Карнаухова, Т.А. Краковская. – М.: МарТ, 2006. – 256с.
12. Каурова А.Д. Организация сферы туризма / А.Д. Каурова. – М., С.ПБ: Герда, 2005. – 320 с.
13. Квартальнов В. А. Стратегический менеджмент в туризме: овременный опыт управления / В. А. Квартальное. - М., 1999.-211с.
14. Подготовка высококвалифицированных туристских кадров - требование времени // Материалы Республиканской научно-теоретической конференции по проблемам «Развитие образования во время независимости Таджикистана» –Душанбе, 2010. (0,5 п.л).


## ТАЪЛИМИ ДОНИШҶӮЁН БО ИСТИФОДА АЗ ИМКОНОТИ САЙЁҲИИ ТОҶИКИСТОН

Рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ нақши муҳимро дорад. Зарурати рушди соҳаи сайёҳӣ ба баланд бардоштани сатҳи маълумот, такмили системаи хидматрасонӣ, ҷорӣ намудани воситаҳои нави иттилоот мусоидат мекунад. Рушди соҳаи сайёҳӣ ба коҳиш ёфтани сатҳи бекорӣ дар кишвар, афзоиши назарраси даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва ободонии қаламрав онҳо мусоидат мекунад. Соҳаи сайёҳӣ, феълан нишондиҳандаи инкишофи тамаддун, усули дарки муҳити ҳақиқӣ, тарзи баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва барқарор намудани саломатии одамон мебошад. Иқтидори сайёҳии захираҳои фароғатӣ ва мероси таърихию фарҳангӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ба бозори байналмилалии сайёҳӣ мутобиқ гардад ва ба рушди босуръати сайёҳӣ дар кишвар ноил гардад. Рушди муваффақонаи соҳаи сайёҳӣ, ҳамчун як бахши умедбахши иқтисодиёти ҷаҳону Тоҷикистон, бо омӯзиш алоқаманд аст. Дар соҳаи сайёҳӣ, одамон ва омилҳои инсонӣ нисбат ба

мултимедияи муосир ё назарияҳои охирини соҳаи меҳмоннавозӣ нақши бештар доранд. Барои фаъолияти самараноки истеҳсолӣ, шумораи тайёр кардани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ, бояд бо назардошти хусусиятҳои тахассусие муайян карда шавад, ки маҷмуи илмии асоснокшудаи малакаҳо ва малакаҳои касбии расман сабтшударо ифода намояд.

**Калидвожаҳо**: фарҳанг, даромаднокии сармоягузорӣ, иҷтимоӣ, иқтидори сайёҳӣ, рушди сайёҳӣ, мутахассисон, омӯзиш, иттилоот, малака, низоми хидматрасонӣ, рушди саноат, мероси таърихию фарҳангӣ, бозори сайёҳӣ.

**ОБУЧЕНИЕ СТУДЕНТОВ С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ТУРИСТИЧЕСКИХ ВОЗМОЖНОСТЕЙ ТАДЖИКИСТАНА**

Развитие туризма играет важную роль в решении социальных проблем. Необходимость развития сферы туризма способствует повышению уровня образования, совершенствованию системы обслуживания, внедрению новых средств распространения информации. Развитие индустрии туризма способствует снижению уровня безработицы в регионе, значительному увеличению поступлений в местные бюджеты, благоустройству территорий. В настоящее время туризм является индикатором развития цивилизации, способом познания реальной окружающей среды, способом поднять уровень культуры и восстановить здоровье людей. Туристический потенциал рекреационных ресурсов и историко-культурного наследия позволяет Таджикистану гармонично интегрироваться в международный рынок туризма и достичь интенсивного развития туризма в стране. Это обеспечит устойчивый рост занятости и доходов населения, стимулирование развития смежных с туризмом отраслей и увеличение притока инвестиций в национальную экономику. Успешное развитие туризма как перспективного сектора экономики в мире и в Таджикистане связано с подготовкой кадров. В туристской индустрии человек и человеческий фактор играют большую роль, чем современные мультимедийные средства или новейшие теории индустрии гостеприимства. Для эффективной производственной деятельности количество подготовки кадров туризма должно определяться квалификационной характеристикой, представляющей научно обоснованный набор профессиональных умений и навыков.

**Ключевые слова:** культура, инвестиционная доходность, социальный, туристический потенциал, развитие туризма, профессионал, образование, информация, навыки, система обслуживания, промышленное развитие, историко-культурное наследие, рынок туризма.

**TEACHING STUDENTS USING THE TOURISM OPPORTUNITIES OF TAJIKISTAN**

The development of tourism plays an important role in solving social problems. The need to develop the tourism sector contributes to raising the level of education, improving the service system, introducing new means of disseminating information. The development of the tourism industry contributes to a decrease in the unemployment rate in the region, a significant increase in revenues to local budgets, and the improvement of territories. Currently, tourism is an indicator of the development of civilization, a way of knowing the real environment, a way to raise the level of culture and restore people's health. The tourist potential of recreational resources and historical and cultural heritage allows Tajikistan to harmoniously integrate into the international tourism market and achieve intensive development of tourism in the country. This will ensure sustainable growth in employment and incomes of the population, stimulation of the development of industries related to tourism and an increase in the inflow of investments into the national economy. The successful development of tourism as a promising sector of the economy in the world and in Tajikistan is associated with training. In the tourism industry, humans and human factors play a greater role than modern multimedia or the latest theories of the hospitality industry. For effective production activities, the amount of training tourism personnel should be determined by a qualification characteristic, which is a scientifically based set of professional skills.

**Key words:** culture, investment return, social, tourism potential, tourism development, professionals, education, information, skills, service system, industrial development, historical and cultural heritage, tourism market.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Азимова Манзура Ахметовна*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, кафедраи фанҳои табиатшиносӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734067 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 91-943 – 03 - 59**, E-mail: **azimova.m64@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Азимова Манзура Ахметовна*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, кафедра естественных дисциплин, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес**: 734067, г. Душанбе, Республика Таджикистан, улица Нахимова, 64/14 Телефон: **(+992) 91-943 – 03 - 59,** E-mail: **azimova.m64@mail.ru**

**Information about the author:** ***Azimova Manzura Akhmetovna*** - Tajik State Financial and Economic University, Department of Natural Sciences, Candidate of Pediatric Sciences, Associate Professor. **Address:** 734067, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Nakhimova street, 64/14. Phone**: (+992) 91-943 – 03 - 59**, E-mail: **azimova.m64@mail.ru**

ТДУ:37.01

# МУАММОИ КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

*Мирзабоев З.З.*
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Масъалаи интихоби дурусти касб ва ҳунаромӯзӣ дар меҳвари сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қорор дошта, Пешвои миллат мунтазам дар Паёмҳои хеш ба Маҷлиси Олӣ ва суханрониву маърузаҳо бобати масоили мазкур ибрози назар менамояд.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар ҳадафи асосӣ бунёди кишвари озоду обод, ҳаёти фаровон дар заминаи маънавиёти миллӣ буд, ки дар рушди ҷаҳонӣ нақши муҳим дорад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафи бузург таваҷҷуҳи асосӣ ба воя расонидани насли наврас, ба камолоти ҳамаҷониба, аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ солим, мутахассиси соҳибтахассус равона карда шудааст, ки ифодакунандаи беназири анъана ва тафаккури худшиносии мост.

Дар баробари комёбиҳои қайдшуда баҳри инкишофи минбаъдаи низоми таълими касбӣ баъзе норасоиҳо то ҳанӯз мавҷуд ҳастанд. Махсусан, машғулиятҳои беруназсинфӣ, низомнокӣ ва мақсаднокии ташкили онҳо, ки рукни муҳимми инкишофи донишу малакаи касбии муҳассилин мебошад, ба қадри кофӣ таҳқиқ нагаштаанд. Баъзе аз масъалаҳои асосҳои умумитехникии таълим ва тарбияи меҳнатӣ, асосҳои назариявии пайвастани корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ва кори пурмаҳсули амалии ҷавонон аз ҷониби педагогҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он, ба монанди Ф.Шарифзода, С. Қодиров, А.М. Миралиев, М.Д. Мирзохӯҷаев, Ш.А. Шаропов, М.А. Бендюков, Т.Г. Брилёв, А.А. Вайсбург, Е.А. Климов, А.Н. Леонтев, А.В. Петровский З.И. Василев, В.М. Ганузин, Н.Н.Захаров, П.Холматов, Е.А. Климов, С.Л.Батишев, В.П.Беспалко, В.В.Коралевский, И.В.Коротова, В.Г.Разумовский, Д.А.Тхоржевский ва дигарон мавриди тадқиқ қарор ёфтааст.

П.Холматов дар пажуҳиши худ дар бораи аҳаммияти машғулиятҳои беруназсинфӣ дар тарбияи касбу ҳунари толибилмон изҳори назар карда, технологияи омӯзиши касбу хунарро дар ҷараёни машғулиятҳои беруназсинфӣ тавсия кардааст [5].

Д. Столяренко чунин меҳисобад, ки хусусиятҳои психологӣ-физиологии шахсият, масалан, мизоҷ низ ба интихоби касб таъсир мерасонанд [7, с. 29].

Чи тавре ки К.К. Платонов қайд карда буд: “Маорифи касбӣ ва тарбияи касбӣ дар алоқаи мутақобила қарор дошта, ... бояд хеле моҳирона дар раванди ҳамаи фанҳо ба роҳ монда шавад ва ҳаддалимкон дар синфҳои ибтидоӣ хеле мулоҳизакорона сурат гирад” [6, с.26].

Бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои аз ҳама баланд дар тарбияи касбии хонандагон моҳирона муттаҳид сохтани ҷидду ҷаҳди мактаб, оила, корхона ва аҳли ҷамъиятро ташкил кардан лозим аст. Дар ин ҷо ба ҳаёти ҷомеаҳои истеҳсолӣ ҷалб кардани талабагон, таълиму тарбияи онҳо дар рафти меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, меҳнати ҳосилнок ҷойи махсусро ишғол мекунад.

С.С.Булатов ва В.А.Мазур асосҳои эҷодиёти бадеӣ ва ороиш, ташкили кори маҳфилҳои касбии мактабҳои миёнаро инъикос намудаанд [2].

Ф. Шарифзода таъкид менамояд, ки “...мақсади асосии раҳнамоии худмуайянсозии касбии хонанда аз он иборат аст, ки ӯ бомуваффақият ихтисосашро интихоб менамояд” [8].

Пофессор А.Азизов чунин мешуморад, ки касбинтихобкуниро ҳамчун системаи илмӣ-амалии тайёрии ҷавонон ба интихоби мустақилона ва озоди касб бояд дар назар дошт. Он даъвати ба назар гирифтани хусусиятҳои фардии ҳар як шахс ва зарурати пурарзиши тақсимоти захираҳои меҳнатиро ба нафъи хоҷагии халқ ифода мекунад [1, с.5].

А.М.Миралиев чунин менависад: “Корҳои касбинтихобкунӣ ба насли наврас додани донишҳо оид ба касбҳои гуногунсамт, аҳаммияту хусусиятҳои онҳо, ташаккул додану тарбия намудани шавқу рағбати устувору амиқ ба касбҳои муайян ё гурӯҳи касбҳо бо назардошти майли шахсии хонандагон мебошад” [3].

Талаботе, ки аз ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурии мо ба миён меояд, боиси фаъол шудани пажуҳишҳои тадқиқотӣ гардид, ки ба ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли проблемаҳои илмию амалии ба касбу кор равона кардани насли наврас нигаронида шудаанд. Дар робита ба ин, тамоюлҳои асосии зеринро метавон қайд кард, ки барои дарёфти роҳи амалии омода намудани насли наврас ба интихоби касб мусоидат мекунад:

-ташкили системаи иттилоотии касбие, ки ба донишҷӯён барои дарёфти самти касбӣ кумак мекунад ва сатҳи зарурии малакаҳоро барои баҳодиҳии дақиқи имкониятҳои фардии онҳо таъмин менамояд;

-таҳияи усулҳои ташхиси омӯзиши шахсият бо мақсади кумак расонидан ба хонандагон дар интихоби касб;

-ташкили заминаҳои назариявӣ ва методии пешниҳоди маслиҳатҳои касбӣ ба ҷавонон;

-асосноккунии тамоюлҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ манфиатноки интихоби касб;

- муайян намудани васила ва роҳҳои ҳавасмандгардонии хонандагон ба интихоби касб дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

-муайян намудани мазмун, шакл ва усулҳои озодона роҳнамоии хонандагони синфҳои хатмкунанда ба интихоби касб;

-муайян намудани шартҳои педагогии ҷалби донишҷӯён ба интихоби касб дар шароити татбиқи модели миллии тайёркунии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-зарур аст, ки хусусиятҳои роҳбарӣ ба кори роҳнамоии ҷавонон ба интихоби касб дар марказҳои алоҳидаи вилоят муайян карда шаванд.

Аммо, гарчанде пажуҳишҳо натиҷаҳои муайян ба даст оварда бошанд ҳам, имрӯз ҳадафи асосии роҳнамоии касбомӯзӣ ба ҳам, масъалаи ташаккули маҳорати мувофиқ гардонидани сифатҳои шахсӣ, шавқу рағбат, қобилият ва майлҳои ҳар як донишҷӯ дар интихоби касб, интихоби бошууронаи касб дар асоси талаботи ҷомеа ҳал нашудааст.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳру навоҳӣ оид ба зарурати интихоби касби мувофиқ ба шароити маҳал роҳнамоӣ кардани муҳассилин зарур буда, мутаассифона, ягон барномаи ҷорӣ ва дурнамо вуҷуд надорад. Аз ҳамин сабаб, машғулиятҳои таълими меҳнат ва тарбияи меҳнатиро дуруст ташкил карда, барои оқилона истифода бурдани онҳо ёрӣ расондан лозим аст.

Дар рафти иҷрои кори амалӣ дар дарсҳои таълими меҳнат (технология ва конструкторӣ, хизматрасонӣ, шуъбаҳои хоҷагии қишлоқ) дар муассисаҳои таҳсилоти миёна суҳбатҳо бо хонандагон ва таҳияи саволномаҳо бо хонандагон ва падару модарони онҳо барои муайян кардани шавқу ҳавас, қобилият ва майлу рағбати шогирдон зарур аст. Мазмуну муҳтавои машғулиятҳои таълими касбӣ-техникӣ ва дигар шаклҳои кор дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз ҷалби хонандагон ба фаъолияти корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ, афзудани ташаббус ва мустақилияти онҳо, ба ҳам мувофиқ кунондани шавқу ҳавас, майлу қобилияти шахсии онҳо иборат аст.

Бо таҳлили фикру мулоҳизаҳои олимон-педагогҳо ва бо такя аз натиҷаи мушоҳидаҳо ва корҳои таҷрибавӣ майлу рағбати хонандагонро дар дарсҳои технология (“таълими меҳнат” дар муассисаҳои таҳсилоти миёна) муайян намуда, шавқу ҳавас, қобилият ва майлу рағбати онҳоро мувофиқ мегардонем, то ҷавононе, ки ба зиндагии мустақилона қадам мезананд, дар оянда мутахассисони баркамоли касбу кори худ шаванд. Умедворем, ки ин ба талабагон ёрӣ мерасонад, то дар оянда аз касби интихобкардаашон қонеъ гарданд ва ғояҳои мувофиқ ба тахассусашонро амалӣ гардонанд.

Натиҷаҳои кори таҷрибавӣ нишон медиҳанд, ки дар машғулиятҳои таълими меҳнати мактабҳои маълумоти миёна муайян кардани шавқу ҳавас, қобилият ва

майлу рағбати хонандагон нисбат ба касб бо таҳлили иҷрои супоришҳои амалӣ имкон дорад. Роҳбари синф, равоншиноси муассиса, мутахассис (муаллими таълими меҳнат), ки талабагонро ба омӯзиши касбу ҳунар раҳнамоӣ мекунад, муаллимони фанни меҳнат масъулони асосии ташкили кори ба касбу ҳунар самаранок ҷалб намудани талабагон ба шумор меравaнд.

Албатта, ба онҳо зарур аст, ки фаъолияти худро дар асоси стандартҳои давлатии таълим ба роҳ монанд, зеро вазифаҳои тарбияи меҳнатӣ дар Стандартҳои давлатии таълим ва барномаҳои таълим ифода ёфтаанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо мақсади таълиму тарбияи меҳнатӣ дар мактаб муайян карда шудааст.

Вазифаҳои умумии тарбияи меҳнатӣ дар дарси меҳнат ба се гурӯҳи зерин ҷудо карда мешавад.

Вазифаҳои умумӣ:

–дониш ва тасаввуроти хонандагонро дар бораи мазмуни кор, таҷҳизот (механизмҳо ва машинаҳо), ҷараёнҳои технологӣ ва ташкили истеҳсолоти коргарон, техникҳо, муҳандисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ васеъ намоянд;

–хонандагонро бо роҳҳои эволютсияи ғояҳои пешқадами технологӣ роҳҳои асосии рушди илм ва техника дар истеҳсолоти муосир шинос намоянд;

–асосҳои такмил ва ташкили корҳои ихтироъкориро дар истеҳсолоти ҳозира ҷорӣ кунанд.

Вазифаҳои тарбиявӣ:

- нисбат ба устодони варзида, мутахассисони машҳури илм, техника ва истеҳсолот, ки дар заводу фабрикаҳо, корхонаҳо, хоҷагии қишлоқ, мактабҳои олӣ ва институтҳои илмӣ кор мекунанд, ҳисси эҳтиром парваранд;

- корхонаҳои маҳаллӣ, мошину механизмҳои дар истеҳсолот истифодашаванда, таърихи касбу кори истеҳсолоти маҳаллӣ, инчунин афзудани эҳтиром нисбат ба собиқадорони меҳнат.

Вазифаҳои амалӣ:

- инкишоф ва такмил додани маҳорати меҳнатӣ дар кор бо асбобу анҷом, таҷҳизоти гуногун;

- ташаккул ва инкишофи маҳорати дарёфт ва ҳал кардани масъалаҳои техникию истеҳсолие, ки имконияти баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнатро дар вақти муайяни кор доранд;

- ҳамкорӣ бо ратсионализаторону ихтироъкорон, такмили таҷрибаи кори эҷодии онҳо.

Барои ҳалли ҳамаи ин вазифаҳои педагогӣ дарсҳо ва машғулиятҳои берунaзсинфӣ бо талабагон бояд дар асоси принсипҳои умумии тарбия ба роҳ монда шаванд. Дар боло зикр шуд, ки яке аз ин хусусиятҳо он аст, ки тамоми дарсҳо ва машғулиятҳои берунaзсинфӣ ба вазифаҳои умумии маорифи мактаб вобастаанд.

Хусусияти дигари онҳо иборат аз он аст, ки хонандагон аксар вақт аз рӯйи майлу хоҳиш иштирок мекунанд ва ин ҷиддияту масъулиятро талаб мекунад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки ташаббуси ихтиёрӣ яке аз муҳимтарин талаботҳои роҳнамоии хонандагон ба интихоби касб дар фаъолиятҳои берунaзсинфӣ мебошад. Хонандагон дар сурати шавқу ҳавас ва машғул шудан ба ҳама гуна кор хеле фаъол ва мустақил буда метавонанд. Ташаккули ин сифатҳо шарти зарурии баланд бардоштани ташаббуси эҷодии хонандагон мебошад.

Мавриди зикр аст, ки дар дарсҳо, корҳои берунaзсинфӣ ва берунaзмактабӣ ба иҷрои супоришҳо дар доираи имкониятҳои худ машғул шудан, тавсифи фаъолияти эҷодии соҳибкорони ҷавон, хусусиятҳои синну соли онҳо хеле муҳим аст. Эҷодиёти техникии талабагонро дар доираи машғулиятҳои мактабӣ ва берунaзсинфӣ ва берунaзмактабӣ намоиш додан мумкин аст.

Яке аз хусусиятҳои эҷодиёти техникӣ дар он аст, ки ин кор бояд дар одам муносибати эҷодкоронаро ба иҷрои вазифа ташаккул диҳад, ӯро ба ҷустуҷӯйи доимӣ дар тамоми умр водор намояд. Эҷодиёти техникӣ корҳои назариявӣ, амалӣ ва эҷодии

беруназсинфӣ мебошад. Дар ин кор фаъолияти мунтазам муҳим мебошад. Эҷодиёти техникӣ бояд бо таълим алоқаи зич дошта бошад.

Хусусан, усули таҳқиқи дониш дар омӯзиши масъалаҳои гуногуни иҷрои корҳои лабораторӣ-амалӣ муфид аст. Пеш аз гузаронидани таҷрибаҳо вазифаи онҳоро муайян кардан лозим аст: тавассути ин фаъолиятҳо кадом мафҳумҳои нав ташаккул мeёбанд ва кадоме аз мафҳумҳои мавҷуда васеъ мешаванд, хонандагон дониши худро чӣ гуна инкишоф медиҳанд, шавқу рағбати хонандагон ба дониш чӣ гуна қонеъ мешавад, дар онҳо чӣ гуна талабот ба вуҷуд меояд ва ин чорабиниҳо ба маърифати донишҷӯён оид ба касбҳои зарурӣ чӣ гуна таъсир мерасонанд.

Эҷодиёти техникӣ дар фаъолияти педагог набояд ба таври тасодуфӣ бошад, балки бояд усули кор, усули истеҳсол ва уҳдадории касбии вай гардад. Ин корро бо фаъолияти умумии таълимии мактаб алоқаманд накарда, аз муаммоҳои умумии таълиму тарбияи талабагон ҷудо кардан мумкин нест. Дар акси ҳол исбот кардан душвор аст, ки ҳатто маълумотҳои шавқовари таҷрибавӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданоканд ва онҳоро бо боварӣ қабул кардан мумкин аст.

Хусусиятҳои дидактикӣ ва ташкилии инкишофи эҷодиёти техникии хонандагонро аз бисёр ҷиҳат ба таври боло тавсиф кардан мумкин аст. Фаъолияти техникони ҷавон аз таҳқиқоти пай дар пай, корҳои таҷрибавӣ ва таҳқиқотӣ, албатта, ҳал намудани вазифаҳои эҷодӣ бо роҳи аз манбаъҳои иловагии маълумот истифода бурдан ва омӯхтани усулҳои нав, такя кардан ба донишҳои амиқи назариявӣ ва пайваста такмил додани малакаю маҳорати амалӣ иборат аст.

Натиҷаҳои амалӣ дар фаъолияти техникҳои ҷавон, ихтироъкорони ҷавон ва конструкторони ҷавон нақши муассир мебозанд. Дар ин бобат соҳибкорони ҷавонро водор кардан лозим аст, ки на танҳо чизҳои одӣ, балки чизҳои зарурии мактаб ва асбобҳои техникии сермаҳсул, таҷҳизот, мошина ва ғайраҳоро, ки барои истеҳсолот заруранд, созанд.

Дар натиҷаи мунтазам машғул шудан ба фаъолияти эҷодии техникӣ маданияти умумии хонандагон баланд мешавад. Дониши илмӣ-техникии онҳо, илм, техника ва усулҳои истеҳсолот, инчунин дониши онҳо дар бораи пешқадамони истеҳсолоти маҳаллӣ, ихтироъкорон, олимон, ташкилотҳои ёрирасон ва муаммоҳои иқтисодие, ки бояд ҳал карда шаванд, зиёд мешавад. Барои баланд бардоштани самара ва сифати кори рафиқони худ дар ҷомеаҳои меҳнатӣ донишҷӯ таҷрибаи худро дар раванди фаъолияти эҷодӣ дар тартиб додан ва тайёр кардани дастгоҳҳо, таҷҳизот ва дигар объектҳои техникӣ, ё барои бомуваффақият гузарондани корҳои таҷрибавӣ такмил медиҳанд.

Муайян кардани касб аз рӯйи мансубияти он ба навъи муайяни кор дар асарҳои О.И.Шкаратан низ инъикос ёфтааст: «Касб як намуди муайяни фаъолияти фард аст (ки ба иқтисоди бозорӣ иртибот дорад) ва ин фард пайваста бо он машғул аст, то пул кор кунад» [10].

М.Д.Мирзохоҷаев дар корҳои илмиаш чунин қайд намудааст: «Корҳои касбинтихобкунӣ ҳамчун қисми муҳимтарини раванди таҳсилот дар ҷумҳурӣ ба дигаргуниҳои инноватсионии низоми маориф нигаронида шудааст, ки то ҳадди аксар густариш додани имконияти аз ҷониби хонандагон гирифтани иттилоотро дар бораи касби оянда дастрас менамояд» [8].

Корҳои касбинтихобкунӣ низоми тадбирҳои равонӣ-педагогӣ, тиббӣ ва давлатӣ мебошад, ки ба инсони ба ҳаёт қадамгузоранда дар интихоби илман асосноку устувори касб бо назардошти ҳам талаботи ҷамъият ва ҳам шавқу рағбат ва қобилиятҳои худ ёрӣ мерасонад. Тадбирҳои мазкур манфиатҳои ҷамъияту шахсиятро ҷамъбаст мекунанд.

Чи тавре ки академик С.Я.Батишев қайд мекунад: “Касбинтихобкунӣ фаъолияти ҳадафмандонаи ташаккули шавқу рағбат ва майли касбии насли наврас мувофиқ ба қобилиятҳои шахсӣ, талаботи ҷомеа ба ин ё он касб мебошад...” [2, с.34].

Профессор А.Азизов чунин мешуморанд, ки мақсади тарбияи касбӣ дар системаи маориф ташаккули шахсияти меҳнатдӯст, ки ба талаботҳои истеҳсолоти

муосир, раванди иҷтимоӣ ҷавобгӯ ва соҳиби сифатҳои баланди маънавӣ ва касбӣ ҷавобгӯ бошад, ба ҳисоб меравад [1, с.84].

Тарбияи касбӣ ба якҷояшавии таълим, меҳнат ва тарбия дар маҷмуъ ба ташаккули шахсияти инкишофёфта, шахсияти фаъоли ҷамъиятӣ мусоидат мекунад . Ҳамаи шаклҳои тарбияи касбиро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: шахсӣ, гурӯҳӣ, оммавӣ. Инҳо машғулиятҳои мактабӣ, маҳфилҳои фаннӣ, суҳбатҳо, шабнишиниҳо, озмунҳо, олимпиадаҳо, мубоҳиса ва ғайра мебошанд.

Таснифи асосии тамоюли касбӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси «Таснифи миллии минтақаҳои таълим, касбҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ» сурат гирифта, аз рӯйи он самтҳои таълим ва ихтисосҳо дар коллеҷҳои касбӣ муайян карда мешаванд. Босамар равона кардани хонандагон ба касбу ҳунар раванди мураккабест, ки дар асоси якчанд омил ташаккул ва инкишоф меёбад.

Аз нуқтаи назари психологию педагогӣ 4 гурӯҳи омилҳое, ки ба раванди муайянкунии касбӣ таъсир мерасонанд, ҷудо карда шудааст:

Якум, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Дар марҳалаҳои гуногуни рушди ҳаёт ба ҷавонон соҳаҳои гуногун барои сарф кардани неруи худ пешниҳод мегардад. Ин, пеш аз ҳама, ба доираи касбу ҳунар, пешомадҳои тағйир ва инкишофи онҳо, талаботи ҷамъият ба ин ё он мутахассис дахл дорад.

Ба гурӯҳи дуюм омилҳои иҷтимоию психологиро дохил кардан мумкин аст. Он ба муҳити иҷтимоӣ иртибот дошта, инсон дар ҷараёни таълиму тарбияи мактабӣ ва баъд аз он тарбия меёбад. Дар зери таъсири муҳити иҷтимоӣ маърифати шахс дар бораи имкониятҳо, муносибати муайяни касбҳо ба гурӯҳҳои гуногун, мақсад ва меъёрҳои мушаххас ташаккул меёбад.

Гурӯҳи сеюм аз омилҳои аслии равонӣ иборат аст. Инҳо шавқу ҳаваси шахсӣ, қобилиятҳои умумӣ ва махсус, дараҷаи инкишофи ақлию равонӣ, хотира, диққат ва хислатҳои ба ин монандро фаро мегирад.

Гурӯҳи чорум аз хусусиятҳои фардии руҳию ҷисмонии талаба иборат аст. Онҳо хусусиятҳои тағйирёбии равандҳои равониро муайян намуда, бо хислатҳои гуногун зоҳир гардида, ба иҷрои намудҳои муайяни фаъолият мутобиқ мешаванд ё онро баланд мебардоранд.

Саъю кӯшиши асосӣ дар роҳбарӣ ба касб ба тарбияи меҳнатии хонандагон, дар онҳо ташаккул додани қобилият, шавқу ҳавас ва майл нигаронида шудааст. Ин равиш ташхиси хислатҳои шахсиятро дар бар гирифта, ин равандро зери назорат нигоҳ медорад.

Эҷоди технологияи фаъолияти педагогӣ барои роҳнамоии касбии хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, пеш аз ҳама, шиносоӣ бо мазмуни корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ки аз рӯйи ихтисос ё соҳаҳои ба он алоқаманд гузаронида мешаванд, ҷамъбаст ва таҳлили андешаҳои дар онҳо баёншударо талаб мекунад. Аз ин рӯ, дар марҳалаи ибтидоии фаъолияти илмӣ мо корро аз шиносоӣ бо сарчашмаҳое оғоз намудем, ки ба масъалаҳои додани маълумоти касбии хонандагони муассисаҳои таълимии алоҳида, ташаккули маҳорату малакаҳои муайяни касбӣ дар онҳо равшанӣ меандозанд.

Таҳлили сарчашмаҳои марбут ба масъалаи мавриди назар нишон дод, ки дар самти баланд бардоштани самаранокии фаъолияти педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти роҳнамоии хонандагон ба касбу кор ва ташаккули тафаккури касбӣ дар онҳо мушкилоти мазкур мавҷуд аст:

–таҳия нашудани асосҳои назариявӣ ва амалии ташкили фаъолияти муаллимон оид ба ташаккули тафаккури касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

–татбиқ нагардидани равиши бонизом ва муносибатҳои миллии ҳудудии равандҳои ташаккули тафаккури касбӣ дар байни хонандагон;

–ба қадри кофӣ ба назар гирифта нашудани имкониятҳои шахсӣ, шавқу ҳавас ва эҳтиёҷоти касбинтихобкунии хонандагон.

Бартараф намудани мушкилоти зикргардида ба масъалаҳои ташкили механизми махсуси роҳнамоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ба касб алоқаманд аст, ки дар он муассисаҳои таҳсилоти миёна ва коллеҷҳои касбӣ барои таъмини муттасилӣ ва мунтазамии равандҳои роҳнамоии хонандагон ба касб хизмат мекунанд.

Аз ин нуқтаи назар, корҳои касбинтихобкунӣ дар мактаб маҷмуи чорабиниҳои алоҳидаи танҳо ба хатмкунандагон нигаронидашуда набуда, балки он қисми таркибии тамоми низоми кори таълиму тарбия ба шумор меравад. Омӯхтани қобилият, имконият ва шавқу ҳаваси хонандагон бо ёрии ташхиси психологию педагогӣ аз синфи якум оғоз меёбад.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои ташхиси педагогию психологӣ, додани маслиҳатҳои зарурӣ ба талабагон, ислоҳи мушкилоти равонии онҳо ва дар доираи имкониятҳояшон ба интихоби дурусти касб ноил шудан лозим аст. Вазифаи асосии назариявӣ ва салоҳияти касбомӯзӣ аз он иборат аст, ки насли наврас, яъне хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаро бо мафҳуми касбу ҳунар шинос намуда, майлу рағбати онҳоро ба ин ё он намуди касбу ҳунар афзояд.

Тамоюли касбӣ - ба ин ё он касб рӯ овардан ва дастгирӣ намудани шахс дар асоси шавқу завқи шахс ба интихоби касб, зарурат ва эҳтиёҷоти ҷомеа ба ин касб, додани маслиҳатҳои судманд бо назардошти хусусиятҳои равонӣ мебошад.

Дар байни шарҳҳои гуногуни назариявии тамоюли касб ду мафҳуми муҳимтаринро дар айни замон метавон қайд кард:анъанавӣ, ташхисӣ (диагностикӣ); замонавӣ (ривоҷёбанда).

Вазифаи асосии назарияи анъанавии тамоюли касб (диагностикӣ) муайян кардани майли касбии шахс тавассути муқоисаи хусусиятҳои равонӣ ва афзалиятҳои шахсии ӯ мебошад. Масъулияти асосӣ дар ин маврид ба зиммаи мушовири касбӣ гузошта шудааст. Вай ба ин ё он касб ба воситаи санҷишҳо ва аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардашуда майлу рағбати одамро муайян мекунад.

Дар чунин вазъият шахс, яъне омӯзанда нақши ғайрифаъол (пассив) мебозад. Мафҳуми тамоюл ба касби муосир (таркибёбанда) ҳамчун иштироки фаъолонаи шахс ҷиҳати муайян кардани ояндаи худ дар назар дошта мешавад.

Дар ин маврид диққати асосӣ ба муайян намудани инкишофи шахс дар раванди ишғоли соҳаҳои гуногун равона мешавад. Тарбия, тайёрии меҳнатӣ ва касбӣ раванди яклухти педагогӣ мебошад. Тарбияи касбӣ унсурҳои тайёрии меҳнатӣ ва касбӣ, тарбияи ахлоқӣ, ҷисмонӣ, маънавӣ ва зебоипарастиро дар бар мегирад.

Тамоюли касбӣ ҳамчун як ҷузъи кори тарбиявӣ, тайёрӣ ба интихоби касб дар асоси системаи тарбия, ки ба шахсияти кас таъсир мерасонад, бунёд мегардад.

Пеш аз муайян кардани мафҳуми «системаи роҳнамоии касбӣ» мо бояд мафҳумҳои ба он алоқамандро муайян кунем.

Пеш аз ҳама, мафҳуми «касб»-ро дида мебароем. Дар таърифи ин истилоҳ Е.А.Климов аз равиши дигар истифода кардааст:

-муҳите, ки дар он шахс вазифаҳои меҳнатии худро иҷро мекунад;

- ҷамъияти одамоне, ки дар соҳаи мушаххас кор мекунанд;

-тайёрӣ, яъне қобилияти шахс барои иҷрои вазифаҳои мушаххаси меҳнатӣ тавассути дониш, маҳорат ва қобилият;

-мутахассиси касб, яъне иҷрои бошууронаву эҷодкоронаи вазифаҳо ва тақсимоти дурусти вақт.

Раванди дарк ва интихоби касби ба худ мувофиқ раванди пайваста ва бисёрзинагӣ мебошад, ки шахс дар асоси нақшаҳои шахсии худ ба он майл пайдо мекунад. Пас аз гузаштани давраи муайяни тайёрӣ, яъне зинаи гирифтани маълумоти умумӣ аз рӯйи нақшаҳое, ки дар оянда ба ин ё он касб машғул мешавад, шахс бояд касби дуруст ва мувофиқро интихоб кунад. Як қатор омилҳое ҳастанд, ки ба ӯ барои бо олами касб шинос шудан ва дар бораи онҳо тасаввурот пайдо кардан ёрӣ мерасонанд.

Дар раванди роҳнамоии ҷавонон ба касбинтихобкунӣ аз усулҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

-иттилоотӣ – барномаҳо, буклетҳо, таблиғот, реклама;

-ташкилӣ-фаҳмондадиҳӣ, экскурсияҳо ба ташкилотҳо — бевосита ба ташкилотҳо рафта, бо ҷараёни меҳнат, тартиб ва хусусиятҳои соҳаи кори онҳо шинос шудан;

-ташкили вохӯриҳо бо мутахассисон – вохӯрӣ бо намояндагони мутахассисон, корхонаю ташкилотҳое, ки ба касбу ҳунар нигаронида шудаанд ва бевосита бо ӯ кор мекунанд;

-гузаронидани дарсҳои махсус аз курси роҳнамоии касбӣ – ба ҷавонон пешниҳод намудани маълумот оид ба касб бо ҷалби педагогҳо, мушовирон ва равоншиносон, муайян намудани манфиатҳои шахсии онҳо тавассути саволу ҷавоб, тестҳо ва дигар усулҳо ва роҳнамоии онҳо ба самти дуруст.

Мулоқот бо мутахассисон - намояндагони касбҳои мухталиф, пешқадамони истеҳсолот яке аз шаклҳои самарабахши тарғибу ташвиқи касбҳо мебошад. Ҳамчунин, ин тарзи кор ба ташаккули эҳтиром ба намояндагони соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад. Мутахассисе, ки мулоқотро мегузаронад, бояд касби худро нағз донад, ба он шавқу рағбат дошта бошад, ба ҳамкоронаш бо эҳтиром муносибат кунад, ҷаҳд намояд, ки муносибати худро нисбат ба касб ба хонандагон талқин кунад. Вохӯрӣ ва баромадҳои мутахассисон - собиқ дастпарварони мактаб ба хонандагон таъсири мусбат мерасонад.

Дарвоқеъ, усулҳое, ки дар самти касбомӯзӣ истифода мешаванд, аз усулҳои дар боло овардашуда фарқ мекунанд, аммо усулҳои пешниҳодшуда бар асоси он равишҳое амалӣ мегарданд, ки барои хонандагони ин синну сол интихоби касбро осон мекунанд. Гуногунии ин мафҳум дар он ифода меёбад, ки соҳаҳои гуногуни илм онро бо назари хосси худ муайян менамоянд. Масалан, намояндагони соҳаи илми педагогика фаъолияти ҷомеаи омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти миёна, муассисаҳои таълими касбӣ-техникӣ, оилаҳо ва ҷамъиятҳоро дар доираи тамоюли касбӣ дар назар доранд.Фаъолияти онҳо аз муайян кардани манфиатҳои шахсӣ, имкониятҳо, сатҳи омодагии равонӣ ва ҷисмонии талабагон дар интихоби касби дуруст иборат аст. Мазмуни таърифҳои зикршуда ба фаъолиятҳое дахл дорад, ки ба насли наврас дар интихоби касб кумак мекунанд.

Натиҷаи чунин вобастагии мутақобиларо дар худшиносии касбии инсон дидан мумкин аст. Хусусияти ин равиш дар он аст, ки худшиносии касбии шахс равандест, ки ташаккули фаъолКияти касбииояндаи ӯро ҳамчун субъект таҳқиқ менамояд ва дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳамчун раванди омодагӣ ба тағйирёбии касб, мутобиқ шудан ба ҳаёт ва дигар навъҳои касб зоҳир мегардад.

Боиси қайд аст, ки ҳатто дар мавридҳое, ки шаклҳои самарабахши роҳнамоии касбӣ истифода мешаванд, на ҳамаи талабагон бошуурона касб интихоб мекунанд, бинобар ин ҳангоми баҳо додан ба дараҷаи тайёрӣ ба интихоби касб гурӯҳҳои соҳавиро бояд то ҳадди имкон барвақт тасниф кард.

Муайян кардани ҷавонон аз рӯйи сатҳи тасмимгирӣ ва арзёбии мушкилоте, ки ҳангоми интихоби касб ба вуҷуд меояд, оғоз мешавад. Барои равшан кардани консепсия мо метавонем тақсимоти зерини гурӯҳҳои соҳавиро нишон диҳем:

- гурӯҳи якум - хонандагоне, ки гурӯҳро интихоб намуда, қарори дахлдор қабул кардаанд;

-гурӯҳи дуюм – хонандагоне, ки ба ин ё он касб шавқ доранд ва ба интихоб омодаанд;

-гурӯҳи сеюм – хонандагоне, ки дар интихоб фаъол буданд, вале ба ягон касб шавқу рағбат зоҳир накардаанд;

- гурӯҳи чорум – хонандагоне, ки ба интихоби касб ҳавасманд нестанд.

Дар асоси тақсимоти зикршуда яке аз омилҳои таъсиргузор ба рушд ва такмили системаи таҳсилоти касбӣ, муайян намудани худшиносӣ ва шавқи хонандагон ҳамчун заминаи бунёдии баланд бардоштани самаранокии раванди инкишофи низоми

касбомӯзӣ, пеш аз ҳама, ташаккул додани дараҷаи кофии тайёрии психологӣ ба фаъолияти меҳнатӣ, ҳавасмандгардонӣ ба он, яъне ташаккули шавқу ҳаваси онҳо зарур аст. Таъмини омодагии равонии хонандагон ба интихоби дурусти касб мавҷудияти салоҳияти кофии касбии равоншиноси мактаб, дуруст истифода бурдани усулҳои педагогӣ ва психологиро талаб мекунад.

Ташкили корҳои касбинтихобкунии хонандагон дар фаъолияти касбӣ дар шароити инкишофи босуръати кишвар мубрамияти махсус касб намуда, бо суръатафзоии раванди ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ алоқаи бевосита дорад. Интихоби касб дар асоси нишондодҳои ташкили фаъолияти касбӣ сурат мегирад ва асосан нисбат ба касбҳои хеле мушкилу мураккаб ва сермасъулият иҷро мегардад. Он интихоби кормандони дорои сифатҳои муайянро пешбинӣ мекунад, ки барои иҷрои амалҳои мушаххаси меҳнатӣ заруранд.

Корҳои касбинтихобкунӣ, ки дар вақти таълим ва берун аз дарс амалӣ мегарданд, бояд рушди хусусиятҳои инфиродӣ ва қобилиятҳои эҷодии ҳар хонандаро таъмин кунанд, самти касбинтихобкуниро дар ягонагии манфиатҳои шахсию ҷамъиятӣ ташаккул диҳад. Ҳамин тариқ, истифодаи донишу маҳорат дар корҳои касбинтихобкунӣ нақши муҳим ва асосӣ бозида, чун воситаи баланд бардоштани ташаккули салоҳиятнокии касбинтихобкунии хонандагон хизмат мекунад.

Таҳқиқоти мо, албатта, ҳалли ниҳоии ин масъала ба шумор намеравад ва чун яке аз вариантҳои имконпазири ҳалли масъалаи ташаккули завқи касбинтихобкунии хонандагон баррасӣ мегардад.Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълими ҳамаи фанҳо метавон ташвиқу тарғиби интихоби касбро ба роҳ монд.

**Муқарриз:Исломов А.О.-д.и.п., профессори ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**


1. Азизов А.А. Касбинтихобкунӣ (Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ) / А.А.Азизов, М.А.Дадобоева, М.Н. Носирова. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2021.-292 саҳ.
2. Батышев С.Я. Профессиональная педагогика / С.Я. Батышев. -Москва: Ассоциация «Профессиональное образование», 2009. -150с.
3. Крупская Н.К. Отзыв на рукопись сборника по вопросу о профориентации / Н.К. Крупская. – Москва: Педагогика, 1980. -124с.
4. Крупская Н.К. Выбор профессии / Н.К. Крупская. –Москва: Педагогика, 1978.-381с.
5. Мирзоев А.М. Сайидо Насафи и его место в истории таджикской литературы / А.М. Мирзоев. – Сталинабад, 1954. - 93 с.
6. Давлатзода С. Асосҳои интихоби касб. Китоб барои дарсҳои тарбиявии хонандагони синфҳои 10-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / С.Давлатзода, Л.Назирӣ, А.Миралиев, А.Расулзода. –Душанбе: Маориф, 2017.-232 с.
7. Столяренко Л.Д. Психология / Л.Д. Столяренко. –Москва: Издательство Юрайт. 2011.-173с.
8. Мирзоходжаев М.Д. Учебно-методический кабинет профориентации (методическое пособие) / М.Д. Мирзоходжаев. – Худжанд. Нури маърифат. 2015.-140 с.
9. Литвинский Б.А. Сложносоставной лук в древней Средней Азии. (К проблеме эволюции лука на Востоке) / Б.А. Литвинский. –Москва, 1966. -283с.
10. Шкаратан О.И. Социология неравенства. Теория и реальность. – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2012.
11. Щёкин Г.В. Профориентация — основа эффективного кадрового обеспечения / Г.В. Щёкин. -Казань. МЗУУП, 1992.-200с.
12. Щербакова Т.В. Сопровождение профессионального самоопределения учащихся школ города как организационно-педагогическая проблема:- Автореф. дис. … к.п.н. 13.00.01 / Т.В. Щербакова.-Великий Новгород 2006. -25с.
13. Энгельс Ф. Происхождение семьи, частной собственности и государства / Ф Энгельс. - К. Маркс и Ф. Энгельс, соч. - Т. 21. -177 с.
14. Энциклопедия персидско-таджикской прозы. Синбаднаме. -Душанбе: Главная научная редакция таджикской советской энциклопедии, 1986. - 470с.
15. Юзефавичус Т.А. Педагогические ошибки учителей и пути их
1. предупреждения / Т.А. Юзефавичус.-Москва, 1998.-143с.


## МУАММОИ КАСБИНТИХОБКУНИИ ХОНАНДАГОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Масъалаи касбинтихобкунии хонандагон яке аз самтҳои муҳимтарини ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Дарси технология (таълими меҳнат) ба хонандагон асосҳои

эҷодкориро меомӯзонад, фаъолияти эҷодии онҳоро ҳамаҷониба такомул медиҳад, ба касбинтихобкунии хонандагон ёрӣ мерасонад. Дар мақолаи мазкур вариантҳои имконпазири ҳалли масъалаи ташаккули завқи касбинтихобкунии хонандагон дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) баррасӣ гардидаанд. Самаранок ташкил кардани касбинтихобкунии хонандагон дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) бо усулҳои гуногун мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Қайд карда шудааст, ки тамоюли касбӣ ҳамчун як ҷузъи кори тарбиявӣ, тайёрӣ ба интихоби касб дар асоси системаи тарбия, ки ба шахсияти кас таъсир мерасонад, бунёд мегардад. Корҳои касбинтихобкунӣ низоми тадбирҳои равонӣ-педагогӣ, тиббӣ ва давлатӣ мебошад, ки ба инсони ба ҳаёт қадамгузоранда дар интихоби илман асосноку устувори касб бо назардошти ҳам талаботи ҷамъият ва ҳам шавқу рағбат ва қобилиятҳои худ ёрӣ мерасонад.

**Калидвожаҳо:** касбинтихобкунӣ, мутахассис, психолог, эҷодиёти бадеӣ, дизайн, касб, тарбия, мусоҳиба, озмун, гурӯҳ, роҳбари синф, мактаб, фаъолият, технология, педагог, қобилиятҳо, тарбияи меҳнатӣ.

## ПРОБЛЕМА ПРОФОРИЕНТАЦИИ УЧАЩИХСЯ В СОВРЕМЕННЫЙ ПЕРИОД

Проблема профориентации учащихся является одним из важнейших направлений реформы средних общеобразовательных учреждений. Урок технологии (трудового обучения) обучает учащихся основам творчества, всесторонне совершенствует их творческую деятельность, способствует профориентации учащихся. В настоящей статье рассмотрены возможные варианты решения проблемы формирования интереса к профориентации на уроках технологии (трудового обучения). Предметом анализа стала эффективная организация профориентации учащихся на уроках технологии (трудового обучения) с применением разных способов. Отмечается, что профессиональная наклонность, как один из элементов воспитательной работы, подготовка к выбору профессии формируются на основе системы воспитания, влияющей на личность человека.Работа по профориентации является системой психолого-педагогических, медицинских и государственных мер, содействующих вступающему в жизнь человеку в выборе специальности, научно обоснованной и прочной, на основе учета как общественных требований, так и своих интересов, способностей.

**Ключевые слова:** профориентация, специалист, психолог, художественное творчество, дизайн, профессия, воспитание, беседа,конкурс, группа, классный руководитель, школа, деятельность, технология, педагог, способности, трудовое воспитание.

## THE PROBLEM OF VOCATIONAL GUIDANCE OF STUDENTS AT THE PRESENT TIME

The problem of vocational guidance for students is one of the most important directions in the reform of secondary educational institutions. The lesson of technology (labor training) teaches students the basics of creativity, comprehensively improves their creative activity, and contributes to the career guidance of students. This article discusses possible options for solving the problem of forming interest in career guidance in technology lessons (labor training). The subject of the analysis was the effective organization of career guidance for students in technology lessons (labor training) using various methods. It is noted that professional inclination, as one of the elements of educational work, preparation for choosing a profession is formed on the basis of the education system that affects the personality of a person.Career guidance is a system of psychological, pedagogical, medical and state measures that assist a person entering life in choosing a specialty that is scientifically based and durable, based on taking into account both social requirements and their interests and abilities. In the matter of organizing career guidance for students in the conditions of the accelerated development of the country, the author, having gained special priority in his professional activity with the ever-increasing acceleration of the process of introducing advanced technology, has a direct connection with all areas of labor activity.

**Keywords:** vocational guidance, specialist, psychologist, artistic creation, design, profession, education, conversation, competition, group, class teacher, school, activity, technology, teacher, abilities, labor education.

**Маълумот дар бораи муаллиф:*Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич* -** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи нақшакашӣ, геометрияи тасвирӣ ва методикаи таълим номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1 E-mail: **zikrillo.mirzoboev@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мирзабоев Зикрилло Зиёдуллоевич*** -Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова**,** кафедра черчения, начертательной геометрии и методики преподавания, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, проезд Мавлонбекова, 1 E-mail**: zikrillo.mirzoboev@mail.ru**

**Information about the author:*Mirzaboev Zikrillo Ziyodulloevich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov**,** department of technology and methods of teaching, candidate of pedagogical sciences, assistant. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, Mavlonbekova passage, 1
E-mail**: zikrillo.mirzoboev@mail.ru**

ТДУ:372.879

# ШИНОСОИИ АВОМИЛИ АНГЕЗИШӢ, ВИЖАГИҲОИ ШАХСИЯТӢ ВА МУАЛЛИФАҲОИ ИҶТИМОИИ НЕРУҲОИ ДОВТАЛАБӢ ДАР ВАРЗИШ

*Иброҳим Халилӣ Халил*
**Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Имрӯз афроди довталаб метавонанд дар анҷуманҳои мардумӣ ва ё ҳатто дар созмонҳои давлатӣ ва хусусӣ ба кор гирифта шаванд. Довталаб аз дидгоҳҳои мухталифе баррасӣ ва таъриф шуда, аз ҷумла Вилсон (2000), ки довталабиро анҷоми фаъолият барои кумак ба дигарон, бидуни чашмдошт ва ба сурати комилан озодона таъриф кардааст [35]. Фиқдон ё ҳузури неруҳои довталаб дар созмонҳо мумкин аст ба эҷоди ихтилол дар ҷазбу нигоҳдории кормандон ё эҷоди фазои ҳамдилӣ ва ҳамёрӣ дар созмонҳо мунҷар шавад [16]. Аз солҳои пеш аз кишварҳои ғарбӣ ва аврупоӣ мудирияти варзиш низ ба фикри истифодаи муносиб ва беҳина аз дигар манобеи инсонӣ дар дастрас будааст. Дар ин росто ва бо баҳрагирӣ аз эҳсосот ва неруҳои ирзоношудаи афрод, онҳоро дар арсаи хидмати довталабона дар варзиш ва низ дар ҷиҳати манофеи ҷомеа ва худи довталаб ташвиқ кардааст, ки се мақула – ангезиш, фавоиди иҷтимоӣ ва шахсиятиро метавон мадди назар қарор дод. Яке аз асоситарин иқдомот барои баргузории рӯйдодҳои варзишӣ ва густариши туризми варзишӣ ҷалб ва бакоргирии неруҳои довталаб аст [16]. Фаъолиятҳои довталабӣ мазоёи мутақобиле барои довталаб ва созмон ё ҷомеа доранд, ки аз он ҷумла метавон ба мазоёи иҷтимоӣ, шахсиятӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ишора кард [31]. Гарсия ва ҳамкорон (2007) фаъолиятҳои довталабиро ба далели интиқоли дониш ва эътимоди шахсиятӣ муҷиби афзоиши рушди иҷтимоӣ ва иртиқои арзишҳои башарӣ дар ҷомеа муаррифӣ кардаанд [18]. Иртиқои сатҳи шаҳрвандӣ ва тааҳҳуд ба қавонини иҷтимоӣ аз мазоёи фаъолиятҳои довталабӣ аст [20]. Шерраден ва ҳамкорон (2008) нишон доданд, ки вижагиҳои шахсиятии афрод бар рӯйи навъи хадамоти довталабон таъсири маънодор дорад [33]. Волбек (2008) ба ин натиҷа расид, ки бояд таърифи ҷадиде аз равобити афрод бо якдигар барои ҳамоҳангии бештар дар ҷомеаи дарунсозмонӣ дар неруҳои довталаб ироа шавад [38].

Ба ҳар ҳол, афрод ба далоили гуногун дар наҳзатҳои довталабӣ даргир мешаванд, ки ангезаи ҳар фард бо таваҷҷуҳ ба руҳия, хонавода, шароити зиндагӣ ва муҳити худ мутафовит аст. Албатта, барои ҷазб ва бакоргирии довталабон бояд аз таваққуоти онон бохабар бошем, то битавонем мудирияти ҷазби афроди довталабро ҳадафманд созем ва бар рӯйи хостаҳои онон тамаркуз кунем [16]. Ҷазб, омӯзиш, бакоргирӣ ва нигаҳдории неруҳои довталаб фароянди пурҳазина аст, аз ин рӯ созмонҳои варзишӣ саъй мекунанд, то афродеро ба унвони довталаб интихоб кунанд, ки қобилияти мондагории бештаре дар созмон дошта бошанд. Ин муҳим ҷуз бо баррасии ангезаи довталаб шудани афрод ва интибоқи он бо созмони варзишӣ ва навъи хадамоти ин созмон таҳаққуқ намеёбад [22]. Ҳамчунин, дар ваъияти имрӯз, ки афрод бо мушкилоти рафтории адидае рӯ ба рӯ ҳастанд ва оморҳои нигаронкунандае аз рафторҳои ношоям ба гӯш мерасад, довталаб шудан роҳкорие барои афзоиши мизони рафторҳои матлуби иҷтимоӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, варзиши мо ҳамвора бо камбудии буҷа барои ҷазби манобеи инсонии муштоқ рӯ ба рӯ будааст. Ҳайатҳои варзишӣ низ дар ин замина бештарин ҷаҳди худро бар ҷазби неруҳои довталаби фаъол барои ироаи хадамоти беҳтар ба шаҳрвандон ва варзишгарон мутамарказ кардаанд.

***Равиши таҳқиқ***. Таҳқиқи ҳозир тавсифӣ буда, ба шакли майдонӣ ба иҷро даромадааст. Ҷомеаи омории таҳқиқ 260 нафар аз довталабони варзишии фаъол дар ҳайатҳои варзишии остони Форс буданд, ки 100 нафар аз онҳо аз тариқи намунагирии хӯшаӣ ба унвони намунаи оморӣ интихоб шуданд ва дар ниҳоят 74 пурсишнома баргашта дода шуд. Мелоки интихоби афрод ба унвони довталаби варзишӣ, доштани ихтиёри ҳузур ё адами ҳузури ҳайатҳои варзишӣ ва адами дарёфти

ҳуқуқ аз идороти тарбияти баданӣ буд. Дар ин таҳқиқ 26 зан ва 48 мард ширкат карданд. Иттилооти таҳқиқ аз тариқи чор пурсишномаи санҷиши авомили ангезишии довталабони листи Кулик (2007), пурсишномаи санҷиши вижагиҳои шахсиятии Гуслинг, Рентфроу ва Сванн (2003) пурсишномаи муҳаққақсохтаи созгории иҷтимоӣ ва пурсишномаи мушаххасоти фардӣ ҷамъоварӣ шуд. Шоёни зикр аст, ки пурсишномаи санҷиши ангезиши довталабон, ки листи Кулик (2007) аз он истифода кардааст, бо ҳазф ва изофа кардани бархе авомил ва дидгоҳҳои устодон бо сохтор ва фарҳанги Эрон ҳамсон шуд ва равоёи муносибро ба даст овард. Ин пурсишнома муташаккил аз 27 саволи панҷарзишӣ аст, ки ангезаҳоро дар ҳафт омил – мазҳаб, қудрат, ҳимоят аз хонавода, дарёфти подош, тақдир, итлофи вақт ва далоили номаълум месанҷад.

Пурсишномаи санҷиши вижагиҳои шахсиятӣ мушаххасаҳои шахсиятии афродро месанҷад. Ин сиёҳа, ҳамон тавре ки аз номаш бармеояд, шомили 10 ойтим аст, ки панҷ авомил – бурунгароӣ, созгорӣ, виҷдон, таҷрибаи боз ва равонранҷӯриро андозагирӣ мекунад. Ин пурсишномаро Гуслинг, Рентфроу ва Сванн дар соли 2003 тарроҳӣ кардаанд ва барои санҷиши ҳар омили шахсиятӣ ду савол дар назар гирифта шудааст. Пурсишномаи муҳаққақсохтаи созгории иҷтимоӣ, се омил – эҳтиром ба қавонин, риояти усули шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба урфи иҷтимоиро ба василаи 14 саволи панҷарзишӣ месанҷад. Равоёи пурсишнома аз тариқи назархоҳӣ аз устодони тарбияти баданӣ ва равоншиносӣ ва эъмоли назари онҳо ва иҷтимоъ рӯйи ойтимҳое дар назар гирифта таъин шуд. Поёии пурсишномаҳо дар як мутолиаи роҳнамо ва бо истифода аз зариби ҳамбастагии алфаи Кронбах ба тартиби 0/81, 0/82 ва 0/81 бароварда шуд. Аз пурсишномаи мушаххасоти фардӣ бе ном барои таъини ҷинс, син, мизони таҳсилот, вазъияти тааҳҳул, сооти кори довталабона ва шуғл истифода шуд. Таҷзия ва таҳлили дарсади онҳо ва миёнгини нумраҳо, инҳирофи стандарти нумраҳо будааст. Ҳамчунин, барои баррасӣ ва рутбабандӣ аз озмуни Фридман ва ба манзури баррасии маънодор будани робитаи мутағайирҳо аз омори истинботии зариби ҳамбастагии Спирмен истифода шуд.

***Натоиҷ ва ёфтаҳои таҳқиқ***. Дар ибтидо мушаххасоти ҷамъиятшинохтии довталабони ҳозир дар таҳқиқ барррасӣ шуд. Бештари довталабон (64/86%) мард буданд. Бештарин маҳдудаи синнӣ байни 40 то 50 сол буд (41/89%). Ҳамчунин, тақрибан ду сеюми довталабони корманд (62/16%) ва тақрибан 82% онон мутааҳҳил буданд. 64/86 дарсади довталабон дорои мадраки таҳсилии корсшиносӣ буданд ва 45/94 онон 15 соат дар хадамоти довталабона анҷом медоданд.

Дар идома бо истифода аз озмуни Фридман авомили ангезишии довталабон рутбабандӣ шуд, ки ҳимоят аз хонавода ва ошноён дар байни авомили ангезишӣ бештарин имтиёзро касб кард (3/97±0/74) ва қудрат (3/69±0/55) дар рутбаи дувум қарор гирифт. Омили мазҳаб (3/26±0/84), дарёфти подош (3/22±0/65), далоили мубҳам (2/19±0/55), итлофи вақт (2/14±0/54) ва тақдир ёр ва ташаккур (1/69±0/74) ба тартиб дар даҳаҳои баъдӣ қарор гирифт.

Абъоди шахсиятии довталабони варзишӣ низ рутбабандӣ шуд, ки бо таваҷҷуҳ ба ҷадвали 1 натоиҷи зер ба даст омад. Омили бурунгароӣ дар довталабон бештарин имтиёзро касб кард (3/52±0/65) ва виҷдон (3/22±065) дар рутбабандӣ дувум қарор гирифт. Ба ин тартиб, созгорӣ (2/84±0/57), омили таҷрибасоз (2/75±0/55) ва омили равонранҷурӣ(2/24±0/74) дар радаҳои баъдӣ қарор гирифтанд.

**Ҷадвали 1. Рутбабандии вижагиҳои шахсиятии довталабӣ дар варзиш**

| Мутағайир / Омор M±SD | Теъдод | Бештарин | Камтарин | Миёнгин ва инҳирофи стандарт |
|---|---|---|---|---|
| Бурунгароӣ | 74 | 4/66 | 2/91 | 3/52 ±0/65 |
| Созгорӣ | 74 | 4/46 | 2/2 | 2/84±0/57 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Виҷдон | 74 | 4/21 | 2/02 | 3/22±0/65 |
| Таҷрибаи боз | 74 | 4/17 | 2/24 | 2/75±0/55 |
| Равонранҷурӣ | 74 | 2/54 | 1/96 | 2/24±054 |

Дар идома муҳаққиқ сатҳи иҷтимоии довталабонро баррасӣ кард. Аз байни се омил санҷиши сатҳи иҷтимоии довталабон, омили риояи усули шаҳрвандӣ бештарин имтиёз (3/94±0/62)-ро касб кард ва омили эҳтиром ба урфи иҷтимоӣ (3/5±0/68) ва омили эҳтиром ба қавонин (2/77±0/57) дар радаҳои баъдӣ қарор гирифтанд.

**Ҷадвали 2. Баррасии мизони авомили иҷтимоии неруҳои довталабӣ**

| Омор / Мутағайир | Теъдод | Бештарин | Камтарин | Миёнгин ва инҳирофи стандартM±SD | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Мардон | Занон |
| Урфи иҷтимоӣ | 74 | 4/24 | 2/59 | 3/64±0/65 | 3/55±0/85 |
| Усули шаҳрвандӣ | 74 | 4/84 | 2/64 | 3/75±0/55 | 4/15±0/68 |
| Эҳтиром ба қавонин | 74 | 4/14 | 1/84 | 2/25±0/56 | 3/29±0/58 |

Дар охирин марҳила бо истифода аз озмуни зариби ҳамбастагӣ, ҳамбастагӣ байни авомили ангезишӣ, вижагиҳои шахсиятӣ ва сатҳи иҷтимоии довталабон баррасӣ шуд (ҷадвали 3). Дар баррасии ҳамбастагии авомили ангезишӣ, шахсиятӣ ва иҷтимоӣ ҳамон тавре ки дар ҷадвали 3 мушоҳида мешавад, омили мазҳаб бо омили виҷдон ва ҳар се омили сатҳи иҷтимоӣ – эҳтиром ба қавонин, риояти усули шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба урфи иҷтимоӣ иртиботи маънодоре дорад. Омили қудрат бо ҳеҷ кадом аз авомил иртиботи маънодоре надорад, омили ҳимоят аз хонавода бо ҳеҷ як аз вижагиҳои шахсиятӣ иртиботи маънодоре надошт, вале бо ду омил эҳтиром ба қавонин ва риояи усули шаҳрвандӣ иртиботи маънодоре дошт. Байни омили дарёфти подош бо бурунгароӣ ва эҳтиром ба қавонин эътибори маънодоре мушоҳида шуд. Омили тақдир ва ташаккур бо бурунгароӣ иртиботи маънодоре дошт. Ҳамчунин, омили итлофи вақт бо бурунгароӣ ва равони ранҷурӣ иртиботи маънодоре дошт. Омили далоили номаълум низ танҳо бо омили урфи иҷтимоӣ иртиботи маънодоре нишон дод.

**Ҷадвали 3. Баррасии ҳамбастагии авомили ангезишӣ, вижагиҳои шахсиятӣ ва авомили иҷтимоии неруҳои довталабӣ**

| Урфи иҷтимоӣ | Усули шаҳрвандӣ | Эҳтиром ба қавонин | Виҷдон | Равонранҷурӣ | Созгорӣ | Бурунгароӣ | Таҷриба и боз | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 0/51 | 0/55 | 0/46 | 0/46 | 0/02 | *0/14 | *0/13 | *0/25 | Мазҳаб |
| -0/15 | 0/14 | 0/27 | 0/17 | 0/16 | 0/27 | 0/19 | 0/03 | Қудрат |
| 0/34 | *0/51 | *0/66 | 0/25 | 0/03 | 0/32 | 0/32 | 0/16 | Ҳимоят аз хонавода |
| 0/26 | -0/21 | *0/58 | -0/36 | 0/02 | 0/25 | *0/51 | 0/17 | Дарёфти подош |
| 0/21 | 0/17 | 0/34 | 0/13 | 0/28 | 0/29 | *0/56 | 0/01 | Фиқдони тақдир |
| 0/31 | 0/13 | 0/24 | 0/20 | *0/45 | 0/24 | *0/43 | 0/33 | Итлофи вақт |
| *0/44 | 0/19 | 0/01 | 0/14 | 0/31 | 0/36 | 0/28 | 0/22 | Далоили номаълум |

***Баҳс ва натиҷагирӣ***. Солҳост, ки дар кишварҳои гуногун, бавижа Ғарбу Канада ва Австралия нигоҳи вижае ба мақулаи ҷазб ва таъмин, нигоҳдорӣ ва омӯзиши довталабон барои барои баҳрагирии муносиб аз онон дар ҳавзаҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва хусусан варзишӣ ба манзури баргузории рӯйдодҳои бузурги варзишӣ, монанди олимпиадаҳо ва мусобиқоти ҷаҳонӣ маътуф шудааст. Дар мабҳаси мудирияти варзишӣ ва мақулаи манобеи инсонӣ, дар чанд даҳаи ахир ба василаи иртибот ва таомули донишмандони улуми мудирияти Эрон бо дигар донишмандони

ҷаҳон даричаи ҷадиде барои баҳрагирӣ ва эҳёи ин манбаи билқувва дар ҳоли шаклгирӣ аст ва муҳаққиқ саъй дошт бо мутолиоти густардаи донишмандони соҳибноми ин ҳавза дар шаклгирӣ ва пайрезии роҳи саҳеҳ барои истифодаи муносиб аз неруҳои довталабӣ саҳим бошад. Дар ин таҳқиқ, ки ба шиносоии авомили ангезишии довталабон пардохта шуд, метавонад заминаи ҳузури довталабиро дар ҳавзаи варзиш аз тариқи шинохти саҳеҳи мудирони варзишӣ дар ҷазби довталабони варзишӣ ҳамвор созад. Ҳамчунин, бо баррасии вижагиҳои шахсиятӣ ва сатҳи иҷтимоии довталабон мудиронро дар шинохти хусусиёти ин афрод барои таблиғоти иҷтимоӣ ба манзури ҷазб ва сӯйи ин ҳаракат раҳнамун созад. Ҷомеаи довталабии варзишӣ дар Эрон ҳанӯз худро ба унвони довталаб нашнохта, ағлаб ғайрирасмӣ ва дар тарбияти баданӣ ағлаб расмӣ ва қолаби ҳайатҳои варзишианд. Аз он ҷо ки дар оғози ҳар таҳқиқи густардае мебояд ҷомеаи мавриди таҳқиқро аз лиҳози демографӣ шиносоӣ кунем, аз ин назар ибтидо ин афрод шиносоӣ шуданд, ки бар хилофи кишварҳои дигар мардон бо тафовути ададии зиёд нисбат ба занон ташкилдиҳандагони аслии ин хайатҳои варзишӣ буданд, ки бо натоиҷи бисёре аз таҳқиқот дар хориҷи кишвар аз ҷумла рӯйдодҳои муҳимми байналмилалӣ, монанди Ҷоми ҷаҳони (2002) Корея ва Ҷопон ва ҷамъияти довталабӣ дар Канада ҳамхонӣ надошт [15; 12]. Ин баҳс метавонад ба фарҳанги мо марбут бошад, ки ҳузури мардон дар ҷомеа бештар аз занон аст. Ин бофти ҷинсиятӣ дар сутуҳи болотари варзиши ҷомеа низ сидқ мекунад. Бинобар ин, бояд бо шинохти авомили муассир ба тавсеаи адолат дар тасмимгириҳои варзишии ҳарду ҷинс пардохт. Бештари довталабон кормандон ҳастанд ва эҳтимолан ҳокӣ аз ошноии онон бо созмонҳои ғайридавлатӣ ва анҷуманҳои довталабӣ аст ва албатта, ба маънои эҳтимоли камкории ҳайатҳои варзишӣ ба иллати машғулаи зиёди кормандон дар идороти худ хоҳад буд. Бештари довталабон миёнсол ҳастанд ва ҷавонон дар ин арса камтар фаъол буданд, ки шояд ношӣ аз адами иттилооти онон бошад. Албатта, ба назари Аллен, син дар довталабӣ муассир аст ва афзоиши син муҷиби тақвияти ҳисси довталабӣ мешавад [7]. Ҳамчунин, авомили мавриди таваҷҷуҳи ҷавонон дар мавзуи довталабӣ марбут ба иззати нафс ва тавсеаи шуғлӣ аст, ки бояд дар ҷазб мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад [1]. Ба назари Гиллепси ва Кинг (1985), ангезаи довталабӣ дар наслҳои мухталиф мутафовит аст. Онҳо нишон доданд, ки афроди миёнасол ангезаи навъи дӯстона доранд ва ба ин иллат довталаб мешаванд, ки мехоҳанд ба дигарон кумак кунанд. Аз сӯйи дигар, ҷавонон ағлаб ба касби маҳорат алоқамананданд, чун аз ин тариқ метавонанд мавқеияти бештаре касб кунанд [19]. Ҳамчунин, тақрибан ниме аз довталабон ҳудуди 15 соат аз вақти худ дар ҳафтаро дар ҳайатҳо сипарӣ мекунанд, ки ҷойи хушбахтӣ ва тааҷҷуб аст, зеро ин омор нисбат ба бисёре аз кишварҳо бештар аст. Эҳтимол меравад алоқа ба пешрафт ва ҳамдилии мавҷуд дар анҷуманҳои довталабӣ, ки реша дар суннатҳои иҷтимоӣ дорад [31], аз далоили ҳузури бештари афрод бошад.

Омили ҳимоят аз хонавода ва ошноён бештарин имтиёз ва камтарин имтиёзро дар байни авомили ангезишӣ дар довталабон дошт, ки илова бар вуҷуди навъе тазод нишон аз бетаваҷҷуҳӣ ба асл, мафҳум ва решаи довталабӣ дар миёни довталабон дорад, ки бо натоиҷи Кулик, ки арзишро ҳадафи аслии довталабӣ номид [28], ҳамхонӣ надорад.

Бурунгароӣ бештарин имтиёзро ба даст овард, ки баёнгари вазъияти шахсиятӣ ва иҷтимоӣ будани довталаб аст ва бо натоиҷи Булинг [10] ҳамхонӣ дорад. Афроди довталаб бо анҷоми кори довталабона, эҳсоси манфиро аз худ дур мекунанд ва довталаб метавонад нақши дармонӣ дошта ва дар коҳиши изтироб муассир бошад [23].

Аз байни се омил сатҳи иҷтимоии довталабон, омили риояти усули шаҳрвандӣ бештарин имтиёзро дошт, ки пойбандӣ ба қавонинро дар довталабон нишон медиҳад. Ҳамчунин, омодагии онон барои созмондиҳиро мутазаккир мешавад ва ҳамон тавре ки Юнис ва Айронмонгер хотирнишон карда буданд, довталабӣ муҷиби иртиқои шаҳрвандӣ ва рушди иҷтимоии афрод мешавад. Албатта, бояд ин эҳтимолро

дар назар гирифт, ки шояд афрод қабл аз довталабӣ аз сатҳи иҷтимоии болое бархӯрдор буданд ва ин фарзия ба таҳқиқи дигаре ниёз дорад. Ба ҳар ҳол, довталабӣ фурсати таомули иҷтимоиро, ки як ниёзи умумӣ барои бештари афрод аст, дар ихтиёри онон қарор медиҳад. Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи таҳқиқоти Бенабоу ва Тайрол (2004) ҳракати довталабӣ метавонад нақши пешбиникунандае дар авомили иҷтимоӣ дошта бошад [9]. Натоиҷ нишон дод, ки мазҳаб бо омили ҳимоят аз хонавода иртиботи маънодоре дорад, ки метавонад ба далели эътиқоди хосси эрониёни мусалмон бошад, ки ислом афродро ҳамвора ба ҳимоят аз хонавода ташвиқ мекунад. Дар байни авомил ва вижагиҳои шахсиятӣ байни бурунгароии довталабон бо таҷрибаи боз, виҷдон бо равонранҷурӣ ва созгорӣ бо таҷрибаи боз ҳамбастагии мусбате машҳуд буд ва дар авомили сатҳи иҷтимоӣ байни ҳар се омил эҳтиром ба қавонин, риояти усули шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба урфи иҷтимоӣ, ҳамбастагии маънодоре мушоҳида шуд. Бад-ин гуна аст, ки сатҳи иҷтимоии довталабон, дар маҷмуъ, мутавассит ба болост. Пас, довталабӣ бо афзоиши иртибототи созанда бо иҷтимоъ ва афроди мухталиф муҷиби созгорӣ дар афрод мешавад ва довталабӣ ба рушду тавсеаи зиндагии шаҳравандӣ мунҷар мешавад [13]. Ба тавре ки бархе муҳаққиқон, монанди Вилсон, яке аз умдатарин авомили довталабиро таомули иҷтимоӣ медонад [36]. Омили мазҳаб бо авомили виҷдон, эҳтиром ба қавонин, риояти усули шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба урфи иҷтимоӣ иртиботи маънодоре дошт. Ин низ метавонад ба пешравии шаҳрвандони муқайяд ба дин бештар намуд дошта бошад. Дар кулл бояд гуфт, ки далели мунҳасир ба фард будани натоиҷ дар Эронро бештар мебояд дар фарҳанги хосси мардуми ин марзу бум, ноошноӣ бо фарҳанги наҳзати довталбӣ ва аҳдофи он, наву тоза будани мафҳуми довталабӣ ва набудани қавонин ва завобити хос ба манзури бакоргирии довталабон ҷустуҷӯ кард. Омили подош бо бурунгароӣ ва эҳтиром ба қавонин иртиботи маънодре дошт. Бинобар ин, авомили хориҷӣ, аз ҷумла подошҳои моддӣ ва маънавӣ метавонад эҳтиром ба қавонинро густариш диҳад. Ҳамчунин, омили итлофи вақт бо бурунгароӣ ва равонранҷурӣ ҳамбастагӣ дошт, ки бо натоиҷи Ставитский ва Пансон ҳамхонӣ дорад. Омили номаълум низ бо омили иҷтимоӣ ва омили эҳтиром ба қавонин бо бурунгароӣ ва созгорӣ иртиботи маънодоре дошт. Риояи усули шаҳрвандӣ ва урфи иҷтимоӣ низ бо бурунгароӣ муртабит буданд, ки дар кулл бо натоиҷи Алум ҳамхонӣ дорад ва бо натоиҷи Вулф муғойир аст. Ба ҳар ҳол, довталабӣ муҷиби тақвияти сармояи иҷтимоӣ дар ҷомеа мешавад, бинобар ин, метавон гуфт, ки яке аз муҳимтарин авомили муассир дар эҷоди сармояи иҷтимоӣ довталабӣ аст. Бо таваҷҷуҳ ба ангезаҳои мутафовити довталабон ва низ вижагиҳои шахсиятии гуногуни онон бояд гуфт, ки масъулиятҳо мебоист бар асоси афзалиятҳои довталабон тақсим шаванд. Дар ин сурат раванди афзоиши эътиборот бар пояи вижагиҳои мусбат бино хоҳад шуд, на заъфҳо. Таҳқиқот нишон доданд, ки агар мудир битавонад фарогард ва аносири тафреҳ ва корро бо ҳам талфиқ кунад, ангезаи довталабон низ ба қуввати худ боқӣ меонад.

Ҳамчунин, таъини гурӯҳҳои синнӣ ва вижагиҳои шахсиятии довталабон метавонанд роҳкушои бархе мавонеи созмонӣ дар мизони ҷазбу наҳваи гузиниши синни довталабон барои рӯйдодҳои мухталиф дар радаҳои синнӣ бошад. Чун довталабон ҳеҷ гуна вобастагии молӣ ба созмонҳо надоранд, бинобар ин, қодир ба арзёбии дақиқ ва айнӣ аз созмонҳои варзишӣ ҳастанд. Ин нақши довталабон ба созмонҳои варзишӣ кумак мекунад, то дар масири саҳеҳ гом бардоранд ва ба ҳаёт идома диҳанд.

Ниҳоят, довталабӣ ва хидматрасонӣ ба ҷомеа аз падидаҳои дунёи муосир аст ва реша дар суннатҳои иҷтимоии мардуми ҷаҳон дорад ва фаъолиятҳои довталабона мазоёи дусӯяе дорад, ки ҳам ҷомеа ва ҳам довталаб аз он баҳраманд мешаванд. Бинобар ин, ба навҳе ба афзоиши сармояи иҷтимоӣ дар ҷомеа кумак мекунанд. Дар ниҳоят бояд ба мудирони варзиши кишвар ин нуктаро хотирнишон кард, ки тарвиҷи наҳзат, фарҳанг, усул ва қавоиди довталабӣ, илова бар мазоёи иқтисодӣ, ки барои варзиши кишвар фароҳам месозад, метавонад дар поксозии руҳу равони афроди

ҷомеа ва низ тавсеаи усулу ақоиди шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба қавонин кумаки шоёне кунад, зеро ки ин фарзия дар бисёре кишварҳо ба исбот расида ва лозим аст, то бо ҳамин мудирон ва донишмандони мудирияти варзишӣ ин ҳаракат дар варзиш ба сурати густардае иттифоқ афтад, то шоҳиди қавоиди он дар варзиш ва ҷомеаи Эрон бошем. Ҳамин тавр, бояд ба авомили ҷазбу нигаҳдории довталабӣ низ муталеъ буд, то битавон бо мудирияти саҳеҳ дар бакоргирии ҳарчи беҳтари ин манбаъ муштоқи кори бештарин баҳравариро дошт.

**Муқарриз: Тошзода С. – н.и.п., ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Афрӯза Муҳаммад Содиқ. Авомили ангезишии довталабон дар варзиши донишгоҳӣ; поённомаи коршиносии аршад. Донишгоҳи Урумия, 1386.
2. Андом Ризо ва ҳамкорон. Аввалин ҳамоиши тахассусии мудирияти варзишӣ. Донишгоҳи Омул, 1387.
3. Боқирӣ Юсуф ва ҳамкорон. Таҳлили авомили муассир бар ангезеи довталабӣ дар анҷуманҳои варзишии донишҷӯйии донишгоҳҳои шаҳри Теҳрон // Маҷаллаи «Мудирияти варзишӣ». -№6. –С. 85-100.
4. Содиқ Суристонӣ, Раҳмат А. Даромаде бар ҷомеашиносии варзиш // Фаслномаи олимпӣ. -№1.
5. Абдолӣ Беҳрӯз. Мабонии равонии иҷтимоии тарбияти баданӣ ва варзиш. – Теҳрон: Бомдоди китоб, 1384.
6. Кӯзачиён Ҳошим. Мудирияти варзишӣ. – Теҳрон: Донишафрӯз, 1384. – С. 70-85. *7.ABS. (2005).*
7. ABC. (2005)."Sport Volunteers and Other Volunteers". National Centre for Culture and Recreation Statistics., PP: 4-14.
8. S.Allen, N., and Rushton J.P. (1983). 'Personality Characteristic of Community Health Mental Health Volunteers: A Review". Journal of Voluntary Action Research, 12, PP: 36-49.
9. Allum C. (2007). "International volunteering and co-operation: New developments in programme models". FORUM Discussion paper, International Volunteering and Co-Operation (IVCO) Conference, Montreal, Canada, 17-19 September, 17 pp.
10. Benabou, R. & Tirole, J.(2004). "Incentive and prosaically behavior". Retrieved march 2007 httpi'/www.ecom.pricenton.edu/
11. Boettger, K.J (2007). "Elite Athletes' Motivations to Volunteer and Interpersonal Communication Motives: Identifying Volunteers' Interaction Position. Presented to the Faculty Liberty University School of Communication Studies ". In Partial fulfillment of the Requirements for the Master of Arts In communication Studies.
12. Boling, A.L. (2005). "Volunteer motivation across the lifespan". A dissertation submitted to the faculty of Claremont graduate university in pivotal fulfillment of the requirements for the degree of philosophy in psychology. Claremont. California.
13. Chun H, Alabama, D .(2003). "A study of volunteers motivation and satisfaction in the 2002 fifa world cup Korea Japan ". A thesis submitted to the faculty of the United States sports academy in partial fulfillment of the requirements for degree of master of sport science.
14. Corrign N.W. (2001). "Social exchange theory". Interpersonal communication motives and volunteerism ". Identifying motivation to volunteer, and the reward and associated from http://www. kitkat. wvu. edu
15. Debbie H-L, Natti R, Alan S. Y, Boaz M. Ben-D (2008). "Youth volunteering for youth: Who are they serving? How are they being served"? Children and Youth Services Review 30 (2008). PP: 834-846
16. Downward P; Ralston R (2005). " Volunteer motivation and expectations prior to the XV commonwealth games in Manchester". UK. Tourism and Hospitality Planning & Development, Volume 2, Issue l_April 2005 , PP: 17 - 26.
17. Edward, M. hulme. D.(1996). "Beyondthe magic bullet": MGOperformance and accountability in the post- cold war world. PP: 1-12. weat hardford
18. Fairley, S. Kellett, P. Green. B.C. (2007). "Volunteering Abroad: Motives for Travel to Volunteer at the Athens Olympic Games"._ Journal of Sport Management. Champaign: Jan 2007. Vol. 21, Iss. 1;P: 3.
19. Garcia. J-Mainar, Carmen Marcuello.(2007). "Members, Volunteers, and Donors in Nonprofit Organizations in Spain ". Nonprofit and Voluntary Sector Quarterly. San Francisco: Mar 2007. Vol.36, Iss. 1; P: 100.
20. Guo,C. Musso. Juliet A. (2007). "Representation in Nonprofit and Voluntary Organizations: A Conceptual Framework". Nonprofit and Voluntary Sector Quarterly. San Francisco. Vol.36, Iss. 2; P: 308.
21. Hart, D., and Fegley, S. (1995). "Altruism and caring in adolescence. Relation to self understanding and social development". Child development, 66, PP-Л347-1359
22. Ironmonger, Duncan. (2002). "The economic value of volunteering in South Australia, Melbourne Households Research Unit". Department of Economics, University of Melbourne.
23. Karsten H, Stephanie S. (2008). "Volunteer work, informal help, and care among the 50+ in Europe: Further evidence for 'linked' productive activities at older ages ". Social Science Research journal homepage: www, elsevier. com/ locate/ssresearch.

24. Kirkpatrick Johnson, M., Beebe, T., Mortimer, J. T, and Snyder, M. (1998) "Volunteerism in adolescence: A process perspective". J. Research o Adolescence, 8, PP:309-332.
25. Kulik, L. (2007). "Predicting Responses to '.Volunteering among Adolescents". Journal Voluntas Vol. 18; PP:35-54.
26. Lionel P, Franc₍o, Charles W. (2008). "On the relational motive for volunteer work". Journal of Economic Psychology 29 (2008); PP: 314-335.
27. Mook, L. Handy, F Quarter, J. (2007). "Reporting Volunteer Labour at the Organizational Level: A Study of Canadian Nonprofits ". Journal Voluntas .vol, 18. PP:55-71.
28. Najam, A,. (1996). "NGO accountability a conceptual framework, development policy review". 14.PP: 332- 353.
29. 0moto, A. M., Snyder, M., and Martino, S. (2000). "Volunteerism and the life course: Investigating age-related agendas for action ". Basic and Applied Social Psychology, 22, PP: 181-197.
30. Papadimitriou. D. (2007). "Conceptualizing effectiveness in a non-profit organizational environment: An exploratory study". 2007 Volume: 20 Issue: 7 PP: 571 – 587.
31. Peter Taylor, Geoff Nichols, Kirsten Holmes, Matthew James, Chris Gratton, Richard Garrett, Themis Kokolakakis, Craig Mulder, Lindsay King. (2003). "A report for Sport England from the Leisure Industries Research Centre, Sheffield".PP: 52-91.
32. Salamon, L., Sokolowski, S. J., & List, R. (2004). "Global civil society: An overview. In L. Salaman, S. J. Sokolowski, & Associates" (Eds.), Global civil society: Dimensions of the nonprofit sector, Vol. 2.
33. Sherraden, M.S. Lough, B. McBride, A..Щ2008). "Effects of International Volunteering and , Service: Individual and Institutional Predictors ". Voluntas (2008) 19:PP:395-421
34. Wild, C. (1993). "Corporate Volunteer Programs: Benefits to Business, Report No. 1029". The Conference Board, New York, NY.
35. Wilson, J. (2000). "Volunteering". Annual Review of Sociology, 26, PP:215-240.
36. Wilson, J. and Musick, M. (1997). "Who cares? Toward an integrated **the** of volunteer work". American Sociological Review, Vol. 62, PP: 694-713
37. Wollebcek, D. (2008). "The Decoupling of Organizational Society: The Case of Norwegian Voluntary Organizations". Voluntas. 19:PP .351-371
38. Youniss, J., and Yates, M. (1997). "Community service and social responsability in youth ". Chicago: University of Chicago Press.

## ШИНОСОИИ АВОМИЛИ АНГЕЗИШӢ, ВИЖАГИҲОИ ШАХСИЯТӢ ВА МУАЛЛИФАҲОИ ИҶТИМОИИ НЕРУҲОИ ДОВТАЛАБӢ ДАР ВАРЗИШ

Таъини гурӯҳҳои синнӣ ва вижагиҳои шахсиятии довталабон дар мусобиқаҳои варзишӣ метавонанд роҳкушои бархе мавонеи созмонӣ дар мизони ҷазбу наҳваи гузиниши синни довталабон барои рӯйдодҳои мухталиф дар радаҳои синнӣ бошад. Чун довталабон ҳеҷ гуна вобастагии молӣ ба созмонҳо надоранд, бинобар ин, қодир ба арзёбии дақиқ ва айнӣ аз созмонҳои варзишӣ ҳастанд. Ин нақши довталабон ба созмонҳои варзишӣ кумак мекунад, то дар масири саҳеҳ гом бардоранд ва ба ҳаёт идома диҳанд.Ниҳоят, довталабӣ ва хидматрасонӣ ба ҷомеа аз падидаҳои дунёи муосир аст ва реша дар суннатҳои иҷтимоии мардуми ҷаҳон дорад ва фаъолиятҳои довталабона мазоёи дусӯяе дорад, ки ҳам ҷомеа ва ҳам довталаб аз он баҳраманд мешаванд. Бинобар ин, ба навҳе ба афзоиши сармояи иҷтимоӣ дар ҷомеа кумак мекунанд. Дар ниҳоят бояд ба мудирони варзиши кишвар ин нуктаро хотирнишон кард, ки тарвиҷи наҳзат, фарҳанг, усул ва қавоиди довталабӣ, илова бар мазоёи иқтисодӣ, ки барои варзиши кишвар фароҳам месозад, метавонад дар поксозии руҳу равони афроди ҷомеа ва низ тавсеаи усулу ақоиди шаҳрвандӣ ва эҳтиром ба қавонин кумаки шоёне кунад, зеро ки ин фарзия дар бисёре кишварҳо ба исбот расида ва лозим аст, то бо ҳамин мудирон ва донишмандони мудирияти варзишӣ ин ҳаракат дар варзиш ба сурати густардае иттифоқ афтад, то шоҳиди қавоиди он дар варзиш ва ҷомеаи Эрон бошем. Ҳамин тавр, бояд ба авомили ҷазбу нигаҳдории довталабӣ низ муталеъ буд, то битавон бо мудирияти саҳеҳ дар бакоргирии ҳарчи беҳтари ин манбаъ муштоқи кори бештарин баҳравариро дошт.

**Калидвожаҳо:** довталаби варзишӣ, авомили ангезишӣ, вижагиҳои шахсиятӣ, авомили иҷтимоӣ.

## ОЗНАКОМЛЕНИЕ С МОТИВИРУЮЩИМИ ЛИЧНОСТНЫМИ ХАРАКТЕРИСТИКАМИ И СОЦИАЛЬНЫМИ КАТЕГОРИЯМИ ВОЛОНТЁРОВ В СФЕРЕ СПОРТА

Обозначение возрастных групп и личностных особенностей волонтёров в спортивной деятельности может стать решением некоторых организационных проблем в части привлечения и изменения возраста волонтёров на различные мероприятия в возрастных группах. Поскольку волонтёры не имеют финансовой зависимости от организаций, они имеют возможность точно и объективно оценить спортивные организации. Такая роль вовлеченных в волоетёрство помогает спортивным организациям двигаться по правильному пути.Наконец, подача заявления и служение обществу - это феномен современного мира, уходящий корнями в социальные традиции народов мира, а деятельность по подаче заявок имеет двойную выгоду, которой пользуются и общество, и заявитель. Таким образом, они помогают увеличить социальный капитал в обществе. В конце концов, необходимо напомнить спортивным менеджерам страны, что развитие культуры, методов и правил применения, помимо экономических выгод, которые дает спорт страны, может помочь в

очищении души народа и общества, а также расширении принципов гражданственности и уважения, потому что эта гипотеза была доказана во многих странах, и необходимо объединить это движение в спорте с этими менеджерами и исследователями спортивного менеджмента, поэтому что мы можем стать свидетелями его силы в спорте и иранском обществе. Таким же образом необходимо обратить внимание на факторы привлечения и удержания волнтёров, чтобы иметь возможность максимально продуктивно работать при правильном управлении и максимально эффективном использовании данного ресурса.

**Ключевые слова:** спортивный претендент, мотивационные факторы, личностные качества, социальные факторы.

**INTRODUCTION TO MOTIVATING PERSONAL CHARACTERISTICS AND SOCIAL CATEGORIES OF VOLUNTEERS IN THE FIELD OF SPORTS**

Designating age groups and personal characteristics of volunteers in sports activities can be a solution to some organizational problems in terms of attracting and changing the age of volunteers for various events in age groups. Since volunteers are not financially dependent on organizations, they are able to accurately and objectively evaluate sports organizations. This role of those involved in volunteerism helps sports organizations move on the right path. Finally, applying and serving the community is a phenomenon of the modern world, rooted in the social traditions of the peoples of the world, and the activity of applying has a dual benefit that benefits both the community and the applicant . Thus, they help increase social capital in the society. In the end, it is necessary to remind the sports managers of the country that the development of culture, methods and rules of application, in addition to the economic benefits that the country's sports provide, can help in purifying the soul of the people and society, as well as expanding the principles of citizenship and respect, because this hypothesis was has been proven in many countries and it is necessary to integrate this movement in sports with these managers and sports management researchers so that we can witness its strength in sports and Iranian society. In the same way, it is necessary to pay attention to the factors of attracting and retaining wavemakers in order to be able to work as productively as possible with proper management and the most effective use of this resource.

**Key words**: sports candidate, motivational factors, personal qualities, social factors.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Иброҳим Халилӣ Халил* -** Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, докторанти (post-doktrin), устоди Донишгоҳи озоди исломии воҳиди шаҳристони Мубориакии Ҷумҳурии Исломии Эрон

**Сведения об авторе::** ***Иброхим Халили Халил* –** Институт развития образования имени Абдурахмана Джами Академиобразования Таджикистана, кандидат педагогических наук, докторант (doctoral student), преподаватель Свободного исламского университета города Мубораки Исламской Республики Иран.

**Information about the author*: Ibrohim Khalili Khalil* -** Institute for the Development of Education named after Abdurakhman Jami Academy of Education of Tajikistan, Candidate of Pedagogical Sciences, doctoral student (doctoral student), lecturer at the Free Islamic University of Muboraki, Islamic Republic of Iran.

ТДУ: 37.013.46

# АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

*Азимова Н.С., Нугмонов М.*

**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ҷиҳати ҳамқадами замон будан бо рушди ҷаҳонӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол як қатор иқдомҳои созандаи худро дар соҳаи таҳсилоти касбӣ амалӣ намуда истодааст, ки ба ҳамгироӣ дар иттифоқи байналмилалии таҳсилотӣ равона гардидаанд. Вале аз ҷониби дигар, дар бозори меҳнат корфармоён бо сатҳи дониш ва маҳорату малакаи хатмкардагони мактабҳои олӣ қаноатманд нестанд. Донишҷӯи мактаби олӣ худ бояд дарк намояд, ки дар шароити рақобати бозори меҳнат ҳамон шахс муваффақ буда метавонад, агар омодагии хуби касбӣ, маҳорати худинкишофдиҳии шахсӣ ва касбӣ, иҷрои мустақилонаи супориш, мутобиқшавӣ ба шароитҳои нави фаъолият ва хусусияти табодулӣ дошта бошад. Дар ин замина муаммои мукаммал гардонидани тайёрии назариявӣ ва амалии донишҷӯён, ки қобилияти самаранок ҳал карда тавонистани масъалаҳои иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ ба воқеияти ҳаётро доранд, ба миён меояд.

Дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 қайд карда шудааст, ки “Гирифтани маълумоти босифат яке аз арзишҳои инсонӣ буда, барои омода шудани мутахассиси босалоҳият, қобилияти табодулидошта, эъҷокор заминаи мусоид мегузорад” [7].

Дар мактаби олӣ азхудкунии фанҳои заминавӣ, аз ҷумла фанни математикаи олӣ, барои омӯзиши фанҳои касбӣ заминасозӣ менамоянд. Паст будани сатҳи тайёрии математикии донишҷӯён ба сатҳи таҳсилоти касбӣ низ таъсири манфии худро мерасонад.

Дар ин хусус, М.В. Пототский қайд намудааст, ки: «Математикаи олӣ на танҳо ба таҳсилоти умумии математикӣ таъсир мерасонад, балки як қатор масъалаҳои муҳими раванди таълимро ҳал мекунад» [4, С.70].

Сатҳи таҳсилоти математикӣ саводнокии аҳолӣ ва рақобатпазирии мутахассисро дар ҷодаи истеҳсолоти моддӣ ва зеҳнӣ муайян мекунад. Таҳсилоти математикӣ азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаи барои азхудкунии фанҳои дигар, фаъолияти амалӣ, истифода дар фаъолият ва таҳсилоти минбаъдаи касбӣ муҳимро дар назар дорад. Моҳияти таҳсилоти математикӣ на танҳо азхудкунии дониш, маҳорат ва малака аст, балки ташаккули муҳити маънавӣ, зеҳн ва ахлоқи инсонро дар бар мегирад.

Тамоми қобилияти инсон дар раванди фаъолият инкишоф меёбад. Муаммои фаъолгардонии донишҷӯён – яке аз масъалаҳои мубрамтарин дар амалияи таҳсилот маҳсуб меёбад. Фароҳам сохтани шароитҳои дидактикӣ ва психологии азхудкунии донишҳо, ҳавасманд гардонидан барои омӯзиш ва ташаккули фаъолнокии на танҳо зеҳнӣ, балки шахсӣ ва иҷтимоии донишҷӯён танҳо бо истифодаи усулҳои фаъоли таълим имконпазир аст. Инкишофи қобилияти азхудкунии эҷодии донишҷӯён яке аз мақсадҳои фаъолияти омӯзгор ва истифодаи моҳиронаи усулҳо ва тарзҳои мухталифи фаъолгардонӣ, воситаи ба мақсадрасӣ маҳсуб меёбад. Фаҳмиши дурусти ин нукта барои фаъолияти омӯзгор хеле муҳим аст.

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим на танҳо барои баланд бардоштани сатҳи дониш, балки ташаккул ва инкишофи ҳавасмандии азхудкунӣ ва қобилият, малака ва маҳорати меҳнати мустақилонаи ақлӣ, инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ ва иртиботии донишҷӯён маҳсуб меёбад [1].

«Методҳои фаъоли таълим- ин тарзи фаъолгардонии фаъолияти таълимию дарккунии донишҷӯён маҳсуб ёфта, дар раванди азхудкунии маводи таълимӣ бо

назардошти он, ки донишҷӯён низ фаъол ҳастанд, онҳоро ба фаъолияти фикрӣ ва амалии фаъол водор месозад» [2, С.188].

Ҳангоми истифодаи ин ё он метод ва тарзҳои фаъолгардонии донишҷӯён сатҳи инкишофи қобилияти азхудкунии онҳоро ҳамеша ба назар гирифтан лозим аст. Барои инкишофи ҳамаҷонибаи донишҷуён тез-тез методҳои фаъоли таълимро истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Баробари ин аз хотир баровардан лозим нест, ки оё истифодаи ин ё он метод ва тарз самаранок ҳаст ё не, ба такмилёбии маҳорати азхудкунии онҳо таъсир расонидааст ё не?

Барои омӯзгор таҳлил намудани натиҷаи фаъолияти касбии худ, банақшагирӣ ва ташкили озмоиши психологӣ-педагогӣ ва коркарду хулосабарории он хеле муҳим аст. Яке аз мақсадҳои таҳқиқот таҳлилкунии тағйироти равади таълим, баҳодиҳии аҳамиятнокии он ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон мебошад. Натиҷаҳоро на танҳо муайян ва муқоиса кардан, балки асоснок намудан, исбот кардани ғайритасодуфӣ будани онҳо ва аҳамиятнокии тағйиротҳои баамаломада муҳим аст. Муайян кардани алоқаи байни таъсиррасонӣ ба донишҷӯ (истифодаи методҳои фаъоли таълим ва ғ.) ва натиҷаи бадастомада, асосноккунии самарабахшии истифодаи методҳои таълим бо воситаи методҳои омори математикӣ имконпазир аст.

Дар фаъолияти педагогии худ ҷиҳати истифодаи методҳои фаъол дар раванди таълими математикаи олӣ мо мақсад гузоштем, ки натиҷаи самаранокии онҳоро таҳқиқ намоем. Баъд аз баргузории кори хаттӣ-санҷишӣ аз фанни математикаи олӣ дар ду гурӯҳи донишҷӯён озмоиши педагогӣ ташкил намудем. Мақсад гузоштем, ки сатҳи беҳтар ва сифатан хуб иҷро кардани супоришҳоро дар гурӯҳҳо санҷем. Яъне, лозим аст, ки ду қатори вариатсионӣ (ё оморӣ) муқоиса карда шаванд.

| **Баҳо** | **2** | **3** | **4** | **5** |
|---|---|---|---|---|
| Миқдори донишҷӯёни гурӯҳи 1-26.01.01 А, ки баҳои мувофиқро соҳиб шудааст | 3 | 13 | 5 | 4 |
| Миқдори донишҷӯёни гурӯҳи 1-26.01.01 Б, ки баҳои мувофиқро соҳиб шудааст | 1 | 8 | 13 | - |

Бигзор маҷмуи интихоб бо қатори вариатсонӣ дода шуда бошад:

| **Бузургии ченшаванда $x_i$** | $x_i$ | $x_i$ | … | $x_i$ |
|---|---|---|---|---|
| **Зуддӣ $m_i$** | $m_i$ | $m_i$ | … | $m_i$ |

Миёнаи интихобӣ чунин муайян карда мешавад:

$$\bar{x} = \frac{x_1 m_1 + x_2 m_2 + ... + x_k m_k}{m_1 + m_2 + ... + m_k}.$$

Баҳои миёнаи соҳибшудаи донишҷӯёнро ҳисоб мекунем:

Гурӯҳи 1-26.01.01 А: $\bar{x} = \frac{2 \cdot 3 + 3 \cdot 13 + 4 \cdot 5 + 5 \cdot 4}{3 + 13 + 5 + 4} = \frac{85}{26} \approx 3{,}27$

Гурӯҳи 1-26.01.01 Б: $\bar{x} = \frac{2 \cdot 1 + 3 \cdot 8 + 4 \cdot 13 + 5 \cdot 0}{1 + 8 + 13} = \frac{78}{22} \approx 3{,}54$

Баҳои миёнаи иҷрои супоришҳо аз ҷониби донишҷӯёни гурӯҳи 1-26.01.01 Б баландтар аст ва сатҳи азхудкунии фан низ дар ин гурӯҳ нисбатан баланд мебошад. Вале ин фарзияро санҷидан лозим аст.

Акнун муайян мекунем, ки то чӣ андоза баҳои миёнаи гурӯҳҳо аз якдигар фарқ доранд. Барои ба ин савол ҷавоб додан дар омори математикӣ мафҳуми нишондиҳандаи пошхӯрӣ мавҷуд аст. Нишондиҳандаи пошхӯриии қатори вариатсиониро *дисперсия* меноманд. Дисперсияи интихобӣ $D_в$ аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад [3, С.19]:

$$D_в = \frac{\sum_{i=1}^{k}(x_i - \bar{x})^2 m_i}{n}$$

Дар ин ҷо $x_i$-бузургии $i$-ум аз маҷмуи интихоб, ки $m_i$ маротиба вомехурад; $n$-ҳаҷми интихоб; $\bar{x}$ -миёнаи интихобӣ; $k$-миқдори қиматҳои гуногун дар интихоб. Чӣ қадаре, ки қимати дисперсия калон бошад, ҳамон қадар фарқияти қимати бузургии ченшаванда аз якдигар калон аст.

Қимати миёнаи интихобии умумии ду гурӯҳро ҳисоб мекунем:

$$\bar{x} = \frac{3,27 \cdot 26 + 3,54 \cdot 22}{48} \approx 3,39$$

$$D_в = \frac{\sum_{i=1}^{k}(x_i - \bar{x})^2 m_i}{n} = \frac{(3,27 - 3,39)^2 \cdot 26 + (3,54 - 3,39)^2 \cdot 22}{48} = \frac{0,37 + 0,49}{48} \approx 0,018$$

Ба сифр наздик будани қимати дисперсия аз он шаҳодат медиҳад, ки фарқияи байни гурӯҳҳои назоратшаванда калон нест.

Дисперсия на танҳо дараҷаи фарқияти қиматҳои бузургии ченшавандаро дар дохили як гурӯҳ, балки барои муайян кардани тамоюли маълумоти гурӯҳҳои гуногун низ истифода бурда мешавад. Барои ин якчанд намудҳои дисперсия истифода бурда мешавад. Агар ягон гурӯҳ интихоб карда шавад, дисперсия ин гурӯҳро *дисперсияи гурӯҳӣ* меноманд. Барои ба таври ададӣ ифода кардани фарқи дисперсияҳои якчанд гурӯҳҳо мафҳуми *дисперсияи байнигурӯҳиро* истифода мебаранд.

$$D_{байнигурух \quad и} = \frac{\sum_{i=1}^{k}(\overline{x_i} - \bar{x})^2 n_i}{\sum_{i=1}^{k} n_i}$$

Дар ин ҷо $k$-миқдори гурӯҳҳо дар интихоби умумӣ, $\overline{x_i}$ -миёнаи интихобӣ барои гурӯҳи $i$-ум, $n_i$ – ҳаҷми интихоби гурӯҳи $i$-ум, $\bar{x}$ - миёнаи интихобӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо.

Агар интихоби умумӣ (масалан, гурӯҳи донишҷӯён) ба якчанд зергурӯҳ тақсим шуда бошад, ғайр аз дисперсияи байнигурӯҳӣ дисперсияи дохилигурӯҳиро низ ҳисоб кардан мумкин аст, ки аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$D_{дохилигуру \quad хи} = \frac{\sum_{i=1}^{k} D_i n_i}{\sum_{i=1}^{k} n_i}$$

Дар ин ҷо $k$-миқдори гурӯҳҳо дар интихоби умумӣ, $D_i$ – дисперсияи гурӯҳи $i$-уми ҳаҷми $n_i$ мебошад.

Дисперсияи байнигурӯҳӣ ва умумӣ барои муайян кардани вобастагии байни натиҷаи озмоиши педагогӣ аз таълуқ доштани донишҷӯ ба ин ё он гурӯҳ имконият медиҳад. Бо ин мақсад коэффитсиенти *детерминатсияро* истифода мебранд:

$$R^2 = \frac{D_{дохилигуру \quad хи}}{D_в}$$

Масалан, муайян мекунем, ки то чӣ андоза самти тахассуси донишҷӯён ба сатҳи азхудкунии фанни математикаи олӣ таъсир мерасонад. Маълумотро дар ҷадвал ҷойгир мекунем:

| Самти тахассуси гурӯҳи донишҷӯён | Холи миёнаи гурӯҳ ($x_i$) | Миқдори донишҷӯёни гурӯҳҳо (нафар) ($n_i$) | Дисперсия дар гурӯҳ ($D_i$) |
|---|---|---|---|
| Кори бонкӣ | 63,46 | 28 | 10,38 |
| Системаҳои автоматикунонидашуда | 57,9 | 25 | 9,48 |
| Идораи давлатӣ | 55,3 | 21 | 9,36 |

Холи миёнаи иҷрои супоришҳоро барои ҳамаи гурӯҳҳо муайян мекунем:

$$\bar{x} = \frac{\sum x_i \cdot n_i}{\sum n_i} = \frac{63,46 \cdot 28 + 57,9 \cdot 25 + 55,3 \cdot 21}{28 + 25 + 21} \approx 59,27$$

Дисперсияи байнигурӯҳиро ҳисоб мекунем:

$$D_{байнигурухи} = \frac{(63,46 - 59,27)^2 \cdot 28 + (57,9 - 59,27)^2 \cdot 25 + (55,3 - 59,27)^2 \cdot 21}{74} \approx 11,75$$

Дисперсияи дохилигурӯҳиро ҳисоб мекунем:

$$D_{дохилигурухи} = \frac{\sum_{i=1}^{k} D_i n_i}{\sum_{i=1}^{k} n_i} = \frac{28 \cdot 10,38 + 25 \cdot 9,48 + 21 \cdot 9,36}{74} \approx 9,79$$

Дисперсияи умумиро ҳисоб мекунем:

$D_в = D_{дохилигурӯҳӣ} + D_{байнигурӯҳӣ} = 11,75 + 9,79 = 21,54$

Пас коэффитсиенти детерминатсия $R^2 = \frac{11,75}{21,54} = 0,55$ аст.

Аз ин озмоиш чунин хулоса бармеояд, ки барои донишҷӯёни ихтисосҳои кори бонкӣ, системаҳои автоматикунонидашуда ва идораи давлатӣ омӯзиши фанни математикаи олӣ як хел муҳим аст ва аз самти ихтисосашон на он қадар вобастагӣ дорад. Коэффитсиенти ҳисобшудаи детерминатсия нишон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии фанни математикаи олӣ ба самти тахассуси донишҷӯён 55% вобастагӣ дорад.

Хулоса, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти пурсамари омӯзгор як андоза аз истифодаи технологияҳои ташкил ва арзёбии натиҷаҳои таълими донишҷӯён бо истифодаи методҳои оморӣ вобастагӣ дорад. Афзалияти истифодаи ин методҳо дар самаранокӣ, технологӣ, эътимоднокӣ ва воқеӣ будани онҳо аст.

Низоми фаъолияти омӯзгор вобаста ба фаъолсозии фаъолияти таълимии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни математикаи олӣ бояд бо дарназардошти мунтазам ноилгардӣ ба мақсади интизорӣ, яъне инкишофи қобилияти донишҷӯ дар раванди таълим ва соҳибтахассусгардии ӯ, роҳандозӣ гардад.

**АДАБИЁТ**


1. Азимова Н.С. Истифодаи методҳои фаъоли таълими математика- омили амалигардонии муносибати босалоҳият ба таълим: Дастури таълимӣ-методӣ [Матн] / Н.С.Азимова. – Хуҷанд: “Парки технологӣ”-и ДДҲБСТ, 2022. – 80 с.
2. Азимова, Н.С. Истифодаи методҳои фаъоли таълими математика дар мактаби олӣ ҳамчун асоси амалигардонии муносибати босалоҳият [Текст] / Н.С. Азимова // Паёми донишгоҳи миллӣ. – 2022. – № 1. – С. 182-190. ISSN 2074-1847.

3. Афанасьев В.В., Сивов М.А. Математическая статистика в педагогике: учебное пособие / под науч.ред.д.-ра ист.наук, проф.М.В. Новикова. – Ярославль: Изд.-во ЯГПУ, 2010. –76 с.
4. Потоцкий М.В. Преподавание высшей математики в педагогическом ин¬ституте (из опыта работы). – М.: Просвещение, 1975. – 208 с.
5. Панина Т.С., Вавилова Л.Н. Современные способы активизации обучения/под. ред. Т.С. Паниной. – М.: Академия, 2007.– 176 с.
6. Поспелов В.К. Комисарова Н.Н. Практика модернизации: переход на двухуровневую систему//Высшее образование в России.2011. – № 10. – С. 5. 17.
7. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020 таҳти №526). Душанбе, 2020.
8. Селевко Г.К. Энциклопедия новых педагогических технологий.М.: 2009.
9. Скакун В.А. Организация и методика профессионального обучения: учеб. пособие. – Москва. ФОРУМ: ИНФА-М, – 2007
10. Хухлина В.В. Инновации в практике переподготовки и повышения квалификации специалистов социальных служб// Инновации в социальном обслуживании. - М.,2010.
11. Шамис В.А. Активные методы обучения в вузе // СТЭЖ, 2011. № 14, С 136-144.

## АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБИ ОЛӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба фаъолсозии раванди таълими фанни математикаи олӣ бо истифодаи методҳои фаъол қайд гардидааст. Дар мактаби олӣ азхудкунии фанҳои заминавӣ, аз ҷумла фанни математикаи олӣ, барои омӯзиши фанҳои касбӣ заминасозӣ менамоянд. Паст будани сатҳи тайёрии математикии донишҷӯён ба сатҳи таҳсилоти касбӣ низ таъсири манфии худро мерасонад. Инкишофи қобилияти азхудкунии эҷодии донишҷӯён яке аз мақсадҳои фаъолияти омӯзгор ва истифодаи моҳиронаи усулҳо ва тарзҳои мухталифи фаъолгардонӣ, воситаи ба мақсадрасӣ маҳсуб меёбад. Фаҳмиши дурусти ин нукта барои фаъолияти омӯзгор хеле муҳим аст. Барои омӯзгор таҳлил намудани натиҷаи фаъолияти касбии худ, банақшагирӣ ва ташкили озмоиши психологӣ-педагогӣ ва коркарду хулосабарории он хеле муҳим аст. Яке аз мақсадҳои таҳқиқот таҳлилкунии тағйироти равади таълим, баҳодиҳии аҳамиятнокии он ва муайян кардани омилҳои таъсиррасон мебошад. Натиҷаҳоро на танҳо муайян ва муқоиса кардан, балки асоснок намудан, исбот кардани ғайритасодуфӣ будани онҳо ва аҳамиятнокии тағйиротҳои баамаломада муҳим аст. Муайян кардани алоқаи байни таъсиррасонӣ ба донишҷӯ (истифодаи методҳои фаъоли таълим ва ғ.) ва натиҷаи бадастомада, асосноккунии самарабахшии истифодаи методҳои таълим бо воситаи методҳои омори математикӣ имконпазир аст.

**Калидвожаҳо:** тайёрии касбӣ, қобилият, фаъолнокӣ, методҳои фаъол, аҳамиятнокӣ, муқоисаи натиҷаҳо, методҳои омори математикӣ.

## ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ АКТИВНЫХ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ В ВУЗЕ

В данной статье отмечается об активизации процесса обучения высшей математике активными методами. В высшей школе освоение основных предметов, в том числе высшей математики, закладывает основу для изучения профессиональных дисциплин. Низкий уровень математической подготовки студентов также негативно влияет на уровень профессионального образования. Развитие способностей студентов к овладению творческими способностями является одной из целей деятельности преподавателя, а умелое использование различных методов и способов активизации считается средством достижения цели. Правильное понимание этого аспекта очень важно для деятельности преподавателя. Для педагога очень важно проанализировать результаты своей профессиональной деятельности, спланировать и организовать психолого-педагогический эксперимент, обработать и делать соответствующие выводы. Одной из целей исследования является анализ изменений в образовательном процессе, оценка их значимости и выявление влияющих факторов.Важно не только определить и сравнить результаты, но и обосновать их, доказать их неслучайность и значимость внесенных изменений. Определить связь между воздействием на обучающегося (использованием активных методов обучения и т.п.) и полученным результатом, эффективность использования методов обучения возможно средствами методов математикой статистики.

**Ключевые слова:** профессиональная подготовка, способности, активность, активные методы, значимость, сравнение результатов, методы математической статистики.

## ASSESSMENT OF THE EFFECTIVENESS OF USING ACTIVE LEARNING METHODS AT A UNIVERSITY

This article notes the activation of the process of teaching higher mathematics using active methods. In higher education, mastering basic subjects, including higher mathematics, lays the foundation for the study of professional disciplines. The low level of mathematical preparation of students also negatively affects the level of professional education. Developing students' abilities to master creative abilities is one of the goals of the teacher, and the skillful use of various methods and methods of activation is considered a means of achieving the goal. A correct understanding of this aspect is very important for the work of a teacher. It is very important for a teacher to analyze the results of his professional activities, plan and organize a psychological and pedagogical experiment,

process and draw appropriate conclusions. One of the goals of the study is to analyze changes in the educational process, assess their significance and identify influencing factors. It is important not only to determine and compare the results, but also to justify them, to prove their non-randomness and the significance of the changes made. It is possible to determine the relationship between the impact on the student (the use of active learning methods, etc.) and the result obtained, the effectiveness of the use of teaching methods using the methods of mathematical statistics.

**Key words**: professional training, abilities, activity, active methods, significance, comparison of results, methods of mathematical statistics.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азимова Назира Самадовна-*** Донишгоҳи Давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи фанҳои риёзӣ- табиатшиносии муосир, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға**: 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкр.17, бинои 1. E-mail: **nazira-tgu@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92 707 71 07.**

***Нугмонов Мансур –*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои педагогӣ, кафедраи методикаи таълими математика, профессор.. **Суроға**: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Рӯдакӣ 121. E-mail**: nugmonov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 938647629**.

**Сведения об авторах:** ***Азимова Назира Самадовна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кафедра математических дисциплин и современного естествознания, кандидат педагогических наук, доцент.. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, ,Республика Таджикистан, 17 микрорайон, дом 1. . E-mail: **nazira-tgu@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92 707 71 07.**

***Нугмонов Мансур –*** Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кафедра методики преподавания математики, доктор педагогических наук, профессор**. Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки 121. . E-mail**: nugmonov@mail.ru**. Телефон: **(+992) 938647629**.

**Information about the authors:** ***Azimova Nazira Samadovna***- Tajik State University of right, Business and Politics, Department of Mathematical Disciplines and Modern Natural Sciences,, the candidate of pedagogical Sciences, associate Professor. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, 17 microdistrict, building 1.
E-mail: **nazira-tgu@mail.ru.** Phone: **(+992) 92 707 71 07.**

***Nugmonov Mansur*** – Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Department of Mathematics Teaching Methods, Doctor of Pedagogical Sciences, Professor. **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, st. Rudaki 121. E-mail: **nugmonov@mail.ru**. Phone:**: (+992) 938647629.**

УДК.373:053

# МАВҚЕИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Бурҳонов Қ.Т.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Методика ҳамчун фан, роҳҳо ва воситаҳоеро тавсия медиҳад, ки мо тавассути онҳо амал карда, ба ҳадафи мушаххас ноил шуда, усулу тарзҳоро омӯхта метавонем. Аз ҷумла, методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ роҳу воситаҳои тарбияи насли наврасро дар ҷомеаи имрӯза тавассути математика нишон дода, онро таълим медиҳад. Барои муаллим на танҳо қонунҳои таълимро донистан, балки барои татбиқи онҳо шароити дуруст фароҳам овардан ҳам муҳим аст, ки ба ин дар натиҷаи амиқ фаҳмидан ва риоя намудани қоидаҳои асосии раванди таълим ноил шудан мумкин аст.

Таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ қадами аввалини омӯзиши фанни риёзӣ дар мактаб мебошад, зеро дар ҳамин марҳилаи таҳсил асосҳои фанни математика омӯзонида мешаванд.

Фанни методикаи таълими математика бо педагогика (қисми дидактика) ва педагогикаи психологӣ алоқаманд аст, зеро мавриди интихоби мавод ва усулҳои таълим принсипҳои дидактикӣ ҳатман бояд риоя гарданд.

Сохтори таълими математикаро чунин ифода намудан мумкин аст:




***Мазмуни таълим.*** Мазмуни таълимии мактаб ба дониш, малака ва малакаҳое дахл дорад, ки хонандагон дар ҷараёни омӯзиши фанҳои муайян аз худ мекунанд.

***Усулҳои таълим.*** Методи таълим ин роҳи фаҳмиши назариявӣ ва фаъолияти амалии омӯзгорон ва донишҷӯён мебошад, ки ба иҷрои вазифаҳои таълимӣ нигаронида шудааст. Методика аз калимаи юнонии «metodos» гирифта шуда, маънояш роҳ, усул, тариқ ва тарз мебошад.

***Шаклҳои ташкили таълим.*** Калимаи «шакл» аз истилоҳи юнонии «forma» гирифта шуда, маънои намуди зоҳирии чизеро дорад. Ҳамин тариқ, шаклҳои таълим ҳамчун мафҳуми дидактикии ташкили раванди таълим фаҳмида мешаванд, ки ба шумора, вақт ва ҷойи таълимгирандагон, инчунин тартиби татбиқи он вобаста аст.

***Воситаи таълим.*** Воситаҳои ёрирасони раванди таълим: нутқи педагогӣ, китобҳои дарсӣ, таҷҳизоти синф ва ғ.

Масалан, барои муайян намудани дониши математикии бачагон ва ҳаматарафа инкишоф додани нутқи математикии онҳо аз мисолу масъалаҳо ва машкҳои шавқовар истифода намудан мувофиқи мақсад аст.

Намуна:

1. Ифодаи зеринро ҳал кунед:

а) 35 : 7 + 40 * 2-20 = 65

Ҳал: 1) 35: 7 = 5

2) 40 * 2 = 80

3) 5 + 80 = 85

4) 85-20 = 65.

Ҳангоми ҳалли ифодаҳои математикӣ ба лаҳзаҳои зерини машқ диққат додан лозим аст:

1. Дар ифодаи математикӣ чанд амал мавҷуд аст?
2. Тарзи иҷрои амалро аз чӣ бояд сар кард?
3. Ифода дар кадом шакл аст?
4. Диққати махсус бояд ба оғози амал дода шавад.

Ин яке аз роҳҳои баланд бардоштани қобилияти дарки ифодаҳои математикӣ мебошад.

Масалан, ҳангоми ҳалли масъалаҳои одӣ ва мураккаб (композитсияи) мутаносибан (аз чап ва рост) хонандагон бо роҳҳои ҳалли онҳо, дар як вақт бо ҳаёт шинос мешаванд. Чи хеле ки олим Лобачевский Н.М. зикр намудааст: “Табиат бо забони математикӣ ҳарф мезанад”. Хонандагон масъалаҳои математикиро ҳал намуда, дар бораи қонуниятҳои ҳаёту табиати зиндаю ғайризинда маълумот пайдо мекунанд. Зеро мазмуни ҳар як масъалаи математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ хусусияти тарбиявӣ дорад ва хонандагонро ба зиндагии оянда омода месозад.

Методика роҳҳои таълимро нишон медиҳад, ки мо барои расидан ба мақсади муайян аз онҳо истифода мебарем. Махсусан, методикаи математика дарсдиҳиро, яъне назарияи хисобҳоро меомӯзад ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани онро нишон медиҳад.

Методикаи математика дар таълими ибтидоӣ як фанни педагогӣ буда, мазмуни маводи математикӣ ва аҳаммияти онҳо, вазифаҳо ва усулҳои таълимро баррасӣ мекунад.

Методика таҷрибаи бойи муаллимони пешқадамро меомӯзад, ба он такя мекунад, ба муаллимони ҷавон маслиҳату усулҳои беҳтарини таълимро тавсия медиҳад, то ки онҳо ин роҳро пеш гиранд ва ба мақсадҳои хеш ноил гарданд.

Методикаи математика дар таълими ибтидоӣ ҳамчун фан дар давоми ду асри охир ба вуҷуд омада, дар заминаи таҷрибаи бойи омӯзгорони пешқадам асос ёфтааст.

Омӯзиши усулҳои нав дар таълими ибтидоӣ барои омӯзгорон аҳаммияти калон дорад ва онҳо метавонанд тавассути омӯзиши ин омӯзгорон дониши худро боз ҳам такмил дода, таълиму таҷрибаи насли наврасро такмил диҳанд.

Методикаи таълими ибтидоӣ вазифаҳои мушаххаси зеринро дорад:

1. Интихоб ва муайян кардани маводи математика барои синфҳои ибтидоӣ.
2. Таҳияи барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ.
3. Муайян кардани роҳҳои таълиму тарбия.

Хонандагон барои аз худ кардани маводҳои интихобшуда вазифагузорӣ карда мешаванд.

Хонандагон бояд дониши устувори математикӣ дошта бошанд ва онро дар амал татбиқ карда тавонанд. Ҳоло хонандагон на танҳо бо омӯхтани ададҳои бутун ва каср бо роҳи ченкунии миқдорҳо ва геометрияи визуалӣ, балки бо назарияи ададҳо, хосиятҳои амалҳои арифметикӣ ва вазифаи элементҳои алгебра, геометрия низ машғул мешаванд. Методикаи математика хонандагонро на танҳо бо тартиби услуб ва дониш шинос мекунад, тарзу усулҳои нави мафҳумҳои математикӣ, инчунин усулу шаклҳои нави ташкили раванди хуби таълимро аз фанни математика, зиёд кардани шавқу рағбати хонандагонро муаррифӣ мекунад.

Мазмуни методикаи таълими математика дар мактаби ибтидоӣ се ҳадаф дорад:

1. Ҳадафи амалӣ (сохтани маводҳои ҳисобӣ).
2. Ҳадафи назариявӣ (аз худ кардани мафҳумҳои математикӣ аз ҷониби хонандагон).
3. Ҳадафи таълимӣ (инкишофи ҳамаҷонибаи дониши хонандагон)

Методикаи математика дар таълими ибтидоӣ вобаста ба мазмун ва мақсади фан фарқ мекунад.

Масалан, ҳангоми тавсифи материали нав аз усулҳои баёни шифоҳӣ (суҳбат ва шарҳу эзоҳ), усули индуксия ва дедуксия, усули ҳалли масъалаҳо, мушоҳида, ҳолати масъала бо ифодаи таҳлилу синтез дар омӯзиши ченакҳо ва геометрия истифода мешавад. Бо истифода аз ин усулҳо мо дар хонандагон дониш ва малакаҳои заруриро ташаккул медиҳем.

***Усули баёни шифоҳӣ.*** Хонандагон бо маводи нав шинос мешаванд, ки одатан аз маърузаи шифоҳии муаллим оғоз меёбад.

Сухани муаллим бояд равшан ва сода бошад. Баёни муаллим метавонад тавассути суҳбат ё шарҳ сурат гирад. Муаллим ҳангоми омӯхтани рақамгузории 100 аз хонандагон метавонад пурсад, кадом рақамҳо якрақамаанд? Кадом рақамҳо дурақамаанд?

Ҳангоми иҷрои фаъолияти ақлӣ маҷмуи рақамҳои якрақама нишон дода мешавад.

Вобаста ба усули шифоҳӣ чунин супоришҳоро ба хонандагон пешниҳод намудан мумкин аст: дар дафтар 5 доираи сурх ва 3 доираи кабуд кашанд. Ҳоло чанд доира вуҷуд дорад? Инро усули гуфтугӯ меноманд.

**Усули озмоиш (лабораторӣ).** Агар масъалаҳо доир ба фасли сол бошанд, хонондагон бо зиндагони ҳаррӯза аз наздик шинос мешаванд.

***Усулҳои индуктивӣ.*** Индуксия як усули мулоҳиза аз мисолҳои хусусӣ ба хулосаҳои умумӣ мебошад.

Ин усул дар таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ хеле муҳим аст, зеро талабагон бояд аз зинаҳои аввали саводомӯзӣ фикр карда тавонанд.

Ҳангоми ҳалли муодилаҳо, ифодаҳо, масъалаҳо, омӯзиши элементҳои геометрӣ истифодаи усули индуктивӣ хеле самаранок аст.

Масалан, агар нархи як китоб 50 дирам бошад. Нархи китобҳои 2,3,4 чанд пул аст?

Ҳал: Мо медонем, ки нархи як китоб 50 дирам аст, оё онҳоро бо ин роҳ ёфтан мумкин аст?

*2 * 50 дирам = 100 дирам = 1 сомон*
*3 * 50 дирам = 150 дирам = 1 сомониву 50 дирам*
*4 * 50 дирам = 200 дирам = 2 сомонӣ*
*як * 50 дирам =?*

Ҳамин тариқ, қобилияти фикррониии хонандагонро инкишоф дода, шавқу рағбати онҳоро ба омӯзиши фанни математика зиёд намудан лозим аст.

***Усули аксиоматикӣ.*** *Аксиома* мафҳумест, ки далел талаб намекунад. Аз ин рӯ, мо ин усулро бештар бо ҷорӣ намудани элементҳои геометрӣ, ҳалли муодилаҳои одитарин истифода мебарем. Масалан: Номи ин фигураҳоро муайян кунед.



Зикр намудан бамаврид аст, ки дар таълими синфҳои ибтидоӣ омӯзиши элементҳои геометрӣ бо роҳҳои гуногун таълим дода мешавад, бинобар ин, мо аз усули аксиоматикӣ истифода мебарем.

***Усули афзалиятнок.*** Муаллими синфҳои ибтидоӣ Лисенкова С.Н. дар давоми 40 соли фаъолияти кориаш соли 1971 дар конференсияи муаллимони синфҳои ибтидоӣ идеяи «*афзалият»-ро* пешниҳод карда буд:

Ақидаи “ *афзалият* ” аз қисмҳои зерин иборат аст:

1.Додани дарси кушод.

2.Ҳа, ҳамин тавр пеш рафтан лозим аст!

Қайд кардан лозим аст, ки қафоравии синф ба теъдоди хонандагони сустхон вобастагӣ дорад, зеро онҳо ба пешравии синф монеъ мешаванд. Бинобар ин, дар ҷараёни таълими математика бо тарзи зергурӯҳ ташкил намудани машғулиятҳо ба мақсад мувофиқ аст.

**Усулҳои алгоритмӣ.** Алгоритми “Algoritm” аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, аввалин маротиба аз ҷониби олими намоёни Осиёи Марказӣ Ал-Хоразмӣ пешниҳод шудааст.

Алгоритм - қоидаи иҷрои системаи амалҳо бо тартиби муайян, ки барои ҳалли ҳамаи масъалаҳои типи маълум истифода мешавад.

Дар асрҳои миёна қоидаҳои чор амали арифметикӣ дар системаи даҳӣ алгоритмҳо номида шуданд. Ин қоидаҳоро бори нахуст дар асри IX олими маъруфи хоразмӣ дар асари худ «Ҳисаб-ул-ҳинд» ворид кардааст. Дар Аврупо ин қоида алгоритм номида шуд.

Усули мазкурро дар таълими математикаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ васеъ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми ҳалли масъала аз ҷониби муаллим ё хонанда бояд онро зина ба зина ҳал кард, то ҳалли онро пайдо кунад, яъне: санҷиши масъала, таҳлили масъала ва ҷамъбаст.

Ё ҳангоми ҳалли муодила: масалан, $x$ -10 = 20

1. $x$- 10 = 20

2. $x$ = 20 + 10

3. *Санҷиш* **:** 30-10 = 20

5. *Ҷавоб* : $x$ = 30

Ҳамин тариқ, зина ба зина баён кардани тарзҳои ҳалли масъала, муодила, ифода, нобаробарӣ ва ғайра афзалиятнокии омӯзиши фанни математикаро таъмин менамояд (5.c.11-13).

**Таълими тафриқавӣ дар дарси математикаи синфҳои ибтидоӣ**

**Таълими тафриқавӣ** равишест, ки имконот ва ниёзҳои ҳар як хонандагон ё гурӯҳи алоҳидаи онҳоро то ҳадди имкон ба назар мегирад. Аксар вақт таълими тафриқа дар мактаб ба пешгирии камбудии донишандӯзии хонандагон, «баробаркунӣ» ва омода намудани ҳавасмандгардонии шавқи маърифатии онҳо нигаронида шудааст.

Агар дар як синф 20-30 нафар талаба бошад, пас онҳо аз рӯйи қобилияти зеҳниашон ба 4-5 зергурӯҳи гуногун тақсим мешаванд. Таълими тафриқа асосан тавассути супоришҳои гурӯҳӣ ва инфиродӣ сурат мегирад.

Дар таълими математика тафриқабандӣ бо роҳҳои зерин фарқ карда мешавад:

1. Ба ҳар як зергурӯҳи хонандагон вазифаҳо вобаста ба дараҷаи донишазхудкунии онҳо дода мешаванд.
2. Ба хонандагони аълохон супоришҳои иловагии инфиродӣ пешниҳод карда мешаванд.
3. Ҳаҷм ва мазмуни супоришҳои математикӣ бо назардошти имкониятҳои ақлӣ, дониш, малака ва маҳорати таълимгирандагон интихоб ва пешниҳод карда мешавад.

Роҳҳои гуногуни иҷро намудани вазифаҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- супоришҳо барои аҳли синф бо назардошти иқтидори зеҳнии онҳо тархрезӣ шуда, барои беҳтаринҳо вақти кам муайян карда мешавад;
- барои ҳамаи хонандагони синф як супориш пешниҳод мешавад, аммо барои хонандагони фаъол ҳаҷми супориш бештар ё мушкилтар аст;
- супориш барои аҳли синф тавсия мешавад, аммо барои хонандагони сустхон маводи ёрирасон (нақша, алгоритм, ҷадвал, намуна, ҷавоб ва ғ.) пешниҳод карда мешавад, ки иҷрои вазифаро осон мекунад.

Дар дарсҳои математика хонандагони аълохон метавонанд супоришҳоро зуд иҷро намуда, вақти зиёдатӣ ба даст оранд. Муаллимони ботаҷриба барои чунин хонандагон варақаҳои инфиродӣ омода намуда истифода мебаранд, ки вазифаҳои мураккабтарро дар бар мегирад.

Тавре зикр гардид, таҳияи ҳар як дарс аз дарки ҳадафҳои он оғоз мешавад. Муаллим шакли беҳтарини дарсро барои бештар ноил шудан ба ҳадаф муайян намуда, ба нақша мегирад, ки чӣ гуна ва бо кадом восита ба натиҷаи ниҳоӣ ноил гардад. Аксарияти онҳо чунин мешуморанд, ки нақшаи стратегии дарс зарур аст ва он ба талаботи сохтори дарс бояд мувофиқ бошад.

Омодагӣ ба дарс ҳамеша аз тайёр намудани кабинети фаннӣ, воситаҳои аёнии техникӣ, инчунин маводҳои методӣ ва дидактикӣ дар мувофиқа ба мавзуи дарс оғоз мегардад. Ин талабот фаъолияти муаллимро зимни омодагӣ ба дарс ва ташкили дарс муайян мекунад, ки мо онро шартан талаботи тартиби дуюм меномем.

Дар асоси гуфтаҳои боло, баъзе ҷавобҳои муаллимони синфҳои ибтидоиро ба саволҳои пешниҳодшуда таҳлил менамоем:

1.Ҳомидова Ҷумъагул, ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ (фосилавӣ), МТМУ №42 ноҳияи Ашт, собиқаи корӣ - 38 сол, айни ҳол ба хонандагони синфи 4 дарс мегӯяд.

- Кадом шахс метавонад, ки муаллими синфҳои ибтидоӣ шавад ва барои чӣ?

- Ҳамон шахс муаллими синфҳои ибтидоӣ шуда метавонад, ки касби худро дӯст дорад.

- Истифодаи кадом усулҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бештар мувофиқанд?

- Муаллим ҳангоми баёни мавзуъ бояд онро бо ҳаёт ва ҳодисаҳои табиат алоқаманд намояд.

- Нақши муаллим дар раванди таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ чӣ гуна аст?

- Муаллим дар раванди дарс нақши муҳимро мебозад, зеро вай роҳнамои хонанда мебошад. Тавассути муаллим талаба мавзуъро пурра мефаҳмад.

- Муаллими синфҳои ибтидоӣ дар дарси математика бояд ба кадом самтҳо диққати махсус диҳад?

- Асосан, муаллим бо назардошти қобилият, сатҳи фаҳмишу дарки хонандагон мавзуъро баён намояд.

2. Сарҳадзода Гулҷаҳон, ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ(фосилавӣ), ноҳияи Ашт, МТМУ №7, собиқаи корӣ - 5 сол, ҳоло дар синфи 2 дарс мегӯяд.

- Кадом шахс метавонад, ки муаллими синфҳои ибтидоӣ шавад ва барои чӣ?

Шахсе, ки психологияи хонандагонро дарк карда, мувофиқи он муносибат мекунад.

- Истифодаи кадом усулҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ бештар мувофиқанд?

- Истифода бурдани тасвирҳои гуногун ва алоқаманд намудани мазмуни мавзуи дарс бо ҳаёти воқеӣ.

- Нақши муаллим дар раванди таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ чӣ гуна аст?

- Пеш аз ҳама, муаллим талабагонро бо рақамҳо шинос карда, чор амали арифметикиро хуб шарҳ диҳад, зеро ин чор амали арифметикӣ асоси омӯзиши фанни математикаро дар бар мегирад.

- Муаллими синфҳои ибтидоӣ дар раванди дарси математика бояд ба кадом самтҳо диққати махсус диҳад?

- Таваҷҷуҳ ба қобилиятҳои хонандагон ва вобаста ба он муносибату вазифагузорӣ намояд.

Ҳамин тариқ, таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ душвориҳои ба худ хос дорад ва дар ҷараёни таълим бештар истифода бурдани маводҳои дидактикии гуногун ва шавқоварро талаб мекунад.

Истифодаи маводи ҷолиб барои ноил шудан ба мақсадҳои зерин мусоидт мекунад:

- ташаккул додани дониш, малака ва машқҳои математикӣ;

-таҳкими дониш ва малакаҳои математикӣ;

- шавқу ҳаваси бачагонро ба омӯзиши математика бедор намояд;

- рушди малакаҳои эҷодӣ, тасаввурот, фаҳмиш ва тафаккури математикӣ;
- фаҳмидани вобастагӣ, қонунҳои математикӣ ва таҳияи мафҳумҳои геометрӣ.

Барои он ки бозӣ ин вазифаро иҷро кунад, ҳангоми ташкили он шартҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

1). Қоидаҳои бозӣ бояд одӣ, равшан ва барои ҳама фаҳмо бошанд. Маводи бозӣ барои қобилиятҳои зеҳнии кӯдакон мувофиқ бошад.

2). Маводҳои таълимӣ бояд аз рӯйи принсипи мураккабӣ тадриҷан ташкил карда шаванд.

3). Бозӣ танҳо дар сурате шавқовар аст, ки ҳар як бача дар бораи ҳисоботи худ маълумоти кофӣ дошта бошад, зеро маҳз ҳамин иштироки фаъолонаи хонандагонро таъмин мекунад. Кӯшиш кардан лозим аст, ки хонандагон бештар ба бозӣ ҷалб карда шаванд.

4). Натиҷаҳои бозӣ барои ҳавасмандгардонии кӯдакон хизмат карда, омили муҳимми таълими ибтидоии математика мегарданд.

Дар зер намунаи якчанд бозиҳои гуногуни таълимии математикӣ оварда шудааст, ки муаллимони синфҳои ибтидоӣ метавонанд барои фаҳмо ва шавқовар гузаштани дарс истифода баранд. Ҳамчунин, вобаста ба мавзуъ ва ҳадафҳои дарс 5-10 дақиқа вақт ҷудо кунанд.

Намунаи бозиҳои таълимиро пешниҳод менамоем: **"Ҷойи ман куҷост?"**

Мақсади бозӣ: Мустаҳкам намудани дониши хонандагон дар бораи тартиби рақамҳо.

Мавод: Варақаҳои андозаи 15 см. х 1,0 см, ки дар он рақамҳои аз 1 то 9 навишта шудаанд.

Раванди бозӣ: муаллим варақаҳоро ба хонандагон тақсим мекунад. Бо ишораи муаллим онҳо аз ҷо бархоста, дар назди тахтаи синф саф ороста, мефаҳмонанд, ки ҳар кадоми онҳо бо тартиби адад чӣ тавр ҷойгир шудаанд.

Ин бозиро якчанд маротиба такрор кардан мумкин аст. Барои он ки бозӣ шавқовар гузарад, онро байни қатори хонандагони синф ташкил кардан беҳтар аст.

**"Хомӯш"**

Мақсади бозӣ: Мустаҳкам намудани дониши хонандагон оид ба ташаккул ва пайдарпайии ададҳо.

Мавод: Рақамҳоро буред.

Тарзи бозӣ: Муаллим чунин мисолҳоро дар тахтаи синф менависад.

$\left.\begin{matrix}4\\5\\6\end{matrix}\right\}+1=?$ $\left.\begin{matrix}7\\8\\9\end{matrix}\right\}+1=?$

Муаллим пас аз фаҳмонидани қоидаҳои бозӣ мисолҳоро пешниҳод мекунад ва бачаҳо иҷро мекунанд (5.с.162-163).

**«Дарёфти мисоли ҳалшуда»**

Мақсади бозӣ: Инкишоф додани малакаҳои ҳисобкунии хонандагон.

Маводҳои таълимӣ: Намунаҳое, ки дар тахтаи синф навишта шудаанд.

Раванди бозӣ: бозиро байни ду даста гузаронидан мумкин аст. Муаллим дар тахтаи синф якчанд мисол менависад. Сипас, якнафарӣ аз ду даста хонандагонро ба назди тахтаи синф даъват мекунанд ва ба онҳо дар бораи ҷадвалҳои ҷамъу тарҳ ду-се савол медиҳад. Хонандае, ки ба саволҳо тезтар ва дақиқтар ҷавоб медиҳад, бозӣ оғоз мекунад. Вай ба таври шифоҳӣ қарор қабул мекунад, ки яке аз мисолҳои дар тахта навишташударо интихоб мекунад ва ҷавобҳоро ба дастаи муқобил мегӯяд. Аъзоёни ин даста бояд намунаи ҳалли худро пайдо кунанд. Агар не, аъзоёни даста якум мисол меоранд. Хонандае, ки бештар иштирок мекунад, ғолиб дониста мешавад.

**Намунаи бозиҳои мантиқии математикӣ:**

Омӯзгор ба гурӯҳи хонандагон пораи гулҳои коғазини рангаро бо мисолҳо тақсим мекунад ва онҳо бо навбат онҳоро дар тахта ҳал мекунанд, гулҳоро дар гулдон мегузоранд. Кадом гурӯҳ ин корро дуруст ва зуд иҷро карда метавонад?

$64 + 6 = 70$ $57 + 13 = 70$

22 + 2 = 24 7 * 6 = 42

6 * 9 = 54 75-23 = 52
9 * 4 = 36 4 * 7 = 28
82-41 = 41 3 * 9 = 27

Ҳадафи асосии истифодаи бозиҳои ташаккули дидактикӣ фикрронии хонандагон аст, ки дар ин бора олим Острогодский М.В. чунин ақида дорад: "Ман медонам, ки шумо қобилияти фикр кардан доред. Ин дар математика асосӣ аст”.

Намуди дигари бозиро пешниҳод менамоем, ки тавассути он муаллим дониш, малака ва маҳорати фикрронии хонандагонро инкишоф дода метавонад: Муайян кунед, ки ҳар як тугма чанд сӯрохӣ дорад. Тугмаҳоеро муайян кунед, ки сӯрохиҳои якхела доранд. Онҳоро ҳамчун ҷамъи ададҳои якхела нависед. Ҷамъи ададҳои якхеларо ҳамчун ҳосили зарб нависед. Масалан: 2 + 2 + 2 = 6; 2 × 3 = 6



Ҷойҳои холиро бо рақамҳои мувофиқ пур кунед:







Натиҷаҳои бозӣ барои ҳавасмандгардонии кӯдакон равона шуда, омили муҳимми таълими ибтидоии математика мегарданд. Мо дар бораи чӣ гуна ташкил ва гузаронидани бозиҳои таълимӣ, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ метавонанд дар раванди таълими математика истифода баранд, маълумот додем.

Ҷиҳати баланд бардоштани дониши математикии муаллимони синфҳои ибтидоӣ ва маҳорати касбии онҳо якчанд маслиҳатҳоро пешниҳод менамоем. Муаллими синфҳои ибтидоӣ бояд:

- хусусиятҳои ҳар як хонандаро пурра таҳлил карда тавонад;
- босабру тоқат, поквиҷдон, хоксор, чусту чолок, серғайрат, бомаданият бошад ва ба ҳар як шогирдаш мувофиқи сатҳи донишаш вазифа гузошта тавонад;
- сатҳи дониши хонандагони худро дуруст таҳлил карда, ба таври фардӣ саволу супоришҳо диҳад;
- ҳар як хонандаро бодиққат бишнавад ва ҷавобҳои онҳоро аз ҷиҳати илмию методӣ таҳлил намояд;
- асосҳои фанни математикаро хуб донад ва дар синфҳои ибтидоӣ онро дуруст таълим дода тавонад;
- бо хонандагони хурдсол муносибати хуб дошта бошад;

- ба ҳар як мафҳуми риёзӣ диққати махсус диҳад, онҳоро бо мисолҳои ҳаётӣ шарҳ диҳад, зеро мафҳумҳое, ки дар синфҳои ибтидоӣ таълим дода мешаванд, барои синфҳои болоӣ асос мебошанд.

-дарси ҳаррӯзаи муаллими синфҳои ибтидоӣ бояд дарси намунавӣ ё дарси кушод бошад;

- мунтазам бо волидони хонандагон робита ва ҳамкории хуб дошта бошад.

**Муқарриз: Эгамбердиева М. – н.и.п, дотсенти ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров**

**АДАБИЁТ**

1. Бантова М.А. Методика преподавания математики в начальных классах / М.А. Бантова [и др.]. -М., 1989. - 450 с.
2. Белошистая Анна Витальевна. Методика обучения метематике в начальной школе. Курс лекций. - М ., 2006.- 454 с.
3. Бурҳонов Қ.Т. Мафҳумҳои асосии геометрия дар математика / Қ.Т. Бурҳонов [ва диг.]. – Хуҷанд, 2011.- 72 с.
4. Бурҳонов К.Т. Истифодаи маводи шақовар ва ашъори ниёгон дар таълими математика ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ / Қ.Т. Бурҳонов [ва диг.]. -Хуҷанд, 2001. – 66с.
5. Бурҳонов К.Т. Курси махсус аз методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ / К.Т. Бурҳонов. -Хуҷанд, 2014. – 252с.
6. Икромов Д.Ж. Язык обучения математике / Д.Ж. Икромов. – Ташкент: Укитувчи, 1989. - 176с.
7. Истомина Н.Б. Активизация учащихся на уроке математики в начальных классах / Н.Б. Истомина. - М.: Просвещение, 1985 – 64с.
8. Қодиров Н. Математика. Китоби дарсӣ барои синфи 5 / Н.Қодиров. – Душанбе, 1996.-235с.
9. Колмогоров А.Н. ва дигарон. Геометрия. Барои синфи 6. Нашри 3-юм / А.Н. Колмогоров [ва диг.]. – Душанбе: Ирфон, 1975. - 135с.
10. Колмогоров А.Н Геометрия. Барои синфхои 6-8 / А.Н. Колмогоров [ва диг.].- Душанбе, 1989. - 201с.
11. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир / М. Лутфуллоев. –Душанбе, 2001.-252с.
12. Лутфуллоев М. Бозӣ ва инкишофи нутқ / М.Лутфуллоев [ва диг.].- Душанбе, 2009.- 92с.
13. Нугмонов М. Дарси математикаи мактабӣ / М.Нугмонов. - Душанбе, 2008.- 234с.

## МАВҚЕИ ОМӮЗГОР ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ДАРСҲОИ МАТЕМАТИКАИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф мавқеи омӯзгор дар раванди таълими математикаи синфҳои ибтидоиро мавриди баррасӣ қарор додааст.Муаллиф қайд кардааст, ки методикаи таълими математикаи синфҳои ибтидоӣ бо фанҳои педагогика ва психология алоқамандии зич дорад ва онро бо мисолҳои мушаххас таҳлил кардааст. Масалан, сохтори таълими математикаи синфҳои ибтидоиро ба панҷ шакли таълими педагогӣ тақсим кардааст, ки барои омӯзгорони оянда кумаки амалӣ мерасонад. Инчунин, муаллиф дар мақола аз таҷрибаи муаллимони синфҳои ибтидоӣ истифода кардааст. Ҳаминро бояд қайд кард, ки таҳлили якчанд машқҳои шавқовар ва бозиҳои дидактикӣ барои баланд бардоштани савияи дониши математикии хонандагони хурдсол кумаки амалӣ мерасонад.

**Калидвожаҳо**: метод, методика, таълим, шакл, адад, ифода, ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, тарз, мисол, дониш, малака, маҳорат, омӯзгор.

## ПОЗИЦИЯ УЧИТЕЛЯ В ПРОЦЕССЕ ПРОВЕДЕНИЯ УРОКА МАТЕМАТИКИ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ

В данной статье автор описывает позицию педагога в образовательном процессе преподавания математики в начальной школе. Автор отметил, что методика обучения математике в начальных классах тесно связана с дисциплинами педагогики и психологии и проанализировал ее на конкретных примерах. Например, он проанализировал структуру начального школьного математического образования по пяти формам педагогического образования, которое оказывает практическую помощь будущим учителям. Также в статье автор использовал опыт учителей начальных классов. Следует отметить, что разбор нескольких интересных упражнений и дидактических игр поможет повысить уровень математических знаний младших школьников.

**Ключевые слова:** метод, методика, обучение, форма, число, выражение, сложение, вычитание, умножение, деление, метод, пример, знание, умение, навыки, учитель.

## TEACHER'S POSITION IN THE PROCESS OF LESSON TEACHING PRIMARY CLASS MATHEMATICS

In this article, the author describes the position of the teacher in the educational process, discussed elementary school mathematics.The author noted that the methodology of teaching mathematics in primary school is closely related to the disciplines of pedagogy and psychology and analyzed it with specific examples. For example,

he analyzed the structure of primary school mathematics education in five forms of teacher education, which provides practical assistance to future teachers. Also in the article, the author used the experience of primary school teachers. It should be noted that the analysis of several interesting exercises and didactic games will help to increase the level of mathematical knowledge of younger students.

**Key words:** method, technique, teaching, form, number, expression, addition, subtraction, multiplication, division, method, example, knowledge, skill, skills, teacher.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бурҳонов Қурбонбой Турсунраҷабович*** **-**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, кафедраи табиӣ - риёзӣ, тарбияи эстетикӣ ва методикаи таълими онҳо, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков, 1 E-mail**: kurbon1953@mail.ru**Телефон: **92 -784-17-71**

**Сведения об авторе:** ***Бурханов Курбонбой Турсунраджбович*** – Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кафедра естественно –математических дисциплин, эстетического воспитания и методики их преподавания, кандидат педагогических наук, доцент. **Адрес:** 735700, город Худжанд, Республика Таджикистан, проспект Мавлонбекова 1 E-mail**: kurbon1953@mail.ru** Телефон: **92 -784-17-71**

**Information about the author:** ***Burkhanov Kurbonboy Tursunradzhbovich*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, department of natural and mathematical disciplines, aesthetic education and methods of teaching them, candidate of pedagogical sciences, associate professor. **Address:** 735700, Khujand city, Republic of Tajikistan, Mavlonbekov Avenue 1 E-mail: **kurbon1953@mail.ru** Phone: **92 -784-17-71**

## МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

### ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ – ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ И АРХЕОЛОГИЯ


***Салимов Ф.Н.*** Стратегическое сотрудничество Республики Таджикистан и Республики Узбекистан и его влияние на развитие государств……………………………………………………………….… ***5***
***Мамаджанова С.М., Диловар Бузургниё*** Архитектура научных центров Востока в древности и в средневековье…………………………………………………………………………………….………. ***15***
***Мукимов Р.С., Мукимова С.Р.*** Истоки происхождения медраса…………………………….………… ***21***
***Худжасаидова Н.Х.*** Вклад женщин - учёных Таджикского национального университета в решение научных проблем и подготовку научно-педагогических кадров ……………………………………. ***28***
***Саидов Х.С., Разоков Джовидон*** Турецкая Республика: развитие международных отношений на современном этапе в контексте доктрины «стратегическая глубина»…………………………………….. ***35***
***Собирзода П.О., Махмадрасулов Б.С.*** Физическая культура и спорт в Хатлонской области после приобретения независимости ……………………..………………………………………….……… ***43***
***Мамадалиев И.А.*** Ҷараёнҳои нави динӣ дар Осиёи Миёна (асрҳои X-XIX)................................ ***55***
***Турсунов Т.Х., Сафаров У.*** Тавсеаи муносибатҳои сиёсии Тоҷикистон ва Покистон.................. ***64***
***Ғайратшоҳ Азаматзода*** Инъикоси масъалаи иштироки ҷавонон дар амалӣ гардидани ислоҳоти сиёсӣ дар адабиёти илмӣ…………………………………………………………………………………. ***73***
***Нуриддинова М. Р***. Комиссияи оид ба оштии миллӣ ҳамчун воситаи фаъолияти форуми машваратӣ (дар мисоли муколамаҳои байни тоҷикон)............................................................ ***81***


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФА - ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


***Захидов О.Х.*** Концепция истории происхождения ингушей: новый подход ........................................... ***86***
***Хамидова М.Р., Захидов О.Х.*** Влияние взглядов Джона Локка на формирование политической мысли США……………………………………………………………………………………………… ***97***
***Каримов Р.*** Духовные предпосылки формирования реформаторских взглядов Шибли Ну'мани ***105***
***Муборакалиев Ф.С.*** Ибн Рушд и его влияние на средневековую философию Франции........................ ***111***
***Кадыров А.Б.*** Психологизм исламской религии……………………………………………………….. ***118***
***Каримов А.А.*** Андешаҳо оид ба ҳастӣ ва тафаккур...................................................................... ***129***
***Нурулҳақ Қамар*** Нақши таҷрибаи иҷтимоӣ-динии тоисломии араб дар шаклгирии эътиқодоти исломӣ............................................................................................................................................. ***139***
***Амирхон Шоҳҳусайн Талбонӣ, Болтаева М.Н.*** Масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи юнони қадим ва таъсири он ба файласуфони асримиёнагии Ғарб...................................................... ***147***
***Амондуллоев Б.С.*** Масоили ҳастишиносӣ дар таълимоти Ибни Сино ...................................... ***155***
***Субҳонзода Салоҳиддин Икром*** Ташаккули категорияҳои умумӣ, махсус, муҷаррад дар афкори файласуфони гузаштаи Аврупо........................................................................................................ ***164***
***Зикирзода Ҳобил*** Заминаҳои ормони назарияи озодӣ ва фармонбардории шахс.......................... ***178***
***Ҷӯраев М.Б.*** Одамият ва ахлоқ аз нигоҳи Абдураҳмони Ҷомӣ................................................. ***184***
***Нурулҳақов Қ., Одинаев Б.А.*** Масъалаҳои таҳаввулотӣ– таърихӣ оид ба институти оила дар Зардуштия..................................................................................................................................... ***190***
***М.Т.Таваллоев*** Методологияи омӯзиш ва таҳлили сохтори иҷтимоии ҷомеа: равишҳо ва назарияҳо....................................................................................................................................... ***199***
***Ҳотамова М.Ғ., Абдулатипов У.Ҳ, Холиқов Ғ.А.*** Масъалаи об аз нигоҳи фалсафии Пешвои миллат............................................................................................................................................. ***205***


### ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ - ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ НАУКИ


***Джафарзода С.Ф.*** Программные цели реализации инновационных мотивационно-развивающих технологий и ценностно-смысловое управление временем в образовательной среде вуза……………… ***211***
***Бахридинова Г.Н., Ходжиматова Г.М.*** Интегрированный подход при обучении русскому языку в системе высшего образования……………………………………………………………..………. ***219***
***Рахимова Савронби, Нагзибекова М.Б.*** Использование активных методов обучения на педагогической практике студентов-филологов……………………………………………….……. ***230***
***Рустамзода Мукаддас Рустам*** К вопросу о некоторых трудностях при обучении русскому произношению студентов-таджиков………………………………………………………………………. ***235***
***Сайхонов Х. Б.*** Направления, способы и пути повышения качества образования и использование различных эффективных методов обучения в колледжах республики Таджикистан………..………….. ***243***
***Гуломнабиев С.Г.*** Использование программы *Maple* для исследования изолированных точек покоя систем линейных дифференциальных уравнений.................................................................................. ***252***
***Пулодов А.С.*** Дастовардҳои соҳаи маорифи Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ………….. ***261***

***Ашуров Р. Ш.*** Максимализм ва радикализми ҷавонон ҳамчун омили зуҳури гурӯҳҳои экстремистӣ………………………………………………………………………………………… ***269***
***Юнусова Н.М., Бобоҷонова Н.Д.*** Оила ҳамчун ниҳоди таъсиррасон дар рушди ҳиссиётҳои ахлоқии наврасон.......................................................................................................................... ***276***
***Ҳошимова Г. Г.*** Масъалаҳои рушди лаёқатмандӣ дар адабиёти фалсафию педагогӣ.................... ***284***
***Азимова М.А.***Таълими донишҷӯён бо истифода аз имконоти сайёҳии Тоҷикистон ..................... ***290***
***Мирзабоев З.З.*** Муаммои касбинтихобкунии хонандагон дар замони муосир……………….……. ***296***
***Иброҳим Халилӣ Халил*** Шиносоии авомили ангезишӣ, вижагиҳои шахсиятӣ ва муаллифаҳои иҷтимоии неруҳои довталабӣ дар варзиш……………………………………………………………… ***305***
***Азимова Н.С., Нугмонов М.*** Арзёбии самаранокии истифодаи методҳои фаъоли таълим дар мактаби олӣ ........................................................................................................................... ***313***
***Бурҳонов Қ.Т.*** Мавқеи омӯзгор дар раванди таълими дарсҳои математикаи синфҳои ибтидоӣ...... ***319***

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2023. №10**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.К.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.П.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Корректор: П.Х.Латипова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: **www.vestnik-tnu.com**
E-mail: **vestnik-tnu@mail.ru**
Тел.: **(+992 37) 227-74-41**

**Подписано в печать 20.11.2023 г.**